**Бахшида ба ҷашни 1150-солагии**
**Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ**

# Накҳати кӯҳандиёри Ҳафткӯл

## Мураттиб Иброҳими Наққош

**ДУШАНБЕ – 2008**

# Сарсухани мураттиб

**Ҳанӯз аз даврони мактабхонӣ, ки ман дар назди устодам эшони Бобоҷон машқи хат мекардам, дар дилам меҳри гирд овардани ашъори рангини гузаштагон пайдо гардида буд. Вале аз сабаби дастрас набудани баёзҳову девонҳо ва камтаҷрибагиям ба ин кор ба таври дил ҳеҷ қодир набудам. Мусаллам аст, ки хати настаълиқ робитаест байни ҳунари хаттотиву баёзнависӣ. Аввалин баёзе, ки ман аз рӯи он нусхабардорӣ кардам, баёзи бобои модарам Мулло Хӯҷамуқбили Рашнагӣ буд, ки бо хати зебои настаълиқ китобат шуда буд.**

**Баъд аз адои хизмати ҳарбӣ дар маъракаи тӯйи суннатие ҳузур доштам, ки дар он тӯй ҳофизи хушовози деҳаи Падрӯд эшони Мулло Маллабой бо бародаронашон ҳунарнамоӣ доштанд. Баъд аз камодам гардидани маърака ман ба назди эшон омада нишастам. Дар рафти сӯҳбат сухан дар бораи ашъори бобои падарам Маҳзунии Рашнагӣ рафт ва ман аз дафтари эшон чанд намунаи ғазали бобоямонро рӯйнавис карда гирифтам. Ва худи ҳамон сол дар рӯзномаи шаҳрӣ ба табъ расонидам. Баъдан дар ҷамъ овардани ашъори гузаштагони деҳаи Рашнаи Поён сокинони деҳа Мулло Мӯъминқул, Мулло Истам, Мулло Тӯлибой, кампири Ҳоҷиой кӯмак намуданд. Ҳамчунин амаки Мулло Облобердӣ китоби меросгирифтаашон-дастхати бобоямон Маҳзуниро ба ихтиёри банда вогузор намуданд, ки ин китоб бо хати худи бобоямон навишта шуда буд. Баъд аз ду соли ҷустуҷӯ ҳамаи ашъори ба даст омадаро дар шакли китоби алоҳида бо номи «Накҳати кӯҳандиёри Ҳафткӯл» соли 1992, бо маблағгузории падари шодравонам Усто Бердӣ дар матбааи шаҳрӣ ба табъ расонидам.**

**Баъд аз нашри ин китоб низ ҷустуҷӯҳоямро идома додам. Борҳо ба деҳоти гирду атроф сафарҳо кардам, бо ашхоси соҳибмаърифату босаводи деҳаҳо сӯҳбатҳо намуда, аз онҳо хоҳиши нишон додани баёзҳову китобҳои**

қадимаро мекардам ва онҳо низ маводҳои дар ихтиёрашон бударо пешкашам мекарданд.

Солҳои 2004-ум рӯзе Ҳазрати Ҳоҷӣ Мулло Ҳабибуллоҳи Рашнагӣ, ки устоди камина мебошанд, ба ман китоберо нишон доданд, ки он «Девон»-и Мулло Миркамол буд. Ман дар зарфи як ҳафта ин китобро бо ҳуруфи ниёгон рӯйбардор карда, онро ба эшон баргардонидам. Эшон низ таманнои онро доштанд, ки китоби куллиёти шуъарои деҳоти Рашнаро ба чоп омода намоянд. Ва дар ин кор аз банда дархости кӯмак карданду ман розӣ шудам. Чун вақти эшон кӯтоҳ буд, дар ин кор муаллимони деҳаи Рашнаи Поёнро ҷалб намуданд, ки онҳо таҳти роҳбарии имоми деҳа Мулло Мӯъминқул ва директори мактаб Музаффар Бобоқулов «Девони»-и Камолии Рашнагиро дар муддати кӯтоҳ аз ҳуруфи ниёгон ба алифбои ҳозира баргардон намуданд, ки албатта аз камбудиҳо холӣ набуд. Ҳазрати Ҳоҷӣ Мулло Ҳабибуллоҳ дар ин айём ба Русия сафар карданду ин кор нотамом монд.

Рӯзе шахсе ба назди ман омада худро бо номи Маҳмадшо Маҳмадшоев устоди Донишкадаи санъати шаҳри Хуҷанд шинос намуд, ва илтимос кард, ки дар ҷамъ овардани маводҳо дар бораи шоирони Рашна ба ӯ кӯмак намоям. Ман як нусхаи дастхати китоби бобоям Маҳзунии Рашнагӣ «Танбеҳ-ул-ғофилин»-ро, ки худам хаттотӣ карда будам, ба орият ба он кас додам. Ӯ ба деҳа рафта он дастнависҳое, ки Ҳазрати Мулло Ҳабибуллоҳ барои чоп омода карда буданд, аз имоми деҳа Мулло Мӯъминқул ба орият гирифта ба шаҳри Хуҷанд баргашт ва «Девон»-и Камолии Рашнагиро бо номи «Назми шакарганҷ» соли 2007 ба табъ расонид.

Вақте ки Ҳазрати Мулло Ҳабибуллоҳ аз сафари Русия баргаштанд, аз ин кори мо изҳори норозигӣ баён намуданд ва афсӯс хӯрданд, ки дар нашри китоб хатоҳои зиёде роҳ ёфтааст.

Ва инак ман дар робита ба соли ҷашни устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ ва бузургдошти забони Тоҷикӣ ин

**китобро бо номи аввалааш омодаи чоп намуда, афзуданиам, ки дар ин кор саҳми мардуми донишманди деҳаи Рашнаи Поён низ ҳаст. Ҳамчунин дар ин нашр он маводҳое, ки дар тӯли 18 сол банда ба гирд овардани онҳо машғул будам, илова гардидаанд. Дар ин тазкира намунаҳои осори 19 нафар шоирони мозиву муосири деҳоти Ҳафткӯл гирдоварӣ шудаанд.**

**Илова бар ин ба бародарони шоирам Ҳоҷӣ Исмоил Зарифӣ ва Равшани Ҳамроҳ барои маслиҳатҳои судмандашон дар таҳияи ин тазкира арзи сипос менамоям.**

**Домулло Иброҳими Наққош**
**шаҳри Панҷакент**
**3 июни 2008.**

# Чашмаҳои дилкаш ва шеъри ҷонбахш

**Ҳафткӯлро на танҳо мо тоҷикон, балки бисёр хориҷиён низ ҳаваси дидан доранд. Ин мавзеъ бо ҳафт кӯли зебояш, кӯҳҳои сарбафалакаш, чашмаҳои бешумораш ва рангинии оби кӯли Мижгонаш шӯҳрати беандоза дорад. Дар баробари ин шоирони номдораш номбардори ин маҳалланд. Ҳанӯз хурд будам, ки аз китобе бо номҳои Камолии Рашнагӣ, Маҳзунии Рашнагӣ, Зарифии Рашнагӣ ва Ҷамолии Рашнагӣ шинос шудам.**

**Азбаски аз хурдӣ хату саводи форсӣ доштам, аз байни китобҳои падарам, китоби фарсудаеро ҷудо карда ба даст гирифтам. Вай дастнависе буд, ки ошъори шоирони асрҳои мухталифро дарбар мегирифт. Ман аз он дастнавис чанд ғазалу мухаммаси Камолӣ ва Маҳзунро мутолиа кардам. Аз падарам пурсидам:**

**-Камолӣ кист?**

**Падарам гуфтанд:**

**-Номи он касро бо эҳтиром ба забон гир, чунки ман дар бораи ин бузургвор нақлҳои зиёде шунидаам. Мегӯянд, ки: «Бадхоҳони бузургвор барои мулзам карданашон мепурсанд:**

**-Оё Шумо гуфта метавонед, ки аз аҳли биҳиштед, ё дӯзах?**

**Бузургвор бо дидаи гирён мегӯянд:**

**-Илми ғайбро Худованд медонад, ба ин саволатон қудрати ҷавоб додан надорам, вале чанд нишонаи баъдимаргии худамро баён мекунам. Аввал баъди тобутамро ба замин гузоштан аз ҷониби қибла ду марди сафедпӯш ба ҷанозаам ворид мешаванд. Дуюм, ҳангоми қабри маро кандан аз девори қабрам решаи дарахте аён мешавад, ки аз он оби ниҳоят ширин мерезад. Саввум ба рӯи қабри ман дарахти мевадор мерӯяд, ки аз меваи он паррандагон мехӯранд ва маро ба дуъои хайри хеш ёд мекунанд.**

**Чун бузургвор мегузаранд, ҳамаи гуфтаҳояшон рост мебарояд».**

Аз он замон нисбати аҳли эҷоди деҳоти Рашна меҳри бепоён доштам. Охирҳои солҳои ҳаштодум дар назди рӯзномаи «Зарафшон» маҳфили адабии «Бунафша» таъсис дода шуд. Хушбахтона, дар он маҳфил бо ҷавонмарди наҷиб, ки аз ман хеле хурд буданд, Иброҳими Наққош шинос шудам ва ин шиносоии мо боиси ёру бародарии мо гардид. Эшон дар ҳамин маҳфил зикр намуданд, ки абераи шоири номвар Маҳзунии Рашнагӣ ҳастанд. Инчунин бо воситаи Иброҳим бо падарашон Усто Бердӣ (Худо ҷояшонро ҷаннат гардонад) шиносоӣ пайдо кардам.

Он рӯзҳо Иброҳим дар пайи он буданд, ки мероси адабии шуарои деҳоти Рашнаро дар як муҷаллад гирд оранд ва манзури хонандагон намоянд.

Камина гуфтам:

-Дар китобхонаи ман низ баёзе вуҷуд дорад, ки дар он баъзе намунаҳо аз эҷодиёти Камолӣ ва Маҳзун мавҷуд аст. Рӯзи дигар Наққош пайи ҷустуҷӯи ин намунаҳо меҳмони ман шуданд. Ин китоб бо номи «Накҳати кӯҳандиёри Ҳафткӯл» соли 1992 дастраси хонандагон гардид ва зуд нусхаҳои он ноёб шуд.

Наққош ҷустуҷӯи худро идома доданд. Бо заҳматҳои зиёд байте, қитъае, ғазале ва мухаммасеро, ки аз офатҳои солҳои сиюми қарни бистум эмин монда буданд, ба даст меоварданд. Ҳатто ба деҳоти дурдасти Фаробу Ворӯ пайи ба даст овардани як пораи шеър пиёдаю савора сафар мекарданд.

Ҷустуҷӯҳояшон натиҷаи хуб медод. Он кас аз ҳар вараки дарёбкардаашон бо хати форсӣ нусха мебардоштанд ва онро бо хати кириллӣ бармегардониданд.

Рӯзе гузорам ба коргоҳашон афтод. Шодона ба ман хабар доданд, ки «Девон»-и Камолиро, ки хеле мухтасар аст, ба даст овардаанд ва ғазалҳои ин «Девон»-ро, ки 125-тоянд, ба хати кириллӣ баргардондаанд.

Вале охирҳои соли 2005 хабар ёфтам, ки осори Камолӣ бо номи «Назми шакарангез» аз тарафи устоди

Донишгоҳи Хуҷанд Маҳмадшо Маҳмадшоев ба чоп расидааст. Маҷмӯаро ба даст гирифтаму дуд аз димоғам баромад.

Донишманди мазкур иддаои онро доранд, ки «Девон»-и Камолӣ аз ҷониби он кас ба нашр омода шудааст ва хидматҳои Иброҳими Наққошро нодида гирифтаанд. Дар таркиби «Девон» ғазалу мухаммасҳоро махлут кардаанд. Инчунин бар зимни он ки китоб пур аз хатост, аз усули девонсозии гузаштагон истисно кардаанд.

Чун бо ташаббуси Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон соли 2008-соли бузургдошти забони тоҷикӣ эълон шуд ва саросари кишвар ба ҷашни 1150-солагии Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ омодагӣ мебинанд, Наққош ҳам тасмим гирифтанд «Куллиёт»-и шуарои деҳоти Рашнаро бо ҳамон номи куҳан «Накҳати кӯҳандиёри Ҳафткӯл» омодаи чоп намоянд.

Дар ин маҷмӯа ашъори Камолӣ ва Маҳзун пурра оварда шудаанд, яъне он чизе, ки то имрӯз дарёб шудааст, ҷо мешавад. Ашъори Камолӣ зиёда аз 2000 байт аст. Асарҳои дастрас шудаи Маҳзун 1000 байтанд. Аз Зарифӣ чор ғазал, аз Ҷамолӣ се ғазалу як мухаммас ба даст омадааст, ки ҳамаи онҳо дар ин маҷмӯа ҳастанд. Азбаски «Девон»-и Маҳрам дар алоҳидагӣ нашр гардидааст, аз ӯ бо овардани намунаҳо иктифо кардаанд.

Наққош дар охири ин китоб бо овардани намунаҳои ашъори шоирони қарни бист ва имрӯзи деҳоти Рашна онро пурбортару хонотар кардаанд.

Аз мутолиаи ҳамду наът, ғазалу мухаммас, қиссаву достони ин китоб дили хонанда чаман-чаман мекушояд.

Мо ҳангоме ки ашъори Камолиро мутолиа менамоем, ҳис менамоем, ки ориф ва аҳли тасаввуфи бузургеро рӯ ба рӯем. Дар ашъори Камолӣ ҳам сабки Ҳофиз ҳис мешаваду ҳам сабки Мавлонаю Мирзо Бедил.

Наътҳои Маҳзун хонандаро ба худошиносӣ ва роҳи рост ҳидоят менамоянд.

**Аз ин рӯ, ин гулдастаро манзури хонанда менамоем, то ки онро бибӯяду лаззат барад.**

**Ҳоҷӣ Исмоил Зарифӣ, узви Иттифоқи нависандагон ва рӯзноманигорони Тоҷикистон**

# Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим

# КАМОЛИИ РАШНАГӢ

**Мулло Миркамол ибни Мулло Исмоил дар поёни асри 18 ва оғози асри 19-и мелодӣ дар деҳаи Рашнаи Поён ҳаёт ба сар бурдааст. Падараш аз болои модари шоир духтареро ба занӣ мегирад, ки ин ҳодиса дар замони мавлуди шоир рӯй медиҳад. Рӯзе модари Мулло Миркамол нон мепухт, ки Миркамоли ҳафтсола ба назди модар омада нони гарм металабад. Модари бечора, ки дар он ҳангом ҳаёти нохуши худро ба ёд оварда ғарқаи андешаҳои ғамангези худ буд ва мавлуди Миркамолро боиси ин бадбахтиҳо медонист фарзандашро тарсакие зада аз наздаш меронад. Миркамоли бечора гирёну нолон вориди оғил шуда нахустин падидаҳои эҷодии хешро бар забон меорад. Чунончи, қитъа:**

***Ғарибу хору зорам бо кӣ гӯям?***
***Дили пурдард дорам бо кӣ гӯям?***
***Аламҳои дили афгори худро***
***Касе ҳаргиз надорам, бо кӣ гӯям?***

**Боз куҳансолони деҳа ривоят мекунанд, ки Мулло Миркамол ҳангоми подабонии хеш дар мавзеъи Ғӯти Марғузор ҷамоли ҷаҳонорои Муҳаммад Мустафо (саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам)-ро дар хоб дида бо он Ҳазрат (саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам) мулоқот намуда, он хобро дар ашъораш тараннум кардааст. Мулло Миркамол дар тӯли ҳаёташ зиёда аз 1700-то ғазал гуфта, бо номи Камолии Рашнагӣ машҳур гаштааст. Ашъори Камолӣ пароканда буда, дар баёзҳои хушнависону синаҳои мардуми шеърдӯст маҳфуз мебошанд. Алҳол «Девон»-и пурраи шоир дастраси мо нест. Он чизе, ки ба тариқи пароканда дастраси мо гаштааст аз 2000 байт зиёда буда, аз ғазалу мухаммас, маснавию рубоӣ иборат аст. Ба гуфтаи мӯсафедон дар солҳои инқилоб ва гуруснагӣ дар қатори бисёре аз осори ниёгонамон қисми**

зиёди ашъори Камолӣ низ несту нобуд шудааст. Марқади Мулло Миркамол алъон дар қабристони зодгоҳаш вуҷуд дорад.

## Замимаи муҳаррир

Аз ашъори маҳфузмондаи Мулло Миркамол дарёфтан мумкин аст, ки ӯ хату саводи комил дошта, дар кадоме аз мадориси бонуфузи замони худ таҳсили вофиреро ба анҷом расонидааст. Ӯ бештар аз улуми қолу ҳол, мантиқ, тафсир ва сарфу наҳви арабӣ маълумоти комиле ҳосил намудааст. Ба забони арабӣ балад будани Камолӣ ба ҳаддест, ки ӯ бо ин забон ашъори зиёдеро ба равонӣ рӯи коғаз овардааст, бар зимми ин вожаву таркибҳо ва таъбирҳои корхӯрдаи арабиро хеле эҳтиёткорона дар шеъри худ истифода бурдааст. Ба назари ман Камолӣ бештар чун шоири сӯфимашраб ҷилва мекунад ва таркибу истилоҳоти сӯфиёнаи ашъори ӯ бозгӯи ин даъвоянд. Инҷониб дар шеърҳои сӯфиёнаи ӯ тақлиди маҳз ва сохтакориро он қадар ба мушоҳида нагирифтааст. Аҷоиботе, ки пас аз мутолиаи ашъори Камолӣ бештар маро ба ҳайрат гузошт, дар се сабки маъмул: хуросонӣ, ироқӣ ва ҳиндӣ шеър гуфтани Мулло Миркамол аст. Камолӣ дар ҳар сабке, ки шеър гуфтааст, чун шоири чирадасти замони худ муваффақ шудааст. Мазомини барҷастаи ашъораш аз истифодаи моҳиронааш аз саноеъи тасвири бадеӣ ба даст омадааст.

Ҷараёни зиндагии Камолӣ мутаассифона, аз тарафи муҳаққиқони адабиёт ҳанӯз омӯхта нашудааст. Месазад, ки муҳаққиқи соҳибфаросате ба ин кори савоб камари ҳиммат бандад ва паҳлӯҳои норӯшани ҳаёт ва эҷодиёти ин шоири воқеъан забардасти охири қарни 18 ва ибтидои қарни 19-и тоҷикро ба ҳаводорони шеъри баландаш ошкор созад.

# Бисмиллоҳир-раҳмонир-раҳим

**Кард ифтитоҳи дафтари дил соҳиби камол,
Бар ҳамду бар санои Худованди Зулҷалол.
Дар фаҳми кунҳи зот хирад лошай асту ланг,
Ақли ақила чун натавон кард з-ин мақол.
Қосир забони нотиқа дар васфи он Ҷамил,
Сомит каломи аҳли такаллум ба он ҷамол.
Воҳид ба ваҳдати азалӣ ҳаст Лам язал,
Олим ба илму сирри абад буд Лоязол.
Бе зидду нидду бекасу бемислу бемасал,
Бечуну бечигунаву бешӯбҳу бемисол.
Рафтори чарху машъалаи наҷму нури меҳр,
Оёти ӯст гардиши айёму моҳу сол.
Касро вуқуф нест бар асрори сирри ғайб,
Ҷуз зоти поки Ҳазрати Қайюми безавол.
Ашё зуҳури сархати пайдоии вай аст,
З-ин шон ба сӯи ӯ ҳамаро марҷаъи маол.
Ҳастӣ давоми як сифате аз сифоти ӯ,
Бар ваҳдаташ бувад ҳамаи мумкинот дол.
Нашри калом мулкати маллоки[1] комил аст,
Медон яқин, ки акмали комил бувад камол.
Назми Камолӣ дархури ҳамдат куҷо бувад?
Лекин ба қадри дониши худ дорад иштиғол.**

---

[1] **Маллок-ҷамъи молик. Дар форсӣ касеро мегӯянд, ки мулк ва замини бисёр дошта бошад ва аз калимоти сохтагӣ аст. (Фарҳанги Сабо).**

# ҒАЗАЛИЁТ

Хумори бодаи ишқаш асар кардаст дар дилҳо,
Чунон мастона мерақсанд махмурон ба манзилҳо.
Илоҷи дарди ушшоқон набошад бе рухат, эй ҷон,
Бурун афкан ниқоб аз рух бикун ту ҳалли мушкилҳо.
Чунин дар хеш ҳайронам, раҳи мақсад намедонам,
Магар пои умедам баста шуд дар вартаи гилҳо.
Тараҳҳум кун, нигори ман, ба созе куштагонатро,
Чунон саргарм мебинам туро дар хуни бисмилҳо.
Ба занҷири сари зулфи диломе гирифторам,
Халосӣ кай тавонам ёфт з-ин қайди салосилҳо.
Зи тӯфони ҳаводис киштии ман дар табоҳӣ шуд,
Куҷо Нӯҳ, то бурун орад аз ин гирдоб ҳоилҳо.
Саҳар булбул фиғон мезад: Биё бархез, эй ғофил!
Фурӯғи рӯи гул бингар, чӣ мехуспӣ чу ғофилҳо.
Гар овози ҷарас таъсир дар гӯшат намесозад,
Бубин он корвонеро, ки барбастаст маҳмилҳо.
Камолӣ, Ҳофизи Шероз чӣ хуш мегуфт чун булбул:
«Ало ё айюҳас-соқӣ адир каъсан ва новилҳо».

* * *

Гурезам сӯи Ҳақ аз фитнаҳои раҳзани дилҳо,
Ки то эмин шавам аз шарру аз васвоси ҷоҳилҳо.
Ба «Бисмиллоҳ» кардам ибтидои дафтари дилҳо,
Ба «Раҳмонир-раҳим» ҳал сохтам девони мушкилҳо.
Ба ҳамди ишқ ҳар мӯ шуд забон дар гуфтугӯ омад,
Ситоиш кард сирри ин ладунӣ фикри шомилҳо.
Ба ҷӯи дидаам шуд сабз сарви қомати ҳамдат,
Чу қумрӣ тавқи шукрат баста бар гардан ҳамоилҳо.
Шуд аз рӯзи нахустин бодаи таҳқиқ тахмирам,
Ало соқӣ, адир каъсан маи боқӣ ва новилҳо.
Рамузи шарҳи оёти муамморо агар пурсанд,
Ҷавоби кашфи маънӣ медиҳам аз лафзи соилҳо.
Ба гирдоби муҳаббат ғарқ гаштӣ, даст шӯ аз хеш,
Набошад дар муҳити бекарони ишқ соҳилҳо.
Куҷо саргашта мегардӣ ба кӯҳу дашт, эй солик,

Зи худкомӣ бурун о, то фуруд ой ба манзилҳо.
Камолӣ, бош огоҳу муҷаррад шав, чу Ҳофиз гӯ:
«Ало ё айюҳас-соқӣ адир каъсан ва новилҳо».

* * *

Мусайқал баски шуд аз зикри Ҳақ оинаи дилҳо,
Ҷаҳон як нақши ҳайрат басту ҳал гардид мушкилҳо.
Ниқоб аз рух бурун афканд, рафтам харра Мӯсой,
Таҷаллизор гаштам, бардаридам ҷумла ҳоилҳо.
Саропо дида шав, ҳусни мусаффоро тамошо кун,
Набинӣ рӯи ҷонон, нагзарӣ аз обу аз гилҳо.
Ҷигар дар гавҳари ноёб зан дар мавҷаи қулзум,
Сари ғаввосие дорӣ, ба худ маншин ба соҳилҳо.
Агар азме ба кӯи ёр дорӣ, аз худӣ бигзар,
Ба саъйи рафтани по кай намоӣ таййи манзилҳо.
Муҳайё шав фаноро, шамъсон дар сӯхтан афзой,
Гузар аз хеш чандоне, ки раҳ ёбӣ ба маҳмилҳо.
Тапиданҳои дилро ҷода паймо дар раҳи матлаб,
Ҷарас дорад фиғону нола дар дунболи маҳмилҳо.
Зи ду хислат набошад рутбаи ошиқ фузун ҳаргиз,
Ба пои ёр ғалтидан, ба теғи ноз бисмилҳо.
Камолӣ, боданӯши ҷоми саршорӣ чу Ҳофиз гӯ:
«Ало ё айюҳас-соқӣ адир каъсан ва новилҳо».

* * *

Илоҳӣ, сози базми хеш ваҳдат кун забонамро,
Зи касрат ворaҳад ҳар кас, ки дарёбад баёнамро.
Сари хум баркушо, пур кун қадаҳ аз бодаи таҳқиқ,
Шавам бехуд, ки нашносам ба ғайр аз бенишонамро.
Майи ирфон ба ҷомам рез аз майхонаи ваҳдат,
Зи гуфтугӯи касрат вораҳон, ё Раб, лисонамро.
Бикун оинаи ҳусни мусаффо ҳар буни мӯям,
Фазои дашти ҳайрат соз сар то пои ҷонамро.
Чу най ҳар банд-бандам нола дорад аз ҷудоиҳо,
Дур(р)и овезаи гӯши асар гардон фиғонамро.
Зи худ бигзаштаму дар водии Айман задам гоме,
Аналлоҳгӯй дидам нахли оғӯши ҷаҳонамро.
Ба ёди гуфтани розаш забон шуд ҳар сари мӯям,
Матоъи зикри «ё ҳу» чидаам узви дуконамро.

Ман он мурғам, ки аз ному нишони ман чӣ мепурсӣ?
Ки анқо ҳам намеёбад суроғи ошёнамро.
Камолӣ, аз азал масти майи ҷоми азал гаштам,
Намедонанд ом аз хирагӣ сирри забонамро.

* * *

Зиҳӣ, тавсифи сарви қоматат ҳамди баёнҳоро,
Ҳамоил тавқи шукрат гардани қумризабонҳоро.
Ба ёди номи ӯ ҳар мӯ забон шуд, таҳ ба таҳ чидам,
Қумоши зикри «ё Аллоҳ» ҳар узви дуконҳоро.
Шудам маҳви ҷамоли мутлақу аз худ тиҳӣ гаштам,
Саропо дашти ҳайрат сохтам миръоти ҷонҳоро.
Чу анқо сар задам дар бенишонӣ, з-ин миён рафтам,
Пайи саҳрои гумномӣ задам гоми нишонҳоро.
Ба фикри ло таъайюн сар ба ҷайби бехудӣ бурдам,
Таъайюнро раҳо кардам, аз ӯ дидам аёнҳоро.
Зи хилватхонаи дил нафйи «ло» аз бех баркандам,
Пайи исботи «иллаллоҳ» задам зикри ниҳонҳоро.
Камолӣ, касратободи ҷаҳон як ранги ҳайрат шуд,
Ба ҷуз ваҳдат нумӯ кай мекунад миръоти ҷонҳоро.

* * *

Эй, мазҳари таҷаллии ту ҳусни шобҳо[1],
Оинаи ҷамоли ту соҳиблубобҳо[2].
Бурқаъ зи рух фикандӣ зи ашёи коинот,
Кардӣ зи хатту холу рухи мо ниқобҳо.
Гуфтӣ: Бало. Чу гуфтӣ: Аласту бираббикум,
Худ соиливу боз диҳӣ худ ҷавобҳо.
Эй, ботини ту лафзи зуҳуру бутуни мо,
Бар зоҳири ту ин ҳама ашё ҳиҷобҳо.
Гар қатра кард даъвии Уммон кунад равост,
Ҷуз шӯри баҳр нест зи мавҷи ҳубобҳо.
Дарёи наҳру ҳавз мухолиф зи ҳам наянд,
Садпора гар шаванд яке ҳаст обҳо.
Эй муддаъӣ, ба нуктаи мо гуфтугӯ макун,
Асрори «ҳу»-ст нақши рақам дар китобҳо.

---

[1] **Шобб-марди ҷавон. (Фарҳанги Сабо).**
[2] **Лубоб-баргузида ва холис аз ҳар чиз. (Фарҳанги Сабо).**

Рамзи ҳақиқат аст, Камолӣ, бигӯй боз:
Эй, мазҳари таҷаллии ҳусни ту шобҳо.

* * *

Эй, ҳамди фараҳбахши ту сармояи ҷонҳо,
Шукри ту бувад ҷавҳари шамшери забонҳо.
Касрат ҳама бар ваҳдати зоти ту гувоҳанд,
Дар меҳри ту рақсон ҳама зарроту аёнҳо.
Ҳастӣ ту муназзаҳ зи чиву чанду каму беш,
В-аз ҷавҳару ҷисму аразу кайфу нишонҳо.
Авсофи туро ҳадду ниҳоят натавон ёфт,
Н-ояд ба забон шаммаи васфи ту баёнҳо.
Дар мазҳари анвори таҷаллии сифотат,
Мӯсосифатон рафта зи худ дода иноҳо.
Нақши ду ҷаҳон гашт рақам бар варақи сунъ,
Килки ту намуд ин ҳама асрори ниҳонҳо.
Дар маърази пайдоии зоти ту ба як бор,
Ночиз шавад замзамаи ваҳму гумонҳо.
Гарманд ба савдои ту зарроти вуҷудот,
Ороста аз меҳри ту бозору дуконҳо.
Файзи асари раҳмати ту назми Камолӣ,
В-арна чӣ тавон гуфт ба васфи ту лисонҳо.

* * *

Эй, зоти Зулҷалоли ту пок аз маромҳо,
Орӣ сифоти ту зи баёну каломҳо.
Ҳар сабза сар зи хок бурун кард дар баҳор,
Дар ҳамди ту кашида забонҳо зи комҳо.
Мурғони хушнавову вуҳушони кӯҳу дашт,
Доранд зикри номи ту ҳар субҳу шомҳо.
Хуршеду моҳу анҷуму сайёраи фалак,
Ҳар зарра аз вуҷуд пайи вирданду номҳо.
Аз нафйи хеш ин ҳама касрат аз ӯ нумӯст,
Исботи ваҳдати ту кунанд бедавомҳо.
Эърозмаҷмаъа ҳама бар айни воҳиданд,
Бар зоти туст ҷумлаи шайро қиёмҳо.
Кардӣ, Камолӣ, маскани тавҳид ҷои хеш,
Зинҳор по манеҳ ба сӯи мақомҳо.

* * *

Гулзори бехудиву сӯроҳиву ҷомҳо,
Нашъунамои ҳастии булбулкаломҳо.
Он ҳудҳуди навидрасони фараҳлиқо,
Овард аз Сабо ба Сулаймон паёмҳо.
Имону куфр ҳар ду қарини ҳам омаданд,
Сар дар канори якдигаранд субҳу шомҳо.
Мурғе, ки зирак аст ба авҷи ҳавои сайр,
Бинад ба зери хок ҳама нақши домҳо.
Хоки раҳи бутони саропойҷилва шав,
Доранд илтифоти ҷавоби саломҳо.
Гар зоҳидон ба фикр сари худ фурӯ баранд,
Гарданд ба тоби оташи худ пухта хомҳо.
Тобеъ ба он ҷаноб, Камолӣ, ба сидқ бош,
Дилро мадеҳ зи даст ба ин хушхиромҳо.

* * *

Зоҳид, назар макун ба ҳақорат ба сӯи мо,
Оинаи Худойнамо аст рӯи мо.
Мунфак[1] зи ихтилот ба мардум намешавем,
Аз оби Қулзум аст равон оби ҷӯи мо.
Воқиф нашуд зи мастии мо дар ҷаҳон касе,
Пинҳонӣ бода хӯрдану ҷому сабӯи мо.
Эй муддаъӣ, ба шӯриши мо таънае мазан,
Завқу нишоту ҷӯши хум аст дар кадӯи мо.
Кайфияти хурӯш чӣ донанд бехабар,
Дар ракс гашт нӯҳ фалак аз ҳою ҳӯи мо.
Мутриб, хамӯш бош, ки то фаҳм оварӣ,
Дар парда роз гуфтани нои гулӯи мо.
Бо ёри дилнавоз Камолист дар сухан,
Воқиф наянд аз асари гуфтугӯи мо.

* * *

Сӯфии софдил, биё, бош ту ҳамнишини мо,
Нури таҷаллиёти Ҳақ ҷӯш зад аз ҷабини мо.
Соҳиби базми ваҳдатам, гарчи миёни касратам,
Ҷониби ғайр нангарад чашми худойбини мо.
Моҳи муниру офтоб аз пайи хидмат омаданд,

[1] **Мунфакк-ҷудо шуда, раҳо шуда. (Фарҳанги Сабо).**

Ҳафт фалак ба чарх шуд гирди сари замини мо.
Ояти мунзил[1] омадем фирқаи мункиринро,
Дасти Калимро[2] бубин аз таҳи остини мо.
Солики маслаки Ҳақӣ, ой тариқи мустақим,
Пайрави афзали русул[3], роҳи Худост дини мо.
Шоҳи сарири мулки дил рӯзи нахуст кардаанд,
Ваҳшу туюру инсу ҷин омада дар нигини мо.
Баҳри гуноҳгориям раҳмати оми ӯ бас аст,
Лутфи Худо, Камолиё, дар ҳама ҷо муъини мо.

* * *

Ҳар кӣ бо мо ошно шуд, гашт бо Ҳақ ошно,
Чунки бо Ҳаққем доим дар халову дар мало.
Нури зоти ӯст зоҳир дар ҳама аъён, ки ҳаст,
Кӯрботин кай тавонад дид анвори Худо.
Маҳрами дидор чун оина мегардад ба ҷӯш,
Ҳар кӣ дод аз гарди ҳастӣ хонаи дилро мало[4].
Нест ғайр аз партави нури сифоти зоти ӯ,
Дар ҳақоиқ ҷилвагар дар дидаҳои босафо.
Ҳаст пайдо, ҳаст пинҳон дар зуҳуру дар бутун,
Кай тавон хуршедро хаффош дидан дар ъамо.
Лоиқи ҳар бесару по нест васли ҷони ҷон,
Базми хоси фитрататро, ҳон, куҷо ояд гадо.
Соликонро гӯ, Камолӣ, сирри мактуму хафӣ,
Ҳар кӣ бо мо ошно шуд, гашт бо Ҳақ ошно.

* * *

Мо соқиёни базмем, ҷоми пур аст моро,
Ку боданӯши бебок, гирад зи даст моро.
Ҳангоми май кашидан, гар мӯҳтасиб расад зуд,
Афтад зи по дар он дам, бинад чу маст моро.

---

[1] **Ояти мунзил-ояти нозилшуда, яъне Қуръони маҷид.**

[2] **Калим-ҳамсухан, ҳамсӯҳбат. Калимуллоҳ-лақаби Ҳазрати Мӯсо (ъалайҳис-салом). Калимӣ-пайрави Ҳазрати Мӯсо, яҳудӣ. (Фарҳанги Сабо).**

[3] **Русул-ҷамъи расул, пайғамбарон. Афзали русул-беҳтарини пайғамбарон, яъне Ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам) мебошанд.**

[4] **Мало-иҷтимоъ ва кенкош, гурӯҳи мардум, гурӯҳе аз ашроф, ки ибҳату ҳайбати онон чашмҳоро пур кунад. (Фарҳанги Сабо).**

Дар баҳри бесару по афкандаем доме,
Бошад наҳанги Қулзум афтад ба шаст моро.
Хизри ҳаёти хешем, дар мавҷзори Уммон,
Киштии ҳастии худ бошад шикаст моро.
Сарафканию мастӣ кай аз шаробу банг аст,
Доданд роҳи[1] гулгун рӯзи аласт моро.
Ҳусни парӣ намудем аз шишаи вуҷудот,
Дурри гарони маънӣ аз лафз ҷаст моро.
Гар завқи бода дорӣ, гир аз кафи Камолӣ,
Мо соқиёни базмем, ҷоми пур аст моро.

* * *

Дар корхонаи ишқ бархез з-ин мусалло,
Аз хештан сафар кун як раҳ ба Ҳақ таъоло.
Таҳрим соз бар хеш дунёву охиратро,
Ъан кулли мо сиваллоҳ аъриз лаҳу таҷалло.
Нахли ҳаво зи дил кан, оташ ба ҳастӣ дарзан,
Қум бис-салоти доим ё ъошиқ-ал-ҷамоло.
Иқраъ китоб, ҷоно, фӣ кулли ҳин аз он,
Фаркаъ лаҳу хушуъан вассил ило висоло.
Фил-қавматиҳи маъшуқ қул раббано лакал-ҳамд,
Фасҷуд лаҳу хузуъан субҳона раббил-аъло.
Уқъуд камо саҷадта ъиндал-малики маннон,
Вашҳад лаҳу биқалбин мин ғайрика тавалло.
Омад нидо ба гӯшам: ё айюҳал Камолӣ,
Қул ассалому ҳаллил ирҷаъ илал-муъалло.

* * *

Зад ин сало ба гӯшам: ё айюҳал-лубобо,
Оёти ишқи ҷонон иқраъ минал-китобо.
Он соқии дилором, дар даври бодаву ҷом,
Медод субҳу шомам каъсан минаш-шаробо.
Мегуфт: Худо ҷазоан мин раббика ъатоан,
Фӣ садрика шифоан мо лайсака ҳисобо.
Анҳору боғи ризвон, ҳуру қусуру ғилмон,
Бе рӯи оламоро конат лано ъазобо.

---

[1] **Роҳ-шодмонӣ, сархушӣ, нишот ва низ ба маънои май, шароб. Роҳи гулгун-шароби арғувонӣ. (Фарҳанги Сабо).**

Рафтам ба назди муфтӣ, ҷустам зи ишқ рамзе,
Гуфто, ки: нест ин ҷо з-ин масъала ҷавобо.
Ошиқ зи шавқ мегуфт: эй навбаҳори хубӣ,
Бар остони кӯят ё лайтанӣ туробо.
Эй шоҳи ҳусни офоқ, бо ошиқони муштоқ,
Магзор пеши рухсор сирран минал-ҳиҷобо.
Лабташнаи ҷамолам, дар водии муҳаббат,
Омад ба пеши чашмам мавҷан минас-саробо.
Гар ошиқӣ, Камолӣ, бар худ мапеч зинҳор,
Зад ин нидо ба гӯшам: ё айюҳал-лубобо.

*    *    *

Охир ин ҷилвагари шӯхи фаранг аст ин ҷо,
Нигаҳаш боиси бедодию ҷанг аст ин ҷо.
Пой густох дар ин беша манеҳ, чашм кушо,
Бохабар бош дусад хуфтапаланг аст ин ҷо.
Ҷӯш зад нашъаи мастӣ зи нигоҳам афзуд,
Ҷоми май бар кафу маъшуқ ба чанг аст ин ҷо.
Фурсати андаку андешаи беҷои амал,
Умр ҳамчун шарари ҷаста зи санг аст ин ҷо.
Бар сари пул натавон кард иқомат ҳаргиз,
Фикри худ кун, чӣ қадар ҷои диранг аст ин ҷо.
Нохудоро чӣ ғам аз фулк табоҳӣ гаштан,
Қадами аввали мо пушти наҳанг аст ин ҷо.
Пой то фарқи сарам захми намоён гул кард,
Узв-узвам ҳадафи тири хаданг аст ин ҷо.
Миннати сайқалие нест ба арбоби сафо,
Аз азал оина бе кулфати занг аст ин ҷо.
Рақами мисраъи мавзуни Камолӣ бархон,
Назми барҷаста аз ин қофия танг аст ин ҷо.

*    *    *

Маснаднишини гӯшаи домони бӯрё,
Берун накард сар зи гиребони бӯрё.
Афсунгаре, ки зери нигин дошт оламе,
Тасхир кард шери найистони бӯрё.
Соҳилнишин мабош чу гавҳарталаб шудӣ,
Ғаввосӣ пеша соз ба Уммони бӯрё.
Солик зафар наёфт ба иқлими бехудӣ,

То тай накард дашту биёбони бӯрё.
Созад ҳазор гуна наво андалеби маст,
Ояд агар ба сайри гулистони бӯрё.
Дорад ишорате, ки чу нақши қадам шудӣ,
Сӯи ту боз чашмаки пинҳони бӯрё.
Мардона боз, то ба ду олам алам шавӣ,
Сар ҳамчу гӯй дар хами чавгони бӯрё.
Ному нишон маҷӯй зи ринди бараҳнапой,
Азбаски ҳаст дар сару сомони бӯрё.
Ҳангоми базму ҷӯши тамошо ду дидаро,
Чинад матоъи маҳв ба дукони бӯрё.
То оварӣ ба каф дур(р)и яктои бебаҳо,
Мекун шино ба ваҷҳаи Уммони бӯрё.
Оинасон зи шавқ Камолӣ дар интизор,
Сар то ба по чу дидаи ҳайрони бӯрё.

* * *

Ҳубоби ашк гулгун кардам аз бетобии шабҳо,
Тараннумноларо бастам ба тори сози ё рабҳо.
Зи таъсири шарор аз синаи решу дили зорам,
Фиғону оҳ чандон ҷӯш зад аз ҷони кавкабҳо.
Зи устоду муаллим сархати дарду ғами ишқат,
Ба сад бурҳон рақам бар лавҳ печонам ба мактабҳо.
Зи чангам ихтиёри орамидан баски берун шуд,
Ниҳодам нойи шавқи нағмаи Довуд бар лабҳо.
Китоби ҳусн хондам, орази ҷонона бинвиштам,
Гирифтам миллати ишқат, задам оташ ба мазҳабҳо.
Шаби ҳиҷрон саводи аъзам аст дар ҷони муштоқон,
Саропо шӯъла гаштам, сӯхтам дар шӯълаи табҳо.
Ба гулгашти тамошо карданам, бе дидани рӯят,
Сари мижгон ба чашмам мехалад чун неши ақрабҳо.
Маъонӣ шаккарафшон шуд зи ранги форсӣ назмам,
Рақам зад хомаам таъбири алфози муъаррабҳо.
Камолӣ, сохтам таҳрир сари иншо пур аз шавқат,
Ба ин мазмун намудам сӯи ҷонон арзи матлабҳо.

* * *

Олам ҳама ҳусн аст, куҷо дидаи бино,
Оина шаву чашм кушо бар рухи зебо.

Бекор машин, базми тамошокада муфт аст,
Офоқ пур аз ҷилва, ту бар зарра манеҳ по.
Бигзор ба худ, то ки шавӣ ҳамчу саҷанҷал,
Кардаст ба дил орзуи завқи тамошо.
Холу хату себи зақану зулфи муҷаъъад,
Ҳар сабза, ки сар мекашад аз домани саҳро.
Мастур паси пардаи бепарда аён кист?
Худ зоҳиру худ ботину худ ҳаст ҳувайдо.
Баҳси каму кайфу ҷадали ҷисму араз нест,
Дарёб зи ҳар исм ба ҷон айни мусаммо.
Риндона, Камолӣ, зи кафи соқии бадмаст,
Даркаш қадаҳи пурмаю ҳам соғару саҳбо.

* * *

Мехарошад синаҳоро нози беоҳанги мо,
Баски сӯзи ишқ дар ҳар парда дорад чанги мо.
Манзили мақсуд нопайдост дар роҳи ҳабиб,
То куҷо саъйе кунад рафтори пои ланги мо.
Он қадар фурсат нидои ҳастии мавҳум буд,
Аз насими худ ба худ парвоз дорад ранги мо.
Дайру Каъба ҳар яке майхонае аз дурди соф,
Шому субҳи хуфта дар оғӯш сулҳу ҷанги мо.
Аз гаронӣ як қадам фоли сабукрӯҳӣ равад,
Чун ғубори сурма шуд дар дидаҳо ҷо санги мо.
Ҳар чи фаҳмидӣ, ниҳон рамзест нофаҳмиданӣ,
Буду нобуд аст яксар олами найранги мо.
Касрати ҷуҳҳол худ оинадори ваҳдат аст,
Кай намояд ҷилвагар ҷуз Ҳақ ба чашми танги мо.
Дил ба ҷӯш ояд зи шавқ, аз дида меболад нигоҳ,
Баски шуд бепарда ҳусни нози шӯху шанги мо.
Хона аз ағёр холӣ шуд, Камолӣ, ҳуш дор,
Бемаю бемутрибу маъшуқа бошад нанги мо.

* * *

Майи гулранг мезад ҷӯш дар пироҳани мино,
Парӣ дар ҷилва омад, мавҷ зад хун дар тани мино.
Ба базми боданӯшӣ гардиши чашме ба ёд омад,
Зи мастӣ кай гузорам аз кафи худ домани мино.
Баҳори ҳуснро зиннат зи оби роҳи гулгун аст,

Фузун аз гиряи абр аст гулхандидани мино.
Шукуфти арғувонзор аст, ҷӯши май ба соғарҳо,
Тамошоро назокат дод тарфи гулшани мино.
Зи шавқаш бар ҳаво ҳар зарраам дорад парафшонӣ,
Шуъоъи офтоби май намуд аз равзани мино.
Зи файзи назми рангинам, Камолӣ, нашъа мерезад,
Баҳористони мастӣ гул кунад болидани мино.

* * *

Ку нуктадон, ки кунад имтиёзи нома маро,
Шукуфти ғунчаи гулҳо баҳори хома маро.
Зибаски миннати дунҳимматон намехоҳам,
Зи лахти хуни ҷигар шуд таоми ома маро.
Ғараз, ки нақши хати сабз монадам, в-арна
Ҳарири ҳастии дунё нагашт ҷома маро.
Фано ба кӯчаи мо як ғубори гарди раҳат,
Иноди[1] ҷода надорад зи бахт нома маро.
Камолӣ, баски надорам зи ҳеҷ кас гилае,
Канори домани дил маскани давома маро.

* * *

Эй ошиқон, эй ошиқон, дилдор шуд меҳмони мо,
Айшу нишоту хуррамӣ афзуд андар ҷони мо.
Роҳи сабӯҳӣ мезадам дар ҳалқаи мастони ӯ,
Азбаски он нозукбадан шуд соқии даврони мо.
Гуфто: чӣ мехоҳӣ зи мо? Гуфтам, ки: бӯса аз лабат,
Гуфто, ки: бистон ин замон, мо они ту, ту они мо.
Чун ёр омад дар назар, аз шаш ҷиҳат шуд ҷилвагар,
Бепарда ҳангоми саҳар, гуфто: туӣ ҷонони мо.
Кӯси «ҳуваллоҳ» дарзадам, оҳанги боло барзадам,
Аз «ло»-и «илло» сар задам, дил гашт дар ҷавлони мо.
Нӯҳ чархи дӯлобинишон, бо ҳафт кавкаб дар миён,
Саргашта доим бегумон, гирди сари инсони мо.
Дар рақс шуд мулку малак, дар чарх омад нӯҳ фалак,
Таъзим карданд як ба як, бар тахт шуд султони мо.
Гуфтам, Камолӣ, шаммае аз шарҳи оёти дилам,

---

[1] **Инод-ситеза кардан, качравӣ, гумроҳӣ, гарданкашӣ. (Фарҳанги Сабо).**

Асрори сирри ғайб дон ҳар нуктаи девони мо.
* * *

Зиҳӣ шоҳе, ки бар фарқаш ҳумоюн тоҷи «каррамно»,
Бидоданд баҳри ӯ тахти «туъиззу ман ташаъ» оро.
Ба авҷи салтанат камтар надимаш анҷуму хуршед,
Ба сарбӯси кафи пояш шуданд то маҳ ҷабинфарсо.
Нахонда лавҳи беҷо нуктае дар мактаби таълим,
Сабақ медод хайли инсу ҷинро дарси «мо авҳо».
Ба сидқи пояи меъроҷи он фаррух накӯахтар,
Гувоҳӣ медиҳад оёти «субҳонал-лазӣ асро».
Ба эҷоди халоиқ буд боис нури поки ӯ,
В-агарна кай шудӣ халқи ҷаҳону Одаму Ҳавво.
Ба исми аъзамаш манқуш буд мӯҳри сулаймонӣ,
Калим аз остини ӯ баровардӣ яди байзо.
Ба хилватхонаи хоси Илоҳӣ дошт ороме,
Сарири «лӣ маъаллаҳ» шуд музайян з-он қаду боло.
Надида ҳеҷ пайғамбар, ба ғайри Аҳмади Мурсал,
Мақоми «қоба қавсайн»-у макини қурби «ав адно».
Бувад равшан зи шарҳи ҳусни дилкаш ояти «Ваш-шамс»,
Саводи гесӯвон тафсири «Вал-лайлу изо яхшо».
«Алам нашраҳ лака» васфе зи шарҳи синаи софаш,
Рамузи шарҳи «Мо зоғал-басар» з-он наргиси шаҳло.
Ба  сарви қадди дилҷӯ ҷомаи «лавлок» ба бар бинед,
«Лаъумрак» афсари зиннатгузин бар тораки зебо.
Ба наъти он шамоил хостам таҳрир фармоям,
Қалам шуд ду забон, дар нола омад гуфт: Ваншаққо.
Каломуллоҳ нотиқ дар баёни мадҳи он Саййид,
Камолиро куҷо тавсифи шоҳи Ясрибу Батҳо.
* * *

Ассалом, эй матлаъи рӯи ту шамси «Ваз-зуҳо»,
Ассалом, эй сунбули мӯи ту «Вал-лайлу саҷо».
Ассалом, эй чашми мастат рамзи «Мо зоғ-ал-басар»,
Бо ҳазорон фитнаву шӯхӣ рабуд дилҳо зи ҷо.
Ассалом, эй шаҳсавори арсаи кавну макон,
Ёфт аз файзи қудумат оламу одам наво.
Ассалом, эй тӯтии хушлаҳҷаи «Ло тақнату»,
Аз фасоҳат шаккарафшонӣ ту дар ҳар ду саро.

Ассалом, эй тоҷдори маснади шаръи мубин,
Нусрати «Насрум-миналлоҳи» туро карда ато.
Ассалом, эй андалеби гулшанорои вуҷуд,
Рамзи асрори ҳақиқатро ба худ дорӣ наво.
Ассалом, эй боиси эҷоди кавнайн омадӣ,
Бар бисоти «Фонзиру» соҳиби ҳилму ҳаё.
Ассалом, эй мӯъҷизат изҳори дину миллат аст,
Васфи «Ваншаққул-қамар»-ро ёфт ангуштат намо.
Ассалом, эй Хоҷаи «Лавлок»-у Ҷибрили Амин,
Гашт ҳам меъроҷи «Субҳоналлазӣ асро» туро.
Ассалом, эй бар сарири «Лӣ маъаллоҳ» ҷои ту,
Дод авҷи иззатат бар маснади қурбат вило.
Ассалом, эй Саййиди содоту фахри коинот,
Зубдаи авлоди Одам, ашрафи халқи Худо.
Ассалом, эй бадри оламтобу хуршеди фалак,
Шуд «Алам нашраҳ» сафои синаатро мунҷало.
Ассалом, эй боргоҳи қудсро хилватнишин,
Роздону розгӯ бар Ҳазрати Ҷалла Ъало.
Ассалом, эй раҳматан-лилъоламин, хайруланом,
Умматонро аз ту уммеди шафоъат дар ҷазо.
Ассалом, эй ҳалқаи лаъли лаби ҷонбахши ту,
Баҳри беморони кӯи иззатат бошад шифо.
Ассалом, эй мазҳари асмои ҳусно, сад салом,
Як ъалайкум, то ҷавоб ояд аз он лабҳо туро.
Ассалом, эй гарди наълайни қудуми ашрафат,
Чашми хунбори Камолиро ба миннат тӯтиё.

* * *

Салли ъало муҳаммадин ваш-шамсу ваз-зуҳо,
Салли ъало муҳаммадин ан-нуру вал-ҳудо.
Салли ъало муҳаммадин ал-бадру ван-нуҷум,
Салли ъало муҳаммадин ан-нуҳу ваз-зако.
Салли ъало муҳаммадин ар-рокибул-бурок,
Салли ъало муҳаммадин ас-соирус-само.
Салли ъало муҳаммадин аз-зубдат-ул-башар,
Салли ъало муҳаммадин аш-шарҳи тову ҳо.
Салли ъало муҳаммадин ал-ашфа-ул-умам,
Салли ъало муҳаммадин аш-шофиъ-ул-ҷазо.

Салли ъало муҳаммадин ал-хотам-ун-набӣ,
Салли ъало муҳаммадин ат-тоҷ-ул-авлиё.
Салли ъало муҳаммадин ал-боъис-ал-вуҷуд,
Салли ъало муҳаммадин ад-дурҷу ваз-зиё.
Салли ъало муҳаммадин аш-шофиъ-ус-сақим,
Салли ъало муҳаммадин ал-ҷуду вал-ато.
Салли ъало муҳаммадин ал-ҳоҷҷу вал-ҳарам,
Салли ъало муҳаммадин ас-соҳиб-уд-дуъо.
Салли ъало муҳаммадин ал-ҳодиют-тариқ,
Салли ъало муҳаммадин ал-маҳдиюл-ъумо.
Салли ъало муҳаммадин ал-маслак-ус-сабил,
Салли ъало муҳаммадин ал-мазҳар-уш-шифо.
Салли ъало муҳаммадин ал-ъотиф-уш-шафиқ,
Салли ъало муҳаммадин ал-кошиф-ул-бало.
Салли ъало муҳаммадин ас-сирру зул-манан,
Салли ъало муҳаммадин ад-дофиъ-ул-вабо.
Салли ъало муҳаммадин ал-ҷуду вал-ҷавод,
Салли ъало муҳаммадин ал-боб-ул-истаҷо.
Салли ъало муҳаммадин ал-акрам-ул-киром,
Салли ъало муҳаммадин ал-моҳиюл-ҳаво.
Салли ъало муҳаммадин ал-ҳамму волиҳи,
То зиндаӣ дуруди варо гӯ Камолиё.

* * *

## «Алифнома»-и Камолӣ

Эй «Алиф» нахли қадат, зиннатдеҳи гулзорҳо,
«Бе» балогардони ҳуснат, андалеб асрорҳо.
«То» таманнои лаби лаъли ту дар дил доштам,
«Се» сано гӯям туро дар кӯчаву бозорҳо.
«Ҷим» ҷамоли ояти «Ваш-шамс»-и рӯят дидаам,
«Ҳе» ҳаёи чашми мастатро диҳад ахборҳо.
«Хе» хати пушти лабат шуд сабзаи боғи ҷинон,
«Дол» гардид қоматам аз фикри он гуфторҳо.
«Зол»-и зикрат бар забони инсу ҷинну ҳам малак,
«Ре» риёзи гулшани фирдавсро ашҷорҳо.
«Зе» камони «Қоба қавсайн»-и туро дидам аён,
«Син»-и сарви қоматат дар ҷилва аз рафторҳо.
«Шин» шифои ҷони маҳҷурони ҳиҷрони ғамат,

«Сод» сайёди дили ошуфтаву беморҳо.
«Зод» зиёи меҳри рахшони ту дар олам намуд,
«Итқӣ» «То ҳо» файзбахши олами анворҳо.
«Изғӣ» изҳори шариъат кард дар рӯи замин,
«Ъайн»-и илмат дар зуҳур омад, аён шуд корҳо.
«Ғайн» ғайратро бурун андохт аз хилватсаро,
«Фо» фазои олами таҳқиқро осорҳо.
«Қоф» қурбатошиёну шоҳини лоҳутсайр,
«Коф» куфри нори зулфат бар миён зуннорҳо.
«Лом» лутфи оми ту сарпӯши ҳар некӯсиришт,
«Мим» «Мо зоғал-басар» шуд раҳзани ағёрҳо.
«Нун» навосози дили мутриб ба базми бехудӣ,
«Вов»-и васлат мебарад з-оинаҳо зангорҳо.
«Ҳо» ҳавои кӯи ту дар сар маро ҳар субҳу шом,
«Лом алиф» гардидаам аз шавқи он рухсорҳо.
«Ё» нидои «изну миннӣ» бо Камолӣ мезанад,
Бесару по медавад бо дидаи хунборҳо.

* * *

Дилороме, ки кардам бо ту ман гуфтугузор имшаб,
Фурӯғи оразат бирбуд аз ҷонам қарор имшаб.
Зи бахти хеш бар хӯрдам, висолат шуд маро ҳосил,
Гирифтам моҳи рухсори туро андар канор имшаб.
Ба ошиқ гар чунин бошад, шавам бар шаҳри маъшуқон,
Хиромон шав, ки дар поят кунам ҷонро нисор имшаб.
Дил аз каф додам, эй дилбар, дар ин базм аз сарат гардам,
Бидеҳ ҷом аз майи лаълат, ки ҳастам дар хумор имшаб.
Нидои ваъдаи васлаш маро дар гӯш меояд,
Надонам чун кунам, ёрон, зи дарди беқарор имшаб.
Гирифтор аст мурғи дил ба доми зулфи мушкинаш,
Қарору сабр шуд аз ман, надорам ихтиёр имшаб.
Агар он сояи сарваш шавад оромгоҳи ман,
Сари худ фарш хоҳам кард дар побӯси ёр имшаб.
Салоҳи зӯҳду тақворо, ту эй зоҳид, мадеҳ аз каф,
Маю майхонаву риндӣ, биё бо мо супор имшаб.
Камолӣ, новаки шавқаш ба реши ин дили зорам,
Ки аз рӯзи азал будаст, акнун кард кор имшаб.

* * *

Эй афзали халоиқу эй сайиди Араб,
Эй ашрафи замонаву хоси ҳабиби Раб.
Аблақсавори арсаи майдони нӯҳ фалак,
Ҷибрил парфишон ба рикобат ба сад талаб.
«Таббат ядо абилаҳаб» душмани туро,
Бошад сифоти хасми ту «ҳаммолатал-ҳатаб».
Ҳастӣ хулосаву шарафи кулли коинот,
Баҳри вуҷуди ин ҳама олам туӣ сабаб.
Фарши Мадина манзилу маъвову масканат,
Макка мақому Ясрибу Батҳӣ туро лақаб,
Моҳи мунири Бадру амири қурайшиён,
Шоҳи сарири салтанату ҳошиминасаб.
Аз по фитодагони ҳарими висоли ту,
Тай мекунанд ба фарқи сари худ раҳи талаб.
Нохонда лавҳи мактабу таълими нахуст,
Олим ба илму сирри ҳақоиқ, зиҳӣ ҳасаб.
Ризвону ҳуру хайли малоик ба сад хурӯш,
Бар ҳусну бар ҷалоли туву малоҳатат аҷаб.
Канзи дур(р)и маорифу асрори сирри ҳу,
Кони ҳаёву ҳилму сахо, манбаъи адаб.
Кардам ба васфи ҳусни ту аз хуни дил рақам,
Минқори мурғи хома пур аз нола зери лаб.
Рангин тарона мезад аз туву дида ашк рехт,
Гулпӯш гашт сафҳаи авроқ рӯзу шаб.
Баҳри ниёзмандият, эй зубдаи башар,
Аз ҷон Камолӣ наъти туро буда мунтахаб.

* * *

Ёди айёме, ки меҳри ҳусн андозад ниқоб,
Дидаҳо чун шабнами вомонда мегардад пуроб.
Ташналаб дар водии саргаштагӣ ҷон медиҳам,
Менамояд дар назар ҳар нақши по мавҷи сароб.
Бебасиратро шиносоӣ куҷо рӯ медиҳад,
Дидаро чун парда афтад, кай намояд офтоб.
Тори созам сурмасо аз гардиши чашми кӣ шуд?
Нағма бетаъсир меояд ба гӯшам аз рубоб.
Лафзро ороиши изҳори гуфтугӯ куҷост?
Ҳар киро маънист, хомӯш аст чун нақши туроб.

Ранги бемағзист дар сар ҷӯшиши беҷо чӣ суд?
Дар бисоти мавҷи Қулзум ракс месозад ҳубоб.
Накҳати беҳуда худ накси саволи аблаҳист,
Ранҷи дил бошад, Камолӣ, гуфтани доно ҷавоб.

*　　*　　*

Зи ишқат бесару сомонам имшаб,
Чу най дар нолаву афғонам имшаб.
Табибо, бар сари болини ман о,
Даво кун дарди бедармонам имшаб.
Бути сангиндилу бераҳму бадхӯ,
Чӣ бошад, гар шавӣ меҳмонам имшаб.
Зи мижгони ҳаданги заҳролуд,
Расад бар сина сад пайконам имшаб.
Биё соқӣ, шароби ноб дардеҳ,
Бурун гардад ғами пинҳонам имшаб.
Тараҳҳум соз, эй шӯхи ҷафокор,
Ба лаб омад зи шавқат ҷонам имшаб.
Камолӣ, баски ранҷури фироқам,
Зи ҳарду дида хунафшонам имшаб.

*　　*　　*

Дар гулистон по ниҳӣ гар беризои андалеб,
Мечакад симоби ашк аз дидаҳои андалеб.
Иттиҳоди дӯстиҳо олами якрангӣ аст,
Накҳати гул мевазад аз нолаҳои андалеб.
Хуфтагони корвони ишқро бедор кард,
Кӯси номуси муҳаббат зад дирои андалеб.
Улфати маъшуқу ошиқро касе воқиф куҷост,
Ҳаст аз рӯзи азал гул ошнои андалеб.
Инқилоби даҳр дунонро тараққӣ медиҳад,
Зоғ маъво мекунад моҳе ба ҷои андалеб.
Мекушояд ғунчаи оғӯшро нахли мурод,
Гар ба гӯши ӯ расад овози пои андалеб.
Аз фиғону нолаи ушшоқ зад ҷӯши тараб,
Рехт тарҳи ишрате аз моҷарои андалеб.
Базми гулро мекунад таъсир ранги бехудӣ,
Нағмаи бетобии дил шуд садои андалеб.
Нуктаи рамзи Камолӣ файзи сирри ғайбияст,

Кас намефаҳмад ба ҷуз гул муддаои андалеб.
*  *  *

Ҳар шохи арғувон шуда маъвои андалеб,
Шӯри қиёмат аст ба ғавғои андалеб.
Маъшуқаро муҳаббат аз ошиқ фузунтар аст,
Гулро бувад ҳамеша таманнои андалеб.
Нақди ду кавн доду висоли чаман харид,
Бозор гарм бар сари савдои андалеб.
Бенола нест бар сари ҳар шохсори гул,
Мавҷи тараннум аст саропои андалеб.
Файзи ҳузури лола ба фарёд оварад,
Ҷазби муҳаббат аст навоҳои андалеб.
Зад чок ҷайби хеш гул аз шавқ ҳар сабоҳ,
Азбаски дошт бар дили худ ҷои андалеб.
Ҳангоми васл ёр зи ҳастӣ тамаъ бурид,
Барбод дод завқи тамошои андалеб.
Килки Камолӣ бар вараqи даҳр зад рақам,
Иншо намуд қасидаи ғаррои андалеб.
*  *  *

Эй ёди исми аъзами ту ҳалли мушкилот,
Равшан зи инҷулои[1] сифотат давоми зот.
Ҳадду ниҳоятат ба баён кай тавон расид,
Фаҳму уқул роҳ наёбанд ба мунтаҳот.
Қосир забони маърифат аз кунҳи зоти ту,
Фикри дақиқро чӣ маҷоли такаллумот.
Бигзар зи худ ба шоҳиди мутлақ назора кун,
Якбора дур соз ҳиҷоби таанниёт.
Ҳар рӯз шаъни дигаре, ҳар он латофате,
Дорад ба кавн ҷилва сифоти муғайибот.
Бар сатҳи сунъ нуқтаи ваҳдат намуд рух,
Касрат нуқуш ёфт бо диранги ноқитот.
Сайри бутун ба арз зуҳуринтишор шуд,
Ҳусни қидам намуд зи оинаи сифот.
Анқои бенишонии лоҳут ошён,
Гум кардаӣ, Камолӣ, ба нури таҷаллиёт.

---
[1] **Инҷуло-равшан шудан, ҳувайдо шудан. (Фарҳанги Сабо).**

*        *        *

Аз нигоҳи чашми шӯхат файз дар кошона рехт,
Базми моро обу ранг аз наргиси мастона рехт.
Хайра мақдам, эй бисоти қурбро маснаднишин,
Чун қадам ташриф овардӣ буту бутхона рехт.
Гашт нурат ҷодапаймои биёбони зуҳур,
Партави акси рухат дар хок обу дона рехт.
Шамъи ҳуснат анҷуманро дод аз равнақ зиё,
Сӯхт мағзи ҷони ушшоқу пари парвона рехт.
Вақти соқӣ бод хуш, дар базми мастон дар кадаҳ,
Бодаи ноби фараҳбахш аз лаби паймона рехт.
Ҷилвагар бигзашт ногаҳ турки ғоратпешаам,
Бо ханданги ноз хуни оқилу девона рехт.
Шуд шифои ҷони бемору дили андӯҳгин,
Ҷавҳари ҳарфи ҳадисе аз лаби ҷонона рехт.
Ҳуққаи лаълат такаллумро адои ноз дод,
Насхи мозӣ карду мустақбал зи худ афсона рехт.
Ошно чандон, Камолӣ, бо саги кӯяш шудам,
Шеваи тарҳи вафо бо мардуми бегона рехт.

*        *        *

Соқиё, май деҳ, ки гардам то ман аз хаммор маст,
Соғаре бахшо, шавам ман аз тиҳӣ бисёр маст.
Бар дари майхона умре роҳи гулгун мезанам,
Коса масту шиша масту бодаву майхор маст.
Пои хум ҷо дораму пири хароботӣ шудам,
Ҷом бар лаб, шиша бар каф, ҷомаву дастор маст.
Аз баҳористони ҷонам нахли Айман кард гул,
Бесарупо медавам аз хеш мӯсовор маст.
«Раббӣ арнӣ»-гӯ шудам аз шавқи он ҳусну чамол,
Зад таҷаллӣ Тури дилро, гаштам аз дидор маст.
Ранги саҳбои аёғам кард дар олам асар,
Аз саводи нақши поям кӯчаву бозор маст.
Ҷоҳилонро нашъа дигар, худпарастонро дигар,
Зоҳидон аз зӯҳду тақво, олим аз кирдор маст.
Аз дили Мансур уммони аналҳақ ҷӯш зад,
Мастияш афзун шуду ҷаллод масту дор маст.
Рехт дар ҷони Камолӣ рашҳае аз баҳри чуд,

Шуд қалам масту сиёҳиву хату ашъор маст.

* * *

Масоз зоҳиди худбин маломати мани маст,
Ки мо шароби азал хӯрдаем зи рӯзи аласт.
Сиришти мо зи маю шаҳнишин пари хум аст,
Муқими кӯчаи майхонаему бодапараст.
Бидошт даст чиҳил субҳидам ба тахмирам,
Аз ин сабаб ба ҷаҳон омадаем даст ба даст.
Ба саъйи нафйи вуҷуд он қадар намудам ҷид,
Зи худ гузаштаву бо дӯст гаштаам пайваст.
Расонд боди сабо ин хабар, ки: «Ҷон бархез!»
Ба азми васли ту ҷони ҷаҳон камар барбаст.
Инони ҷилва ба дасти ду чашми ҷоду дод,
Ба авҷи дилбарӣ тарфи кулоҳи ноз шикаст.
Ҳасуд чун набарад рашки базми ишрати мо,
Ба садри маҷлиси риндон ба тахт шоҳ нишаст.
Бигуфтам: эй шаҳи хубон, ба сайдгоҳи шикор
Кадом ваҳшии зирак зи қайди доми ту ҷаст?
Бигуфт: ҳар кӣ ба домам фитад халос куҷост?
Нишин ба айш, Камолӣ, магӯ баланду паст.

* * *

Бодаи Мансур дар ҷоми ман аст,
Мастиву сарафканӣ коми ман аст.
Шоҳбози қудсии лоҳутсайр,
Ин замон бингар, ки дар доми ман аст.
Аввалу охир яке бошад маро,
Дафтари оғоз анҷоми ман аст.
Исм хондӣ аз мусаммо дам мазан,
Пур зи шӯр офоқ аз номи ман аст.
Кона сайрӣ кулли лайлин ван-наҳор,
Аз замин то Арш як гоми ман аст.
Аз фурӯғи нури ман олам пур аст,
Қотили куффор самсоми ман аст.
Торикиву равшанӣ аз ман бувад,
Дайру Каъба куфру исломи ман аст.
Халқ ёбад бахра аз эҳсону ҷуд,
Файзи олам хони икроми ман аст.

Ваҳшиёнро мекунад сайди забон,
Кашфи асрори яқин доми ман аст.
Беқарорам, беқарорам, беқарор,
Бар канори дӯст ороми ман аст.
Гӯ, Камолӣ, гар ту мастӣ бардавом,
Бодаи Мансур дар ҷоми ман аст.

* * *

Ду ҷаҳон шаммае ғубори ман аст,
Асари партави нигори ман аст.
Арши Раҳмон, ки хондӣ аз Қуръон,
Дили заррини хушиёри ман аст.
Рақами «Нун вал-қалам» бархон,
Лавҳи маҳфуз дар канори ман аст.
Ҳашт ҷаннат яке футӯҳи дилам,
Ҳафт дӯзах яке шарори ман аст.
Чархи саргашта дуде аз оҳам,
Арзи ғабро кафи биҳори ман аст.
Офтоби сипеҳри бӯқаламун,
Заррасон дар ҳавои кори ман аст.
Моҳу Парвину кавкаби сайёр,
Ходими хизмати диёри ман аст.
Дайру бутхона, суманоту куништ,
Зулмати куфри зулфи ёри ман аст.
Масҷиду хонақоҳу Каъба ҳарам,
Нури исломи пойдори ман аст.
Сари гарданкашону кинаварон,
Зери шамшери зулфиқори ман аст.
Гӯ, Камолӣ, ба рағми муддаиён,
Ду ҷаҳон шаммае ғубори ман аст.

* * *

Ҷилвагар аз ҳар тараф ҳусни намоёни кист?
Оинасон ин ҳама бехуду ҳайрони кист?
Қофилае мерасад, боз кашад рахти хеш,
Омаду рафташ кучост, роҳи биёбони кист?
Чист ба ҷуз нури зот дар ҳамаи коинот,
Силсилаи мумкинот ҳуҷҷату бурҳони кист?
Бо кӣ шавам рӯ ба рӯ, аз кӣ кунам ҷустуҷӯ,

Ҳайратам оина сохт, фикр ба ҷавлони кист?
Маҷмаъи ушшоқро кард ба якборагӣ,
Волаву шайдои худ, офати даврони кист?
Ёр нашуд ҷилвагар, чанд фикандам назар,
Кард ба ҷонам асар нолаву афғони кист?
Синаи ман пур зи таф, мерасад аз ҳар тараф,
Ҷону дилам шуд ҳадаф, новаки мижгони кист?
Дил ба наво ҷӯш зад, барбати ҷон соз шуд,
Уди ҷигар тор баст, нағмасаро они кист?
Хомаи фитратбаён кард рақам бар варақ,
Назми шакарганҷро мисраъи девони кист?
Ком нашуд ҳосилам, з-ин ҳама обу гилам,
Офати ҷону дилам дар сару сомони кист?
Килки Камолӣ ба ҷид шуд ба сухан дузабон,
Ҷилвагар аз ҳар тараф ҳусни намоёни кист?

* * *

Ёди айёме, ки ҷӯши базми рокам[1] нола аст,
Ҳамчу най ҳар банд-банди ҷисми покам нола аст.
Ҳаст бо улфатгузинон аз ҷудоиҳо алам,
Бодаро дар шишаҳо аз қатъи токам нола аст.
Нағмасанҷон аз наво холӣ набошанд баъди марг,
Банд дар ҳар заррае аз мушти хокам нола аст.
Аз раги ҷон тори сози ноумедӣ бастаам,
Мутриби дардам ба худ яъсу ҳалокам нола аст.
Аз тапиданҳои дил огаҳ набошад ҳар касе,
Барбатамро муддаои дарднокам нола аст.
Бар забони арзи матлаб мӯҳри хомӯшӣ задам,
Чун кунам сархатти машқи синачокам нола аст.
Сози ашъори Камолӣ як ҷаҳон оҳанг рехт,
Аз самак то маркази арзи симокам[2] нола аст.

* * *

Дарёб ҳамон оинаро восили ёр аст,
Ҳайрат ба тамошои хату ҳусни нигор аст.

---

[1] **Рок-номи навое аз мусиқӣ. (Фарҳанги забони тоҷикӣ).**
[2] **Симок-номи ду ситораи равшан дар осмон, ки якеро симоки ромеъ ва дигареро симоки аъзал ва ҳардуро дар арабӣ симокон мегӯянд. (Фарҳанги Сабо).**

Он кас, ки бинӯшид майи бодаи ваҳдат,
Чӣ ҷоми шароб асту чӣ мастӣ, чӣ хумор аст.
Дайру Ҳараму Каъбаву бутхонаву масҷид,
Дар дидаи ҳақбин ҳамаро як сарукор аст.
Ваҳдатасар аз касрати олам шуда берун,
Бигзашта зи худ кунҷи харобот қарор аст.
Онро, ки диҳад роҳи аналҳақ ба аёғаш,
Гулгунруху мансурсифат бар сари дор аст.
Саршори майи ҷоми фараҳбахши таҷаллист,
Ҳар кас, ки чу Мӯсо равад аз худ ба канор аст.
Макшуф зи мисраъ шуда девони Камолӣ,
Асрори ниҳонӣ, ки зи лаъли лаби ёр аст.

* * *

Аз мизоҷи тундфикрӣ баски дил дар хун нишаст,
Қатра шуд дар баҳру гавҳар гашту гуногун нишаст.
Ҷисму ҷонам дид ҳусни шӯхи лайлимашрабе,
Чун рами оҳуи ваҳшӣ дар раҳи Маҷнун нишаст.
Узв-узвам заррасон дар ракс омад дар ҳаво,
Акси хуршеди таҷаллӣ Тури дилро чун нишаст.
Иттиҳоди базм дорам баски дар баҳри фано,
Ишрати ранги ҳубобам бодаи гулгун нишаст.
Вақт фикрамро сабақ медод дарси ҳикмате,
Сирри хумро шарҳ чандон карду Афлотун нишаст.
Аҳсани ҳусн, ин чӣ ҳусну ин чӣ холу ин чӣ ҳол,
Килки тасвирам зад иншо аз ҳама афзун нишаст.
То рақам кардам, Камолӣ, дафтари идрокро,
Мадди ҳар як мисраъи барҷастаам мавзун нишаст.

* * *

Аз азалам, ошиқон, бехуду шайдову маст,
Нӯш ба ҷон кардаам ҷоми шароби аласт.
Даст ба даст омадам ҳамчу гул аз боғи хулд,
Баски ба тахмири ман дошт чиҳил субҳ даст.
Майкаши хумхонаам, бодаи паймонаам,
Соқии ҷононаам, ошиқу ҳам майпараст.
Мезанам аз ҷону дил, наъраи «ҳал ман мазид»,
Қулзуми роҳи раҳиқ гарчи кашам ҳар чӣ ҳаст.
Ринди хароботиям, не зи муноҷотиям,

Шатҳии томотиям, нукта парешон чӣ ҳаст.
Ҷоми фано бар задам, кӯси бақо дарзадам,
Беғами тангу фароғ, бесару болову паст.
Бодаи гулгун бинӯш, гӯй, Камолӣ, баланд,
Аз азалам, ошиқон, бехуду шайдову маст.

* * *

Дилам аз ишқи ӯ дар печутоб аст,
Зи бас дилдори ман рӯ дар ҳиҷоб аст.
Ба базми ҳаҷри ӯ нӯшам дамодам,
Ки хуни дил маро ҷоми шароб аст.
Зи барқи шӯълаи дарди муҳаббат
Ҷигар як пораи лахти кабоб аст.
Чунон аз ишқи он шӯхи ҷафокор
Тамоми ҷони ман дар изтироб аст.
На имрӯз аст ишқи мо ба ҷонон,
Маро ҷонбозӣ аз рӯзи хитоб аст.
Ба ҳар водӣ задам лабташна гоме,
Ба пешам мавҷзан баҳри сароб аст.
Биё, эй пири комил, дасти мо гир,
В-агарна ҳолам аз ҳиҷрон хароб аст.
Бубин ҳайрону саргардониямро,
Савори умр доим дар шитоб аст.
Ба назди дӯст аз ҷон хуштар ояд,
Ҳар он зеборавиш таҳти қибоб[1] аст.
Ало, ошиқ, Камолиро назар кун,
Зи бетобӣ ду дида пур зи об аст.

* * *

Меравам ман ба сӯи хонаи дӯст,
Мениҳам сар ба остонаи дӯст.
Чун зи хоби адам шудам бедор,
Бар забонам бувад фасонаи дӯст.
Шуд ҷунун сози аҷзафзоям,
Мекунам ҳар замон таронаи дӯст.
Сирри «ло райб» шуд ниҳон бар дил,

---

[1] **Қибоб-ҷамъи қубба, гунбад, биное, ки сақфи он гирд ва баромада бошад. (Фарҳанги Сабо).**

Баски дорам ба худ нишонаи дӯст.
Бар кафи дасти ишқу муштоқӣ,
Оваридам дур(р)и ягонаи дӯст.
Сабъаи қудси боғи бехудӣ,
Шуд мақомам ба ошёнаи дӯст.
Гашт ҷорӣ, Камолӣ, дар чаманам,
Баҳри алтофи бекаронаи дӯст.

* * *

Дар оғӯши хаёлам сарви хушрафтори маъшуқ аст,
Нигористони ҷонам нақш аз дидори маъшуқ аст.
Ба мактабхонаи ушшоқ хондам дарси ҳайронӣ,
Назар оинадори сархати рухсори маъшуқ аст.
Ба базми нуктасанҷиҳо, дилам саргарми ин савдо,
Таманно ҷодапаймои лаби гуфтори маъшуқ аст.
Ба шӯхӣ дил рабудан, ғамза бинмудан, нигаҳ кардан,
Адои нозро илҳод[1] кардан кори маъшуқ аст.
Майи гулранг дар саҳни қадаҳ зад ҷӯш аз мастӣ,
Фараҳафзой мул дар соғари саршори маъшуқ аст.
Ба олам ҷилвагар арзи баҳористони зебоӣ,
Чаманзор аз шукуфти ғунчаи гулзори маъшуқ аст.
Зи ҳар узвам баҳори нашъа мерезад ба ҳар манзил,
Зи бас лабрез мағзи ҷон маро асрори маъшуқ аст.
Ба тори зулфи тарсозодае дорам гирифторӣ,
Гиреҳ бар гардани ҷон риштаи зуннори маъшуқ аст.
Гули ранги Камолӣ зад пари парвоз чандоне,
Ба сар дар чарх гирди кӯчаву бозори маъшуқ аст.

* * *

«Ваш-шамс»-у «Ваз-зуҳо» рухи зебои Мустафост,
«Вал-лайл» наъти зулфи сумансои Мустафост.
Тафсири матни ояти «Мо зоғ»-у «Мо тағо»,
Шарҳу баёни наргиси шаҳлои Мустафост.
Бишнав зи ҷон ҳадиси «Ано афсаҳ-ул-ъараб».
Лутфи камоли лаъли шакархои Мустафост.
Оёти байинот рамузе зи ҳусни ӯст,
Қуръон нуъути ҷумла саропои Мустафост.

---

[1] **Илҳод-инкор кардан, баргаштан аз қавл. (Фарҳанги Сабо).**

Дорус-салому ҷаннату фирдавсу боғи хулд,
Як кӯчае зи маскану маъвои Мустафост.
Ризвону ҳуру хайли малоик ба сад тараф,
Гардида ҷонфидо ба тамошои Мустафост.
Кавсар иборате зи лаби қанди нӯшханд,
Тубо ишора аз қаду болои Мустафост.
Тасбеҳи санг бар кафи дасти муборакаш,
Аз юмни мӯъҷизоти муаллои Мустафост.
Биншаст бар Бурoқ шаҳи тахти салтанат,
Ҳам Арш фарш зери қадамҳои Мустафост.
Рӯҳониёни қудс сари хидматаш ба дӯш,
Ҷибрил ходими ҳараму ҷои Мустафост.
«Шаққ-ул-қамар» баёни сарангушти Аҳмадист,
Маҳ шуд ба чарх пора ба имои Мустафост.
Дилдодагони шӯх бар сари бозори гарми завқ,
Ҷон медиҳанд бар сари савдои Мустафост.
Бо оҳи ҷонфигор Камолӣ аладдавом,
Ӯро ба дил ҳавои таманнои Мустафост.

* * *

«Ваш-шамс» васфи рӯи накӯи Муҳаммад аст,
«Вал-лайл» наъти сунбули мӯи Муҳаммад аст.
Як ламъае зи нури рухи ӯст «ваз-зуҳо»,
Нури фалак зи партави рӯи Муҳаммад аст.
Ҷонам дар орзуи ҷамоли ҷамили ӯст,
Рӯи дилам мудом ба сӯи Муҳаммад аст.
Ҳар ҳашт хулди ҷаннат бо равзаи Ирам,
Як кӯчабоғи гулшани кӯи Муҳаммад аст.
Мушки татору анбари соро, абиру уд,
Як шаммае зи накҳати бӯи Муҳаммад аст.
Ҷорӣ ба ҷӯйбори наъим аст ба наҳрҳо,
Аз қатраҳои шабнами ҷӯи Муҳаммад аст.
Масти аладдавом Камолӣ зи ҷоми наът,
Умрест ҷуръанӯши сабӯи Муҳаммад аст.

* * *

Олам зи нури ақдасу покаш намунае,
Дар мазҳари вуҷуд камоли Муҳаммад аст.
Одам туфайли ҳурмати ӯ ин ҷалол ёфт,

Сармояи ду кавн ҷалоли Муҳаммад аст.
Дар рӯзи ҳашр уммати сар то ба по гуноҳ,
Дар зери сояи пару боли Муҳаммад аст.
Кардам шабе қироъати «Ваш-шамс»-у «Ваз-зуҳо»,
Дидам, ки васфи ҳусну ҷамоли Муҳаммад аст.
Дар баҳри шаръу қулзуми ислому наҳри дин,
Ҷорӣ мудом оби зулоли Муҳаммад аст.
Вирди забон мârост, Камолӣ, ба субҳу шом,
Салвот бар Муҳаммаду оли Муҳаммад аст.

* * *

Эй аввалӣ ту, аввали ашё бидоятат,
В-эй охирӣ ту, мазҳари асмо ниҳоятат.
Нури ту буд боиси эҷоди коинот,
Бар халқ тофт партави нури иноятат.
Номи ту исми аъзаму олам туфайли ту,
Шуд бар забони омма Муҳаммад киноятат.
Бахшо ба коми ташналаби дашти ҳавлнок,
Ҷоми шароб аз кафи ҷуду кифоятат.
Афтодагони бодияи ҳайратем мо,
Роҳе намо ба лутф, ба нури ҳидоятат.
Лоиқ агар зи наът туро дар баён наям,
Лекин ба рамзи завқ сароям ҳикоятат.
З-аҳли нифоқу ширк шуду дод дин ба бод,
Чун зарра ҳар кӣ дошт ба дил аз шикоятат.
Уссотро ба мавфиқи ҳашр аз гунаҳ чӣ ғам,
Доранд ба фарқ сояи сарви ҳимоятат.
Умри Камолӣ дар раҳи шавқат ба сар расид,
Лабро кушод барои ҳадису ривоятат.

* * *

Ё Расулуллоҳ, ҳастам ман ғуломи ин дарат,
Гаштаам муштоқи рухсори чу моҳи анварат.
Чанд андар хоб бошӣ, хез олам шуд хароб,
Шамъи рух бинмо, манам парвонаи гирди сарат.
Хуш нишин андар ниқобу гесӯвон дар бар фикан,
Накҳати зулфат маро беҳтар зи мушку анбарат.
Бар сари худ неҳ ту он аммомаи хуштарзро,
Ҷон фидо созам, агар бинам ман онро бар сарат.

Боз дар минбар баро, эй хоҷаи олиҷаноб,
То бубинам қадду болои туро дар минбарат.
Пушт бар меҳроб неҳ, рӯ ҷониби асҳоб кун,
Шаккарафшон соз он дам бо ду лаъли шаккарат.
Ҳазрати Сиддиқи Акбарро бигӯ, то ин замон,
Ӯ асоси сидқро бар рӯи олам биспарад.
Рояти исломро неҳ бар кафи одил Умар,
Бе ризои шаръ ӯ кай дарра бар сар оварад.
Он гули боғи ҳаёву гавҳари дарёи ҳилм,
Ҷомеъ-ул-Қуръон Зиннурайн он динпарварат.
Куфр оламро гирифтаст, ё Расуло, дарфирист,
Хоҷаи Дулдулнишин бо зулфиқори дусарат.
Биллаҳ, эй дилдор, дорам орзу ман ин замон,
То Камолӣ сар баақдомат ниҳад, ҷон биспарад.

* * *

Зи май кашидани лаъли лаби нигор мапеч,
Шароби ноб бинӯшу сар аз хумор мапеч.
Қадам ба кӯчаи Лайлӣ задӣ ҷунуномез,
Машав чу зоҳиди худбин, ба кунҷи ғор мапеч.
Талоши олами фонӣ макун, ки фурсат нест,
Ба фикри хеш раву ба рӯзгор мапеч.
Чу дил ба нола дарояд, кунад хушилҳонаш,
Муғаннӣ, нохуни мизробро ба тор мапеч.
Тилисми оина аз сайқали сафо барбанд,
Намой саъй, валекин ба рангу бор мапеч.
Ба мавҷи баҳр фурӯ рав, дур(р)е ба даст орӣ,
Зи шӯру шар маҳаросу ба ҳар канор мапеч.
Нишин ба маснади озодагӣ зи соддадилӣ,
Чу ғунча мушти зари сурх бешумор мапеч.
Шикан ба санги фано обгинаи ҳастӣ,
Ғурури мартаба дор ба худ, шарор мапеч.
Зи нуктадонӣ, Камолӣ, агар ҳунар дорӣ,
Садафсифат ба бағал дурри шоҳвор мапеч.

* * *

Бар сарам омад табиб, ёфт зи набзам мазоҷ,
Лутфу тараҳҳум намуд, кард ба дардам илоҷ.
Дид чу бемориям, нолаву ҳам зориям,

Гуфт ба дилдориям: ёбӣ аз ин дард ноҷ[1].
Соҳиби сирри мубин, ҳодии иршоду дин,
Роҳнамои яқин дод ба дастам сироҷ.
Турки сипаҳбуд расид, аз паи ғоратгарӣ,
Мулки диламро гирифт, дошт ба хубӣ ривоҷ.
Шоҳу гадо бар дараш баста ба хидмат камар,
Бурд ба авҷи фалак пояи аврангу тоҷ.
Чашмаи нӯши лабаш маънии «ъазбун фурот»,
Шӯриши шавқи ман аст, ояти «милҳун уҷоҷ».
Шишаи дилро шикаст бар ҳаҷар аз ҷабру гуфт:
Бар деҳаи мунҳадим нест зи ушру хироҷ.
Рав ту «нафахту» бихон, «фиҳи мин рӯҳӣ» дон,
Ёфта аз зоти ӯ ҳастии ман имтизоҷ.
Ҳусн аён дидамаш, тоқату сабрам намонд,
Гуфт: Камолӣ, маранҷ, дарди туро мо илоҷ.

* * *

Лабрези бода кун гули паймонаи қадаҳ,
Бар каф гирифта орази ҷононаи қадаҳ.
Мавҷи шароби ҳалқаи занҷири оташин,
Шуд хушнамо ба гардани девонаи қадаҳ.
Соқӣ ба як нигоҳ диламро зи ҷо рабуд,
Чун сурма дод наргиси мастонаи қадаҳ.
Афрӯхт барқи шӯълаи парвона шамъи ман,
Товуси рӯҳи ман шуда парвонаи қадаҳ.
Масти мудом аз лаби пурфайзи ҷом бахш,
Кӯтаҳ масоз нуктаи афсонаи қадаҳ.
Озодагӣ, Камолӣ, муяссар намешавад,
Сокин бигард бар дари майхонаи қадаҳ.

* * *

Мезанам ҳар дам зи шавқи васли рӯи ёр чарх,
Заррасон бар меҳри тобони рухи дилдор чарх.
Аҳди ҳушёрӣ гузашту даври бадмастӣ расид,
Бодаи гулгун намуд дар соғари саршор чарх.
Сози дарду нолаам чандон асар эҷод кард,
Инсу ҷин дар рақс омад, зад малак бисёр чарх.

---

[1] **Ноҷ-наҷот.**

Дар биёбони вуҷудам нахли Айман кард гул,
З-ин сабаб дорам ба гирди хеш Мӯсовор чарх.
Узв-узви банди ман Тури таҷаллизор гашт,
Мурғи ҷонам наъра мезад, гунбади даввор чарх.
В-аз туфайли ошиқону покбозони азал,
Дар сукун омад замин, гардид дар рафтор чарх.
Дар тамошогоҳи ҳусни ёр мустағрақ шудам,
Зад дили девонаам бо синаи афгор чарх.
Гӯ, Камолӣ, аз дилу ҷон дар сафи ушшоқи маст,
Мезанам ҳар дам зи шавқи васли рӯи ёр чарх.

* * *

Подшоҳо, аз дарат фазлу ато дорам умед,
Бенавои доғи ҳиҷронам даво дорам умед.
Сокини кӯи алам, маснаднишини дарду ғам,
Чашм бикшо, ҳоли зорам бин, чиҳо дорам умед.
Бастам эҳроми сари кӯят, шудам лаббайкзан,
Аз тавофи Каъбаат қасди куҷо дорам умед.
Рехтӣ хунам ба сад найранг бо теғи ҷафо,
Давлати дидорат, эй ҷон, хунбаҳо дорам умед.
Захми носурам зи ҳад бигзашт, сангиндил табиб,
Маҳрами ҷонбахш аз васлат даво дорам умед.
То ба кай аз нозу истиғно хамӯшӣ мекунӣ,
Аз лаби бегона ҳарфи ошно дорам умед.
Умрҳо шуд орзумандам, Камолӣ, рӯи дӯст,
Аз висоли ёр чандин муддао дорам умед.

* * *

Даро ба дидаи ошиқ, ки ҷои нози ту бошад,
Тараҳҳуме бинамо, ки сарафрози ту бошад.
Ту шоҳи маснади хубиву ман асири хоки дарат,
Чӣ мешавад, ки гадое Аёзи ту бошад.
Даруни бӯтаи муҳаббат ба чарх ошиқи ҷонбоз,
Ҳамеша ҳамчу зари ноб дар гудози ту бошад.
Фиғону нола ба ҳар банд-банди ман чу най аст,
Ба узв-узви вуҷудам навои сози ту бошад.
Ҳақиқати ту муайян шавад аз ҳувийяти зот,
Аён ба дидаи ман нусхаи маҷози ту бошад.
Хуш он замон, ки ба базми тараб шавам густох,

Ба чанги ман сари зулфи шабдарози ту бошад.
Ҳавои мурғи диламро нишасти соиди шоҳист,
Шикори сари дасти ту шоҳбози ту бошад.
Забони килки Камолӣ ба шавқи ин такрор,
Даро ба дидаи ошиқ, ки ҷои нози ту бошад.

* * *

Бар мо зи роҳи дӯст даре боз кардаанд,
Аз муждаи висол сарафроз кардаанд.
Онҳо, ки аз умури ҷаҳон по кашидаанд,
Анҷоми кори хеш зи оғоз кардаанд.
Аз худ гузаштаанд муқимони кӯи дӯст,
Ҷонро фидои он бути танноз кардаанд.
Муғбаччагони шӯхваши офариннигоҳ,
Доме ба раҳ зи наргиси ғаммоз кардаанд.
Он соликон, ки қатъ намуданд тариқро,
Худро зи шавқ хонабарандоз кардаанд.
Оҳанги нағма бо гули рӯи ту ошиқон,
Чун булбулони масти хушовоз кардаанд.
Бо тоирони қудс, Камолӣ, анис бош,
Аз ҳар ду кавн пар зада парвоз кардаанд.

* * *

Саҳар ба гӯши дилам нағмаи паёми ту омад,
Ба сафҳаи назарам нусхае ба номи ту омад.
Зи чашми масти ту ошӯбу фитна шуд пайдо,
Гузашт даври ҳарифону даври ҷоми ту омад.
Рабудӣ тоҷи каромат зи фарқи каҷкулаҳон,
Ба даҳр сиккаи шоҳӣ заданд, ба номи ту омад.
Ғизоли ваҳшии ҷонам рамид аз ҳама олам,
Ба пои тавсани розат фитод, роми ту омад.
Кабӯтари дилам аз шавқ болу пар бикшод,
Ба гирди кӯи ту гар масти боми ту омад.
Гузаштам аз ҳаваси хулду Тӯбиву ҷаннат,
Ба хотирам қаду болои хушхироми ту омад.
Начид дона зи ҳар дом мурғи ҷони Камолӣ,
Ба ҳалқаи пурчини зулфи доми ту омад.

* * *

То нигоҳи чашми масти дилбарам омад ба ёд,

Фитнаи хобида, шӯри маҳшарам омад ба ёд.
Аз лаби лаълаш табассум ёфт завқи чошнӣ,
Ҳасратободи дили ғампарварам омад ба ёд.
Хостам созам рақам аз хатту холи дилфиреб,
Қомати мавзуни шӯхи навбарам омад ба ёд.
То гирифторам ба доми турраи лайливаше,
Сархати машқи ҷунуни дигарам омад ба ёд.
Шӯъла меболад зи ҳар мӯям чу афғон баркунам,
Сӯхтам бар хеш, то хокистарам омад ба ёд.
Аз дилу ҷон нола бетобона меояд ба гӯш,
Оташи ҳиҷрон, сипанди миҷмарам омад ба ёд.
Гардиши чашме, ки дидам, нашъа афзун шуд маро,
Аҳди бадмастиву даври соғарам омад ба ёд.
Мекунам иншо, Камолӣ, насри[1] аҷзои дилам,
Мисраъи барҷаста назми шаккарам омад ба ёд.

* * *

Теғи истиғнои нози қотилам омад ба ёд,
Метапам дар хоку хуну бисмилам омад ба ёд.
Сӯхтам дар оташи ҳиҷрон, саропоям гудохт,
Ахгарам хокистарам шуд, ҳосилам омад ба ёд.
Киштии бахтам ба мавҷ аз нотавониҳо шикаст,
Ғарқи баҳри ноумедам, соҳилам омад ба ёд.
Ранги бетобӣ дамид аз хоки ғам бар пайкарам,
Аз заъифӣ ҷавҳари обу гилам омад ба ёд.
Рафтам аз худ то ба сарҳадди ҷаҳони бехудӣ,
Сайр чандоне ки кардам, манзилам омад ба ёд.
Шӯхӣ меболад зи ҳар узвам, чу най дорам фиғон,
Сози дардам, нолаи ҷону дилам омад ба ёд.
Гашт оғозам асири чашми лайлимашрабе,
Ваҳшатанҷомам, ҷунуни комилам омад ба ёд.
Арзи саҳрои қиёмат кард сӯзи оташам,
Қиссаи дуру дарози мушкилам омад ба ёд.
Шуд ҳадаф ҷони Камолӣ пеши он абрӯкамон,
Новаки мижгони шӯхи қотилам омад ба ёд.

* * *

[1] **Наср-фатҳу зафар, нусрат.**

То ба хотир сафҳаи рӯи туам омад ба ёд,
Навбаҳори ҳусни некӯи туам омад ба ёд.
Мисраъи барҷастаи рухсорро кардам рақам,
Хатти сабзу холи ҳиндуи туам омад ба ёд.
Бехудӣ таҳрима бастам, саҷдадори хум шудам,
Гӯшаи меҳроби абрӯи туам омад ба ёд.
Сохтам тафсир рамзи ояти «Вал-лайл»-ро,
Турраи шабранги гесӯи туам омад ба ёд.
Бардамид аз мазраъи ҷон наргисистони ҳаё,
Чашми кофаркеши ҷодуи туам омад ба ёд.
Дод устоди муаллим дарси Тӯборо сабақ,
Нуктае аз қадди дилҷӯи туам омад ба ёд.
Ғунчаи дил даста бастам дар адабгоҳи ниёз,
Шарҳи матни сунбули мӯи туам омад ба ёд.
Ояти «Ҷанноту таҷрӣ таҳтиҳал-анҳор» хонд,
Аз риёзи гулшани кӯи туам омад ба ёд.
Назми девони Камолӣ мадҳи тори зулфи туст,
Аз мади ҳар мисраъаам бӯи туам омад ба ёд.

* * *

Биё, биё, ки ба дил шавқи бокамоли ту омад,
Шаби фироқ гузашту навбати висоли ту омад.
Ба кунҷи мадраса баҳсе зи шарҳи рӯи ту хондам,
Ба матлаъи нигаҳам ояти ҷамоли ту омад.
Зи ҳарфи ҳусн ба ҷон баски доштам такрор,
Ба хотирам ҳама шаб дарси қилу қоли ту омад.
Рақам задам зи баёзи рух намунаи ораз,
Сари қалам бишикаст чун ба хатту холи ту омад.
Ба вақти ташналабиям ба водии ҳиҷрон,
Ба коми ҷону дилам чашмаи зулоли ту омад.
Ба тоқи қуббаи афлок табли ид задам,
Ба боми қасри ҷаҳон ҷилвагар ҳилоли ту омад.
Гудохтам дили хеш, сафо расид ба мавҷ,
Шудам чу оина, то ҳусни бемисоли ту омад.
Шабе ба гулшани тафсир гардӣ аёнам,
Рамузи маънии Қуръон нуъути ҳоли ту омад.
Шароби завқи ту нӯшид чашми авҷи Камолӣ,
Ба арзи бехудӣ мустағрақи хаёли ту омад.

*      *      *

Ногаҳон шӯхи паризод омад,
Ҷилвагар бо қади шамшод омад.
Он бути лабшакари пистадаҳан
Сояи гулшани илҳод омад.
Пур зи ошӯб сари зулфайнаш
Чун дили ғамзада барбод омад.
Баҳри қатлам санами офати ҷон
Бар кафаш ханҷари пӯлод омад.
Банд-бандам чу най аз ҳаҷру фироқ
Ҷарасу нолаву фарёд омад.
Аз тараҳҳум бути ширинҳаракот,
Бар сари болини Фарҳод омад.
Теғи хунрези ҷафо бар сари даст
Кинавар қоҳири ҷаллод омад.
Аз нахустин дили садпора зи шавқ
Ҳадафи новаки бедод омад.
Рухсати ишқ зи устоди азал
Ба Камолӣ хати иршод омад.

*      *      *

Кашидам соф дурди бода, майнӯш инчунин бояд,
Зи худ рафтам, ду олам масту мадҳуш инчунин бояд.
Ҳубобосо ба ҳар мавҷе бинои хонае дорам,
Қарорам нест як ҷо, хонабардӯш инчунин бояд.
Чу анқо аз хаёли халқ берун он қадар ҷастам,
Ба хотирҳо намеоям, фаромӯш инчунин бояд.
Ману шӯхе, ки базми иттиҳод аз рӯзи аввал буд,
Ба якрангӣ баромад, гуфт: оғӯш инчунин бояд.
Майи ваҳдат ба ҷомам рехт чандоне, ки нӯшидам,
Саропо маҳв чун оина беҳуш инчунин бояд.
Хуми хумхонаи завқам, талотумафкани шавқам,
Қиёматзори пурошӯб дар ҷӯш инчунин бояд.
Ба хизмат гашта маъмурам, агарчи аз дарат дурам,
Ғуломи хоназодам, ҳалқадаргӯш инчунин бояд.
Макун бо аҳли нокас фош, сирри дил ниҳон медор,
Пур аз маънӣ чу нақши лафз хомӯш инчунин бояд.
Камолӣ, боз гӯ, к-аз ҷоми ваҳдат маст афтодӣ,

Кашидам соф дурди бода, майнӯш инчунин бояд.
* * *

Дӯш ҷоме зи майи ваҳдати зотам доданд,
Аз ҳама касрати офоқ наҷотам доданд.
Нашъаи ратли гарон бехабарам кард зи худ,
Баски роҳи қадаҳи нурсифотам доданд.
Аз раҳи водии зулмот баровардандам,
Хизрсон бурда аз он оби ҳаётам доданд.
«Харра Мӯсо» задам, аз хеш бурун рафтам зуд,
Бар сари Тур таҷаллиламаъотам доданд.
Лайлат-ул-қадр намуданд ба ҳангоми саҳар,
Беамал будам, аз ин тоза баротам доданд.
Бурданд аз маркази сифлӣ сӯи улвӣ чандон,
То ба ҳадде, ки ба чандин дараҷотам доданд.
Сирри тавҳид намуданд ба хилватгаҳи хос,
Зикри таҷрид ба тафриди нукотам доданд.
Аз азал собиқае буд ба ӯ якрангӣ,
З-ин сабаб боз бар он тарҳ суботам доданд.
Тӯтии килки Камолӣ шакарафшони баён,
Баски дар коми вай аз қанду наботам доданд.
* * *

Масти ҷоми тавҳидам, гумраҳон намедонанд,
Боданӯши ирфонам, инсу ҷон намедонанд.
Майкаши рухи ёрам, восиле ба дилдорам,
Аз азал гирифторам, муслиҳон намедонанд.
Сокини хароботам, дур аз муноҷотам,
Пур зи нури томотам, мардумон намедонанд.
Мутриби нафастангам, сози ишқ дар чангам,
Хушнаво, хушоҳангам, ҳамдамон намедонанд.
Мӯсиям ба Тури дил роздори пинҳонӣ,
Гуфтугӯ ба ӯ дорам, маҳрамон намедонанд.
Дар сарири султонӣ ноиби Худовандам,
Амри «аъдилу» дорам, мункарон намедонанд.
Нуктаи Камолӣ нест, мавҷи қулзуми ғайб аст,
Кашфи сирри ин маънӣ ҷоҳилон намедонанд.
* * *

Номи он кас гӯ, ки нӯҳ чархи фалак бунёд кард,

Кофари садсоларо аз банди куфр озод кард.
Номи он кас гӯ, ки дилҳои пур аз андӯҳро,
Аз навозишҳои гуногуни лутфаш шод кард.
Номи он кас гӯ, ки дар ҳангоми ҷуду маърифат,
Баҳри Мӯсои Калимаш Хизрро устод кард.
Номи он кас гӯ, ки аз фазлу инoёту карам,
Одами хушмаърифат аз мушти хок эҷод кард.
Номи он кас гӯ, касеро «ё Самад» гуфт аз хато,
Дод лаббайкаш ҷавоб, ҳафтод бораш ёд кард.
Номи он кас гӯ, ки аз ҳайбат камоли қудраташ,
Бар кафи Довуд чун мум оҳану пӯлод кард.
Номи он кас гӯ, талотум кард баҳри раҳматаш,
Ояти «Ло тақнату» хонд, осиёнро шод кард.
Номи он кас гӯ, ки меҳраш ошиқу маъшуқро,
Он якеро ном Ширин, дигаре Фарҳод кард.
Номи он кас гӯ, ки қаҳраш Балъами Боъурро,
Кард аз имон буруну ибрате бедод кард.
Номи он кас гӯ, ки кард бегонагонро ошно,
Саҳраи Фиръавнро аз як назар имдод кард.
Номи он кас гӯ, ки дарёҳои фазлаш ҷӯш зад,
Дар сухан гуфтан Камолиддини худ иршод кард.

* * *

Ёд бод, он ки нигоҳат ба ниҳон бо мо буд,
Хубии ҳусну ҷамоли ту зи мо пайдо буд.
Ёд бод, он ки май аз соғари соқӣ хӯрдам,
Бехуду мастии афзунам аз он пайдо буд.
Ёд бод, он ки сари зулф шикастӣ ногоҳ,
Дар сари кӯи ту сад гуна аҷаб ғавғо буд.
Ёд бод, он ки ману дӯст ба сар мебурдем,
Шаби хилват, ки дар он ҳусни ҷаҳоноро буд.
Ёд бод, он ки тамошогаҳи ушшоқи хароб,
Манзари ҷилвагаҳи он санами зебо буд.
Ёд бод, он ки дар оғӯш ба сад шӯхиву ноз,
Бути бедодгаре роҳзани дилҳо буд.
Ёд бод, он ки шаби васл ба хилватгаҳи роз,
Дар миёни ману маъшуқ ҳикоятҳо буд.
Ёд бод, он ки хароботии бесомонро,

Ҷой дар мартабаи қурбати «ав-адно» буд.
Ёд бод, он ки ба базми тараби бӯсу канор,
Ҳосили коми Камолӣ лаби шаккархо буд.

* * *

Ман он маҳбуби Ҳаққам, нома аз он шоҳ меояд,
Ба пайғоми мани бедил Расулуллоҳ меояд.
Ба ёди гуфтани номаш зи сар то по забон гаштам,
Зи ҳар узвам садои зикри «ё Аллоҳ» меояд.
Чунон лабрези нурам ҳоласон аз партави ҳуснаш,
Ки дар оғӯши ҷонам ҷилвагар он моҳ меояд.
Ба қурби «қоба қавсайн» омадам, дар гуфтугӯ будам,
Нидои «изнӣ миннӣ» з-он бути дилхоҳ меояд.
Ба хилватхонаи «юҳбибкумуллоҳ» то шудам сокин,
«Ало махмур адир каъсан минал-ийёҳ» меояд.
«Сақоно раббуно фил-базми шавқун айюҳал-ғофил»,
Ба ҷомам дамбадам аз бодаи огоҳ меояд.
Ба он маҳбуби беҳамто, Камолӣ, бандагӣ дорам,
Аз он рӯ бар забонам «анта ё мавлоҳ» меояд.

* * *

То қадаҳ ба базм омад, шишаҳо ғазалхон шуд,
Шӯру мастиҳо гул кард, даври боданӯшон шуд.
Мӯҳтасиб чу дид аз дур ринди лоуболиро,
Маст бар сари бозор, рафта гӯша пинҳон шуд.
Пири майфурӯш омад, дӯш бо рухи гулгун,
Бо гурӯҳи сармастон ҷоми мул дар афғон шуд.
Сокини хароботӣ, то ба пои хум биншаст,
Хиште аз сараш бардошт, мавҷи бода урён шуд.
Соз дар хурӯш омад, нолаҳо ба гӯш омад,
Ҳусни гул ба ҷӯш омад, андалеб хушхон шуд.
Мутрибони базморо чангу удро дарҳам зад,
Зеру бам намудандаш, моҳу зӯҳра рақсон шуд.
Нӯҳ фалак пайи хизмат, аҳди Осафи сонӣ,
Хотаме ба чанг омад, мӯҳра бо Сулаймон шуд.
Муддаъӣ чу худро дид, аз инод сар бар зад,
Теғи ғайбаш зад гардан, хору зору яксон шуд.
Эй Камолӣ, гар мастӣ, гӯй агар аз худ растӣ,
То қадаҳ ба базм омад, шишаҳо ғазалхон шуд.

* * *

Ҳар кӣ аз азал ин ҷо то ба худ намоён шуд,
Ҳамчу риштаи кокул гирди сар парешон шуд.
Ғунчасон гиреҳи дил аз ҳуҷуми савдояш,
Қатра зад дур(р)и ашкам, тукмаи гиребон шуд.
Дар баҳори навмедӣ ханда шоми ҳаҷрам зад,
Субҳ равнақе бинмо, шед рафту пинҳон шуд.
Гирди домани васлаш кай гирад кафи дастам,
Пардаи ҳиҷоби раҳ хори ин биёбон шуд.
Килки ҷон ба ҷӯш омад, шуд варақ чаманоро,
Ҳусни гул рақам кардам, булбулам дар афғон шуд.
Домани саҳаргоҳӣ ин нидо ба гӯшам зад:
Ҳаққи «ақрабу минка» хез вақти сомон шуд.
Соқии аластам дӯш бодаро ба базм овард,
Мавҷ зад майи гулгун, шиша масту ҳайрон шуд.
Нахли Айманам гул кард, бодаи «ано аллоҳ»,
Мӯсиям ба ҷон нӯшид, то зи хеш урён шуд.
Гуфтаи Камолӣ нест, файзи олами ғайб аст,
Ҳар кӣ шуд аз ин мункир, рафт аз ҷуҳудон шуд.

* * *

Зи шавқ дил битапад, беқарор гардаду нолад,
Ба пойбӯс расаду ҷонсупор гардаду нолад.
Тилисми нағмаи девонагӣ ба замзама бастам,
Ҷунун ба ҳалқаи занҷир тор гардаду нолад.
Ба маҷлисе, ки рухи шӯхи гулъизор набошад,
Ба каф қадаҳи гул барқи шарор гардаду нолад.
Ҷамол парда кушояд ба чашми зоҳиди худбин,
Ба кунҷи савмаъа хилватгузор гардаду нолад.
Шукуфт ғунчаи уммед дар камоли алтофат,
Ҳазор бар сари ҳар шохсор гардаду нолад.
Чу ёр бар сарам омад ба азми ёрнавозӣ,
Назар кунад сӯи ман он нигор гардаду нолад.
Раги бинои вуҷудам ба тори риштаи ҷонам,
Ба сози чанги дилором тор гардаду нолад.
Ба ёди рӯи гули худ фиғон ба чарх расондам,
Чу булбуле ба фасли баҳор гардаду нолад.
Навои нолаи ҷонсӯзу дардноки Камолӣ,

Ба гӯши ҳар кӣ расад, хору зор гардаду нолад.

* * *

Соғари май бе ту бар каф пур зи барқи нола буд,
Риштаи шамъи ҷунун аз пунбаи табхола буд.
Ҷода гулгун шуд зи ранги тифли ашки ҳасратам,
Дар даруни маҳди чашмам баски ӯ яксола буд.
Тоби барқи ҳусн дорад Тури Синои дилам,
Баски анвори таҷаллӣ сӯи ҷон имола[1] буд.
Чун намирад маънии рангин зи девони сухан,
Лафзи назми дил рақам аз хуни чашми нола буд.
Сар кашид аз ҷӯйбори табъ нахли шӯълаҳӯ,
Решаи ӯ аз раги ёқуту барги лола буд.
Меҷаҳад оташ зи ҳар мадди ҳуруфи мисраъам,
Гармии гуфтори мо чун шӯълаи ҷаввола буд.
Пур шуд оғӯши Камолӣ з-он бути хиргаҳнишин,
Баски аз мадди нигаҳ бар гирди моҳаш ҳола буд.

* * *

Дил дар фиғону чангу рубобаш касе надид,
Ин базмро ба ғайри кабобаш касе надид.
Дорад сафои оинаам акси сурате,
Монанди ӯ ба зери ниқобаш касе надид.
Аз мумкинот ваҳдати воҷиб субут ёфт,
Хуршедро ба рӯи ҳиҷобаш касе надид.
Таҳсили илми бехудию дарси ишқро,
Дар мактаби замона китобаш касе надид.
Маҳрамсарои хонаи ободи ҷону дил,
Таъмири аввал аст, харобаш касе надид.
Қаллошу ринду масти мудом аст аз азал,
Дар зери чарх ранги шаробаш касе надид.
Даштест роҳи ишқ пурсӯзу ҳавлнок,
Ҷуз мавҷхези баҳри саробаш касе надид.
Пайдо магар, ки гавҳари афсаршинос нест,
Ин тарз в-арна дурри хушобаш касе надид.
Ҷону дили Камолии нозукхаёлро,
Файёз файз рехт, ба хобаш касе надид.

[1] **Имола-майл додан.**

* * *

Ку махмури шабона аз кафи ман ҷом бардорад,
Зи асрори майи саршори гулгун ком бардорад.
Касе анқосифат аз бенишониҳо нишон созад,
Ба ваҳдат гум кунад худро, зи касрат ном бардорад.
Агар нӯшад зи роҳи бехудӣ як қатрае зоҳид,
Ба пои хум нишинад, аз ду олам гом бардорад.
Чу солик нафйи ҳодис созаду исботи «иллаллоҳ»,
Яқинҳо гул кунад, дил аз шаку авҳом бардорад.
Ба беранги барорад сар, ба хилватхона биншинад,
Забону дил ба фикру зикри субҳу шом бардорад.
Ба сад бурҳон зи сирри «лӣ маъаллоҳ» мешавад огаҳ,
Агар якборагӣ дилро зи хосу ом бардорад.
Раҳад з-ошӯби даврону шавад пири хароботӣ,
Камолӣ, ҳар кӣ ҷом аз бодаи гулфом бардорад.

* * *

Буте дорам зи шавқи мастияш хомӯш меояд,
Чу маҳ имшаб даруни ҳола дар оғӯш меояд.
Ба ёди нашъаи базми майи ӯ сахт мегирям,
Зи мавҷи ранги ашкам шӯхи гулгунпӯш меояд.
Чунон кардам рақам як мисраъи барҷаста аз хӯяш,
Дур(р)и маънӣ зи девони сухан дар гӯш меояд.
Зи бас масти майи наззораи чашми парӣ гаштам,
Хуми ҳайрат зи амвоҷи нигаҳ дар ҷӯш меояд.
Ниҳад рухсор бар оинаи зону барои хоб,
Зи мижгонаш садои рафтани аз ҳуш меояд.
Ба дастам дод соқӣ бодаи гулгуни беғашро,
Ба гӯшам аз лабонаш бонги нӯшонӯш меояд.
Рақам кардам зи хуни дил, Камолӣ, назми рангине,
Варақ аз ранги шеърам дар назар гулпӯш меояд.

* * *

Ваҳшати мо аз нигоҳи шӯх афзун мешавад,
Сад биёбон аз рами оҳуи Маҷнун мешавад.
Баски кардам гиряи хунин ба роҳи омадаш,
Панҷаи ӯ аз ҳинои ашк гулгун мешавад.
Мегудозад қимати гул аз хаёли фитратам,
Аз тасаввур нахли қаддаш сарви мавзун мешавад.

Мекунам таҳрир лафзи мисраъи барҷастаро,
Маънии рангин зи ҳар як нукта берун мешавад.
Дар тафаккур кардани рамзи дақиқаш як нафас,
Қомати нозукхаёлон ҳалқаи нун мешавад.
Кардаам ҷорӣ ба ҷӯи мистари девони хеш,
Шири софӣ рафта-рафта баҳри ҳомун мешавад.
Назми пурдарди Камолӣ шуд рақам аз ҷону дил,
Номаамро ҳар кӣ хонад, дида пурхун мешавад.

* * *

Бе ту сози ишрати мо сахт беоҳанг буд,
Қомати мизроб дар ҳар парда азбас танг буд.
Вусъате чандон надорад базмгоҳи иттиҳод,
Чун саводи чашми мӯрон машраби мо танг буд.
Баски эҷодам ҳубобосост аз камфурсатӣ,
Шишаи моро зи амвоҷи ҳаводис санг буд.
Бар забони ҳар яке ҷуз ҳарфи таҳқиқаш нарафт,
Дар сафи мазҳабшиносон сулҳ айни ҷанг буд.
Омаду рафте, ки мебинӣ ба ҷуз як чиз нест,
Ҳастии мо мӯҳраҳои ҳуққаи найранг буд.
Мазҳари зот аст пайдову зуҳур андар бутун,
Ҳарчи пиндорӣ ба ғайр аз ӯ хаёлу банг буд.
Миннати сайқал, Камолӣ, нест миръоти маро,
Аз азал оинаам пок аз ғубори занг буд.

* * *

Он шӯхи ҳуққабоз дари ҳуққа боз кард,
Найрангмӯҳра рехт, аз он кашфи роз кард.
Як ҷилва карду бурд дилу ҷони беқарор,
Чашмаш ба ғамза фитна шуду гашти ноз кард.
Маҳмуд аз карашмаи маъшуқи дилфиреб,
Рухсори хеш бар кафи пои Аёз кард.
Зоҳид надид ҳусну ҷамоли ту беҳиҷоб,
Биштофт сӯи қиблаву рӯ дар намоз кард.
Машшота дид холу хату оразу зақан,
Дар печутоб даст ба зулфи дароз кард.
Бепарда рух намуду рух дар ниқоб зад,
Ҷону дилам ба бӯтаи ҳиҷрон гудоз кард.
Аз як нигоҳи маст чапандози комҷӯ,

Дилдодагони шавқ зи худ сарфароз кард.
Мутриб наво ба нағмаи ҷонсӯз дарфиканд,
Рӯи дилам ба ҷониби тори ниёз кард.
«Ушшоқ» хонд ба уд Камолӣ зи баъди «Рост»,
Сайри «Ироқ» тай шуду азми «Ҳиҷоз» кард.

* * *

Рангу бӯ ҳусни дилафрӯзи ту аз гул заду бурд,
Шевани ман асар аз нолаи булбул заду бурд.
Омад он муғбачаи шӯх ба сад ишваву ноз,
Ба нигоҳе зи дилам сабру таҳаммул заду бурд.
Нафйи касрат бинамуд, ёфт иқомат бурҳон,
Ваҳдат исбот шуду даври тасалсул заду бурд.
Ғунчасон пайки дилам кард фиреби нигаҳаш,
Фикри сомон зи кафам навхати Кобул заду бурд.
Базм бе бода, ҳарифон ҳама махмур аз он,
Гардиши наргиси масташ қадаҳи мул заду бурд.
Доштам шавкати Ҷам аз пайи ғорат омад,
Сеҳри чашми сияҳаш тахти таҷаммул заду бурд.
Сӯям андохт зиё аз нигаҳ он шоҳ чунин,
Дилам аз даст ба найрангу тағофул заду бурд.
Ғунчаи назми Камолӣ зи адам шуд эҷод,
Ранги мазмун зи гули Толиби Омул заду бурд.

* * *

То баногӯши қадаҳ рангин нашуд,
Соқиямро майкашӣ оин нашуд.
Мавҷ баҳри ноумедӣ мезанад,
Завроқам бишкаст, рафъи кин нашуд.
Мурғи ҷонам саъй дар парвоз кард,
Шоҳбози соъиди симин нашуд.
Он қадар ваҳшат намудам аз худӣ,
Ром бар ман рашки ҳури ъин нашуд.
Сели ашкам рехт дар коми садаф,
Қатраам гавҳар шуду дилшин нашуд.
Бесукун рондам пиёда дар бисот,
Тинаи гардидае фарзин нашуд.
Андалебосо нигоҳам дар чаман,
Нолаву фарёд зад, гулчин нашуд.

Кард чандоне, ки қатли ошиқон,
Дасти шамшери ҷафо хунин нашуд.
Баст зуннори муҳаббат дар камар,
Шӯхи тарсозодаам бедин нашуд.
Комҷӯ гардид Фарҳодам зи шавқ,
Бӯса аз лаъли лаби Ширин нашуд.
Умрҳо сайқал, Камолӣ, мезанам,
Мазҳари оинаам худбин нашуд.

* * *

Дафтари дилро сабақ бар хештан хоҳем кард,
Ҳуш дар дам, хилват андар анҷуман хоҳем кард.
Соликони ишқро бошад назарҳо бар қадам,
Мо ба таҳқиқ ин сафарро дар ватан хоҳем кард.
Кашфи сирри маънии мубҳам зи лафзу соз бин,
Дар сари ҳар парда изҳори сухан хоҳем кард.
Орзу дорем, то ҳамранги ёри худ шавем,
Охир ин парвонаро шамъи лаган хоҳем кард.
То ба кай нолем бар ёди рухи дилдори хеш,
Булбули худро гули саҳни чаман хоҳем кард.
Мо зи Уммон омадем ин ҷо на васфи қатрагӣ,
Хештанро боз баҳри мавҷзан хоҳем кард.
Эй Камолӣ, махзани асрори Ҳаққӣ, боз гӯ,
Дафтари дилро сабақ бар хештан хоҳем кард.

* * *

Бар остони маъшуқ имрӯз мениҳам сар,
Шояд кунад навозиш бо лутфи хеш дилбар.
Маҳрампазир гардад носури захми ҳиҷрон,
Гар бар сарам биёяд аз ноз он санавбар.
Ошӯбу мубталоям, бо дарди бедавоям,
Ранҷури доғи кулфат, савдои ишқ бар сар.
Бар нарди ишқи хубон дарбохтам дилу ҷон,
Чун мӯҳра уфитодам дар пойтахти шашдар.
Шуд зарра дар ҳавояш ҳайрон ба гирди олам,
Зад партави таҷаллӣ бар кӯҳи Тур бингар.
Маҷнуни вақти хешам, Лайлӣ дилам рабуда,
Нахчир шуд рафиқам бо оҳу нола дар бар.
Озода шав, Камолӣ, гарди тааллуқ афшон,

Аз хору хас чу савсан дар зери чархи ахзар.

*　　*　　*

Он рӯз, ки гарм кард дилдор,
Аз оташи ҳусни хеш бозор.
Бигрифт матои ҳар касеро,
Бо гавҳари ман нашуд харидор.
Гуфтам: бирасон ба васл зудам,
Гуфто, ки: ту гӯш сӯи мо дор.
Гуфтам, ки: ба лутфи хеш бинвоз,
Гуфто, ки: карим охири кор.
Кай бо ту расад паёми васлам,
Мансур нагардӣ бар сари дор.
Гуфтам: чӣ бари ту тӯҳфа орам?
Гуфто: ба саҳар ду чашми хунбор.
Гуфтам, ки: давои дарди дил соз,
Гуфто, ки: Камолӣ, сабр пеш ор.

*　　*　　*

Ҷӯям барои хеш масеҳодами дигар,
Дарди дигар, даво зи дигар, марҳами дигар.
Симоби беқарории мо мавҷ мезанад,
Дилро рабуд зулфи сиёҳи хами дигар.
Кас нест иттилоъ зи хилватсарои роз,
Дорам ба базми ваҳдати худ маҳрами дигар.
Азбаски иттиҳод маро буд аз азал,
Дорад рақиби сифла ба худ олами дигар.
Маҷзуби ишқ ҳастии худро ба бод дод,
Бурд офтоб ҷониби худ шабнами дигар.
Оини дилнавозии маъшуқ дигар аст,
Берун кунад зи синаи ошиқ ғами дигар.
Аз шавқи васли ёр, Камолӣ, ба ҳар нафас,
Бо созу нола нағмаи зеру бами дигар.

*　　*　　*

Раҳм бикун ба ҳоли ман, сӯи ман, эй Худо, нигар,
Соз иҷобати дуъо, бар мани мубтало нигар.
Ҷоми «сақои раббуҳум» нӯш кунед аҳли фатҳ,
Шаъшаъаи ҷамолро ошиқи Кибриё нигар.
Нолаи «раббӣ арнӣ»-ро бин зи Мӯсии Калим,

Шеваи «лан таронӣ»-ро аз сӯи ёри мо нигар.
Шабрави ломакон бубин, бар сари Арш зад қадам,
Бар кафи даст гесӯвон, гуфт, ки: эй Худо, нигар.
Монда ба даргаҳи Худо рӯи чу шамси «Ваз-зуҳо»,
Нолаи «умматӣ» ба лаб, наъраи «раббано» нигар.
Ёри нахустро бидон ҳодию афзали умам,
Шайхи муъаззами Араб, садр бубин, сафо нигар.
Ёри дуюм буд Умар, қотили душмани Худо,
Ховари осмони адл, ҳамдами Мустафо нигар.
Ёри савум буд ба ном, булбули гулшани паём,
Ҷомеъи дафтари калом, ҳилм бубин, ҳаё нигар.
Ёри чаҳорумин Алӣ, шери Худою ҳам валӣ,
Гавҳари баҳри маърифат, сарвари атқиё нигар.
Хатм бар ӯст сафдарӣ, бар кафи дасти Ҳайдарӣ,
Бар сари габри Хайбарӣ ханҷари «ло фато» нигар.
Гашта Камолӣ чун сагат, омадаам ба даргаҳат,
Дилбари меҳрубони ман, бар саги худ, биё нигар.

* * *

Зоҳидонро мегудозад худнамоӣ бештар,
Шӯълаи хошок дорад рӯшноӣ бештар.
Мезанад бар чархи гардун ҳиммати олӣ қадам,
Ҳар кӣ дар ин роҳ дорад судапоӣ бештар.
Соликонро нест ғайр аз ҷилваи озодагӣ,
Мекунад бар дӯши худ далқи гадоӣ бештар.
Ҳаст ошиқро зи шаб то субҳ озодӣ ниёз,
Бо ғубори остонаш ҷабҳасоӣ бештар.
Он ки худро кард пинҳон дар либоси дӯстӣ,
Қатъ гардонид кулли мосивоӣ бештар.
Доғ дорам дар дил аз дасти нигори умри хеш,
Аҳд бо ман мекунад аз бевафоӣ бештар.
Мард бар мақсуди аслӣ дар дами файзи саҳар,
Мерасад аз давлати соҳибдуъоӣ бештар.
Шеванамро мекунам аз ҷон дар гӯши асар,
Ранги Фарҳодам ба худ аз хушнамоӣ бештар.
Баски такроре зи шарҳи ояти «ло тақнату»,
Тарк месозам, Камолӣ, порсоӣ бештар.

* * *

Омад нидо ба гӯшам «ё айюҳал-муддассир»,
Бо фирқаи табаҳкор, гуфто, ки «қум фа-анзир».
Гуфтам, ки: парда бикшо «арнӣ лано ҷамолан»,
«Сабран ҷамил» фармуд, омад нидо, ки «фасбир».
«Лайлан минал-лаёлӣ» базми зи ғайр холӣ,
Изни халифагӣ дод бар тахти «қум фа анзир».
Бо шоҳбози кавнайн дар қурби «қоба қавсайн»,
«Қад қола ҷиъту бил-ҳаққ ирҷиъ лано факаббир».
Ушшоқи масту бебок аз шавқ наъра мезад,
«Сабан илайка муштоқ ё ман лано мусаввир».
Гуфто ба гӯши ҷонам: «Мо айнака маъийяк»,
«Иҷъал» аё талабгор, «қалбик лано фатаҳҳир».
«Иннӣ қарибу минка модаммуқа Камолӣ,
Фӣ маҳфилика шамъун мин нурино мунаввар».

*  *  *

Рамузи ояти ишқи бутони хуштақрир,
Ба ҷуз бараҳмани бедил кӣ мекунад тафсир.
Ба гӯшу ҳуши сияҳмаст хоб кай ояд,
Чу мурғи шавқ зад аз шохсор сад сафир.
Рақам ба сафҳаи авроқи соддалавҳӣ зан,
Ба авҷи рутбаи улвӣ баёни хуштаҳрир.
Зиҳӣ ба рашҳи латифу зиҳӣ забони мақол,
Ба самъи ҳар кӣ расад, мекунад таъсир.
Саҳар зи хоби ғурури адам шудам бедор,
Ба сад карашмагарӣ васли ёр шуд таъбир.
Зиҳӣ фусуни нигоҳу тилисми ҳайратбанд,
Мизоҷи оинаи даҳр мекунад тасхир.
Ба дому дона куҷо сайд мешавад ваҳшӣ,
Зи сояи мижа рам мекунад ба худ нахчир.
Фарангҷилва, нозофарини бадмасте,
Ба ғорати дил дошт рӯзу шаб тадбир.
Забони килки Камолӣ ҷавҳарафшон шуд,
Ҳасуд зад кафи афсӯсу гуфт ҳам такбир.

*  *  *

Раббано отино ило анвор,
Кулли он васли илал-аброр.

Зиднӣ ъилман, нофиъан, кофӣ,
Шофиян, кофиян маъал-осор.
Боз асрори мин ладунӣ деҳ,
Анта мавлоӣ ъолим-ул-асрор.
Дар паноҳат гурез овардем,
Ваҷино раббано ъазобан-нор.
Ло тазарнӣ би водийин сабъин,
Удхулул-ҷанната маъал-аброр.
Мин ҷамиъил-балои вал-амроз,
Кунта антар-раҷибу ё саттор.
Куллу асбаҳтӣ биявмин-нушур,
Ваҷъалинӣ бино мин ахёр.
Хуз биҷатъик ядӣ бивақтин-назъ,
Ё ҷалилул-кариму, ё ғаффор.
Истаҷиб даъвата Камолуддин,
Иннака тасмаъу било такрор.

* * *

Чашмам ба ёди дӯст паридан гирифт боз,
Ҳамчун ғизоли лола чаридан гирифт боз.
Мижгони шӯхи он бути айёри дилнавоз,
Пайконсифат ба дида халидан гирифт боз.
Ҳангоми Тур бода пур аз шӯри оташин,
Аз соғари таҷҷаллӣ дамидан гирифт боз.
Дилро рабуду кард зи мо рӯи худ ниҳон,
Ваҳшинигоҳи шӯх рамидан гирифт боз.
Маҷзуби ҳусни дилбари лайлинигоҳи шӯх,
Маҷнунсифат ба дашт давидан гирифт боз.
Аз дарди ишқ гашт алифқоматам чу нун,
Қаддам зи бори ақба хамидан гирифт боз.
Дар миҷмари хаёли санам баҳраман залил,
Ҳамчун сипанддона тапидан гирифт боз.
Дар кунҷи узлат аз ғаму аз дуриву фироқ,
Хуни дил аз ду дида чакидан гирифт боз.
Соқӣ дароз сӯи Камолӣ намуд ҷом,
Масти мудом бода кашидан гирифт боз.

* * *

Мурдам аз дарди ту андар дил асар дорам ҳанӯз,

Оташи савдои ишқат бар ҷигар дорам ҳанӯз.
Нахли умрам шуд хазон, бигзашт айёми баҳор,
Кӯтаҳандешам, ки уммеди самар дорам ҳанӯз.
Новаки нозаш гирифта ҷой андар мағзи ҷон,
Соддалавҳӣ бин, ки пеши рух сипар дорам ҳанӯз.
Дар ҳавои сарви қаддаш дину дил барбод шуд,
Орзуи қомати он симбар дорам ҳанӯз.
Солҳо шуд ман гузорам ғӯта дар дарёи ашк,
Сӯзи ҷон бингар, ки андар дил шарар дорам ҳанӯз.
Мардуми чашмам маро дар хоку хун афкандааст,
Боз аз мижгони хунрезаш ҳазар дорам ҳанӯз.
Ман зи дасти дилбари ошиққуши айёри худ
Шӯълае дар сина монанди сақар дорам ҳанӯз.
Зулфи шабрангаш Камолиро зи по афкандааст,
Чанд тоқи абрӯяш мадди назар дорам ҳанӯз.

* * *

Боданӯши ҷоми тавҳидам, зи ҳолотам мапурс,
Дарси ишқу бехудӣ хондам, зи қолотам мапурс.
Ҳодии роҳи яқинам, пешвои авлиё,
Раҳнамои кӯи ишқам, аз мақолотам мапурс.
Зоҳид огаҳ нест аз ҳолам, чӣ дорад гуфтугӯ,
Ринди бепову сари дашти хароботам, мапурс.
Муддаъӣ ҳар дам ба худ аз зӯҳду тақво дам занад,
Майкаши ҷоми сабӯҳам, аз камолотам мапурс.
Шайхию саҷҷодабардӯшӣ ба дурде шуд гарав,
Майпарасти базми шавқам, аз кароматам мапурс.
Дарси илми «мин ладунӣ» медиҳам ҳар дам сабақ,
Шарҳсози дафтари ишқам, зи оётам мапурс.
Ҳарчи мегӯям, Камолӣ, файзи анвори Ҳақ аст,
Восили дидори ёрам, шатҳу томотам мапурс.

* * *

Паёми шӯхи бепарво, парипайкар, бути бедодгар, дил бурд аз ҷояш,
Ситамгар, нозпарвар, симғабғаб, офати ҷон наргиси бедоди яғмояш.
Фарангизода бадмасте, ҷафооин гуландоме, ки ман дорам гирифторӣ,

Ду олам рафт аз худ бесару по чун ду зулфи анбарин афтод
дар пояш.
Қиёматчилва, майнӯше, қабои ноз бар дӯше, баҳористон
ҳамоғӯше,
Камонабрӯ, чапандозе, ки дилдӯз аст тири новаки
мижгони гирояш.
Назокат дастгоҳи ҳусни хубӣ дар чаманзори латофат
ранги шӯхӣ зад,
Ба ҳайрат рафтам аз худ софии оина гаштам, то шудам
маҳви тамошояш.
Малоҳатро сабақ медод гуфтораш ба мактабхонаи
таълими доной,
Ҳаёомӯз тамкини бараҳманкеш дар мазҳаб, адабэҷод
имояш.
Гули худрӯ, парешончаъдгесӯ, оташинхӯ вазъи ҳусни ӯ,
Нигаҳро он қадар ҷуръат куҷо, наззора андозад бар
аъзояш.
Навиштам ашки гулгун, сӯзиши ҷон, нолаи пурдарди дил,
оҳи саҳаргоҳӣ,
Зи мижгони қалам хун мечакад мазмуни рангини Камолӣ
сарфи иншояш.

* * *

Афрӯхт дар чаманзор рухсори ёр оташ,
Андохт дар дилу ҷон он гулъизор оташ.
Ҷӯшид мағзи Мансур аз шавқу завқ дар хеш,
Зад шӯълаи анал-ҳақ дар чӯби дор оташ.
Дар гӯши ҷони Мӯсо омад нидо: «Аналлоҳ»,
Нахли риёзи Айман овард ёр оташ.
Ранги ҳино гирифта аз қатли бегуноҳон,
Аз хуни ошиқон шуд дасти нигор оташ.
Дил гашт хун зи ҳаҷрат, аз ҳар мижа фурӯ рехт,
Мекард ашки гулгун ҷайбу канор оташ.
Маҷнун ба нола омад, бо дидаи шафақгун,
Шуд ранги лола дар дашт, дар кӯҳсор оташ.
Даври нафиру афғон гирди замона бигрифт,
Аз нолаи ҷигартоб шаҳри Бухор оташ.
Тӯфонсиришки чашмам мерехт сели хуноб,

Дар ҳар диёр афтод мавҷи шарор оташ.
Ҳар мисраъи Камолӣ аз барқи оҳи ҷонсӯз,
Марқуми дафтар омад, як шӯълабор оташ.

* * *

Аз мавҷи дуди оҳам арзи нишона оташ,
Дар сина ҷӯш дар ҷӯш дорад забона оташ.
Мезад шарора аз дил, сад шӯъла дар биёбон,
Шуд кӯҳу дашту саҳро, аҳли замона оташ.
Бурқаъ зи рух барафканд дар анҷуман ба як бор,
Зад ҳусни оламоро андар миёна оташ.
Ҷонҳо ба дод омад аз ишқи офиятсӯз,
Афтод бемуҳобо дар ҳар карона оташ.
Хилват гирифтам аз худ, шистам ба гӯшаи дил,
Сар зад чу барқ ногоҳ аз кунҷи хона оташ.
Шамъи ҷамоли ҷонон дар маҳфилам барафрӯхт,
Афканд дар дилу ҷон ёри ягона оташ.
Тухми умед киштам, ҳосил нагашт ҷуз дард,
Дар мазраъи вуҷудам шуд обу дона оташ.
Шоҳон кунанд ҳар ҷо ганҷу дафина аз зар,
Пинҳон ба миҷмари дил чандин хизона оташ.
Фаввора зад, Камолӣ, шӯъла зи ҳар буни мӯ,
Мурғи самандари дил кард ошёна оташ.

* * *

Роҳ ба сар бурдаем, мо ба биёбони хеш,
Маскани худ сохтем, бар дари ҷонони хеш.
Ринди сурохӣ ба даст, бар сари бозор маст,
Нақди ду олам бидод аз кафу сомони хеш.
Зиннати базм омадем, ошиқи хаммор ку?
Ҷоми лаболаб ба каф соқии даврони хеш.
Тозагули нав шукуфт аз чамани табъи мо,
Булбули шӯридаро мисраъи девони хеш.
Шахси фақиру гадо аз назари подшоҳ,
Тахти тааззуз[1] нишаст, гашт чу султони хеш.
Раҳмати омаш нидо, дод, ки «ло тақнату»,

---

[1] **Тааззуз-азиз шудан, гиромӣ шудан, арҷманд шудан. (Фарҳанги Сабо).**

Кофари садсоларо хонд ба имони хеш.
Ҳар кӣ зи худ дур шуд, ҳамчу Халилуллаҳаш,
Кард гулистон бар ӯ оташи сӯзони хеш.
Баҳри амимаш ба ҷӯш зад зи уссот ба дӯш,
Кард гуноҳон бадал бо карам эҳсони хеш.
Лутфи азал баҳри мо хост кашад пардае,
Бар сари уссот зад хаймаи ғуфрони хеш.
Қулзуми ҷӯшаш нигар, кард талотум яке,
Дод ба инъоми ом равзаи ризвони хеш.
Ҳусни парию туюр омада зери нигин,
Бар сари дев оварем тахти Сулаймони хеш.
Аз буни чаҳ баркашем, ном ғуломаш ниҳем,
Боз Азизаш кунем Юсуфи Канъони хеш.
Баҳри Камолӣ бигуфт: омадӣ, хуш омадӣ!
Хони ато барниҳод, кард чу меҳмони хеш.

* * *

Бурд аз ман он бути танноз дӯш
Ақлу ҳушу ақлу ҳушу ақлу ҳуш.
Ҷонам аз шавқи ҷамолаш рӯзу шаб
Дар хурӯшу дар хурӯшу дар хурӯш.
Дод ҷои бошишам дар пои хум
Майфурӯшу майфурӯшу майфурӯш.
Хишти хум бардоштам, аз ҷон шудам
Боданӯшу боданӯшу боданӯш.
Соғари саҳбои гулгун бар кафам
Шуд ба ҷӯшу шуд ба ҷӯшу шуд ба ҷӯш.
Омадам сӯи хароботи муғон
Ҷандапӯшу ҷандапӯшу ҷандапӯш.
Муддаъӣ аз гуфтаи беҷои худ
Шав хамӯшу шав хамӯшу шав хамӯш.
Рамзи асрор аст ҳар як мисраъам,
Соз гӯшу соз гӯшу соз гӯш.
Бехуду мастам, Камолӣ, чун шудам
Дурднӯшу дурднӯшу дурднӯш.

* * *

Хушо шаҳри Бухоро бемисолаш,
Худовандо, нигаҳ дор аз заволаш.

Зи Регистону ҷамъи байни тоқайн,
Ҳамеша файз меорад шамолаш.
Ба ҷӯю ҳавзи лабрезаш назар кун,
Аз оби Кавсар аст, оби зулолаш.
Зи сарҳавзаш ҳар он кас об нӯшад,
Шифо ёбад зи ранҷи моҳу солаш.
Ба ҳар як раста пур аз аҳли дониш,
Зи аҳли илму ҳам соҳибкамолаш.
Зи шарри фитна эмин дор, ё Раб,
Ба ҳаққи Ҳазрати Мири Кулолаш.
Ба ҳаққи Шоҳ Нақшбанд пайрави ӯ
Балоҳоро бигардон поймолаш.
Кунад ушшоқро ҳайрон ба як дам
Бутони дилкаши соҳибҷамолаш.
Бухороро Бухоро ҷой хуш бод,
Мабодо дур аз пеши хаёлаш.
Ба тавсифаш наёяд рост таҳрир,
Забони килки шаккаррез лолаш.
Камолӣ, тӯтиё бар дидаҳо кун
Ғубори хоки пои аҳли ҳолаш.

* * *

Бар тахти ноз биншаст, рӯзе ки шоҳи ораз,
Карданд ғорати ҷон хайлу сипоҳи ораз.
Дар мулки салтанат зад табли асоси давлат,
Соид ба тораки арз тарфи кулоҳи ораз.
Зад хайма аз ҳад афзун, хуршедваш ба гардун,
Бартар зи ҷумла ашё шуд иззу ҷоҳи ораз.
Дидам даруни хиргоҳ, то моҳи рӯи ҷонон,
Аз шавқ ҳола бастам бар гирди моҳи ораз.
Кардам ҳадаф дили хуш дар шасти дасти новак,
Шояд расад ба ҷонам тири нигоҳи ораз.
Аз нозу аз тараҳҳум созад назар ба сӯям,
Чун сайди нимбисмил афтам ба роҳи ораз.
Ҷону дили Камолӣ аз дарди фурқату ҳаҷр
Фарёду нола мезад, шуд додхоҳи ораз.

* * *

Оинае, ки акси ҷамоли ту дид соф,

Дар ҳайрат аст, то дами ҳашр бехилоф.
Ҷорӣ зи тори ҳар мижа хуни ҷигар маро,
Азбаски кард новаки нози ту вошикоф.
Эҳром бастам аз ҳарам каъбаи азал,
Ҳастам ба гирди кӯи ту з-он рӯз дар тавоф.
Аз рӯзи аҳд, яъне «аласту бираббикум»
Бо давлат ҳамнишинаму бо хасм дар масоф.
В-арна набуд ҷой маро дар ҳарими васл,
Бо дӯст ҳамнишинаму бо хасм дар масоф.
Бар остони дӯстии ту аз сари вафо
Лайлу наҳор сар ниҳода чу «син»-у «гоф».[1]
Сирри ниҳонӣ баски маро гашт ошкор,
Кардам аз ин сабаб сухане чанд бегизоф.
Ринди шаробхораму қаллошу майпараст,
Миръоти ҳусни ӯяму медон, ки нест лоф.
Бо коми дил, Камолӣ, расидам зи азби шавқ,
Шуд раҳнамун ба кӯи ҷунун «ъайн»-у «шин»-у «қоф».[2]

* * *

Бурд аз дилам шикебо он гулъузори Чуқмоқ,
Азбаски ҷилвагар шуд шӯхи нигори Чуқмоқ.
Зад шӯълаи яқинам, месӯхт занну кинам,
Шуд раҳнамои динам, шамъи мазори Чуқмоқ.
Афтодаву ҳазинам, чун соя бар заминам,
Умрест инчунинам дар раҳгузори Чуқмоқ.
Он муршиди ягона, акмалтари замона,
Соҳибқирони даврон, қутбу мадори Чуқмоқ.
Носут як хиромаш, мулки малак мақомаш,
Лоҳут сайри бомаш, ҳам шаҳсавори Чуқмоқ.
Омад Камолӣ, эй пир, гардан ба тавқу занҷир,
Бо сад ҳазор тақсир сӯи диёри Чуқмоқ.

* * *

Оҳ кашам, оҳ-оҳ, аз ҷигари чок-чок,
Нола кунам ҷонгудоз аз дили пурдарднок.

---

[1] **«Син»-у «гоф»-яъне калимаи саг, ки дар хати форсӣ аз ин ду ҳарф иборат аст.**
[2] **«Ъайн»-у «шин»-у «қоф»-яъне, калимаи ишқ, ки дар хати форсӣ аз ин се ҳарф иборат аст.**

Бодаи хум ҷӯш кард, нашъа дуболо гирифт,
Шоҳиди май наъра зад, дар раги ҳар барги ток.
Мутриби дил зад наво, нағма намуд ғамзудо,
Ҳушрабо шуд фиғон бар лаби ҳар зарра хок.
Шавқ ба парвоз шуд, барбату най соз шуд,
Хонд зи «Ушшоқ»-у «Рост», гашт муғаннӣ ба «Рок».
Фурқату ҳиҷрон гудохт чашму тани лоғарам,
Чашми тараҳҳум кушо, ҷониби ушшоқи пок.
Пеши кӣ созам баён, дод зи дасти ту дод,
Ҳамчу мане сад ҳазор мурд ба дашти ҳалок.
Хомаи ишқам намуд сархати ҳуснат рақам,
Нест ба лавҳи дилам нақши дигар мосивок.
Ошиқи ҷонбозро вирди забон ин калом,
«Анта ҳабибӣ таъол қалбӣ рӯҳӣ фидок».
Дошт Камолӣ ба хеш машқи тараннум дигар,
Оҳ кашам, оҳ-оҳ, аз ҷигари чок-чок.

* * *

Эй мубтадӣ, бинеҳ сар бар остони Кобул,
Шаб то ба рӯз чун саг шав посбони Кобул.
Рафтам ба тарфи гулшан, гулҳо шукуфта дидам,
Хуштар маро наёмад ҷуз арғувони Кобул.
Дидам нигори гулпӯш, мезад ба худ аҷаб ҷӯш,
Кай оварам дар оғӯш мӯи миёни Кобул.
Дар хилватам саҳаргоҳ, омад сафири Аллоҳ,
Гуфто, ки: бош огоҳ аз маҳвашони Кобул.
Бепарда ҷилвагар шуд, омад ба ноз биншаст,
Бар тахти дилрабоӣ шоҳи ҷаҳони Кобул.
Фархунда мақдами ӯ шуд бар бисоти ҳастӣ,
Анвори файзи Ҳақ ёфт доруламони Кобул.
Дил бурд аз ман он шӯх, баргашту қасди дин кард,
Бисёр дилфиреб аст, нози бутони Кобул.
Дар васфи он гули рӯ, дар печи сунбули мӯ,
Чун булбулони хушгӯ, шав ҳамзабони Кобул.
Гар толиби Худоӣ аз сидқи дил, Камолӣ,
Барбанд камар ба хидмат бо меҳмони Кобул.

* * *

Умре ба ҷустуҷӯ шудам дар нишони дил,

Ё Раб, расон ба манзили соҳибқирони дил.
Гум кардаам диле, надонам куҷо шудаст,
Зудам биёр бар сарам посбони дил.
Бар риштаи дарам гираҳ афтоду баста шуд,
Бикшо ба лутф укдаи тори ниҳони дил.
Оинавор бар дили тӯтӣ бигӯ сухан,
Гӯё шавад ба сирри ниҳонӣ забони дил.
Шояд, ки ифтитоҳ шавад, ҳалқае бизан,
Аз рӯи сидқ бар дари шоҳи ҷаҳони дил.
Мурғи шикастаболаму ё Раб, расон маро,
Парвоз мекунам ба сӯи ошёни дил.
Сокин, Камолӣ, бар дари дил бош субҳу шом,
То во шавад ба рӯи ту боби ҷинони дил.

* * *

Ғарибу хору зорам, бо кӣ гӯям?
Дили пурдард дорам, бо кӣ гӯям?
Аламҳои дили афгори худро
Касе ҳаргиз надорам, бо кӣ гӯям?
Зи дасти ғам дилам маҷрӯҳ гашта,
Давои дил надорам, бо кӣ гӯям?
Чу лола доғ бар дил, пой дар гил,
Чу булбул нола дорам, бо кӣ гӯям?
Ба гирдоби фано афтодаам ман,
Зафар набвад ба корам, бо кӣ гӯям?
Падарро шиква аз бахти сиёҳам,
Ба чашмаш ҳамчу хорам, бо кӣ гӯям?
Чу модар хушдил аз нобудани ман,
Зи ҳавли пурғуборам бо кӣ гӯям?
Ба назди хоҳару ёру бародар
Чунон ноэътиборам, бо кӣ гӯям?
Ку он модар маро бо ноз парвард,
Чу гул аз шохсорам, бо кӣ гӯям?
Дар ин ҷо поймоли халқ гаштам,
Зи бахти хеш нолам, бо кӣ гӯям?
Камол аз халқ озоре надорад,
Ба ғайр аз Кирдигорам бо кӣ гӯям?

* * *

Гузашт умр ба ҳирсу ҳаво, надонистам,
Ки қадри умри азизам чаро надонистам.
Дар ин работи ҷаҳон зиндагӣ ба сар кардам,
Ба ғайри ҷурму гуноҳу хато надонистам.
Бубаст қофила маҳмил, ҷарас кунад фарёд,
Чу барқ рафт зи чашмам куҷо надонистам.
Ки гашт сарф ба ғафлат дурӯза муддати умр,
Мадори зиндагӣ ҳамчун ғано надонистам.
Ҷароҳате, ки ушшоқи зору ҳайронрост,
Ба ғайри марҳами рӯяш даво надонистам.
Расид новаки шавқаш зи шасти рӯзи аласт,
Кунун расид ба ҷон корро надонистам.
Камолӣ, рафт ҷавонӣ дигар наояд боз,
Ба тири ҷаста назар дар қафо надонистам.

* * *

Мунаввар шуд ду олам аз рухи некӯи маъшуқам,
Гирифта рангу бӯ гул дар чаман аз рӯи маъшуқам.
Яқинам шуд, халосӣ нест ҷонро аз ходанги ӯ,
Зи бас зеҳ аз нигаҳ дорад камонабрӯи маъшуқам.
Риёзи ҷаннату фирдавс бар худ фахр месозад,
Хиромон гар шавад як дам қади дилҷӯи маъшуқам.
Зиҳӣ найрангу шӯхиву зиҳӣ нозу зиҳӣ мастӣ,
Паи афсунгарӣ шуд наргиси ҷодуи маъшуқам.
Адо як сӯ, нигаҳ як сӯ, табассум ғунчасон як сӯ,
Дил аз ҷо мебарад дар як нафас ин хӯи маъшуқам.
Чӣ имкон аст гардад ром он мушкинғизоли ман,
Ба ваҳшат баски дорад ихтилот оҳуи маъшуқам.
Асирам, беқарорам, бенавоям, дилтапон сайдам,
Фитода то ба доми ҳалқаи гесӯи маъшуқам.
Дабири хома зад таҳрири фоли шӯхии нозаш,
Давон дар кӯчаи мистар ба ҷустуҷӯи маъшуқам.
Камолӣ, зад рақам иншо пур аз дарду пур аз ҳиҷрон,
Магар боди сабо ин нома орад сӯи маъшуқам.

* * *

Тӯфонсиришки оҳам, ҳайратфизои ишқам,
Бар дафтари ҷунунам занҷири пои ишқам.
Чун андалеби сармаст ҷонсӯз нола бар лаб,

Дар гулшани муҳаббат нағмасарои ишқам.
Ринди бараҳнапоям, маснаднишини фақрам,
Султони мулки завқам, зери ливои ишқам.
Майнӯши ҷоми тавҳид, сармасти кӯи таҷрид,
Озодаи ду кӯям, аз бас фанои ишқам.
Ҷазби муҳаббати ман бо дӯст оризӣ[1] нест,
Рӯзи аласт карданд дар бар қабои ишқам.
Маҳҷури дарди фурқат, маҳзуни байт-ул-эҳзон,
Яъқуби ашкрезам, дар ибтилои ишқам.
Дидам ҷуз ӯ ба олам, исмест бе мусаммо,
Дар ҷодаи ҳақиқат то раҳнамои ишқам.
Дар Тури дил чу Мӯсо «раббӣ аринӣ» гуфтам,
Бар гӯши «лан таронӣ» омад нидои ишқам.
Ҳар мисраъам, Камолӣ, як дафтаре зи асрор,
Ҳар бехабар чӣ донад рамзу имои ишқам.

* * *

Биёбонгарди савдоям, баҳори дафтари ишқам,
Ҷунунафзои муштоқам, ба олам сарвари ишқам.
Намедонам парешонӣ, ба ғайр аз ҷӯши ҳайронӣ,
Саропо маҳви дидорам, сипеҳри пайкари ишқам.
Майи ваҳдатнишон дорам, рухи соқӣ аён дорам,
Дамодам медиҳад ҷомам шароби Кавсари ишқам.
Ба базми ломакон имшаб шудам меҳмони ҷонон маст,
Шаҳи кавну макон имшаб ба сар кард афсари ишқам.
Лаболаб ҷоми тавҳидам, шудам сармаст нӯшидам,
Зи олам кард таҷридам, сукуне бар дари ишқам.
Муғаннӣ чангу даф мезад, фалакҳо каф ба каф мезад,
Нишоту айш хуррам шуд ба даври соғари ишқам.
Камолӣ, бодаи Ҳаллоҷ соқӣ рехт дар ҷомам,
Аналҳақгӯи эҷодам, таҷаллипарвари ишқам.

* * *

Таҷаллигоҳи дидорам чу Тури пайкари ишқам,
Саропо меҳри тобонам, бинои мазҳари ишқам.
Тараннумсози афғонам, сиришкомези найсонам,
Ғариқи баҳри Уммонам, аҷоиб гавҳари ишқам.

[1] **Оризӣ-пайдошаванда.**

Ба ҳукми каъбатайни ишқ ба сайри мӯҳрае дорам,
Ба пои тахт ҷо дорам, бисоти шашдари ишқам.
Наям олим, наям ҷоҳил, наям сӯфӣ, наям зоҳид,
Хароботи вилоятро сукуну сарвари ишқам.
Ба шоҳӣ тахти дил шистам, ҷаҳон зери нигинам шуд,
Гирифтам мулки баҳру бар, ки ман Искандари ишқам.
Аҷаб бебоку бадмастам, биё, бин бар кафи дастам,
Ки аз рӯзи аласт омад шуҳуди соғари ишқам.
Камолӣ, ҷоми Мансурӣ ба базми ваҳдатам доданд,
Аналҳақгӯи эҷодам, таҷаллипарвари ишқам.

* * *

Сармасти майи мудоми ишқам.
Майхонанишини ҷоми ишқам.
Дар гулшани ҳусни он дилафрӯз,
Чун булбули маст роми ишқам.
Он тӯтии хушнавои боғам,
Шаккаршикане ба коми ишқам.
Умрест, ки сар ба гармии сайд,
Хуршедшикори доми ишқам.
Камтар набувад зи Ҷабраилаш,
Ҳар кӣ бибарад паёми ишқам.
Эй соқӣ, биёву ҷуръа менӯш,
Деҳ аз лаби лаълфоми ишқам.
Гуфтам бари мардумон, Камолӣ,
Як нуктае аз каломи ишқам.

* * *

Дар сурат одамием, дар маънӣ бо Худоем,
Ҷибрилро хабар нест, дар оламе, ки моем.
Дар дидаи худобин дайру ҳарам яке буд,
Дар ҳар куҷо, ки бошем, мо кай аз ӯ ҷудоем.
Ҳодии роҳи динем, мо соҳиби яқинем,
Бо дӯст ҳамнишинем, бар халқ раҳнамоем.
Таҳқиқ мерасонем бо мардумони гумроҳ,
Дар маснади ҳидоят ворис зи анбиёем.
Маҳви ҷамоли ӯем, бо ӯ ба гуфтугӯем,
Оинадори шавқем, бо ҳайрат ошноем.
Ҳангоми ҷӯши дидор, ҳастем соҳибасрор,

Дар кӯчаҳову бозор девона менамоем.
Эй муддаъӣ, бипарҳез аз гуфтугӯи беҷо,
Бар тахти «қум фа анзир» мо ноиби Худоем.
Анқои бенишонем, лоҳутошиёнем,
Тайрон ба ломаконем, бар авҷи Кибриёем.
Дар аввалем дар кор, дар охирем дилдор,
Дар зоҳирем бо ёр, дар ботини ризоем.
Мо пири майфурӯшем, кай дурди бода нӯшем,
Чун роҳи хум ба ҷӯшем, майхонаи сафоем.
Лайлан минал-лаёлӣ, бо зикри Лоязолӣ,
Миръоти дил, Камолӣ, аз занг мезудоем.

* * *

Аз партави таҷаллӣ пурнуру босафоем,
Бар мо биёву бингар, оинаи Худоем.
На ҷоҳилему олим, на сӯфиему зоҳид,
Дар гӯшаи харобот ринди бараҳнапоем.
Майхона ком дорем, пурбода ҷом дорем,
Шурби мудом дорем, фархунда порсоем.
Аз акси тобиши Ҳақ, маҳви ҷамоли мутлақ,
Аз ҳастӣ даргузаштем, бо нестӣ фаноем.
Шаҳбози ломаконем, бо шаҳ ҳамошиёнем,
Сайёди инсу ҷонем, мо кай аз ӯ ҷудоем.
Завқи висол дорем, шавқи ҷамол дорем,
Не қилу қол дорем, дерина ошноем.
Аз дил бурун гузар кун, аз гуфтугӯ ҳазар кун,
Бар мо биё назар кун, ҷоми ҷаҳоннамоем.
Дар боргоҳи ваҳдат, рафтем мо зи касрат,
Дар базми «лӣ маъаллоҳ» якранг бо Худоем.
Ҳангоми васли ҷонон ҳастем қулзумошом,
Баҳри муҳит як дам бо худ фурӯ гароем.
Бо сози ишқ ҳастем, бо пардаҳо нишастем,
Бехуд шавад ду олам, гар нағмае сароем.
Асрори дил, Камолӣ, имрӯз фош кардем,
Мангар ба сурати мо, ҷӯлида менамоем.

* * *

Майи сомони ваҳдат баски сомон буд дар дастам,
Лаболаб соғар аз саҳбои ирфон буд дар дастам.

Ба як он сайр кардам аз саро то олами лоҳут,
Инони абраши хуршедҷавлон буд дар дастам.
Арӯси ҳусн ранги ҷилва дар оина мерезад,
Саҷанҷал з-ин сабаб тимсоли ҳайрон буд дар дастам.
Шудам сокин ба пои хум, зи олам бехабар будам,
Суроҳӣ пур шароби ноб чун ҷон буд дар дастам.
Саводи куфри зулфаш дидаму зуннор барбастам,
Ба тарсозода дил додам чу имон буд дар дастам.
Ба уммеде, ки нақши мақдамаш дар кулба ҷо гирад,
Ба роҳаш ҳар буни мӯ чашми ҳайрон буд дар дастам.
Камолӣ, ҷӯш зад аз лафзи шӯхам маънии рангин,
Парӣ дар ҷилва омад, шиша урён буд дар дастам.

* * *

Кашфи рамузоти ишқ сайри алан[1] мекунам,
Шоҳиди асрорро пардафикан мекунам.
Нағмасарои дилам, гар ҳама обу гилам,
Пардаи «Ушшоқ»-ро сози сухан мекунам.
Мӯҳтасиби соддадил тавба зи май медиҳад,
Ҷоми сабӯҳӣ ба дӯш тавбашикан мекунам.
Хилвати осудагӣ анҷуман омад маро,
Ҳуш ба дам мениҳам, гарчи сухан мекунам.
Дар назари ӯ кадам доштаам рӯзу шаб,
Қатъи сафар ин замон ҳубби ватан мекунам.
Гул чу саропарда зад бар сари бозори ҳусн,
Булбули девонаро шӯри чаман мекунам.
Охири ушшоқро рутбаи маъшуқа аст,
Сӯхтаи парвонаро шамъфикан мекунам.
Аз асари ҷазбаам хуни дил омад ба ҷӯш,
Нофаи оҳуи Чин мушки Хутан мекунам.
Гӯй, Камолӣ, ба ҷон дар сафи ушшоқи ринд,
Кашфи рамузоти ишқ сайри алан мекунам.

* * *

Берун шудам зи хешу ба бозорат омадам,
Дорӣ матоъи ҳусн, харидорат омадам.

---

[1] **Алан-ошкоро, ҳувайдо. Мавлавӣ мефармояд. Байт:**
**Сайри ҷон ҳар кас набинад ҷони ман,**
**Лек сайри ҷисм бошад дар алан.**

Рафтам зи худ, ба водии ҳайрат фурӯ шудам,
Оинасон муқобили дидорат омадам.
В-аз навбаҳори ҳусн шукуфтаст як чаман,
Чун андалеби маст ба гулзорат омадам.
Нутқам ҳадиси лаъли лаби дурфишони ту,
Тӯтии боғи қудс шакархорат омадам.
Кавнайнро тулӯъгаре арза доштанд,
Аз ду ҷаҳон гузашта талабгорат омадам.
Бепову сар ба сӯи харобот мебаранд,
Масти нигоҳи наргиси хумморат омадам.
Он тӯтиям, ки сирри ниҳон шуд такаллумам,
Оина доштӣ, ки ба гуфторат омадам.
Чандон миёни мо сухани ошиқона рафт,
Дар гуфтугӯй соҳиби асрорат омадам.
Пеши рухи Камолӣ ҳиҷобе манеҳ зи ғайр,
Медон яқин, ки ошиқи дидорат омадам.

* * *

Базми тараб ҷӯш зад, бонги «ъало ло» задам,
Кӯси шаҳаншоҳиро аз ҳама боло задам.
Нафйи ҳудусотро хома ба «ло» даркашид,
Пои субуту қидам бар сари «илло» задам.
Шиша шикаст ногаҳон ҳусни парӣ рух намуд,
Аз лаби майгуни ёр соғару саҳбо задам.
Ҷилвагар омад шабе бар сари болини ман,
Гуфт, ки: бархез зуд, хайма ба саҳро задам.
Қатраам андар садаф гавҳари якто гирифт,
Зиннати баҳр омадам, ғӯта ба дарё задам.
Сирри «ҳуваллоҳ» намуд, килки баён зад рақам,
Сафҳаи аврокро сархати пайдо задам.
Ному нишоне надошт ҷилвагаре дилрабо,
Нақш ба лавҳи хаёл аз пари анқо задам.
Маънии алфози мо нест ишоратпазир,
Лек ба қадри укул рамз ба имо задам.
Ҳусну ҷамоли азал ҷилвагар аз шаш ҷиҳат,
Олами дунёи дун бар сари укбо задам.

Шӯри чаман кард гул дар чамани инбисот[1],
Булбули девонаро боз ба ғавғо задам.
Бар сари бозори даҳр гӯй, Камолӣ, баланд:
Базми тараб ҷӯш зад, бонги «ъало ло» задам.

* * *

Ошиқ биё, ошиқ биё, ман ҷони ҷонон омадам,
Сирри вуҷуди мутлақам, асрори пинҳон омадам.
Ман маҳви бидъат мекунам, эҳёи суннат мекунам,
Исботи миллат мекунам, бар тахт султон омадам.
Майнӯши ҷоми бехалал, сармасти роҳи бемасал,
Бар каф шароби ламязал, соқии даврон омадам.
Дарёи раҳмат мавҷ зад, касрат намуд аз ҳад фузун,
Як дона дурри бебаҳо аз қаъри Уммон омадам.
Шуд халқам аз нури Худо, миръоти зоти Кибриё,
Сибти Муҳаммад Мустафо, оёти бурҳон омадам.
Кӯси «ҳуваллоҳ» мезанам, бар торуми ҳафтум фалак,
Бар ошиқон дорам сало, бо ёди Субҳон омадам.
Таркибу ҳайатро бубин, маънӣ нигар, маънӣ нигар,
Дар сурати ҷисмам, вале сар то ба по ҷон омадам.
Рав «кунту канзан»-ро бихон, махфӣ намонад сирри ҳу,
Равшан кунам, равшан кунам, кашшофи аъён омадам.
Мустағраќи ҳусни азал, маҳви ҷамолам то абад,
Оинаам, оинаам, якбора ҳайрон омадам.
Гоҳе будам бепову сар, чун гӯй ғалтон ҳар тараф,
Гаҳ дар хами чавгон шудам, шӯре ба майдон омадам.
Дар саффи ҷонбозон даро, дардеҳ, Камолиддин, нидо:
Ошиқ биё, ошиқ биё, ман ҷони ҷонон омадам.

* * *

Гоҳ ҷонему гоҳ ҷононем,
Баски анвори сирри пинҳонем.
Рамзи ин нукта орифон донанд,
Худ ба худ боданӯши ирфонем.
Гоҳ хуршеди нурафзоем,
Гоҳ бадри мунири тобонем.
Гаҳ ба далқему гоҳ бар тахтем,

---

[1] **Инбисот-кушодарӯӣ, шодӣ.**

Гаҳ гадоему гоҳ султонем.
Гоҳ девонаему гаҳ ҳушёр,
Гоҳ пӯшида, гоҳ урёнем.
Гаҳ ба улвему гоҳ дар сифлем,
Гаҳ ба авҷему гоҳ яксонем.
Гоҳ Маҷнун ба дашту ҳомунем,
Гоҳ лайлинигоҳу сомонем.
Гоҳ гул, гоҳ ғунча, гоҳ чаманем,
Гоҳ чун булбули хушилҳонем.
Гоҳ дар печутоб чун зулфем,
Гоҳ кокулсифат парешонем.
Қулзуми мавҷрези маърифатем,
Гавҳари бебаҳои инсонем.
Эй, Камолӣ, зи мо мабош ҷудо,
Гоҳ ҷонему гоҳ ҷононем.

* * *

Хоҷа, мо ошиқони бебокем,
Пур зи шӯрему синаи чокем.
Дурри тавҳидро ба ҷон суфтем,
Дар маориф баёни ҳаккокем.
Гоҳ дар фаршу гоҳ дар Аршем,
Соғари нӯҳ даври афлокем.
Ринду қаллоши бесару сомон,
Ҷандапӯшони олами хокем.
Масту бехуд зи бодаи ваҳдат,
Дур аз касрату зи идрокем.
Сирру асрорҳои ганҷи хафӣ,
Қатраи баҳру хӯшаи токем.
Гӯй бурдем аз ҳама ушшоқ,
Мо ба майдони ишқ чолокем.
Сайди ишқему нест ҳоҷати дом,
Аз азал баста мо ба фитрокем.
Гӯ, Камолӣ, ба рағми муддаъиён:
Хоҷа, мо ошиқони бебокем.

* * *

Кошифи рамзҳои асрорем,
Боданӯши висоли дидорем.

Шоҳини ошёнаи лоҳут,
Соъиди шоҳро сабукборем.
Шоҳбози фазои таҳқиқем,
Парфишон дар ҳавои дилдорем.
Базморои шӯри маърифатем,
Булбули хушнавои гулзорем.
Хумкаши боргоҳи тавҳидем,
Масти ҷоми мудоми саршорем.
Сокини хилвати ягонагием,
Роздори ҳарими он ёрем.
Сӯҳбатафзои «лӣ маъаллоҳ»-ем,
Тарҳи якрангие ба ӯ дорем.
Ботини мо ҳамеша бо Ҳақ аст,
Гарчи зоҳир ба аҳли бозорем.
Бехуд аз ҷоми ишқу сармастем,
Назди мардум ба хеш ҳушёрем.
Ҳайратободи олами ҷонем,
Тарзи оина маҳви рухсорем.
«Раббӣ арнӣ» зи шавқ мегӯем,
Мӯсии Тури шавқи дидорем.
Майи софӣ зи соқӣ менӯшем,
Қулзумошоми роҳи паргорем.
Ғофилонро бигӯ, Камолӣ, боз:
Кошифи рамзҳои асрорем.

* * *

Аз азал, эй ошиқон, бехуду маст омадам,
Ман хуми майхонаам, масти аласт омадам.
Ҷоми сабӯҳӣ задам аз кафи соқии хуш,
Сокини пои хумам, бодапараст омадам.
Ринди хароботиям, аз сафи дурдикашон,
Шишаи тақвову зӯҳд баҳри шикаст омадам.
Ҳастиям аз аввалаш кард ба охир нузул,
Ботини улвӣ будам, зоҳири паст омадам.
Даст ба тахмири ман дошт чиҳил субҳидам,
З-он ба ҷаҳон ҳамчу гул даст ба даст омадам.
Шаст бароям фиканд, он бути сайёди ман,
Моҳии баҳрам кунун, то ки ба шаст омадам.

Гӯй, Камолӣ, баланд дар сафи ушшоқи маст:
Аз азал, эй ошиқон, бехуду маст омадам.

* * *

Ошиқам, дар ишқ бадном омадам,
Мӯҷиби таҳқиру дашном омадам.
Бехудӣ дар бехудии ман фузуд,
Маст то аз роҳи гулфом омадам.
Буд оғозам сафо андар сафо,
Чун саҷанҷал ҳайратанҷом омадам.
Ҷуръанӯши мазҳабу миллат шудам,
То муриди Шайх-ул-ислом омадам.
Сӯи таҳқиқу яқин роҳам кушуд,
Дур аз тақлиду авҳом омадам.
Бо адӯи нафс дар ҳукми мудом
В-аз ҷиҳоди акбар эълом омадам.
Сад биёбон тай намудам чун ғизол,
Ваҳшат аз халқу ба Ҳақ ром омадам.
Сархати тӯмори ман дарду ғам аст,
З-ин сабаб машшоқи олом[1] омадам.
Гӯ, Камолӣ, боз дар саффи ниол:
Ошиқам, дар ишқ бадном омадам.

* * *

Мо оинаи ҷамоли зотем,
Мо шаъшаъае аз он сифотем.
Анвори таҷаллиёти Ҳаққем,
Мо ғунчае з-он гули ҳаётем.
Моем самар зи нахли тавҳид,
Як мавҷ зи баҳри беҷиҳотем.
Мо барқи шарораи вуҷудем,
Як ламъа зи нури ломеъотем.
Аз соғари илми «мин ладунӣ»
Сармаст зи ҷоми росихотем.
Тафсири каломи ишқ созем,
Тафсиркунандаи нукотем.
Асрори Камолӣ фош гӯем,

---

[1] **Машшоқи олом-таълимдиҳандаи дардҳо.**

Мо ҳалли китоби мушкилотем.

*　　*　　*

Бодаи хуми ваҳдатам, масту хароб омадам,
Соқии базми касратам, ҷоми шароб омадам.
Нодираи муҳаммадӣ, гавҳари кони аҳмадӣ,
Қатраи баҳри сармадӣ, лубби лубоб омадам.
Нуктаи «нун вал-қалам», лавҳи вуҷудро рақам,
Таъзими кони маъниям, нақши китоб омадам.
Солики раҳ туӣ ба ҳуш, ҷоми сабӯҳиям бинӯш,
Масти мудом шав хамӯш, бодаи ноб омадам.
Кишти мазори фитратам, ноиби тахти иззатам,
Роҳнамо ба ҳазратам, шайхи шубоб омадам.
Базми ягонаи худам, созу таронаи худам,
Торнавози уди дил, чангу рубоб омадам.
Рӯзи нахуст аз азал, роҳи аласт дар бағал,
Рамзи балост з-ин амал, масту хароб омадам.
Ғунчаи гулшани гулам, ноларасони булбулам,
Боз нигар таҷаммулам, ранги гулоб омадам.
Зоҳиди дилфусурдаро нест хабар зи ҳоли ман,
Далқи муламмаъам ба бар, бахти қибоб омадам.
Тоири қудс аз малак, соири бурҷи нӯҳ фалак,
Аблақи Аршу фаршро по ба рикоб омадам.
Гаҳ сифати ҷамолиям, гаҳ сифати ҷалолиям,
Раҳмату қаҳри ӯ манам, лутфу азоб омадам.
Раҳмати оми ӯ манам, гарчи гуноҳ беҳад аст,
Фарқи сари усотро зилли саҳоб омадам.
Тоифаи муҳаддисин, тири забон зи баҳри кин,
Муддаъиёни даҳрро баҳсу ҷавоб омадам.
Медиҳам аз Худо хабар, носеҳи зумраи башар,
Гӯши замонаро асар, дурри хушоб омадам.
Кошифи сирри оламӣ, боз бигӯ, Камолиё:
Бодаи хуми ваҳдатам, масту хароб омадам.

*　　*　　*

Мо бандагони шоҳем, такя ба шоҳ дорем,
Дархурди қурбати худ бо ӯ нигоҳ дорем.
Ҷоми ҷаҳоннамоем, олам ба мост равшан,
В-аз тарк-тарки гардаш як кӯча роҳ дорем.

Султони тахти хешем, маснаднишини фақрем,
Аз давлати ҳумоюн фарру кулоҳ дорем.
Ҷоми сабӯҳ нӯшем, далқи футӯҳ пӯшем,
В-аз зилли раҳмати ӯ бо худ паноҳ дорем.
Ҷурму хатои беҳад бахшид аз сари лутф,
«Ло тақнату» зи оёт аз бас гувоҳ дорем.
Ринди қадаҳпарастем, аз ҷоми ишқ мастем,
Масти майи аластем, майхона ҷоҳ дорем.
Ҳар субҳидам, Камолӣ, бо соқии дилором
Базми ягонае мо дар боргоҳ дорем.

* * *

Чунон мадди нигаҳ бо он гули рухсор мебастам,
Сафои оина аз кӯчаи гулзор мебастам.
Зи касрат вораҳидам, чун шудам дар ишқ тарсое,
Нишаста гӯшаи ваҳдат ба худ зуннор мебастам.
Ҷамоли ҷони ҷон аз шаш ҷиҳат бикшод burқаъро,
Тилисми ишқро аз матлаъи анвор мебастам.
Ба фикри ҳусни якто дузабон шуд килки таҳрирам,
Мизоҷи шавқро дар пардаи асрор мебастам.
Самоъи ҳушмандӣ дар бағал мавҷи тараннум дошт,
Дур(р)и гӯши асар дар шевани мизмор мебастам.
Зуҳури партави нури таҷаллӣ равнақафзо шуд,
Ҳавои Тури ҷон дар мазраъи осор мебастам.
Ба миръоти вуҷудам ҷилвагар омад рухи моҳе,
Саропо маҳв гаштам, ҳайрате дар ёр мебастам.
Муғаннӣ нағма бетобона дар ҷӯшу хурӯш овард,
Ба чанги бехудӣ аз решаи ҷон тор мебастам.
Бад-ин шӯхӣ, Камолӣ, ҳар кӣ рангин мисраъе резад,
Забони хома дар таҳсин аз ашъор мебастам.

* * *

Аз азал мо ба хеш огоҳем,
Инчунин то абад ба як роҳем.
Аҳсан-ул-халқу аҳсан-ут-тақвим,
Дар миёни ситораҳо моҳем.
Ранги мо бин зи ранги берангӣ,
Мазҳаруллоҳу сибғатуллоҳем.
Соҳиби ҳукми «аъдилу» дар амр,

Мо ба мулки вуҷуди худ шоҳем.
Ҳама ихвон шуданд зору забун,
Юсуфи Мисри хеш бо ҷоҳем.
Сифати мост «ъаллам-ул-одам»,
З-он зи асрори ишқ огоҳем.
Дам ба дам гуфтугӯи мо бо ӯст,
Роздори ҳарими даргоҳем.
Мо ба қурби «дано фатадалло»,
Нуктафармои «лӣ маъаллоҳ»-ем.
Гуфт: канз аз рамузи мо бархон,
Ганҷи Ҳаққу хазинаи шоҳем.
Кард тавсифи мо ба «каррамно»,
Бар бисоти «туъиззу» дилхоҳем.
Мункиронро бигӯ, Камолӣ, боз:
Аз азал мо ба хеш огоҳем.

* * *

Хоҷа, мо мутриби нафастангем,
Сози паргори ишқоҳангем.
Сулҳ бо зоҳидони хушк кунем,
Мо ҳамеша ба нафс дар ҷангем.
Нашъаи бодаи азал дорем,
Бо ҳарифони маст якрангем.
Ҳастии мо ба ҷуз фано набвад,
Ҳамчу барқи шарораи сангем.
Навбаҳоре шукуфту охир шуд,
Мо ҳанӯз ҳамчу ғунча дилтангем.
Мастии мо, Камолӣ, аз азал аст,
Кай зи шурби шаробу аз бангем.

* * *

Оинаи зоти Зулҷалолем,
Нуре зи сифоти бокамолем.
Моем далели ваҳдати зот,
Бар ҳастии ӯ бидон, ки долем[1].
Миръотсифат ба хеш маҳвем,
Мустағрақи ҳусни безаволем.

---

[1] **Дол-далолаткунанда.**

Сиррем зи кони «кунту канзан»,
Мо гавҳари дурҷи бемисолем.
Як шохае аз дарахти тавҳид,
Як ғунча зи гулшани ҷамолем.
Ҷамъем ба Ҳақ, зи худ парешон,
Дар базми шуҳуд мо висолем.
Як луҷҷа зи қулзуму муҳитем,
Як қатра зи баҳри лоязолем.
Мармуз каломи мо ба асрор,
Мо тӯтии шаккаринмақолем.
Мастем ба пои хум фитода,
Соғаркашу ринду лоуболем.
Ҳайратасарӣ, Камолӣ, баргӯ:
Оинаи зоти Зулҷалолем.

*        *        *

Ошиқам, имрӯз муштоқ омадам,
Пешвои ҷумла ушшоқ омадам.
Шамъи базмам, нурбахши маҳфилам,
Дар миёни анҷуман тоқ омадам.
Шайхи вақтам, гарчи шобам дар назар,
То муриди пири Чуқмоқ омадам.
Офтоби толеъ аз бурҷи вуҷуд,
Бар сипеҳри ишқ ишроқ омадам.
Аз худӣ растам ба сӯи бехудӣ,
Аз ҷамеъи қайд итлоқ омадам.
Қотили куффору мири аскарам,
Соҳиби шамшеру байдоқ омадам.
Кӯшишам баҳри ҷиҳоди акбар аст,
Ҷоҳид-ул-куффору фуссоқ омадам.
Ботинам ҷуз маънии асрор нест,
Гарчи зоҳир нақши авроқ омадам.
Гӯ, Камолӣ, ошиқони покро:
Ошиқам, имрӯз муштоқ омадам.

*        *        *

Мо асирони батни зиндонем,
Мо ғарибони кӯи хубонем.
Бисмили ханҷари ҷафову ситам,

Куштаи тири нози мижгонем.
Ҷонфидосози роҳи ҳаҷру бало,
Мо шаҳидони теғи урёнем.
Ошиқонем бар сари кӯяш,
Ҷумла мардони покбозонем.
То ҷудо гаштаем аз Юсуф,
Мо муқимони байтулэҳзонем.
Бе висоли рухаш дар ин гулшан,
Ҳамчу гул чок ҷайбу домонем.
Бенасиб аз ҷамоли дилдорем,
Бастаи чормехи ҳирмонем.
Чун нанолем ҳамчу най ҳар дам,
Дур афтода мо зи ҷононем.
Дар фироқаш бигӯ, Камолӣ, боз:
Мо асирони банду зиндонем.

* * *

Мо ҳарифони базми ҷононем,
Боданӯшони ҷоми ирфонем.
Рамзи асрори ишқ мегӯем,
Нуктаорои рози пинҳонем.
Ғунчаи шохсори тавҳидем,
Гулбуни нахли олами ҷонем.
Қатрае мо зи баҳри таҳқиқем,
Мавҷе аз мавҷҳои Уммонем.
Ба ҳақорат назар макун бо мо,
Зарраи офтоби тобонем.
Зилли шоҳем дар таҳи девор,
Гарчи чун соя пасту яксонем.
Дар тамошои ҳусни яктое,
Ҳамчу оина маҳву ҳайронем.
Дурри дарёи бесару бепо,
Гавҳари шабчароғи инсонем.
Эй, Камолӣ, бигӯй в-аз мастӣ:
Мо ҳарифони базми ҷононем.

* * *

Мо ҳарифони базми тавҳидем,
Мо муқимони кӯи тафридем.

Ринди дарёкаши хароботӣ,
Сокини боргоҳи таҷридем.
Воқиф аз кору ҳоли мо кас нест,
З-аҳли таҳқиқ, ё зи тақлидем.
Боданӯшем мо зи ҷоми висол,
Масту мустағрақи маю дурдем.
Аз риёзи баҳори он ҷонон,
Гули боғи шуҳуд дарчидем.
Бурҷи мо ҳар кӣ дид, шод шавад,
Дар буруҷи фалак маҳи идем.
Сайри олам зи мо тамошо кун,
Соҳиби рози ҷоми Ҷамшедем.
«Мо сиваллоҳ»-ро раҳо кардем,
Аз макину макон бибридем.
Гӯш кун нуктаи Камолиро:
Мо ҳарифони базми тавҳидем.

* * *

Хоҷа, мо ошиқони бебадалем,
Масти ҷоми шароби ламязалем.
Миллату дини мо ҳама ишқ аст,
Сози дардему мутриби ғазалем.
Гарчи дар коми мардумон талхем,
Мо ширинтар зи косаи асалем.
Аз азал сархушем аз лаби ёр,
Шодкоми мудом безилалем.
Дар фанои фано қадам задаем,
Қотеъи тори риштаи амалем.
Мо харobотиему бесару по,
Ринду қаллошу холӣ аз амалем.
Сокини пои хум ба майхона,
Дурдошоми бодаи азалем.
Бехуду лоуболу бебокем,
Покбозони ишқи бемасалем.
Эй, Камолӣ, зи шавқ баргӯ боз:
Хоҷа, мо ошиқони бебадалем.

* * *

Фониям аз худ, ба ҷонон боқиям,

Майкашону шоҳиду ҳам соқиям.
Ринду масту бесаранҷомам, мапурс,
То муриди ҳазрати Чуқмоқиям.
Аз азал роҳи «ҳуваллоҳ» хӯрдаам,
Дам мазан аз васлу аз муштоқиям.
Лайлиям гоҳе ба чашми ошиқон,
Гоҳ Маҷнун низ бар суллоқиям.
Рафтам аз худ сайри «филлоҳ» мекунам,
Аз фано бигзашта бо Ҳақ боқиям.
Рамзи сирри «мин ладунӣ» хондаам,
«Ъаллам-ал-Қуръон» аз он шуд лоиқам.
Шоҳбози ломаконсайр омадам,
Соиди шаҳро ба ҷон илҳоқиям.
Ваҷҳи мутлақ шуд тамошогоҳи ман,
Сайрсози анфусу офоқиям.
Ганҷи асрорӣ, Камолиддин, бигӯ:
Фониям аз худ ба ҷонон боқиям.

* * *

Хуш он замон, ки чу оина рӯ ба рӯи ту бошам,
Чу тӯтӣ дар сухан ояму ба гуфтугӯи ту бошам.
Ба хотирам гузарад сарви қаду нозу хиромат,
Ба сони фохта ҳар дам ба кӯ-кӯи ту бошам.
Сар аз ниқоб кашидӣ, намудӣ гӯшаи абрӯ,
Ҳилоли иди ту дидам, ба шавқи рӯи ту бошам.
Ба гӯши нукта шунидам зи ҳусни анҷуманоро,
Дар орзуи ту бошаму дар орзуи ту бошам.
Ба қайди ҳалқаи занҷир нест ҳоҷати бастан,
Ба банди силсилаи тори зулфи мӯи ту бошам.
Зи фарши хоки дари худ, агар ба зулм биронӣ,
Асири кӯи ту бошам, аниси хӯи ту бошам.
Шароби шавқи ту нӯшам, хароби завқи ту гардам,
Мудом масти майи ноб аз сабӯи ту бошам.
Ҳамеша дар талабам по зи сар дар кӯҳ,
Ба ҳар дашт ба ҷустуҷӯи ту бошам, ба ҷустуҷӯи ту бошам.
Гузашт аз ҳаваси сайду дому дона Камолӣ,
Ба доми гесӯи пурчину мушкбӯи ту бошам.

* * *

Биё, биё, ки асиру мустаманди ту бошам,
Нишаста бар сари кӯи ту, дардманди ту бошам.
Мудом бодакаши пурхумори туям аз ҷом,
Ҳамеша масти майи лаъли нӯшханди ту бошам.
Ба доми турраи пурчини тобдори тасалсул,
Ба шасти ҳалқаи гесӯи чун каманди ту бошам.
Шудам ба гӯшаи меҳроби ту ба тоат,
Камар ба зӯҳд бибандаму дилписанди ту бошам.
Хироми ноз намудӣ, маро зи ҷой рабудӣ,
Ба ҷону дил ба ҳавои қади баланди ту бошам.
Зи шавқи бӯси кафи пои нозукат чандон,
Ба зери хами Буроқу маҳи даванди ту бошам.
Муқайяд аст Камолӣ ба ҷаъди зулфи ту гуфт:
Биё, биё, ки асиру мустаманди ту бошам.

* * *

Ноибам, аз назди Раҳмон омадам,
Бо ҳазорон насси Қуръон омадам.
Бар сари тахти «туъиззу ман ташоъ»,
Соҳиби аҳкому фармон омадам.
Як далели қотеъи исботи зот,
Нафйи ҳодис карда бурҳон омадам.
«Ҷоъилун фил-арзи»-ро такрор кун,
Он халифазода султон омадам.
Шарҳсози дафтари авроқи дил,
Нуктаи ташреҳи инсон омадам.
Гулшани эҷодро гулдастаам,
Булбули хешам, дар афғон омадам.
З-аҳли таҳқиқам, на аз тақлид, ҳон,
Нафйи куфр исботи имон омадам.
Ҷумлаи олам фано андар фаност,
Рафтам аз худ, ҷони ҷонон омадам.
Қобили ҳазмам[1], ки тай кардам вуҷуд,
Аз адам то сӯи имкон омадам.
Ҷамъ бо Ҳақ дар мақоми қурбатам,
Аз ҳама ашё парешон омадам.

---

[1] **Ҳазм-устуворӣ, хушёрӣ.**

Дурди софу бода дарҳам хӯрдаам,
Бехуду сармаст з-ин сон омадам.
Гарчи дар зоҳир ба шакли қатраам,
Гавҳарам, аз қаъри Уммон омадам.
Гӯ, Камолӣ, гар туро асрор ҳаст:
Ноибам, аз назди Раҳмон омадам.

* * *

Боданӯшам, бехудам, мустағрақам,
Маҳви ишқам, ошиқиро албақам.
Рав «нафахту фиҳи мир-рӯҳӣ» бихон,
Гар намедонӣ ту аз чӣ муштақам.
Ҳар чӣ мегӯям, каломи ғайб дон,
В-аз Ҳақам ман в-аз Ҳақам ман в-аз Ҳақам.
Дар таҷаллигоҳи нури зоти ӯ
Заррасон бар меҳру ваҷҳи мутлақам.
Ғунчаам ман аз гулистони ҳаёт,
З-он фурӯзон рангу бӯи равнақам.
Хусравам, лашкаркаши ислому дин,
Аз ҳидоят ҳаст бар сар байдақам.
Сайри офоқам, Камолӣ, даст дод,
Шаҳсаворам, нӯҳ фалакро аблақам.

* * *

Зи ҷӯши . . . . . . . . . . . . .худ қатора кунам,
Дур(р)и ятими гаронмоя бар канора кунам.
. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . дард накард,
Давои ранҷи дили хешро чӣ чора кунам?
Ба меҳри ҳусни ҷаҳонтоби рӯзафзунаш,
Ҳазор дида маро бод, то назора кунам.
Ба вақти нимашабӣ аз ҷигар барорам оҳ,
Ба завқи он, ки дили сангро дупора кунам.
Зи беқарории худ нест фикри сомонам,
Ба кунҷи домани дил нишаста истихора кунам.
Зи оташи ҷигарам заррае бурун орам,
Тамоми дашту заминро пур аз шарора кунам.
Ҳаёт баски маро ҷовидон, Камолӣ, нест,
Фиғону нола ба як дам ҳазорбора кунам.

* * *

Шӯхи бепарво, бути гулпӯш мехоҳад дилам,
Бо хаёли қоматаш оғӯш мехоҳад дилам.
Сахт махмурам, нишоту нашъа хуш ояд маро,
Аз кафи соқӣ майи сархуш мехоҳад дилам.
Пайкарам маҳви тамошогоҳи ранги ҷилва шуд,
Аз нигоҳе рафтани аз ҳуш мехоҳад дилам.
Тарҳи густохӣ ба базми айш чандон рехтанд,
Бӯсае з-он лаъли шаккарнӯш мехоҳад дилам.
Ҳайратафзоям, Камолӣ, кард ҳусни дилфиреб,
Мазҳари оина пеши рӯ-ш мехоҳад дилам.

* * *

Чаро дар фироқи ту, ҷоно, нагирям?
Ба кунҷи ғамат зору танҳо нагирям.
Ҷудо мондам аз васли ёрам чу Яъқуб,
Бад-ин ҳол бо чашми аъмо нагирям.
Фитодам зи базми майи ноб як сӯ,
Ки бар ёди соқию саҳбо нагирям.
Бисӯзам ба худ, шамъсон дар гудозам,
Ба доғи дили хеш ҳар ҷо нагирям.
Ҷигар чок-чоку ду чашм ашкрезон,
Ман аз шавқи он рӯи зебо нагирям.
Камолӣ ба ҳар маҷлисе ин наво зад:
Чаро дар фироқи ту, ҷоно, нагирям?

* * *

Зи оби дида чандин нома сӯи ёр бинвисам,
Саропо ашк гардам, баъд аз он дилдор бинвисам.
Баёзи орази ҷононаро мадди назар кардам,
Ба сархатти хаёлам мисраъи рухсор бинвисам.
Чу Мӯсо тай намоям бехудона водии ҳайрат,
Ба Тури дил бароям нусхаи дидор бинвисам.
Ба кунҷи ғам нишинам, номаро аз ҷон рақам созам,
Китоби ҳаҷр хонам, дидаи хунбор бинвисам.
Ба ҷӯи мистари ҷон муншии иқбол мефармуд,
Фурӯғи меҳри якто матлаъи анвор бинвисам.
Қалам аз оҳи оташбору машқам сӯзи бетобӣ,
Ба лавҳи сина нақши он бути айёр бинвисам.
Камолӣ, ҷӯши гулшан шуд варақ аз назми рангинам,

Зи бас ҳусни чаманоро дар ин ашъор бинвисам.

*　*　*

Чӣ ҳоҷат назди соҳибҳуш аз ин ҳол бинвисам,
Ба арзи бехудӣ оям, магар аҳвол бинвисам.
Шавам маҳви тамошо, ҳайратам дар ҳайрат афзояд,
Чу Монӣ гар ба мавҷи оина тимсол бинвисам.
Қади мавзун алифу ҳам ду чашми сод мехонам,
Хами пурпечутоби зулф ҷиму дол бинвисам.
Даҳонат чашмаи ҳайвон, лабонат ҳуққаи ёқут,
Ба рухсори гули бодом хатту хол бинвисам.
Гар оройи ту гуфтугӯй з-он ҳусни чаманоро,
Ба васфат гар сухан ронам, забонам лол бинвисам.
Надорад ояти ранги зуҳурат нусхаи тафсил,
Пайи таҳрир гардам, нуктаи иҷмол бинвисам.
Шаби ҳиҷрон ба сар н-омад, нашуд тай водии фурқат,
Камолӣ, номаи шавқат пайи ирсол бинвисам.

*　*　*

Умрам талаф кардам басе, астағфируллоҳ-ал-ъазим,
Бад ҳамчу ман набвад касе, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Ман ин ҳама ҷурму хато бар ҷони худ кардам бало,
Аз ман гузорӣ, эй Худо, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Н-омад зи ман ҷуз кори бад, ҳолам чӣ бошад дар лаҳад,
Бар ман нагирӣ, ё Аҳад, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Ҳаргиз накардам бандагӣ, ҷуз кори зишту гандагӣ,
Ҳайф аст бар ман зиндагӣ, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Бе тоату эҳсон манам, гумроҳу саргардон манам,
Ҳам зору ҳам ҳайрон манам, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Фардо, ки андар ҳашргоҳ, аъзои ман гардад гувоҳ,
Он дам мадад кун, ё Илоҳ, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Гаштам асиру мубтало, дар чанги шайтони ҳаво,
Корам ҳама ҷурму хато, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Эй Роҳиму Раҳмони ман, ҳам Ғофиру Ғуфрони ман,
Ҳам сотири исёни ман, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Гаштам зи исён рӯсиёҳ, уммедам аз лутфи Илоҳ,
Бар даргаҳат орам паноҳ, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Моро магардон, эй Худо, аз лутфу эҳсонат ҷудо,
Ҳастӣ Кариму подшоҳ, астағфируллоҳ-ал-ъазим.

Ҳам Қодири қудратазим, ҳам лутфи ту баҳри амим,
Моро нигаҳ дор аз ҷаҳим, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Дар ҷурм рафтам ман фурӯ, бас ғарқ гаштам то гулӯ,
Сӯи ту овардем рӯ, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Дар дил наомад борҳо, ҳаргиз накардам корҳо,
Кардам гунаҳ бисёрҳо, астағфируллоҳ-ал-ъазим.
Ин дам Камоли зиштхӯ, овардааст рӯ сӯи ту,
Шояд, ки бигзорӣ аз ӯ, астағфируллоҳ-ал-ъазим.

* * *

Оҷизу бечораву гумкардароҳам, ё Карим,
Нест ҷуз даргоҳи покат такягоҳам, ё Карим.
Чун хасу хошок дар гирдоби исён мондаам,
З-ин наҷоти сунъи худ бинмой роҳам, ё Карим.
Будаву нобуда бар кӯҳи гуноҳам беадад,
Чораи корам ту созӣ, пургуноҳам, ё Карим.
Роҳ дуру бори исён зӯру ҷонам пурғурур,
Раҳм меовар бар ин ҳоли табоҳам, ё Карим.
Хирмани умрам бишуд барбод дар роҳи фано,
Донае ҳосил нашуд з-ин киштгоҳам, ё Карим.
Гаштаӣ зору заъиф ин ҷо, Камолӣ, ғам махӯр,
Чун заъифам ман, қавӣ бошад паноҳам, ё Карим.

* * *

Ҷоно, назар ба сӯям мекун, ки зор мурдам,
Муштоқи як нигоҳат, эй гулъизор, мурдам.
Чун андалеби ҳайрон дур аз чаман фитода,
Дар ҳасрати рухи гул дар ин баҳор мурдам.
Соқии бетараҳҳум раҳме ба ман надорад,
Май медиҳад ба ҳар кас, ман аз хумор мурдам.
Эй дӯст, ваъдаи васл бо ман ту ҷилва додӣ,
Он ҳам нашуд муяссар, дар интизор мурдам.
Ҷои ду чашми ӯ бин, в-он гаҳ нигар ба ҳолам,
Дилро рабуд аз ман беихтиёр мурдам.
Дар қаъри дӯзахи ишқ афтодааст дили ман,
Ҳамчун самандар он ҷо дар тахти нор мурдам.
Ҳар кас ба мақсади худ дар як қадам расида,
Сад роҳ тай намудам, навмеду зор мурдам.
Ҳар кас зи ёр дида меҳру вафои афзун,

Ман аз кӣ нолам имрӯз, к-аз ҷаври ёр мурдам.
Ин оташи фирокат зад дар дили Камолӣ,
Андар фурӯғи оташ парвонавор мурдам.

* * *

Ё Раб, аз ғусса чунин ин дили ман зор макун,
Ҷони маҷрӯҳи маро хаставу афгор макун.
Ба синони сари ҳар мӯ, ба дами теғи ду абрӯ,
Ба ҳамин наргиси ҷоду макуш, ин кор макун.
Лаби ширину қади сарви туро банда шавам,
Маҳи ошиққуши ман ҷилваи бисёр макун.
Биллаҳ аз ҷону дил, эй дӯст, муҳибби ту манам,
Инчунин бар сари кӯят, ту маро хор макун.
Худ ту бар бод мадеҳ гесӯи анбарсоро,
Хиҷил аз турраи худ нофаи тотор макун.
Ошиқон булбули гулзори рухат гашта ҳама,
Нозанин дилбари ман парда ба рухсор макун.
Солҳо шуд, ки гирифтор ба чоҳи зақанам,
Боз бар доми сари зулф гирифтор макун.
Масти бӯи ту манам, ошиқи рӯи ту манам,
Саги кӯи ту манам, аз саги худ ор макун.
Субҳи васл аст, бидеҳ доди ман аз шоми фироқ,
Як шаби ҳаҷр маро ин қадар озор макун.
Хирмани ҳусни туро хӯшачинонанд хурсанд,
Ноумед аз рухат, эй моҳи дилозор, макун.
Ҳама хубони ҷаҳон ҳалқабагӯши маҳи ман,
Юсуф аз ҳусн мазан лофу худ изҳор макун.
Ҳасрати рӯи туро бурд Камолӣ бар хок,
Ин ҷафоҳо ба ман, эй шӯхи ситамгор, макун.

* * *

Омад ба сайр андар чаман дилдори ман, дилдори ман,
Пурфайз шуд аз мақдамаш гулзори ман, гулзори ман.
Гуфто: манам ҷонони ту, гардидаам меҳмони ту,
Ту они ман, ман они ту, эй ёри ман, эй ёри ман.
Гуфтам: ба найранги забон, дил мебарӣ дар як замон,
Худ боз мегардӣ ниҳон, айёри ман, айёри ман.
Гуфто: мабош андӯҳгин, дилхаставу зору ҳазин,
Ҳастам туро ман ҳамнишин, солори ман, солори ман.

Гуфтам: гуноҳам беадад, бигзашт исёнам зи ҳад,
Гуфто, ки: хон «ло тақнату», ғаффори ман, ғаффори ман.
Гуфтам: ба рух буркаъ манеҳ, бинам ҷамоли мутлақат,
Гуфто, ки: мебинӣ аён дидори ман, дидори ман.
Гуфтам: миёни мову ту сиррест пинҳон аз адӯ,
Гуфто: Камолӣ, фош гӯ асрори ман, асрори ман.

* * *

Минои ҳайрати мо ҳамвор то ба гардан,
Мавҷи шароби гулгун саршор то ба гардан.
Дар ишқи шӯхи тарсо куфр аст ихтиёрам,
Барбастаам зи зулфаш зуннор то ба гардан.
Ҳаллоҷи майпарастам аз гуфтани «анал-ҳақ»,
Гирам сари расанро аз дор то ба гардан.
Аз баҳри дилрабоӣ афканду ҷилвае дод,
Гесӯи мушкафшон дилдор то ба гардан.
Кӯшишфикан ба қатлам, дар мавҷи баҳри хунам,
Тарсам фурӯ наяфтӣ, эй ёр, то ба гардан.
Теғи ситам қалам кард, ҳар дафъа то ба фарқам,
В-аз нозу шӯхшангӣ ин бор то ба гардан.
Озодагӣ, Камолӣ, ин дам муяссарам шуд,
Савсансифат надорам аз хор то ба гардан.

* * *

Бурун аз парда о, эй ғунча, бӯстонро тамошо кун,
Гиребончок аз шавқаш гулистонро тамошо кун.
Ба базми ошиқон бингар, агар сад ҷо бубинад ғайр,
Набинад ғайри васли ёр мастонро тамошо кун.
Ба роҳи ишқ неҳ гоме, дилу ҷон пургуҳар гардад,
Агар шӯре ба сар дорӣ, ту Уммонро тамошо кун.
Биё, эй воизи худбин, такаббурро бинеҳ аз сар,
Машав мағрури илми хеш, Шайтонро тамошо кун.
Сиёҳ шуд қалбат аз исён, ба сидқ акнун дари Ҳақ зан,
Ки субҳ аз синааш хезад, шабистонро тамошо кун.
Ба як сӯ дил бинеҳ ҳамчун садаф лабро бубанд аз ғайр,
Даруни синаат ёқуту марҷонро тамошо кун.
Ҷаҳон пур кардӣ аз исён, на андар дил туро биме,
Дусад ҳасрат ба як сӯзан муҳиббонро тамошо кун.
Халилуллоҳро бингар тамоми молу ҷони худ,

Фидои номи ӯ месохт, эҳсонро тамошо кун.
Ба зери теғи қурбонаш забеҳи Ҳазрати Раҳмон,
Чӣ хуш мебохт ҷони хеш, қурбонро тамошо кун.
Камол, аз шумии ҷурмат ҷаҳон сӯзад аҷаб набвад,
Бисӯзад заррае оташ наистонро тамошо кун.

* * *

Ҳам аниси ҷони ман ло илоҳа илло ҳу,
Вориди забони ман ло илоҳа илло ҳу.
Шавқу завқи ушшоқон, ҳам шифои дилрешон,
Дафъи иллати исён ло илоҳа илло ҳу.
Шамъӣ бар шаби торам, нури чашми хунборам,
Мақсуди дили зорам ло илоҳа илло ҳу.
Зубдаи дили хосон, ҳалли мушкили осон,
Исми аъзами Яздон ло илоҳа илло ҳу.
Иззи олами фонӣ, нури чоҳи зулмонӣ,
Миръоти Худо донӣ ло илоҳа илло ҳу.
Ҳодии раҳи маҳшар, бишнав аз ман, эй дилбар,
Соқии лаби Кавсар ло илоҳа илло ҳу.
Зеби иззу ҷоҳи ман, мушфиқу паноҳи ман,
Ҳам қабули оҳи ман ло илоҳа илло ҳу.
Дофеъи ғаму меҳнат, мифтоҳи дари ҷаннат,
Ганҷи луҷҷаи раҳмат ло илоҳа илло ҳу.
Боиси имони ман, шаккари даҳони ман,
Айши ҷовидони ман ло илоҳа илло ҳу.
Шеваи мусалмонӣ, эй Камол, агар донӣ,
Доимо ту бархонӣ, ло илоҳа илло ҳу.

* * *

Дошт бо ман он нигори хубрӯ
Гуфтугӯю гуфтугӯю гуфтугӯ.
Номи ғайраш кардам аз девони дил
Шустушӯю шустушӯю шустушӯ.
Пеши чашмаш гар набошам мекунад
Ҷустуҷӯю ҷустуҷӯю ҷустуҷӯ.
Аз сари ҷурму хатоям даргузашт
Тундхӯю тундхӯю тундхӯ.
Нест гунҷоӣ миёни мову ёр
Тори мӯю тори мӯю тори мӯ.

Аз ду зулфаш бар машоми ҷон расид
Мушкбӯю мушкбӯю мушкбӯ.
Мекашам аз шавқи он нури ҷамол
Ҳой-ҳӯю ҳой-ҳӯю ҳой-ҳӯ.
Бо лаби лаълаш Камолиддин бисоз
Гуфтугӯю гуфтугӯю гуфтугӯ.

* * *

Қола ҳақ ё айюҳаннос иттақу,
Мо сиваллоҳи таъоло ахриҷу.
Сумма қола истақиму амрино,
Ё ъибодӣ фарҳибуни иъдилу.
Фаҷтанибу кулла занбин вал-хато,
Мин фураззал-кибру вал-буғз иҳбиту.
Иғтаниму умрукум фӣ кулли ҳол,
Ишғилунӣ ваъламу ло тағфилу.
Мо халақнокум ли истиҳсоикум,
Ъорифунӣ, ъорифунӣ, ъорифу.
Қум Камолӣ анта биссидқин ният
Фаъбудунӣ, фаъбудунӣ, фаъбуду.

* * *

Аниси ҳар ду ҷаҳон ло илоҳа иллаллоҳ,
Вуҷуди кавну макон ло илоҳа иллаллоҳ.
Агар ту лаззати дидор металабӣ,
Ба боғи сина нишон ло илоҳа иллаллоҳ.
Агар ту сӯҳбати шоҳи анбиё хоҳӣ,
Тамоми умр бихон ло илоҳа иллаллоҳ.
Зи шаҳду шаккари ҷанноти ҷовидон хуштар
Маро бувад ба даҳон ло илоҳа иллаллоҳ.
Қабули тавбаи мақбули Одаму Ҳавво
Чӣ буд ғайри ҳамон ло илоҳа иллаллоҳ.
Зи боди қаҳру ғазаб Ҳуд инчунин мегуфт
Ба аҷзу ранги хазон ло илоҳа иллаллоҳ.
Бигашт оташи Намруд гулшани фирдавс,
Халил гуфт ба фиғон: ло илоҳа иллаллоҳ.
Биҳори Нил бидарид аз дами Мӯсо,
Ки дошт ғайрати он ло илоҳа иллаллоҳ.
Чу мум гашт ба Довуд наштари фӯлод,

Ба нағма кард баён ло илоҳа иллаллоҳ.
Бигашт мурда зи анфоси исавӣ зинда
Ба ъавни Ҳазрати он ло илоҳа иллаллоҳ.
Ба фарқи Арш қадам монд Хоҷаи лавлок,
Ки дошт вирди забон ло илоҳа иллаллоҳ.
Аз он бигашт Абӯбакр афзали уммат,
Ба сидқ гуфт аён: ло илоҳа иллаллоҳ.
Бигӯй аз чӣ Умар ёри дуввумин гардид?
Ки кард мӯниси ҷон ло илоҳа иллаллоҳ.
Биҳишти адн чаро ҷивагоҳи Усмон шуд?
Зи баҳри гуфтани он ло илоҳа иллаллоҳ.
Ба зарби теғ Алӣ сад ҳисорро бишкаст,
Ки хонд наъразанон ло илоҳа иллаллоҳ.
Гузар зи ҷурми Камолӣ ту, эй шаҳи Маъбуд,
Ба ҳаққи ҳурмати он ло илоҳа иллаллоҳ.

* * *

Фидои номи покат бод ҷонам, ё Расулуллоҳ,
Бувад аз дурии рӯят фиғонам, ё Расулуллоҳ.
Мани саргаштаро бошад ҳавои дидани рӯят,
Карам фармо ба кӯи худ расонам, ё Расулуллоҳ.
Ҳабиби Ҳайи Ғуфронӣ, табиби дарди исёнӣ,
Ки набвад ҳеҷ ин ному нишонам, ё Расулуллоҳ.
Манам муштоқи дидорат, намо он моҳи рухсорат,
Фитода оташи шавқат ба ҷонам, ё Расулуллоҳ.
Чӣ нисбат бо рухат созам, набошад ҳеҷ дар кавнайн,
Чӣ гӯям васфи рухсорат, надонам, ё Расулуллоҳ.
Ба тавфат меҳру маҳ бингар ҷигар шақ карда меояд,
Саломат медиҳад он мустаъонам, ё Расулуллоҳ.
Расуло, гар гунаҳгорам, умед аз раҳматат дорам,
Ба мақсуди дили зорам расонам, ё Расулуллоҳ.
Рухат гар бинам, эй дилбар, туро ҳар дам бигардам сар,
Ки номи поки ту андар даҳонам, ё Расулуллоҳ.
Камолӣ хаставу маҳзун зи ишқат гаштааст маҷнун,
Ки бе рӯят зи дида хун фишонам, ё Расулуллоҳ.

* * *

Меҳру моҳӣ ту, ё Расулуллоҳ,
Бо Илоҳӣ ту, ё Расулуллоҳ.

Кош гардад сӯи гунаҳгорон
Як нигоҳи ту, ё Расулуллоҳ.
Мо гадоем бар сари кӯят,
Подшоҳӣ ту, ё Расулуллоҳ.
Уммати осиёни бесару по
Рӯ ба роҳи ту, ё Расулуллоҳ.
Бар дарат саф заданд бебокон,
Узрхоҳӣ ту, ё Расулуллоҳ.
Мегурезанд рӯзи ҳашр ҳама
Дар паноҳи ту, ё Расулуллоҳ.
Ҳаст бартар зи ҷумлаи ашё
Иззу ҷоҳи ту, ё Расулуллоҳ.
Нӯҳ фалак кай баробарӣ созад
Бо кулоҳи ту, ё Расулуллоҳ.
Курсии номдору Арши азим
Такягоҳи ту, ё Расулуллоҳ.
Рафт то чарх аз ғами уммат
Дуди оҳи ту, ё Расулуллоҳ.
Шукри лиллаҳ ба ҷон Камолиддин
Наътхони ту, ё Расулуллоҳ.

* * *

Ҳар кӣ шуд орифи ба ҳақ огоҳ,
Зикри ӯ «ло илоҳа иллаллоҳ».
Соири анфусиву офоқист,
Сумма биллоҳи ман ҳува филлоҳ.
Роздори ҳарими ҳазрати ӯ,
Фонӣ аз хешу боқӣ бо Аллоҳ.
Дасти ӯ гир, дасти бечун аст,
Бӯса месозу мол бар рухи моҳ.
Хон «ядуллоҳи фавқа айдиҳим»,
То шавӣ аз фиғонияш огоҳ.

* * *

Маҳрам ба ҳарими дари Раҳмон кию ман кӣ?
Дар кӯи ғамаш бесару сомон кию ман кӣ?
Н-омад зи гули рӯи ту бӯе ба машомам,
Гулзори туро мурғи саҳархон кию ман кӣ?
Аз боғи висоли ту яке мева начидем,

Дар чаннати васли ту хиромон кию ман кӣ?
Ман масти майи васвасаву ҳирсу ҳавоям,
Девонаи шайдоии ҷонон кию ман кӣ?
Ҷонсӯхтаи ишқи ту озодадилонанд,
Парвонаи шамъи рухат, эй ҷон, кию ман кӣ?
В-аз ҳаҷри ту дар бистари ғам хуфта Камолӣ,
Хушдил ба висоли шаҳи хубон кию ман кӣ?

* * *

. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Эй осиён, матарсед аз оташи ҷаҳаннам,
Мо нору шӯълазанро бӯстон кунем рӯзе.
Эй шоҳиди Камолӣ, рамзе бигӯй ҳоле,
Мо ошиқони худро ҷонон кунем рӯзе.

* * *

Шаби давлатам саҳар шуд ба нишоту хушнавоӣ,
Шаби ҳамчу қадр тобон, чӣ шаби фараҳфазое.
Ба сад орзу ниҳодам сари худ ба рӯи болин,
Ба умеди он, ки бинам рухи моҳи дилрабое.
Ба хаёли хоб дидам, бизаданд ҳалқа бар дар,
Ки: фалон зи ҷо бурун ой, бирасид як нидое.
Бари ман паём овард чу сабо хуҷаста пайке:
Бирасид шоҳи хубон ба навозиши гадое.
Зи лабаш ба гӯши ҷонам чӣ навиди дилхуш омад,
Ба раҳаш ба сар давидам зи барои ҷонфидое.
Назарам фитод чолок ба саманди шӯхи бебок,
Бинишаста шоҳи Лавлок ба суроғи мубталое.
Ба салом даст бастам, зи ғами замона растам,
Зи хӯру худӣ гусастам, чу шудам паи дуъое.
Ба ҳазор аҷзу тақсир, ба сад илтиҷову тадбир,
Ба рикоб бӯса додам, ба кафаш ба лиҳясоӣ.
Мани беқарори маҳзун, зи ғубори сумми гулгун
Ба ду дида даркашидам сари мили тӯтиёе.
Бикушуд дар ҷавобам лаби дурфишон садафвор,
Бинавохт муфлисеро, ба ъалайка зад имое.
Ба карашмаю ба нозе, ба табассуму такаллум
Бирабуд ҷону дилро, сари мову хоки пое.
Ду ҷаҳон асир кардаш, ба қалода даркашидаш

Ба лаби чу қанду шаккар, ба каломи ошноӣ.
Дили мо хароби ӯ шуд, бинамуд боз таъсир
Ба фусуни чашми масте, ба ҳадиси дилкушое.
Ба забони хушфасоҳат, ба баёну ҳам малоҳат,
Ба сухан мухотабам кард, ки: Ба мо ғазалсароӣ.
Ба адаб барои таъзим, ба ду даст баҳри таълим
Чу алифу лом кардам, зи барои илтиҷое.
Ба шикастагӣ забонам бирасонд арзи матлаб,
Чӣ шавад ба кулбаи ҷон қадаме гузар намоӣ.
Сари абраши фалаксой сӯи кулбаам равон кард,
Зи ду чашм парда чидам зи барои зери пое.
Ба ҳарам фуруд омад шаҳи тахти нозу иззат,
Ба тараҳҳум илтифоте бинамуд бо гадое.
Чу зи хоб барҷаҳидам, рухи моҳи ӯ надидам,
Зи фироқ гиря кардам, ба хурӯши ҳой-ҳое.
Зи ҳуҷуми ҳаҷри лаълаш, ба замин зи ашки гулгун,
Чу Фурот шуд равона, ба ҳазор моҷарое.
Сари худ дигар, Камолӣ, ба фиғон задам ба болин,
Ки дубора боз бинам рухи шоҳи Ҷамлиқое.

* * *

Соқӣ, биёр ҷоми майи ноби маънавӣ,
Якбора даркашам, ки шавам ҷону дил қавӣ.
Чангу чағонаро ба саропарда «Рост» ор,
Мутриб, тарона зан ба ғазалҳои Деҳлавӣ.
Барбанд тори барбату деҳ гӯши уд тоб,
Мекун сафири ной ба «Ушшоқ»-у «Муставӣ».
Зинҳор хоки мақдами риндони пок бош,
Бо аҳли шавқу завқ ба ҷон соз сарварӣ.
Савти муғанниёни хушилҳон муборак аст,
Бошад ғизои рӯҳ, агар нукта бишнавӣ.
Судат намекунад ҳашаму ҷоҳ баъди марг,
Тахти каёну Ҷоми Ҷаму тоҷи хисравӣ.
Дунони даҳр бар сари бозори коинот
Уқбо фурӯхтаанду хариданд дунявӣ.
Қалби салиму ҳусни амал оядат ба кор,
Дил зинда дор аз нафаси поки исавӣ.
Ҳангоми васли ёр Камолӣ чу андалеб,

Зад наъра ошиқона ба гулбонги паҳлавӣ.

* * *

Нигоро, ба сӯям гузар кун ба гоме,
Сарафроз гардон ба нозу хироме.
Агар бигзарӣ аз тараҳҳум нигоҳе,
Ба имони мо миннат эҳтироме.
Саломе гар аз дур гӯем ба сӯят,
Алайка бигӯ дар ҷавоби саломе.
Ба завқи хушӣ гар насозӣ такаллум,
Ба дашном бикшо забон дар каломе.
Ҷигар чок дорам зи пайкони тират,
Куҷо бошад ин захмро ихтимоме.
Ба васлат насозӣ дил хуш ту боре,
Ба ваъда расонӣ ба сӯям паёме.
Камолӣ, ба соғаркашӣ кардаам хӯ,
Ба комам зи лаъли лабат рез ҷоме.

* * *

Мефизояд шӯълаи омол бар ман зиндагӣ,
Мезанад бар оташам имрӯз доман зиндагӣ.
Нест ҷуз яъси фано гул бар сари мижгони шамъ,
Гарчи бар хотир надорад ёди мурдан зиндагӣ.
Зад кафи афсӯс бар ҳам ҳар кӣ омад аз адам,
Ашки ҳасрат кард сомони чакидан зиндагӣ.
Олами эҷод худ сармояи доми балост,
Мекунад сад шӯълаи бедод равшан зиндагӣ.
Ёди марг омад зад оташ бар найистони вуҷуд,
Сӯхт чандоне, ки бо ин кард хирман зиндагӣ.
Мекунад аз сояи мижгони худ рам мурғи барқ,
Дорад аз камфурсатӣ машқи паридан зиндагӣ.
Мӯсафедиҳо, Камолӣ, ҷодапаймоӣ кунад,
Хештанро раҳ намояд сӯи рафтан зиндагӣ.

* * *

Сокини ҷони ман шуда ҷозибаи Муҳаммадӣ,
Нури замину осмон матлааи Муҳаммадӣ.
Толиби бодаи сафо, ой ба сӯи Мустафо,
Ар бикашӣ майи бақо машрабаи Муҳаммадӣ.
Тирагии шаби дилат гар ту фурӯғ медиҳӣ,

Ҳаст давои дарди он машъалаи Муҳаммадӣ.
Бандаи хоси Кибриё, ой ба сӯи Мустафо,
Вирди забони авлиё силсилаи Муҳаммадӣ.
Хез зи ҷо ту ин замон, рахт бубаст корвон,
Ҳодии роҳи ошиқон қофилаи Муҳаммадӣ.
Миллати хубси Булҳакам, гашт ба хоки раҳ нагун,
Рӯи замин мушрак аз хотибаи Муҳаммадӣ.
Сокини Тур ҳар нафас бо ту дуруд медиҳад,
Лаззати коми анбиё алқабаи Муҳаммадӣ.
Тоири сидра гаштааст мурғи ҳарими кӯи ту,
Рафта бурун зи ломакон мартабаи Муҳаммадӣ.
Шоҳи сарири истафо, бадри мунири ҳафт само,
Бахшиши ҷуду ҳам ато қоидаи Муҳаммадӣ.
Шукри Худойро Камол, гашт муҳибби рӯи ту,
Ҷой бикард дар дилаш робитаи Муҳаммадӣ.

* * *

Агар муҳибби ҳабиби Ҳақӣ, Худоталабӣ,
Бисоз нола ба субҳу ба шому нимашабӣ.
Ба сафҳаи дилу ҷон бо забони ҳавас
Рақам намой нуъути Муҳаммади арабӣ.
Ба рутба зубдаи халқу хулосаи кавнайн,
Ба ҳусн «аҳсан-ут-тақвим»-у хулқи булъаҷабӣ.
Ба матлаъи рухи «Ваш-шамс»-у «Ваз-зуҳо» савганд,
Қасам ба гесӯи «Вал-лайл»-у ба «То ҳо»-лақабӣ.
Қадам ба пояи меъроҷ дар шаби «асро»,
Задӣ ба амри «данӣ», баски соҳиби ҳасабӣ.
Ба пешгоҳи «тадаллӣ», ба қурби «ав адно»,
Вусул дар ҳарами хоси базми мунтахабӣ.
Мақом Ясрибу Батҳо, зи дудмони Қурайш,
Амири маҷмаъи Маккию Ҳошиминасабӣ.
Ба фарқ тоҷи «лаъумрак», шаҳи сарири ҳудо,
Ба дӯш ҷомаи «лавлок» турфа нӯшлабӣ.
Гирифт ҷой ба дӯзах ҳар он ки дошт нифоқ,
Зи мункарони нубувват зи Ҷаҳлу Бӯлаҳабӣ.
Ба ғайри ҳубби ҳабиб, ба ғайри шавқи висол
Диҳӣ ба хонаи дил роҳ, рав зи беадабӣ.
Ҳавои васл, Камолӣ, агар ба сар дорӣ,

Бихон ҳамеша дуруди Набиву оли Набӣ.

* * *

Ё Раб, ин бори ғам андар дӯши ҷонам то ба кай?
Сӯзад аз таффи фироқат устухонам то ба кай?
Зору саргардон ба дашти ҳаҷр ҳамчун сайрбод,
Рух ба хок олудаву ҳайрон бимонам то ба кай?
Булбулонро бе гули рӯи ту омад ҷон ба лаб,
Ғунчаи рӯят шукуфтанро надонам то ба кай?
Рӯзи ман гашта сияҳ бе офтоби рӯи ту,
Дур аз меҳри рухат, ҷоно, бимонам то ба кай?
Ҳамнишини дард дар оғӯши меҳнат гаштаам,
Ман дар ин ранҷ, эй табиби меҳрубонам, то ба кай?
Бо дили садчоку бо ҷони фигор андар дарат,
Бо ҳусули кор ин ранги хазонам то ба кай?
Гашта бетоқат Камолӣ аз шароби шавқи ту,
Чун сипанд андар дили оташ бимонам то ба кай?

## Ғазали мустазод

Хун шуд дилам аз фурқати ғамҳои Муҳаммад,
чун лолаи саҳро.
Бигдохтаам з-оташи савдои Муҳаммад,
чун чашми Сафуро.
Партав зада анвори таҷаллии Илоҳӣ,
бар синаи ошиқ,
Мӯсосифат аз рӯи дилорои Муҳаммад,
ҳамчун яди байзо.
Эй сарв, хиҷолатзада имрӯз чароӣ?
Баргӯй то бо ман.
Гуфто: шудаам з-он қаду болои Муҳаммад,
шармандаву расво.
Эй гул, ту чаро мунтазир имрӯз нишастӣ
Дар саҳни гулистон?
Гуфто, ки: зи шавқи рухи зебои Муҳаммад,
аз баҳри тамошо.
Эй мушк, бигӯ сар ба биёбон зи чӣ дорӣ?
Ранҷи сафар аз чист?

Гуфт: аз ҳаваси зулфи сумансои Муҳаммад,
ман бодияпаймо.
Гар даст диҳад ҷон бисупорам ба қудумаш
он ҷо мани маҳзун,
Сад ҷон битавон бохт чу дар пои Муҳаммад,
эй ошиқи шайдо.
Тири мижаат рехта хуни ҷигари ман,
эй роҳати ҷонҳо,
Ман ҳеҷ нанолам зи ситамҳои Муҳаммад,
бошад чу мудово.
Он заҳри ҳалоҳил, ки рақибони ту карданд,
он луқмаи пурзаҳр,
Дар зери лаби лаъли шакархои Муҳаммад,
мекард фиғонҳо.
Мақсуд худ ӯ буд туфайли ҳама олам,
худ иззати ӯ бин,
Густурда Худованд мусаллои Муҳаммад
бар фарқи Сурайё.
Он шаб, ки бурун ронд зи атбоқи самовот
он Сайиди аъзам,
Аз баҳри умам буд таваллои Муҳаммад,
бо Холиқи якто.
К-эй воҳиби ман, раҳм бар аҳволи умам кун,
ғарқанд ба исён,
Азбаски туӣ Ҳазрати Мавлои Муҳаммад,
Саттору Ғафуро.
Дар манзари дил ҷой бидеҳ меҳри рухашро,
гар уммати ӯйӣ,
Дар қаъри ҷаҳаннам кунад аъдои Муҳаммад,
Аллоҳ таъоло.
Бинам, агар он сарви қаду рӯи хушашро,
биллаҳ, ки ҳамон дам
Чун сурма кашам хоки қадамҳои Муҳаммад
дар дидаи бино.
«Ваш-шамс» бувад партави анвори ҷамолат,
эй гулшани мақсуд,

«Вал-лайл» ду зулфи шаби ялдои Муҳаммад,
худ Хоҷаи «То ҳо».
Эй кош, ту аз хайли сагонат бишуморӣ
дилхаста Камолӣ,
Чун калб бувад бар дари маъвои Муҳаммад,
хуш мансаби аъло.

## Ғазали мустазод

То ҷилвагар омад қаду болои Муҳаммад,
дар Маккаву Батҳо,
Афрӯхт ҷаҳонро рухи зебои Муҳаммад,
чун партави байзо.
Мехост, ки орад зи адам Сонеъи бечун,
дар гулшани эҷод,
Гулғунчаи зоти чаманорои Муҳаммад,
кард Одаму Ҳавво.
Шуд булбули ман нағмасарою тарабангез,
дар фасли баҳорон,
Бар шохи гулистон ба навоҳои Муҳаммад,
дорад сари ғавғо.
Дар ояти шамшоди қадаш ҷумла забон лол,
кай шарҳ тавон кард,
В-аз Сидра нишон қомати раънои Муҳаммад,
медод дар ин ҷо.
Умрест, ки шуд гӯшанишин бар сари роҳаш,
аз баҳри назора,
Чун сурма кашам хоки кафи пои Муҳаммад,
бар дидаи аъмо.
Аз баҳри шафоъат ба ҳама уммати осӣ,
дар водии маҳшар,
Як тор зи гесӯи сумансои Муҳаммад,
кофист ъалайно.
Кай лоиқи гуфтор ба наът аст Камолӣ,
в-аз аҷзу қусураш,
Лекин чӣ кунад рехт таманнои Муҳаммад,
фӣ қалбиҳи мавло.

## Қасидаи пирони тариқат

Нуктае санҷида мегӯям ба гӯши ҳушу ҷон,
Бишнав, эй солик, зи пирони тариқат баъд аз ин.
Нест махфӣ бар замири аҳли таҳқиқу баён,
Баҳри асрори ҳақиқат буда дар рӯи замин.
Баъди шоҳи ҳар ду кавну саййиди хайр-ул-башар,
Ҳазрати Бӯбакри Сиддиқ асту Салмони муқин.
Қосим асту минҳу Ҷаъфар, минҳу Султон Боязид,
Булҳасан минҳу Абулқосим бидон аз соликин.
Бӯаливу шайх Абӯюсуф зи пирони тариқ,
Шайх Абдулхолиқ омад Хоҷа Орифро муин.
Хоҷа Маҳмуди Алӣ Рометанӣ аз авлиё,
Ҳазрати бобои Саммосӣ зи эшон ёфт дин.
Сайиди Мири Кулол асту Баҳоваддин Валӣ,
Баъд аз он Яъқуби Чархӣ, Хоҷа Аҳрор инчунин.
В-аз Муҳаммад Қозӣ шуд Махдуми Аъзам бокамол,
Шайхулислом аст минҳу Ҳазрати Хоҷа Амин.
Хоҷа Ҳошим, Хоҷа Мӯъмини бузургу авлиё,
Шаҳсалиму Ҳазрати Имло муҳиббул-воқифин.
Ғавсулаъзам пири Чуқмоқу валии номдор,
Шуд Камолӣ хирмани ин хонадонро хӯшачин.
Хон аз фазлу карам ҳар мисраъи ин назмро,
Соз таъвизи дили бемору зори соликин.
Назми моро нусрати бечун зи лутфи Аҳмад аст,
В-арна кай гардад рақам як мисраъ мавруде чунин.
Соли таърихи қасида ҷустам аз пири хирад,
Гуфт: «Баргӯ, ёд соз аз ҷон ҳадиси ошиқин».

## Нашраҳнома

Ба номи Холиқи кавну макони,
Раҳиму Роҳим асту меҳрубоне.
Ба ъавни подшоҳи арзу афлок
Шунав аз ман ту асрори маъонӣ.
Худовандо, ту Ҳайи ломаконӣ,
Ки халлоқи замину осмонӣ.
Карими ламязал, султони бемисл,

На монанде туро, на ҷисму ҷоне.
Каримо, Подшоҳо, Кирдугоро,
Туӣ алломи асрори ниҳонӣ.
Ба ҳаққи се ҳазорон исми покат,
Зи дӯзах осиёнро вораҳонӣ.
Ба даргоҳи ту дорам чашми уммед,
Ки навмедам аз ин даргаҳ наронӣ.
Агар хонӣ зи алтофат аҷаб нест,
Агар ронӣ, чӣ созам худ ту донӣ.
Ба ҳаққи Одаму Нӯҳу Халилат,
Ба мақсуди дили зорам расонӣ.
Зи тӯфони ғазаб бо қудрати хеш,
Бидодӣ Нӯҳро, ё Раб, амонӣ.
Ба лутфи шомили худ нори Намруд,
Ба Иброҳим кардӣ гулситоне.
Ниҳодӣ ишқи гул бар ҷони булбул,
Ҳаменолад ба садҳо достоне.
Зи сулби санг кардӣ ноқа берун,
Тавоно, ҳар чӣ хоҳӣ метавонӣ.
Баровардӣ ту аз ҳиҷрони Юсуф,
Зи ҷони пири Канъонӣ фиғоне.
Ба Мӯсо додӣ андар водии Тур
Зи анвори таҷаллӣ як нишоне.
Ҳамегуфтӣ каломе не ба овоз,
Саросар ҷумла тавҳиду маонӣ.
Калим аз ишқ мегуфт: Рабби арнӣ.
Расид аз Ҳақ нидои: Лан таронӣ.
Биё, эй ошиқи маҳзуну ҳайрон
Ба даргоҳи Худои ломаконӣ.
Аз ин дар ҳеҷ кас навмед набвад,
Агар аз сидқи дил ӯро бихонӣ.
Кунун бишнав ту наъти Мустафоро,
Агар аз ҷон муҳибби хонадонӣ.
Муҳаммад подшоҳи ҳарду олам,
Шафеъи умматони осиёнӣ.
Муҳаммад соҳиби меъроҷу қурбат,
Ҳабиби хоси Ҳайи мустаъонӣ.

Далели шоми зулфаш «лайлат-ул-қадр»,
Сифоти оразаш «ваш-шамс» хонӣ.
Туроби мақдами ӯ торуми Арш,
Хиҷил аз туррааш мушки хитонӣ.
Ба ангушти ишорат карда он шоҳ,
Ду нима қурси моҳи осмонӣ.
Бувад Рӯҳуламин мурғи сарояш,
Туфайли ӯ бувад ҳар инсу ҷонӣ.
Кунун бишнав ту аз алқоби ёрон,
Ки ҳар як дурри дарёи маонӣ.
Абӯбакру Умар Усмони Аффон,
Алӣ шери Худо, соҳибқироне.
Ҳасанро бо Ҳусайн медон ба мактаб,
Ки буданд ҳамсабақ ду ёри ҷонӣ.
Ду дурри гӯшвори Арши аъзам,
Ду сарве руста аз як бӯстоне.
Худовандо, ту бо башкони мактаб,
Зи илми хеш мекун меҳрубонӣ.
Аё бобо, муборак бод нашраҳ,
Кушодӣ бар рухат боби ҷинонӣ.
Ба устодам, агар бахшӣ либосе,
Туро дар ҳашр бошад соябоне.
Сиёбе гар бипӯшонӣ ба устод,
Бипӯшӣ ҳуллаҳои ҷовидонӣ.
Ҳар эҳсоне, ки созӣ андар ин рӯз,
Ба ҷаннат медиҳандат садчуноне.
Ғанимат дон ту имрӯз, эй бародар,
Хусусан кӯдаконро илмхонӣ.
Ҳадиси Мустафо он шоҳи лавлок,
Талаб аз кардани илм фарз донӣ.
Худову Мустафо хушнуд аз ту,
Агар фарзанд дар мактаб нишонӣ.
Аё бобо, муборак бод бо ту,
Расидат аз Худо ин меҳрубонӣ.
Бувад меҳмон атои Ҳазрати Ҳақ,
Бибояд кадри меҳмонро бидонӣ.
Агар фарзанди ту Қуръон бихонад,

Ба ҷаннат ҳамнишини мӯъминонӣ.
Агар фарзанди ту Қуръон нахонад,
Ба дӯзах ҳамнишини кофаронӣ.
Аё бобо, табақҳо рост мекун,
Зи ҳар алвон таоме, ки тавонӣ.
Бародар, андар ин рӯзи муборак,
Бикун бар раъси ҳофиз зарфишонӣ.
Биё, эй хоҳари ҷонсӯз, имрӯз,
Ту ҳам нафъе ба устодон расонӣ.
Ҳар он, к-ӯ хонд ин «Нашраҳ», Худоро,
Дуъое бар мани мискин расонӣ.
Ба уммеди ту дар мактаб нишаста,
Шабу рӯзаш ба аҷзу нотавонӣ.
Камолиро ба лутфат Холиқи тоқ,
Ба садри ҷаннатулмаъво расонӣ.

## Мухаммас

Дорам гурез сӯи Ҳақ аз шарри он даға,
Бисмиллаҳ ибтидои калому ҳувал-ҳудо,
Раҳмони файзбахшу Раҳими пур аз ато,
Алҳамду вас-сано лизоти ҳувал-ъало,
Яъне сипоси Ҳазрати лиллоҳи раббано.

Поку муқаддасе, ки набошад варо назир,
Халлоқи кулли оламу султони беназир,
Раззоқи бандапарвару шоҳаншаҳи хабир,
Ал-ъоламин ба тарбияташ фурӯғгир,
Доранд ҳар ду кавн аз ӯ нуру ҳам сафо.

Он Роҳиме, ки баҳри карам доимо ба ҷӯш,
Камтар ғуломи даргаҳи ӯ пири майфурӯш,
Алтофи бениҳояти ӯро шунав ба гӯш,
Инъоми оми Ҳазрати Раҳмони ҷурмпӯш,
Бар мӯъмину ба кофару зониву порсо.

Мафтӯҳ сохт баҳри халоиқ аладдавом,
Боби наъими хулди мавоид[1] ба субҳу шом,
Мезад садо ба ҳар нафасе: айюҳал-кором,
Густурда хони неъмати алвон ба хосу ом,
Ал-воҳибу ликулли халоиқ минал-ъато.

Хоҳӣ шавад ба рӯи ту аз ғайб фатҳи боб,
Бар даргаҳаш муқим шаву рӯи худ матоб,
Гар сад ҳазор оташи исён кунад кабоб,
Бахшад гуноҳи беададу ҷурми беҳисоб,
Хосан минар-раҳими илал-ъабди зил-хато.

Шоҳи сарири салтанату иззати фузун,
Қайюми безаволу мубарро зи чанду чун,
Дар қабзаи вай аст зуҳуроту ҳам бутун,
Султони ҳафт кишвару нӯҳ тоқи вожгун,
Бар маснади сарири ъалал-ъарши иставо.

Дар арсаи мамолики хулду саъиру нор,
Кас нест ғайри зоти азал соҳибиқтидор,
Назди қиёми ҳукм киро ҳаст ихтиёр,
Хусрав ба ҳарду кавн ба адл аст устувор,
Молик ба рӯзи ҳашр лаҳул-мулку вал-қазо.

Афтодаем ба водии пурҳавлу дашти кин,
Ғайр аз ту дастгир надорем дар ин замин,
Саттори айбпӯшиву Ғаффори музнибин,
Ё ман лано муъину ва ийёка настаъин,
Ло носиран биғайрика фӣ кулли ҳолано.

То омадам ба шашдараи ин куҳанработ,
Дар умри панҷрӯз надидам даме нишот,
Шашдар шудам чу мӯҳра дар ин тахтаи нишот,
Ифтаҳлано тариқи ҳудо иҳдинас-сирот,
Роҳе, ки мустақим бувад, н-аз кибру аз риё.

---

[1] **Мавоид-ҷамъи моида, хӯрокиҳо.**

Дарёи раҳматат чу занад мавҷу уштулум,
Исён кунад ба луҷҷаи ӯ дасту пой гум,
Мастони бода наъра зананд зери пои хум,
Биллутфи вал-ъатока сиротал-лазина ҳум,
Анъамта ё далилу ё сомиъуд-дуъо.

Бо он фариқи хос, ки инъом кардаӣ,
Дар фанни илм соҳиби илҳом кардаӣ,
Тавсифашон намудаву эълом кардаӣ,
Роҳи ҳамон касон, ки ту инъом кардаӣ,
Мин фазликал-ъамиму ъалайҳим ҳувал-ҳудо.

Эй Воҳиди ҳақиқиву эй шоҳи Зулминан,
Гӯям санову ҳамди ту дар сирру дар алан,
Моро мабар ба роҳи нифоқу ҳавову занн,
Не роҳи он гурӯҳ, ки мағзуби қаҳру тан,
Қад кону ло сабила ъалайҳим илан-наҷо.

Субҳонака бизикрика ё раббиял-вадуд,
Бахшо гуноҳи мо, ки туӣ воҷибул-вуҷуд,
Не роҳи қавми Од намоӣ раҳи Самуд,
Не роҳи золлин минал-габри вал-яҳуд,
Омин ба сидқи дил ҳама гӯянд дар дуъо.

Ман кистам, ки нукта сароям аз ин мақул,
Дар гӯшае нишастаам аз ғайри Ҳақ малул,
Шукри Худо, ки мӯъминаму уммати Расул,
Ё Раб, дуъои нимашабамро бикун қабул,
Аз ҳурмати каломи қадиму Расули мо.

Ё Раб, ба зоти поку ба лутфи амими ту,
Ё Раб, ба ҷуду фазлу сифоти қадими ту,
Ё Раб, ба исми аъзаму номи Раҳими ту,
Ё Раб, ба ҳаққи Курсиву Арши азими ту,
Раҳме ба ҳоли зору дили бекасам намо.

Эй дил, биё ба Ҳазрати Иззат ниёз гӯ,
Биншин ба кунҷи хилвату бо дӯст роз гӯ,
Нағмасарои завқ шаву сӯзу соз гӯ,
Кардӣ, Камолӣ, назм ба шукрона боз гӯ:
Алҳамду вас-сано лизоти ҳувал-ъало.

## Мухаммас

Ё соҳиби меъроҷ, яке номи ту «То ҳо»,
Бе рӯи ту шуд ин дили ман волаву шайдо,
Мафтун шудам имрӯз бар он қомати раъно,
Ё шофеъи уммат, назаре соз ту бар мо,
Ҷон сарф кунам, то бинамой рухи худро.

То пой ниҳодӣ ту дар айвони рисолат,
Ороста аз сарви ту майдони рисолат,
Пурнур зи ақдоми ту унвони рисолат,
Эй булбули хушхони гулистони рисолат,
Мавҷуд зи туфайли рухи ту ин ҳама ашё.

Эй шоҳи русул, ошиқу шайдои ту ҷаннат,
Муштоқи фурӯғи рухи зебои ту ҷаннат,
Аз рӯзи азал гардида маъвои ту ҷаннат,
Яъне ба саропардаи аълои ту ҷаннат,
Аз нури рухат дода ба Мӯсо яди байзо.

Бори дигар анвори рухи хеш биорой,
Монанди гуҳар аз садафи равза бурун ой,
Раҳгумшудагонро раҳи таҳқиқ ту бинмой,
Бар доди ситамкаш бирас, эй шоҳи накӯрой,
Дасти ситамовез бур аз ҳиммати аъло.

Он чор имоме, ки ба Сайид шудаанд ёр,
Сархайли муҳоҷир шуда, ҳам сарвари ансор,
Парвонаи шамъи рухи Аҳмад шуда ҳар чор,
Ҳар чор сутуни дину ҳар чор накӯкор,
Андар чамани дини Муҳаммад гули раъно.

Бӯбакр бигӯ, то алами сидқ фазояд,
Хаттоби Умар бар раҳи адлаш бадар ояд,
Усмони ту бо кaчрақамон раҳ бинамояд,
Он Сафдари мардон сафи аъдо бидарояд,
Аз рӯи замин пок кунад душмани динро.

То дида рухи Аҳмади мухтор Абӯбакр,
Моил шуда, ҳам мӯнису ғамхор Абӯбакр,
Аз сидқи ҷигар сохта иқрор Абӯбакр,
Гардида рафиқи сафару ғор Абӯбакр,
Дар наштари аждар зада аз шавқи рухаш по.

То бо шаҳи кавнайн басе ёр Умар шуд,
Муқвии дину душмани куффор Умар шуд,
Бо Сайиди худ ёри вафодор Умар шуд,
Ислом қавӣ аз пайи солор Умар шуд,
Хуршед зи акси рухи ӯ гашта мусаффо.

Саввум шунав алқоб зи Усмони Муҳаммад,
Ӯ буд рақамафкани девони Муҳаммад,
Маҷмӯъ зи юмнаш шуда Фурқони Муҳаммад,
Ӯ сар накашид аз хати фармони Муҳаммад,
Ӯ пешаи худ сохта буд ҳилму ҳаёро.

Чорум нигар, эй дӯст, чиҳо сохта Ҳайдар,
Ҳар ҳамла, ки дар рӯзи ғазо сохта Ҳайдар,
Олам ҳама дар ҷӯши бало сохта Ҳайдар,
Дар ларза ҳама арзу само сохта Ҳайдар,
Ҳам сафдару ҳам сафшикан ӯ буд сафоро.

Бар сӯи Камолӣ нигар, эй Хоҷа Муҳаммад,
Пайваста маро вирди забон гардида мадҳат,
Эй ғурфаи баҳри караму гавҳари ҷаннат,
То рӯи ту бинам мани пурандӯҳу заҳмат,
Дар пои рикоби ту бимолам сари худро.

## Мухаммаси Камолӣ бар ғазали

# Хоҷа Ҳофиз

Ғамаш ушшоқро оташ ба ҷон кард,
Хаёлаш қоматамро чун камон кард,
Ғамам доду ду чашмам хунфишон кард,
«Дил аз мо бурду рух аз мо ниҳон кард,
Худоро, бо кӣ ин бозӣ тавон кард».

Маро ҳар шаб, ки дил андар фиғон буд,
Ҳавои рӯи он абрӯкамон буд,
Хаёли қомати он дилситон буд,
«Саҳар танҳоӣ ҳам дар қасди ҷон буд,
Хаёлаш лутфҳои бекарон кард».

Чаро мафтуни он қотил набошам,
Ба тири ғамзааш бисмил набошам,
Зи дурри ашк по дар гил набошам,
«Чаро чун лола хуниндил набошам,
Ки бо ман наргиси ӯ сар гарон кард».

Задӣ бар синаам тири ҷигардӯз,
Накардӣ раҳм худ бар ҳолам имрӯз,
Худоро, шамъи рухсорат барафрӯз,
«Киро гӯям, ки бо ин дарди ҷонсӯз,
Табибам қасди ҷони нотавон кард».

Зи ҳаҷрат ин дилам бо ғам бишуд ҷуфт,
Ки тири ғамзаат ин синаро суфт,
Зи дарди ишқи ӯ ҷонам барошуфт,
«Ба пеши меҳрубонон чун тавон гуфт,
Ки ёри ман чунин гуфту чунон кард».

Надорад раҳм кас з-ин ҷамъ бар ман,
Ба фарёдам надорад самъ бар ман,
Зи лаъли шаккараш не тамъ бар ман,
«Бад-ин сон сӯхтам чун шамъ бар ман,
Сурохӣ нолаву барбат фиғон кард».

Ки ёро, гар ту ёрӣ вақти вақт аст,
Мадад бо ман чӣ дорӣ, вақти вақт аст,
Зи ҳад шуд интизорӣ вақти вақт аст,
«Сабо, гар чора дорӣ вақти вақт аст,
Ки дарди иштиёқам қасди ҷон кард».

Камолиро ҷафо чандин накардӣ,
Чу чашми масти он худбин накардӣ,
Чаро раҳме бар ин мискин накардӣ,
«Адӯ бо ҷони Ҳофиз ин накардӣ,
Ки тири чашми он абрӯкамон кард».

## Мухаммаси Камолӣ

Ассалом, эй Аҳмади мухтори Яздон, ассалом,
Ассалом, эй кошифи асрори Қуръон, ассалом,
Ассалом, эй дӯстдори Ҳайи Субҳон, ассалом,
Ассалом, эй соҳиби ҳар рози пинҳон, ассалом,
Ассалом, эй оразат хуршеди тобон, ассалом.

Ҳар замон аз Ҳақ расад бо ту салом, эй шоҳи дин,
Ман шунидам гуфтаӣ: ҳастам шафеъ-ул-музнибин.
Шодие з-ин ваъдаат афтод бар ҷони ҳазин,
Ассалом, эй он, ки ҳастӣ раҳматан лил-ъоламин,
Ассалом, эй ғарқаи дарёи ғуфрон, ассалом.

Маҳ ба побӯсат гиребончок меояд зи дур,
Барраи бирён фиғон мезад, ки: пурзаҳрам, махӯр,
Соя меафканд бар фарқат саҳоб, эй ғарқи нур,
Ҷонат аз лаззоти дидори Илоҳӣ дар ҳузур,
Ассалом, эй соҳиби фирдавсу ризвон, ассалом.

Нахл дар таъзими истиқболат омад дар хиром,
Андар он мавзеъ, ки фармудӣ бикард он ҷо мақом,
Ҷабраил аз Сидра меомад, ки: шоҳо ассалом,
Ассалом, эй Хоҷаи «Ё син»-у «То ҳо», ассалом,
Ассалом, эй воқифу мавқуфи фармон, ассалом.

Сарв ҳайронгаштаи он қомати дилҷӯи ту,
Ҳоларо нисбат набошад бо хами абрӯи ту,
Меҳр бошад заррае аз офтоби рӯи ту,
Сунбулу райҳон муаттар гаштаанд аз бӯи ту,
Ассалом, эй аҳли ҳасратро нигаҳбон, ассалом.

Гулшани рӯи туро чун булбули шайдо манам,
Теғи ишкат бар ҷигар, эй шӯхи бепарво, манам,
Карда чун парвона дар нори ғамат маъво манам,
Дасти ман мегир, ки он гумкардароҳ ин ҷо манам,
Ассалом, эй дастгири ҷумла инсон, ассалом.

Сояаатро ҳеҷ кас ин ҷо надид бар рӯи хок,
Нурро ҳаргиз набошад сояе, эй зоти пок,
Душманонро кард Эзид дар мақоми дарднок,
Бе рухат гардидаам ман дилхаробу синачок,
Ассалом, эй шаҳсавори мулки Кайвон, ассалом.

Ман ғуломии сагонатро нашоям, ё Расул,
Рутбае набвад, ки наътатро сароям, ё Расул,
Пургуноҳу гумраҳам, ту раҳ намоям, ё Расул,
Бар дари кӯи ту монанди гадоям, ё Расул,
Ассалом, эй раҳнамои ҷумла халқон, ассалом.

Эй имоми ҳар ду кавну эй паноҳи умматон,
Эй ҳабиби Кирдигору эй шафеъи осиён,
Ин Камол ин ҷо ба даргоҳи ту месозад фиғон,
Гӯшаи чашме намо, эй хотами пайғамбарон,
Ассалом, эй дарди исёнро ту дармон, ассалом.

## Мусаммани Камолӣ

Эй ба зуҳур аз бутун нури ту сабқатгузин,
Шуд ламаъоти рухат зиннати Арши барин,
Пояи рафъат гирифт Курсии вусъатҷабин,
Лавҳу Қалам аз ту ёфт нақши хати дилнишин,
Ному нишоне надошт ҳафт фалак бо замин,

Кавкабу хуршеду моҳ буд ба зулмат қарин,
Одаму Ҳавво набуд дар садафи моъу тин[1],
Салтанат эҷод кард исми Муҳаммад Амин.

Чун ба ҷаҳон омадӣ, эй шаҳи фархундазот,
Акси ту пурнур кард оинаи шаш ҷиҳот,
Модари гетӣ назод ҳамчу ту олисифот,
Кӯси «ало ло» заданд силсилаи мамкинот,
Ҳуру малак рақс кард бо ҳамаи соибот[2],
Оташи Зардушт мурд, рафт зи гармӣ субот,
Гашт ба худ сарнагун Уззиву Лоту Манот[3],
Куфри залум дур шуд, тофт чу байзои дин.

Аз қадамат гулситон Ясрибу Батҳо шуда,
Макка гаҳе манзилам, нақши кафи по шуда,
Гоҳ Мадина туро маскану маъво шуда,
Мӯъҷизаат дар ҷаҳон баски ҳувайдо шуда,
Аз нафасат мурдаҷон зиндаву эҳё шуда,
Санги мусаббаҳ ба каф нотиқу гӯё шуда,
Моҳ ба чархи фалак пора ба имо шуда,
Нусхаи «Шаққ-ул-қамар» ҳаст далели мубин.

Ояти «Ваш-шамс» шуд оразі зебои ту,
Нуктаи «Вал-лайл» буд ҷаъди сумансои ту,
Қиссаи «Мо зоғ» чист, наргиси шаҳлои ту,
Рамзи каломи Вадуд наъти саропои ту,
Замзамаи «Ҳо»-ву «мим» мадҳи муаллои ту,
Шарҳи ҳуруфи ҳиҷо матни муаммои ту,
Маънии Қуръон бидон, ҳусни дилорои ту,

Номи хуши дилкашат хонд Худо «Ё»-ву «син».
Рашҳаи «Нун вал-қалам» гашт зи баҳрат бурун,
Ҷӯш зад аз фитратат маънии «мо ястурун»,

---

[1] **Моъу тин-обу хок.**
[2] **Соибот-занони бешавҳар.**
[3] **Уззиву Лоту Манот-номи бутони арабҳо, ки пеш аз ислом онҳоро мепарастиданд.**

Маъдани ганҷи хафӣ ҳаст ба зотат вуфун,
Кони ҳаёву адаб, олими илми ладун,
Сабт нашуд ҳамчу ту бар варақи «Коф»-у «нун»,
Мавҷ зад оби ҳаёт чашмаи мимат фузун,
Васфи ҷамолат кунам дар ҳаракоту сукун,
Хотами пайғамбарон омадӣ нақши нигин.

Бар фалаки дилбарӣ меҳри рухат «Ваз-зуҳо»,
Кард мухотаб Ҳақат бо лақаби «То»-ву «ҳо»,
Пояи меъроҷи ту маскани қурби «Дано»,
Ҳар ду ҷаҳонро гирифт ламъаи нурул-ҳудо,
Тофта бурҷи камон шоҳиди бадруд-дуҷо,
Тоҷи «Лаъумрук» ба сар, нусрати «Насрун» ливо,

Моҳи мунири ҳасаб, шоҳи сарири матин.
Чун ту шудӣ дар сафар ҷониби «Исро» равон,
Шистӣ ба сад иззу ноз пушти Буроқи давон,
Гашт ба зери инон хайли малак парфишон,
Дар қадамат Ҷабраил бо ҳама каррубиён,
Чархи зумуррадлаган дод ба анҷум амон,
Машъала афрӯхтанд кавкаби ҳафт осмон,
Сайр намудӣ ба он аз Сарӣ то ломакон,
Шоҳини қавсайнбол, базми тадаллинишин.

Пой ба Рафраф задӣ, рӯй намудӣ ба роҳ,
Қурби «Дано» ёфтӣ, Хоҷаи иззатпаноҳ,
Хосу мукаррам шудӣ озими он боргоҳ,
Нест ба ҷуз ту касе маҳрами асрори шоҳ,
Уммати худ хостӣ ҳарфи нахуст аз Илоҳ,
Инна лака хосатун мартабаи иззу ҷоҳ,
Қудваи арбоби шавқ, шофеъи ҷурму гуноҳ,
Гашт муяссар туро мансаби айн-ул-яқин.

Омадаӣ дар ҷаҳон ҳуҷҷату бурҳони Раб,
Боиси ин ҷумла халқ, сайиди уммилақаб,
Сарвари кулли башар, зубдаи Ҳошимнасаб,
Ҳоҷии Байт-ул-ҳаром, соири Шому Ҳалаб,

Афзали аҳли вафо, аълами илму адаб,
Ашрафи инсон ба хулқ, аҳсани ҳусну ҳасаб,
Шоҳиди базми Аҷам, афсаҳи лутфи Араб,
Тоҷи сари анбиё, афсари вал-мурсалин.

Меҳри рухат ламъае тофт ба бурҷи суъуд,
Равнақу зиннат гирифт гулшани ранги вуҷуд,
Шамъи ту пурнур кард арсаи базми шуҳуд,
Ваҷҳака имрорика зоти ту ҳасб-ал-вадуд,
Махзани асрори «ҳу», соҳиби гуфтушунуд,
Ҷодакушои тариқ, роҳнамои убуд,
Гуфт Худову малак баҳри ту, эй шаҳ, дуруд,
Нағмаи салвот зад ин дили зору ҳазин.

Волии мулки шараф, улвии волосарир,
Орифи Рабб-ул-ғафур, фоҳими мо физ-замир,
Шориқи анвори Ҳақ, давраи бадри мунир,
Тӯтии «Мо янтиқу», қумрии садри сафир,
Ёфт ба Қуръон баён васфи баширу назир,
Хокнишини дарат шоҳу амиру вазир,
Дасти шафоъат барор баҳри гунаҳгори пир,
Зилли саҳоби карам, раҳмати мар оламин.

Эй ба саропардаат, садрнишин чор ёр,
Хосу мукаррам, тақӣ, мушфиқу парҳезгор,
Ҳазрати Бӯбакр Шайх буд туро ёри ғор,
Равнақи ислому дин шуд зи Умар ошкор,
Кӯҳи ҳаёву адаб ёфт зи Усмон виқор,
Шери Худо-Муртазо, Ҳайдари Дулдулсавор,
Нури басар Булҳасан синаи захраш фигор,
Кард Ҳусайнат шаҳид Шимри шариру лаъин.

Ман кияму кистам, лоиқи наъти Расул,
Дар сафи мардон наям дархури радду қабул,
Рӯсияҳу мӯсафед, ҷурму гунаҳро ҳамул[1],

[1] **Ҳамул-бардоранда.**

Гир ба лутфу карам дасти мани булфузул,
Бош шафеъам ба ҳашр, эй Сайиди зул-ъуқул,
Бар сару дида кашам хоки даратро куҳул,
Аз кафи эҳсони ту нест Камолӣ малул,
Хирмани ҷудат навохт, кард маро хӯшачин.

## Таркиббанд

Дӯш то к-аз ҷайби чарх он субҳи содиқ бардамид,
Ҷомаи шаб аз гиребон то ба домон бардарид,
Тоқи хуршеди зарин аз уфқи сарвонӣ ҷаҳид,
Бар сари рӯзи ҷаҳонафрӯзи олам даркашид,
Кавкаби анҷум шуд аз барқи шафоъат нопадид,
Тоқи Кисро баршикасту Лоту Уззо бархамид,
Базморо шуд зи тоби ҳусн он нури фарид,
Шарбати ҷоми «сақоҳум раббуҳум» гирд оварид,
Дод бо ҳар як зи аҳли базм ҷоме, ташна дид,
Ҳар кӣ менӯшид мезад наъраи «ҳал ман мазид».

Метапид дар хоку мезад дасту мешуд дар симоъ,
Масту бехуд чун фалак саргашта доим бенизоъ.

Марҳабогӯён расиданд маҷмаъи каррубиён,
Гирди нури шамъи рухсораш ҳама парвонасон,
Мешуданд дар чарх аз тоби ҷамолаш парфишон,
Омаданд аз шавқи он ҳусну малоҳат дар фиғон,
Дар қудумаш ҷон фидо карданд ҷумла инсу ҷон,
Гуфтанд: эй кони назокат, эй шаҳи ҳарду ҷаҳон,
Ҷониби мо аз тараҳҳум як назар мекун ниҳон,
Гуфт: ҳастам рӯзи маҳшар ман шафеъи умматон,
Боз мебахшид ҷон аз нуктаи мӯъҷизбаён,
Ирҷиъӣ иннӣ баширун удхулу дорул-ҷинон.

Н-омад аз модар бад-ин шаклу шамоил моҳу сол,
Инчунин зебонигори хушнигоҳу хушхисол.

Даҳрро кони малоҳат кард аз ҳусну ҷамол,

Пеши нутқи афсаҳаш ҳар кас ки омад, гашт лол,
Гоҳ мегуфтанд зи шавқи худ: ариҳно ё ҳилол,
Вазъ карда номи покашро ду «мим»-у «ҳо»-ву «дол»,
Лайлатулмеъроҷ гуфт он зоти поки Зулҷалол:
Изни миннӣ анта маҳбубӣ биқурбин лӣ таъол,
Ҳарчи хоҳӣ аз дари мо хоҳ, эй некӯхисол,
Кард дар он соат ҳам аз ӯ Ҳазрати Иззат савол.

Гуфт: бахшо ҷурму исёну гуноҳи умматам,
Гуфт: бахшидам гуноҳи умматонат аз карам.

Сайидус-содоту шоҳи маснади қурби дано,
Фахри мавҷудоти олам, бахти авҷи истафо,
Зубдаи хайрулбашар, яъне ҳабиби Кибриё,
Тоҷдори «қум фаанзир», раҳбари шаръи ҳудо,
Хоҷаи олигуҳар, оинаи зоти Худо,
Шоҳбози қофи қурбат, булбули боғи бақо,
Садрнишини «лӣ маъаллоҳ», соҳиби явмулҷазо,
Дар ҳадиси «кунту канзан» соҳиби нутқу наво,
Махзани асрори «мо авҳо», расули муҷтабо,
Роздони сирри макнун «кона бит-таҳтуссаро».

Аҳмади мурсал, Муҳаммад Мустафо, хатми русул,
Пешвои анбиё омад имоми ҷузву кулл.

Ҷабраил омад зи Ҳақ бо сад ҳазорон карру фар,
Гуфт: овардам зи назди Рабби Иззат ин хабар,
Аз тараҳҳум баркушо айнайни «мо зоғал-басар»,
Сарви қаддатро зи «мо авҳо» бигардон ҷилвагар,
Бар буроқи баркҷавлон барнишин, мекун сафар,
Ҷониби меъроҷи «субҳонал-лазӣ асро» гузар,
То шаванд аз мақдамат хайли малоик баҳравар,
Мулки «ав адно» зи файзи ақдасат ёбад асар,
Бар бисоти «қоба қавсайн» омада мекун мақар,
Маснади қурби «тадаллӣ» барнишин олигуҳар.

Ҷурми умматро талаб кун аз дари он подшоҳ,
Баски ҳастӣ ту шафеъи умматони пургуноҳ.

«Ваз-зуҳо» як нукта аз тафсири ҳусни он нигор,
Сураи «Ваш-шамс» васфе з-он ду рӯи гулъизор,
Ояти «Вал-лайл» матни гесӯвони тобдор,
Шарҳи «мо зоғал-басар» рамзе зи чашми пурхумор,
Шуд «алам нашраҳ» зи садри синаат оинадор,
Пеши накди зоти покат халқи олам беғубор,
Анбиёву авлиёро бар вуҷудат ифтихор,
Шоҳи иззи маснаду султони тахту тоҷдор,
Барраи бирён ба наздат захри худ кард ошкор,
Чун саҷанҷал ҳар кӣ бо рухсори моҳат шуд дучор.

Рафт аз худ, дар тилисми ҳайрат омад синачок,
Мекашид аз сӯзи дил ҳар лаҳза оҳи дарднок.

Бар забон меронд ҳар дам: эй Набии покдин,
Ҳоли дурафтодагони кӯи ғурбатро бубин,
Васфи зоти покат омад «раҳматан лил-ъоламин»,
«Коффатун линнос» хонда Ҳақ «шафеъ-ул-музнибин»,
Соқиби бурҷи саодат, нури байзои мубин,
Машъали наҷми ҳидоят, моҳи тобони замин,
Машриқи анвори фитрат, зӯи[1] хуршеди барин,
Моҳии[2] куфру залолат, возеҳи шаръи матин,
Сотеъи бурҳону ҳуҷҷат, гулбуни боғи яқин,
Носихи адёну миллат, муқтадои мурсалин.

Махзани сирри «ҳуваллоҳ», ганҷи махфӣ, кони ҷуд,
Мазҳари нури таҷаллӣ, манбаъи файзи шуҳуд.

Эй ба садри маснади хубӣ ду рух чун офтоб,
Эй ба ҳангоми назокат гесӯвон пурпечу тоб,
В-эй ба арзи ҷилваи нахли қадатро ин хитоб,

---

[1] **Зӯъ-нур, равшанӣ.**
[2] **Моҳӣ-маҳвкунанда, аз миён баранда.**

«Қум фа анзир қавмака лайлан наҳоран» беҳиҷоб,
«Мо рамайту из рамайту» сӯи хасмон шуд иқоб,
Чун муарриз бар азоб шуд зуд душман гашт аноб,
Бар кафат гардид мусаббиҳ санг, эй олиҷаноб,
Ҳаст уммеди шафоъат аз ту дар рӯзи ҳисоб,
Дидаҳо аз интизори мақдамат доим пуроб,
Синаҳо аз таффу тоби шӯълаи ҳаҷрат кабоб.

Чун маҳи тобанда бар авҷи рисолат мустақим,
Булбули гулзори маънӣ, гулбуни боғи наъим.

Аз вуҷудат шуд ҳувайдо сирри «Нун»-у «вал-қалам»,
В-аз ҷабинат ояти асрори «Ар-раҳмон» алам,
Буд бар авроқи зотат «Ъаллам-ул-Қуръон» рақам,
Хонд «ван-шаққул-қамар» муншии иншои карам,
Ҳазрататро дошт Ҳақ аз рӯзи аввал мӯҳтарам,
Баски пайдо кард нури покат аз нури қалам,
З-ин сабаб гаштӣ ба чашми аҳли олам мӯҳташам.[1]

## Рубоъиёт

Эй солики роҳи Ҳақ, агар ту носӣ,
Худро бишинос, то Худо бишносӣ,
Мавқуф бувад маърифати Ҳазрати Раб
Бар маърифатат, в-агарна ту васвосӣ.
* * *

Эй мазҳари зоту ламъаи нури сифот,
Афтодаӣ дар таназзулоти дараҷот,
Бар «ва нафахту фиҳи мир-рӯҳӣ»-ро,
То ёбӣ зи қайди нафси худ зуд наҷот.
* * *

Хоҳӣ, ки шавӣ ба хештан соҳибдил,
Бе тавба муроди ту нагардад ҳосил,
Пире биталаб, биёр он гаҳ тавба,
В-аз партави нури ӯ бигардӣ комил.
* * *

[1] **Дар нусхаи мавҷуда поёни ин таркиббанд нобуд гардидааст.**

Баргӯй аладдавом Аллоҳ ба дил,
Асрори ду кавн, то ки созӣ ҳосил,
Миръот шавӣ ба Ҳазрати зоти ҷалол,
Якбора раҳӣ зи хешу гардӣ восил.

* * *

Бо қалб ба исми зот бедориву хоб,
Машғул шаву масоз бо ғайр хитоб,
Як бор кунӣ савол аз Ҳазрати ӯ,
Ояд ба дусад ҳазор лаббайк ҷавоб.

* * *

Мебош ба зикри рӯҳ гар шайхию шоб,
Бардор зи рӯи ҳастии хеш ниқоб,
Мустағрақи Ҳазрати ҳуӣ мегардӣ,
Арвоҳи муқаррабони қудсӣ дарёб.

* * *

Баргӯй, ки то соҳиби асрор шавӣ,
З-асрори вуҷуди худ хабардор шавӣ,
Маълум шавад туро вуҷуди мутлақ,
Аз ҳосили ҳар ду кавн безор шавӣ.

* * *

Эй солики роҳрав, бигӯ сирри хафӣ,
Огоҳ шавӣ зи худ, зи сирри махфӣ,
Бинӣ ба аён ҷамоли мутлақ тобон,
Бевосита гуфтугӯ шуд аз пай чу сафӣ.

* * *

Машғул агар ба зикри ихфо бошӣ,
Дар сайри сулук аз ҳама аъло бошӣ,
Бинӣ ту ҷамоли шоҳиди пардаи ғайб,
Дар мартабаи «дано тадалло» бошӣ.

* * *

Ҳар шому саҳар ба зикри султонӣ кӯш,
Мулку малакутро даровар ба хурӯш,
Дар мулки вуҷуди хеш султон бошӣ,
Барбанд забон ба кому мебош хамӯш.

## Мӯсонома

Эй бародар, як замон хомӯш кун,

Ин суханро як замоне гӯш кун.
Ёд дорам нақл аз пири куҳун,
Эй бародар, ин суханро гӯш кун.
Дар замони Ҳазрати шоҳи Калим,
Буд андар Миср як марди лаим.
Зулмгору бадсиришту пургуноҳ,
Халқро аз зулми ӯ ҳоли табоҳ.
Ӯ ба кори худ танаъъум мебиронд,
Номаашро дар навиштан ҷо намонд.
Хирмани умраш ба боди куфр дод,
Донае ҳосил накард он бадҷиҳод.
Халқ аз дасташ ба фарёд омаданд,
Бар дари Ҳақ баҳри ҳоҷот омаданд.
Амр шуд аз Холиқи Парвардигор:
Мӯсиё, ӯро бирон ту аз диёр.
Гар ҳазар н-орӣ ту аз шумии ӯ,
Оташе ояд бисӯзад шаҳри ту.
Чунки Ҳақ ин амр бар Мӯсо бихонд,
Мӯсӣ ӯро он дам аз шаҳраш биронд.
Рафт он барно чу бар шаҳре дигар,
Ҳақ таъоло гуфт: Мӯсо, зудтар.
З-он дигар шаҳраш ту ӯро ҳам бирон,
То зи шумияш насӯзанд мардумон.
Ҳазрати Мӯсо ба амри подшоҳ,
З-он дигар ихроҷ фармудӣ варо.
З-ин чунин ӯро дилаш пурдард шуд,
Он рухи гулгунаш он дам зард шуд.
Он замон рӯ дар биёбоне ниҳод,
Ашки хунин аз раҳи мижгон кушод.
Рӯй мемолид андар хоку гил,
Гиря мекард ӯ ба даргоҳи Ҷалил:
Ё Илоҳӣ, ман надорам ҷуз ту кас,
Андар ин ғурбат ба фарёдам бирас.
Ҳам ба ҳаққи зоти покат, эй Карим,
Раҳм кун бар ҳоли зорам, эй Раҳим.
Оҷизу бечораам ман, ё Илоҳ,
З-ин сабаб овардаам сӯят паноҳ.

Гар расулат кард аз шаҳраш ҷудо,
Ту марон аз даргаҳат, ё Қодиро.
Он чунон дарду ғамаш пурзӯр шуд,
Андар он саҳро ҷавон ранҷур шуд.
Лашкари дард то ба аъзояш расид,
Қувваташ аз дасту аз пояш рамид.
Ӯ ба як сӯ дар замин андар фитод,
Сангро дар зери сар болин ниҳод.
Оҳи сард ӯ аз дили пурдарди худ,
Мекашид андар фалак мезад чу дуд.
Ӯ ҳамегуфт: эй Худои бокарам,
Модарам гар будӣ ин ҷо бар сарам.
Ӯ дар ин ранҷурии ман субҳу шом
Баҳри ғамхорем бинмудӣ қиём.
Гар ҳамебудӣ зану фарзанди ман,
Гиря мекарданд баъд аз марги ман.
Дурам афкандӣ зи хешу ақрабо,
Аз дари раҳмат макун дур, эй Худо.
Сӯхтӣ дар оташи ғам, эй Карим,
Пас масӯзонам ту дар нори ҷаҳим.
Ин суханҳоро ҷавон бо Ҳақ бихонд,
Баъд аз ин қувват ба гуфтораш намонд.
Гиряҳо мекард он дам зор-зор,
Ашк меборид зи мижгон сад ҳазор.
Аз сухан гуфтан ҷавон хомӯш шуд,
Раҳмати Ҳақ он замон дар ҷӯш шуд.
Баҳри раҳмат мавҷ зад он дам чунон,
Ғарқи раҳмат гашт барно он замон.
Лутфи Ҳақ он ҷо басе дар кор шуд,
Амр чун аз Холиқи Ҷаббор шуд.
Ҳуриёни хулд бо амри Худо
Омадандаш ҳамчу хешу ақрабо.
Даррасиданд ҷумлагӣ андар сараш,
Сурати фарзанду ҳамчун модараш.
Як малак омад варо андар назар,
Сураташ монанд будаш бо падар.
Дида бар рухсори эшонон кушод,

Он дили ғамгини ӯ гардид шод.
Он ғаму андӯҳро аз сар рабуд,
Дар канори ҳуриён ҷонро супурд.
Ин нидо омад ба Мӯсо он замон:
Бар фалон саҳро шав, эй Мӯсо,равон.
Дӯсте он ҷо маро карда вафот,
Рафт пурҳасрат зи дори бесубот.
Соз такфину намозашро гузор,
Баъд аз он ӯро ба хок андар супор.
Ин сухан дар фаҳми Мӯсо роҳ ёфт,
Баъд аз он Мӯсо сӯи саҳро шитофт.
Бошитоб он Мӯсӣ он ҷо медавид,
Ӯ ба як лаҳза дар он саҳро расид.
Дид он барно, ки ӯ аз шаҳри худ
Ронда буд бо амри он Ҳайи Вадуд.
Мурда буд он ҷою хуфтида чунон,
Саф кашида дид гирдаш ҳуриён.
Ҳуриён гирён ҳама андар ғамаш,
Ҷома нилӣ сохта дар мотамаш.
Мӯсиро он дам ба ҷӯш омад дилаш,
Ҳамчу баҳр андар хурӯш омад дилаш.
Ӯ ба ҳайрат андар афтод он замон,
Даст бикшодӣ ба сӯи Мустаъон:
Эй Худовандо, туӣ донои роз,
Ин дари асрор бар ман кун ту боз.
Эй Худовандо, Каримию Илоҳ,
Худ ба бадкории ӯ будӣ гувоҳ,
Худ маро фармуда будӣ, ё Вадуд,
Кардамаш ихроҷ ман аз шаҳри худ.
Менадонам то чӣ бошад ҳикматат,
Аз чӣ гашта ӯ ғариқи раҳматат?
Ҳақ таъоло гуфт Мӯсоро: Калим,
Буд пурфисқу гуноҳу пурҷарим.
Чун варо аз шаҳри худ кардӣ бурун,
Рафт андар баҳри ғам шуд сарнагун.
Ранҷ бинҳодам зи пояш то ба сар,
Ханҷари ғурбат варо зад дар ҷигар.

Андар он ғурбат ҳам он ҷо оҳ зад,
Оҳи ӯ он дам ба ҷайби моҳ зад.
З-ин сабаб ӯро биёмурзидамаш,
Он гуноҳу ҷурмро бахшидамаш.
Бо ғарибон соз, эй Мӯсо, вафо,
Раҳм кун бар ҳар ғарибу мубтало.
Гар ғарибе мурд андар хокдон,
Баҳри ӯ гирянд аҳли осмон.
Бар ғарибону ятимони ҷаҳон,
Раҳм бояд кард, эй мӯъмин, бидон.
Пурҳазар мебош аз оҳи фақир,
Оҳи эшон сангро созад асир.
Нолаи шабгири ҳар марди ҳақир
Аршро меоварад андар нафир.
Ҳар кӣ хонад баъд аз ин ин назмро,
Як дуъо гӯяд ба ҳаққи ин гадо.
Бо иноёти Худои Зулҷалол,
Ин сухан изҳор гардид аз Камол.

## «Дувоздаҳ имом»-и Камолӣ

Эй бародар, бишнав аз ман инчунин,
Номи поки он имомони гузин.
Ҳар яке ҳодии роҳи Кирдигор,
Меҳри Ҳақро карда дар ҷон устувор.
Ҳар яке шоҳаншаҳи дунёву дин,
Хонадони Раҳматан лил-ъоламин.
Аввали эшон Алии Муртазо,
Маъдани ҳилму ҳаё, кони сахо.
Ибни амми Мустафо он шоҳи дин,
Шери Яздон, хоҷаи Дулдулнишин.
Боби хайбаркан, амири номдор,
Шери хоси Ҳазрати Парвардигор.
Нест марде ҳамчу он шоҳи валӣ,
Хондаандаш «ло фато илло ъалӣ».
Нест теғе мисли теғаш дар диёр,
Гуфтаанд «ло сайфа илло зулфиқор».
Баъд аз эшон шоҳ Ҳасан он бовафо,

Сайиди авлоди поки Мустафо.
Ҷумлаи содотро сардафтар аст,
Қурратулъайни амири Ҳайдар аст.
Баъд аз эшон он Ҳусайни покҷон,
Нури рӯяш равнақи боғи чаҳон.
Гӯшвори дурри зулъаршилмаҷид,
Нури чашми Фотима шоҳи шаҳид.
Чоруми эшон нигар он шоҳи дин,
Номи покаш буд Зайнулъобидин.
Дар балои Карбало буд он амир,
Ӯ ба хурдӣ шуд хавориҷро асир.
Баъд аз эшон, он ки шоҳи фохир аст,
Номи поки ӯ Муҳаммад Боқир аст.
Ибни Зайнулъобидин он покзод,
Доимо мебуд андар иҷтиҳод.
Баъд аз эшон бингар он содиқнуҷум,
Ҷаъфари Содиқ, ки дарёи улум.
Синаи ӯ манбаъи дарёи илм,
Сарви қаддаш раста аз гулзори илм.
Баъд аз эшон он шаҳи олисифат,
Мӯсии Козим, ки баҳри маърифат.
Пешвову ибтидову эҳтидо,
Он дилороми Алии Муртазо.
Баъд аз эшон он имоми босафо,
Ҳазрати Султон Алӣ Мӯсо Ризо.
Марқади ӯ луҷҷаи анвори нур,
Офтоби оराзи ӯ рашки ҳур.
Боз бингар худ ту он шоҳи Тақӣ,
Орифу ҳам ошиқу ҳам муттақӣ.
Турраи мушкини ӯ чун шоми қадр,
Оразი тобони ӯ чун моҳи бадр.
Баъд аз эшон он имоми мӯҳтарам,
Ҳазрати шоҳи Нақӣ соҳибкарам.
Шоҳи шоҳон, кошифи асрори Ҳақ,
Масти Яздон, ошиқи дидори Ҳақ.
Баъд аз эшон Аскарии номдор,
Бандаи хоси Карими Кирдигор.

Оли Ёсин, муршиду шоҳи Араб,
Шоҳи бодин, хоҷаи олинасаб.
Ин имомонанд шоҳони ҷаҳон,
Хатми эшон Маҳдии охирзамон,
Кош созад пас хурӯҷи ӯ руҷӯъ,
Офтоби оразаш созад тулӯъ.
Ин имомонанд асли зоти пок,
Зоти эшон дорадам ҳар дам ҳалок.
Зоташон сармояи мулку малак,
Ҳам туфайли зоташон арзу фалак.
Зоти эшон буд мақсуди Худо,
Ҳам туфайли зоташон мавҷуди мо.
Зоташон сардафтари пайғамбарон,
Ҳам туфайли зоти эшон инсу ҷон.
Эй фидои ҷумла эшон ҷони ман,
Хоки пошон ин сари ҳайрони ман.
Хоки пошон тӯтиёи дидаам,
Меҳри эшонро ба ҷон бигзидаам.
Нест сарвар ҳамчу эшон ҳеҷ кас,
Сарварӣ дар шаъни эшон асту бас.
Рустаанд эшон зи боғи Мустафо,
Бурда баҳр аз ҷӯйбори Муртазо.
Ин Камолӣ зору маҳзуну гадо,
Дорад уммеди шафоъат аз шумо.
Ҳар кӣ хонад ин имомони салаф,
Рӯҳи он бечора гардад пуршараф.

## Муноҷоти Камолӣ

Илоҳӣ, осии шармандаам ман,
Дил андар чоҳи ҳирс афкандаам ман.
Ба чанги нафси шайтонам гирифтор,
Амонам деҳ аз он малъуни маккор.
Агар ронӣ маро, Маъбуди қаҳҳор,
Сазоворам, сазоворам, сазовор.
Агар хонӣ маро, эй Ҳайи ғуфрон,
Сазоворӣ ту бо ин лутфу эҳсон.
Кас аз даргоҳи ту навмеду ҳам рад,

Набояд буд аз он дарёи раҳмат.
Мани саргашта чун навмед бошам,
Агарчи фосиқу қосидмаъошам.
Агарчи ғарқаи баҳри гуноҳам,
Ба даргоҳи ту, ё Раб, узрхоҳам.
Агарчи ман заъифу хору зорам,
Рухи уммед бар сӯи ту дорам.
Зи мо гумроҳию нодонию ҷаҳл,
Зи ту ғаффорию сатторӣ бо аҳл.
Ба уммеде гирифтам ҳалқаи боб,
Макун навмед, эй Султони ваҳҳоб.
Ба ашки сурху ранги зарди ман бахш,
Ба оҳи ин дили пурдарди ман бахш.
Бикун раҳме ба ин мӯи сафедам,
Зи даргоҳат магардон ноумедам.
Ба ҳаққи он Сафиюллоҳи покат,
Ба он Нӯҳи Набии дарднокат.
Ба ҳаққи он Халилат, Ҳайи маъбуд,
Маро восил кунӣ бо ҷумла мақсуд.
Ба ҳаққи он Забеҳи пок, Яздон,
Ба ҳаққи сокини он байт-ул-эҳзон.
Ба ҳаққи Юсуфу Илёсу Идрис,
Ба ҳаққи Яҳёву Исову Ҷирҷис.
Ба ҳаққи Мӯсиву Айюбу ҳам Тур,
Дили маҳзуни моро соз пурнур.
Ба ҳаққи Аҳмад он султони лавлок,
Ба оби чашми ушшоқони ғамнок.
Ба ҳаққи ёри аввал соҳиби ғор,
Ба ҳаққи Умар он султони аброр.
Ба илму ҳилми Усмон ибни Аффон,
Ба ҳаққи ҳиммати он шери Яздон.
Ба ҳаққи синаи пурзаҳри он шоҳ,
Ба он бурридаҳалқу рӯи чун моҳ.
Ба ҷонам шӯълаи шавқат барангез,
Ба комам бодаи ишқат фурӯ рез.
Иҷобат кун ту, ё Раб, ин дуъоям,
Ба сӯи хештан роҳе намоям.

Камолиро ту аз алтофи раҳмат
Нишонӣ бар суфуфи аҳли ҷаннат.

## Марсияи Ҳазрати Эшони Шайх-ул-ислом-ал-марҳум

Мадоре не ба даври чархи аҷром,
Надорад фурсате дурӯза айём.
Манеҳ дил бар арӯси даҳр зинҳор,
Ҳазорон ҷилва гар созад ба ҳар гом;
Ки худ то ҳаст, аҳдашро вафо нест,
Бақояш буду нобуд асту авҳом.
Агар бандӣ ба ақдаш дил маҳол аст,
Хаёли фосид аст ин фикр ар хом.
Ба ибрат дида бикшову назар кун,
Туро гар ақлу гар ҳуш асту афҳом.
Пас аз хандидани субҳи музаввақ
Хунолуд аст шафақ аз гиряи шом.
Ҳар он кас аз адам зад хайма берун,
Кафи афсӯс зад, баргашт ноком.
Чу хуршеди фалак сар барфарозад,
Ба сар ғалтад ба қаъри чоҳи азлом.
Кадомин сарв қомат кард боло,
Набуриданд зи беху бун ба саҳҳом.
Амиру подшоҳу шайху дарвеш,
Асири марг дон аз хосу аз ом.
Нигар он олими баҳри маъонӣ,
Чӣ буд оғози кори ӯ ба анҷом.
Кашидӣ дам ба дам аз роҳи ирфон,
Шудӣ масти мудоми бодаи ҷом.
Зи матни кашфу ҳикмат шарҳ медод,
Ба таҳрири ҳуваллоҳ ронд арқом.
Такаллум дошт аз бурҳон ба татбиқ,
Ба авроқи ду олам кард эълом.
Ба теғи «ло» буридӣ табъи ҳодис,
Ба «иллаллоҳ» кард исбот модом.
Ҳақоиқдони илми «мин ладунӣ»,

Рамузи сирри Ҳақ мекард итмом.
Ба ҳалли мушкилоту муғлақоташ
Зи пову сар фишурд, бишкаст эълом.
Зи асрори Илоҳӣ в-аз ҳақиқат,
Пайи таълими халқ аз субҳ то шом.
Баён мекард доим сирри тавҳид,
Сухан меронд аз тақрири аълом.
Зи дарси бехудӣ таълим медод,
Барои толибони бесаранҷом.
Чу хуми май ҳамеша буд дар ҷӯш,
Фурӯ бурда майи майхона дар ҷом.
Зи шавқи дӯст доим музтарибҳол,
Зи шавқи васл шуд бесабру ором.
Нидои «ирҷиъӣ» бишнид аз Ҳақ,
Расид пайки аҷал овард пайғом.
Ба сӯи каъбаи мақсуд аз ҷон,
Шуда лаббайкзан, барбаст эҳром.
Рабуд аз ҷой ҷазби шавқи маъшуқ,
Ба тӯҳфа кард ҷони хеш инъом.
Камолӣ, соли таърихаш биҷустам,
Расид дар гӯши ман аз ғайб илҳом.
Ба таърихи вафоти шоҳи ушшоқ,
Бигӯ: «Қутбу маҷиду Шайх-ул-ислом».

## Марсияи Камолӣ бар марги писараш

Дину дилам бурдаӣ, оҳ чӣ созам балам?
Ҷони ман озурдаӣ, оҳ чӣ созам балам?
Сӯи падар чун биё, рӯи хушатро намо,
Ман ба ғамат мубтало, оҳ чӣ созам балам?
Модари худро бубин, паҳлӯи модар нишин,
Эй писари нозанин, оҳ чӣ созам балам?
Модари ҳайрони ту, бесару сомони ту,
Гардида қурбони ту, оҳ чӣ созам балам?
Қадди ту сарви равон, абрӯи ту чун камон,
Бе ту манам нотавон, оҳ чӣ созам балам?
Қадди хушат дар назар, омадааст ҷилвагар,
Бе рухи ту, эй писар, оҳ чӣ созам балам?

Рафтӣ ту дар зери хок, модарат аз ғам ҳалок,
Ҷомадарон, синачок, оҳ чӣ созам балам?
Дар ғами ту, эй ҷавон, модару хоҳар хазон,
Шому саҳар дар фиғон, оҳ чӣ созам балам?
Дар назарам он писар кард зи дунё гузар,
Бар тафи ман зад шарар, оҳ чӣ созам балам?
Дар танат, эй гулбадан, чок заданд пираҳан,
Кӯр ду чашмони ман, оҳ чӣ созам балам?
То набинам гӯри ту, он тани ранҷури ту,
Мотами пурзӯри ту, оҳ чӣ созам балам?
Рехт дилам з-иштиёқ, тоқати ман гашта тоқ,
Дод зи дасти фироқ, оҳ чӣ созам балам?
Гуфт Камол ин қадар, марсия баҳри писар,
Кард лаҳадро мақар, оҳ чӣ созам балам?

## Марсияи Камолӣ бар марги писараш

Рафтиву тири ғамат зад дар дили зори падар,
Теғи ҳаҷрат шуд ниҳон дар ҷони афгори падар,
Марҳами реши дилу сарриштаи кори падар,
Аз кӣ пурсам ман суроғат, эй нагунсори падар,
То ба кай сӯзи дилам, эй моҳрухсори падар?

Он ду абрӯи камонат мерасад бар хотирам,
Неши мижгони синонат мерасад бар хотирам,
Қомати сарви равонат мерасад бар хотирам,
Он ду зулфи дилситонат мерасад бар хотирам,
Меравам аз ҳуш, эй ёрон, ку он ёри падар?

То маҳи рӯи ту пинҳон гашт андар зери хок,
Синаам аз наштари пайкони ғам гардид чок,
Орзу дорад туро ҳар лаҳза оҳи дарднок,
З-иштиёқи рӯят, эй фарзанд, хоҳам шуд ҳалок,
Рӯи худ бинмой бо ман, эй вафодори падар.

То расид андар гулистони рухат боди хазон,
Ман чу булбул гаштаам ин ҷо ба сад оҳу фиғон,
Қоматам хам гашт аз бори ғамат ҳамчун камон,

Аз ту сад уммедҳо буда маро андар ҷаҳон,
Ноумедам кардӣ, эй навмедкирдори падар.

Модараш мегуфт бас аз сӯзи ҷон: во ҳасрато,
Нола мекарду ҳамегуфт бо фиғон: во ҳасрато,
Чун кунам ман бе рухи он меҳрубон, во ҳасрато,
Аз канорам меравад он навҷавон, во ҳасрато,
Ҷон ба ҳасрат додаӣ имрӯз, ночори падар.

Нури чашмо, оташи ҳаҷри ту ҷони ман бисӯхт,
Шӯълаи дарди ту мағзи устухони ман бисӯхт,
Дуди барқи иштиёқат хонумони ман бисӯхт,
Таффи сӯзи фурқатат ному нишони ман бисӯхт,
Бо кӣ гӯям шарҳи дардат, оҳ ғамхори падар?

Дуди марг аз сар равон чун шамъ ҳар шаб сӯхтам,
Пеши шамъи оразат парвонамашраб сӯхтам,
Сарнагун дар осмони ғам чу кавкаб сӯхтам,
Як илоҷе кун, табибо, ман дар ин таб сӯхтам,
Раҳм н-овардӣ ба ҳолам, эй дилороми падар.

Бурқаъ аз рух барфикан, то гардам аз рухсори ту,
Сарви қаддат ҷилва деҳ, то гардам аз рафтори ту,
Дар сухан бикшо даҳон, то гардам аз гуфтори ту,
Ё бигардам ҳар замон з-он лаъли шаккарбори ту,
Эй фидоят бод ин ҷони пурозори падар.

Миркамолӣ нола дорад аз фироқи рӯи ту,
Чун саги девонае афтода андар кӯи ту,
Мекунам шому саҳар ҳар лаҳза ҷустуҷӯи ту,
Ҳушу ақлам бурдааст он наргиси ҷодӯи ту,
Рахт созад дар фалак оҳи шаби тори падар.

# ЗАРИФИИ РАШНАГӢ

**Мулло Мирзариф дар асрҳои 18-19 дар деҳаи Рашнаи Поён таваллуд шуда, умр ба сар бурдааст. Аз рӯзгори Мулло Мирзариф маълумоте дастраси мо нагардид. Ба қавли баъзе аз касони солдидаи деҳа Мулло Мирзариф ва Мулло Миркамол бародарон буда, аз фарзандони Мулло Исмоил мебошанд.**

**Аз ашъори ин шоир танҳо чаҳор ғазал дастраси мо гашт, ки бо тахаллуси «Зарифӣ» эҷод шудааст. Ғазалҳои якуму саввумро аз баёзҳои хушнависони деҳаи Ворӯ ва ғазали дуввумро аз баёзи шахсии Мулло Меримқули Падрӯдӣ ва ғазали чаҳорумро аз китоби «Намунаи фолклори диёри Рӯдакӣ» (мураттибон Раҷаб Амонов ва Муҳаммад Шукуров, Нашриёти давлатии Тоҷикистон, Сталинобод-1958) навишта шуд.**

## Ғазалиёт

Сӯзи ишқат ба ҷон кунӣ чӣ шавад?
Дидаро хунфишон кунӣ чӣ шавад?
Дар дами марг вақти ҷон додан
Номи худ бар забон кунӣ чӣ шавад?
Ё Раб, аз оби чашмаи раҳмат,
Сӯи мо равон кунӣ чӣ шавад?
Дӯстонро ба чашми лутф нигар,
Хашм бар кофарон кунӣ чӣ шавад?
Ё Раб, аз лутфи худ Зарифиро,
Саги он хонадон кунӣ чӣ шавад?

* * *

Бигзар сабо, яке ту сӯи он нигори ман,
Бибар саломи ман ту ба он гулъизори ман.
Баъд аз салом номаи моро ба ӯ намой,
Маъзур кун тирози дили зор-зори ман.
Худ гӯши хеш дор ба овози он санам,
Чун медиҳад ҷавоб туро шаҳсавори ман?

Як номаи дигар ту аз он ёри ман биёр,
Бинам чӣ шарҳ дод ба гуфтугузори ман.
Эй дил, ту фикри хеш кун, к-имрӯз чора нест,
Ӯ чун фитодааст ба қасди шикори ман.
Зуд, эй табиб, чораи дарди маро бисоз,
Охир чӣ гуна мешавад аҳволи кори ман.
Эй дӯстон, ба турбати Маҷнун маро баред,
Лайлӣ аз ин сабаб гузарад бар мазори ман.
Ҳар ҷо, ки нақши пои ёр бод бурдааст,
Боғи ману биҳишти ману лолазори ман.
Рӯзе, ки дар кафан ниҳандам ба зери қабр,
Аз куштагони ишқ шуморӣ шумори ман.
Ҷон дод дар раҳи ту Зарифӣ нагуфт ҳеҷ,
Фарёд аз ҷафои ту, эй ширинсавори ман.

* * *

Илоҳо, Қодиру Қайюму Ғуфрон,
Кариму дастгири ҷумла инсон.
Дар он соат, ки Азроил биояд,
Ба ман осон намоӣ кандани ҷон.
Худовандо, ба ҳаққи мӯъминонат,
Нигаҳ дорӣ ту аз васвоси Шайтон.
Ба ҳаққи Одаму Ҳаввову Идрис,
Ба ҳаққи хотаму тахти Сулаймон.
Ба ҳаққи Сайиди шаб карда меъроҷ,
Ба ҳаққи шаҳсавори мулки кайвон.
Ба ҳаққи Ҳазрати Сиддиқи Акбар,
Ба ҳаққи Умари Форуқу Усмон.
Ба ҳаққи фатҳи Хайбар хоҷаи дин,
Ба ҳаққи Шери Яздон Шоҳи мардон.
Ба ҳаққи синаи афгори Заҳро,
Ба ҳаққи ҳалқи пурхуни имомон.
Ба ҳаққи оҳи мардони саҳаргоҳ,
Ба ҳаққи дидаҳои ашкборон.
Ба дарёи карам кун ғарқ, ё Раб,
Бирезон аз ҳама кӯҳи гуноҳон.
Ҳар он мутриб, ки хонад ин муноҷот,
Зарифиро дуъое гӯяд аз ҷон.

*    *    *

Дил бурда аз ман як дилрабое,
Бераҳму шӯхе, ҳам бевафое.
Бинӣ нишаста бо нозу ишва,
Дар хонаи ҷон як калҷкулоҳе.
Дар орази рӯ гулҳо дамида,
Дар сояи гул холи сиёҳе.
Бо ёди он гул, он зулфи сунбул,
Монанди булбул дорам навое.
Ҳам ишвасозӣ, ҳам дилнавозӣ,
Ҳам ҷон гудозӣ бо нимнигоҳе,
Гуфтам: нигорам, азми ту дорам,
Ҷонро супорам, ту дар куҷоӣ?
Дидам ба дасташ хунрез теғе,
Омад ба қасдам тарзи сипоҳе.
Аз ман ту бо ӯ, боди сабо, гӯ:
Гуфто Зарифӣ бар ту дуъое.

# ҶАМОЛИИ РАШНАГӢ

**Мулло Мирҷамол дар деҳаи Рашнаи Поён умр ба сар бурдаат. Ӯ бо тахаллуси Ҷамолӣ шеър гуфтааст. Ҷараёни ҳаёти шоир ба мо маълум нагардид.**

## Ғазалҳо

Тамошои нигоҳи ошиқон шуд акси рухсорат,
Нигоҳеро намебинам, набошад маҳви рухсорат.
Ба шамъи орази худ гарм кун бозори мисреро,
Зулайхоён зи ҳар сӯ нақди ҷон бар каф харидорат.
Биё, эй гул, кунун маҳбуби чашми андалебон шав,
Начинад булбули ошуфта баргеро зи гулзорат.
Магар бастӣ ба тори зулф пои андалеби дил,
В-агарна инчунин расво нахоҳам шуд гирифторат.
Зи ҳам во кун лаби лаъли хушоби шаккарафшонро,
Ки то ширин шавад ин талхкомиҳо зи гуфторат.
Шуда бе рӯи ту рӯзи ман, эй равнақдеҳи ҷонам,
Ба монанди саводи наргиси фаттони хунхорат.
Аз ин ошиқкушӣ ёрам чӣ ҳосил метавон кардан,
Ки хунҳо мехӯрам баҳри ту мегӯӣ: сазоворат.
Ба бӯстони хаёлам сарви хушрафтор меоӣ,
Маро девонаи дин мекунад мазмуни рафторат.
Ҷамолӣ кай тавонад рӯи худ сӯи адам кардан,
Намояд кокули мушкин магар аз тарфи дасторат.

* * *

Хирқаи ишқи туро пӯшидаам, ёр-ёр,
Абдии калби туро кӯшидаам, ёр-ёр.
Орази гулфоми ту лола бувад, ёр-ёр,
Шому саҳар кори ман нола бувад, ёр-ёр.
Мутриби ишқи туам, соз наво, ёр-ёр,
Нақш зи ҳар нағмае карда ба ҷо, ёр-ёр.
Дӯш зи бурқаъ бурун шуд бути ман, ёр-ёр,
Тарзи кулаҳ нимшикан офати ман, ёр-ёр.
Буд мусаффо гуле, к-он баданат, ёр-ёр,
Шаҳду шакар мечакад аз даҳанат, ёр-ёр.

Ғунчасифат дар чаман танг дилам, ёр-ёр,
Домани гулҳо ба каф по ба гилам, ёр-ёр.
Тоири камҳавсала зоғу заған, ёр-ёр,
Раҳм ба он кас кунад дом ба ман, ёр-ёр.
Хок ба чашмон пухтаанд, ёр-ёр,
Мурғбачагон аз ҳаво рехтаанд, ёр-ёр.
Ҳаст мани хастаро нимсазо, ёр-ёр,
Хун чакад аз дидаам, ҳаст раво, ёр-ёр.
Ҳалқаи зулфайни худ тоб бизан, ёр-ёр,
Оташи қалби маро об бизан, ёр-ёр.
Ин маҳи хубони ман аз ту шуда, ёр-ёр,
Ғунчаи мастураҳо шармзада, ёр-ёр.
Кай расад аз васли ту ком ба ман, ёр-ёр,
Донаи холи ту шуд дом ба ман, ёр-ёр.
Кулбаи эҳзон шуда маскани ман, ёр-ёр,
Сӯхт ба шамъи рухат хирмани ман, ёр-ёр.
Бо сӯи эҳзони ман, ёр биё, ёр-ёр,
То бинӣ афғони ман, ёр биё, ёр-ёр.
Марҳами ҳар мушкилам ёр бувад, ёр-ёр,
Муфтаҳи боби дилам ёр бувад, ёр-ёр.
То шунидам дар ҷаҳон номи шумо, ёр-ёр,
Мурғи дилам сайди он доми шумо, ёр-ёр.
То ба Ҷамолӣ расид навбати ғам, ёр-ёр,
Гашта фусуни сухан бо чу адам, ёр-ёр.

## Марсия

Кард маро бенаво, дод зи дасти фалак,
Шомили ин бебақо, дод зи дасти фалак.
Суду зиёнам нашуд, мӯниси ҷонам нашуд,
Шаҳди лабонам нашуд, дод зи дасти фалак.
Зору забун гаштаам, қулзуми хун гаштаам,
Қомати нун гаштаам, дод зи дасти фалак.
Синахароб омадам, қалби кабоб омадам,
Дида пуроб омадам, дод зи дасти фалак.
Тир ба нишон омадам, фасли хазон омадам,
Марсияхон омадам, дод зи дасти фалак.
Шому саҳар хуни дил аз раҳи мижгон сабил,

Лоласифат по ба гил, дод зи дасти фалак.
Дил куву дилдор ку, дилбари ғамхор ку?
Синаи афгор ку, дод зи дасти фалак.
Омада бар ман аён, ҳеҷ набуд ин гумон,
Шому саҳар дар фиғон, дод зи дасти фалак.
Қоматам аз ғам дуто гашта аз ин моҷаро,
З-он самари бебақо, дод зи дасти фалак.
Дар сари ман ҳар нафас ҳаст зи бонги ҷарас,
Шуд ҳама охир абас, дод зи дасти фалак.
З-ин ҷигари пори ман, ҳоли дили зори ман,
Гӯш накард ёри ман, дод зи дасти фалак.
Ишқ ба поён задам, пой ба имон задам,
Сар ба биёбон задам, дод зи дасти фалак.
Хулқи бад омӯхтӣ, ғам ба дилам дӯхтӣ,
Ҷону дилам сӯхтӣ, дод зи дасти фалак.
Маҳрами ҷону дилам, мафтаҳи ҳар мушкилам,
Булбули ин манзилам, дод зи дасти фалак.
Ғам ба дилам ҷо бикард, манзилу маъво бикард,
Сафҳае иншо бикард, дод зи дасти фалак.
Эй батамизам биё, ҷони азизам биё,
Ёри лазизам биё, дод зи дасти фалак.
Рафт зи ман ихтиёр, ҳеҷ надорам қарор,
Будӣ маро раҳгузор, дод зи дасти фалак.
То задаам ман ба лаб мӯҳри сукуту адаб,
Кандаам аз ту талаб, дод зи дасти фалак.
То шудӣ, эй дилрабо, аз мани мискин ҷудо,
Гашта дилам ғамсаро, дод зи дасти фалак.
Ҳалқаи чашмони ту, ханҷари мижгони ту,
Лаъли Бадахшони ту, дод зи дасти фалак.
Сӯи рақибон шудӣ, шамъи шабистон шудӣ,
Силсилаҷунбон шудӣ, дод зи дасти фалак.
Гуфтамат: эй симбар, кардӣ аз ин ҷо гузар,
Чашми маро кун мақар, дод зи дасти фалак.
Маҷнуни кӯят шудам, ошиқи рӯят шудам,
Зор ба бӯят шудам, дод зи дасти фалак.
Ман шудаам дар ҷаҳон ошиқи рӯят ба ҷон,
Маҷнуни кӯят бихон, дод зи дасти фалак.

Мехаладам борҳо, дар ҷигарам хорҳо,
Ман кию ин корҳо, дод зи дасти фалак.
Дӯш зи мо шуд ҷудо он маҳи байзолиқо,
Чист саранҷоми мо, дод зи дасти фалак.
Тир ба дилам хӯрдаам, дам ба дам озурдаам,
Дам ба даме мурдаам, дод зи дасти фалак.
Кай ту шифо кардаӣ, то ки ҷафо кардаӣ,
Тарки вафо кардаӣ, дод зи дасти фалак.
Мекунам аз ин сабаб рӯзи ҷазо пеши Раб,
Хуни худ аз ту талаб, дод зи дасти фалак.
Ҳаст маро ин хаёл, то бидиҳад Зулҷалол,
Шод шавад Мирҷамол, дод зи дасти фалак.

## Мухаммас

То нигорам з-ин ҷаҳон бар тоқи хазро зад қадам,
Аҳли ҷаннатро ба дандон дасти ҳайрат шуд қалам,
Тӯбӣ аз ёди қадаш чун беди маҷнун гашта хам,
Шуд мунаввар имшаб аз нури рухаш Лавҳу Қалам,
Ҳам малак ҳайрони ӯ, ҳам гулҷабин андар қадам.

Шуд бурун з-ин базмгоҳи ҳафт тоқу нӯҳ равоқ,
Андалебон масти рӯяш дар гулистони сабоқ,
Ҷабраил дар хизматаш гашта инондори Буроқ,
Қудсиён дар хизматаш баста камар аз иштиёқ,
Бар бисоти сабзхони Ҳазрати Ҳақ мӯҳтарам.

Он Расули хоси Субҳон олами боло расид,
Тӯтии хушлаҳҷа андар гулшани Батҳо расид,
Пояи тахти ҷинонро шоҳи «Ав-адно» расид,
Бар сари ӯ соябон аз абри «Арсално» расид,
Килки қудратро ба номаш «Ё син»-у «То ҳо» рақам.

Ҷон фидои чор ёри Сайиди хайр-ул-башар,
Офтоби ҳар ду олам, моҳи Сиддиқу Умар,
Котиби асрори Ҳақ кардаш рақам бо оби зар,
Ҳайдари каррор дар майдони амраш ҷилвагар,
Бо дами теғаш сари ҳар номусулмон шуд қалам.

Ҳазрати Сиддиқи Акбар маъдани асрори ӯ,
Менамудӣ акси гул оинаи рухсори ӯ,
Дар ғамаш сад ғам ба дил, дар ғор ёри ғори ӯ,
То ба бӯстони нубувват оқил омад кори ӯ,
Дурри дарёи ҳақиқат гашт мавҷуд аз адам.

Ёри дуввум буд Умар сарви асҳоби Расул,
Воъизи ҳар минбару  зуҳҳоди меҳроби Расул,
Соҳиби тахти шариъат Ибни Хаттоби Расул,
Зубдаи ваҳдатнигоҳу дурри ноёби Расул,
Нест манзураш ба санҷидан гуноҳи бешу кам.

Манбаъи ҳилму ҳаё он олими Фурқони Ҳақ,
Шоҳи Зиннурайн моҳи ҷомеъ-ул-Қуръони Ҳақ,
Котиби имлову иншо, котиби фармони Ҳақ,
Гулбуни боғи ҳаё, ҳам акрами эҳсони Ҳақ,
Аз ҳаё дасте ба ҳам, аз ҳилм сарро карда хам.

Ёри чорум, он ки аз мушрик бароварда димор,
Ҳам Алию ҳам Валӣ, ҳам Ҳайдари Дулдулсавор,
Муждаи икроми ӯ «Ло сайфа илло Зулфиқор»,
Ашҷаъу мақбули Ҳақ, шери дари Парвардигор,
Аз каромат рӯзи майдон теғи бурронаш зи дам.

Ду гули боғи Набийюллоҳи хатмул-мурсалин,
Гӯшвори Арши аъзам хондашон Ҳаққулякин,
Саркашони мулки дин бар пушти Ҷибрили Амин,
Ду дур(р)и кони Расули раҳматан-лилъоламин,
З-ин ҷаҳон бар тоқи Аршуллоҳ ғизолон карда рам.

Аз Ҷамолӣ сад салом он шоҳи хосу омро,
Дод бар ёрони ӯ Ҳақ иззату икромро,
Ҳам дуруди беадад он соҳиби пайғомро,
Нури чашми Фотима ҳар ду шаҳи гулфомро,
Он яке мақтули заҳру в-он дигар теғи ситам.

# МАҲЗУНИИ РАШНАГӢ

**Мулло Ашӯрмуҳаммад мутахаллис ба Бисмил ва Маҳзунӣ соли 1834 дар деҳаи Рашнаи Поён дар оилаи Мулло Ҷонмуҳаммад ибни Бадалбоқӣ ба дунё омадааст. Шоир дар қатори бародаронаш Шомуҳаммад, Мулло Абдуллоҳ, Ниёзбоқӣ, Мулло Мурод, Мулло Турсун ва хоҳараш Эвазмо аз мактаби падар сабақ гирифта, таҳсили илм намудааст. Мулло Ашӯрмуҳаммад тамоми умр дар зодгоҳи худ зиндагонӣ карда, бо шуғли деҳқонӣ рӯз мегузаронидааст.**

**Мулло Ашӯрмуҳаммад дар давоми ҳаёти худ ду бор хонадор шудааст. Аз зани аввалаш Оғомо панҷ нафар фарзанд-Нахлиддин, Ойбегим, Бобоҷон, Мулло Қурбон ва Сафуро ва аз зани дуюмаш Ҷаннат низ панҷ нафар фарзанд-Фазлиддин, Лутфиддин, Гулваш, Дилкаш ва Гулрухсор ба дунё омадаанд. Наберагону аберагони шоир-Усто Бердӣ, Мулло Ашӯр, Мулло Ҳотам, Мулло Аҳмад, Мулло Тӯлибой, Иброҳими Наққош ва дигарон дар байни мардум бо ҳунару одоби писандидаашон сазовори ҳурмату эҳтиром мебошанд.**

**Роҷеъ ба мустаҷобуддаъва будани Маҳзунии Рашнагӣ нақлҳои зиёде мавҷуданд, ки мо яке аз онҳоро ба таври фишурда рӯи коғаз меорем. Манқул аст, ки ҳангоми сакароти мавт ҳалқи Маҳзунӣ хушк мешавад ва аз ҳозирин хоҳиши овардани тарма мекунад. Фарзандаш Нахлиддин бо муроати хеш аз қуллаи баланди кӯҳ порае аз тармаро оварда ба падар нисор мекунад ва Маҳзунӣ дар дами вопасини умр писари фавқуззикри худро дуо мекунад, ки «Илоҳӣ, сарат ба равзаи Пайғамбар (саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам) занад». Дуои падар мустаҷоб шуда, Ҳоҷӣ Нахлиддин озими сафари ҳаҷ мешавад ва аз он ҷо дигарбора бозгашт намекунад.**

**Аз ашъори парокандаи шоир маълум мегардад, ки ӯ дили пурдард дошта, аз бевафоии рӯзгор ва аз вафоти ҳамнишинон ба танг омада, аз шеъру шоирӣ дасти мадад меҷӯяд. Аз эҷодиёти шоир ба ғайр аз ашъори пароканда,**

**китоби насрие ба унвони «Минҳоҷ-ул-ъибод ва танбеҳ-ул-ғофилин» то имрӯз омада расидааст. Ин китоб аз 27 боб иборат буда, дар мавзӯъҳои диниву ахлоқӣ баҳс мекунад, ки бо хати худи муаллиф китобат шудааст. Ин китоб дар китобхонаи шахсии Облобердӣ ибни Мулло Абдулқодир маҳфуз мебошад.**

**Мулло Ашӯрмуҳаммад соли 1897 дар синни 63-солагӣ дар зодгоҳаш аз олам гузаштааст. Алъон марқади ӯ дар қабристони деҳа вуҷуд дорад.**

## Ғазалиёт

Бар ман муяссар кай шавад як бор он рухсорҳо,
Булбулсифат афғон кунам дар гӯшаи гулзорҳо.
Ояд хиромон моҳи ман, бинам қади дилҷӯи ӯ,
Сад чарх гардам дам ба дам бар гирди қадди ёрҳо.
Ман ҳоли худ созам баён бо он рафиқи меҳрубон,
Гӯям, ки: «Ҳастам нотавон, дилхастаю афгорҳо».
Омад шабе он маҳҷабин, гуфтам, ки: «Ҳастам инчунин».
Аз ман рамид он нозанин, шуд ҳамдами ағёрҳо.
Гуфтам: «Манам шайдои ту, саргаштаи савдои ту,
Бе бодаи лабҳои ту, дорам ба дил хуммορҳо».
Гуфто, ки: «Menолӣ чаро?» Гуфтам, ки: «Беморам зи ғам».
Гуфто: «Ҳазорон ҳамчу ту дар кӯи ман беморҳо».
Гуфтам, ки: «Дар кирдори ту ҳикмат намедонам, ки чист?»
Гуфто, ки: «Андар кори мо бошад ниҳон асрорҳо».
Гуфтам, ки: «Ошиқ мекушӣ, баҳри чӣ, гардам аз сарат?»
Гуфт: «Арчи созам инчунин, рӯзе кунам теморҳо».
Гуфтам, ки: «Маҳзун мубтало дар қайди зулфат гаштааст».
Гуфт: «Ҳар кӣ шуд дар доми мо, гардад халос аз норҳо».

* * *

Ё Илоҳӣ, ғайри ту набвад маро ғамхорҳо,
Бекасу бечораам, ҷуз ту надорам ёрҳо.
Рафт айёми баҳори ман, хазон шуд нахли тан,
Ваҳ, чӣ месозам кунун дар гӯри тангу торҳо.
Марг андар қасди ман дорад камон андар камин,
Гар расад гирад гиребони маро якборҳо.

Ҳосили умри азизам шуд тасарруф дар гунаҳ,
Гаштаам акнун пушаймон аз ҳама кирдорҳо.
Во дареғо, ин тани мискини ман баъд аз вафот
Дар шабистони лаҳад гардад хӯроки морҳо.
Ҳамнишинон мебаранду месупорандам ба хок,
Ду малак оянду пурсандам зи кирдукорҳо.
Гар шавад лутфи Худо, гӯям ҷавоби он ду пок,
Рӯҳи ман созад дар он дам сайр дар гулзорҳо.
Оҳ, аз он дам, ки нагардад ин забон дар гуфтугӯ,
Ин тани ранҷури ман гардад асири норҳо.
Гарчи Маҳзун, умр ёбӣ ҳамчу Луқмони ҳаким,
Хоҳӣ рафтан оқибат бо ҳасрати бисёрҳо.

* * *

Эй бародар, дон яқин аз насли поки Мустафо,
Дӯздаҳ тан дар ҷаҳон бошанд бар мо пешво.
Аввали эшон бувад Ҳайдар амири номдор,
Баъд аз он медон Ҳасан, ҳам бо Ҳусайни Карбало.
Баъд Зайнулъобидин, Боқир имоми маърифат,
Ҷаъфару Мӯсову Козим бо Алӣ Мӯсо Ризо.
Баъд аз он медон Тақию ҳам Нақию Аскарӣ,
Хатми онҳо Маҳдӣ дурри ҷӯйбори Муртазо.
Эй Худовандо, ба ҳаққи ин имомони шариф,
Шод гардон хотири Маҳзунӣ дар рӯзи ҷазо.

* * *

Эй ҳамнафасон, рӯзе ки ояд аҷали мо,
Чун барқ дар ин ҷой набошад ҳаяли мо.
Ҷонро Малакулмавт ба фармони Илоҳӣ
Берун кунад аз мулки бадан ин асали мо.
Монанд ба лаҳад бурда маро ёру бародар,
Гаштан набувад з-ин сафари бемаҳали мо.
Дар вақти дучорам шудани он ду малоик,
Он дам чӣ шавад ҳолу чӣ бошад азали мо.
Роҳ аст тавилу раҳили лошаи мо ланг,
Як нимаи қурсе набувад дар бағали мо.
Дар номаи мо ғайри сиёҳӣ набувад ҳеч,
Бо баҳри иноят ту бишӯ ин касали мо.
Бинем муайян ҳама фардои қиёмат,

Дар нақши ҷабин ончи барояд амали мо.
Бисмил, ба ҷаҳон ғайри Худо кист, ки монад,
Мо низ намонему бимонад ғазали мо.

* * *

Ба борони иноят кишти ман сероб кун, ё Раб,
Ба фарқам оби раҳмат ҳамчунон селоб кун, ё Раб.
Замирамро, Каримо, як дам аз ёдат макун ғофил,
Зи файзи номи худ хуршеди оламтоб кун, ё Раб.
Ба мифтоҳи иноят уқдаи дил боз кун, эй Ҳақ,
Ба рӯям боби раҳмат фотеҳ-ул-абвоб кун, ё Раб.
Ба мавҷи маъсият афтодаам ҳайрону саргардон,
Ба оби мағфират шӯ ғарқаи гирдоб кун, ё Раб.
Сарамро то ба вақти марг андар саҷда кун моил,
Рухамро рӯ ба рӯи қиблаву меҳроб кун, ё Раб.
Ҷавонӣ рафту мӯям шуд сафеду қоматам хам шуд,
Кунун бедор чашми ғафлатам аз хоб кун, ё Раб.
Рафиқам соз тарси худ, ато фармо ту тавфиқам,
Зи бими дӯзахат ду дидаам сероб кун, ё Раб.
Худовандо, ба лутфи худ биҳишти адн ҷоям кун,
Насиби мо зи ҳури ҷаннату ҳар боб кун, ё Раб.
Шафоъатхоҳи ман кун рӯзи маҳшар Аҳмади мурсал,
Ба дидорат мушарраф хотирам шодоб кун, ё Раб.
Ба ҳаққи Ҳазрати Бӯбакри Сиддиқ афзали уммат,
Дар он ҳолат дучорам Умари Хаттоб кун, ё Раб.
Саввум Усмони Зиннурайну чорум Ҳайдари Каррор,
Сари ман хоки пои ҷумлаи асҳоб кун, ё Раб.
Ба ҳаққи ҳурмати номат мани лабташнаи Бисмил,
Зи ҳавзи Кавсарат кому дилам сероб кун, ё Раб.

* * *

Ғарибу бекасу зорам, надорам ҷуз ту кас, ё Раб,
Набошад ҷуз ту ғамхорам, надорам ҷуз ту кас, ё Раб.
Намегунҷад ба мизон рӯзи маҳшар кӯҳи исёнам,
Умед аз раҳматат дорам, надорам ҷуз ту кас, ё Раб.
Зи ман як донаи ҷав тоату тақво нашуд ҳосил,
Ҳамеша шуд гунаҳ корам, надорам ҷуз ту кас, ё Раб.
Ҳазар созанд гунаҳгорони дӯзах аз гуноҳи ман,
Агарчи дохили норам, надорам ҷуз ту кас, ё Раб.

Дурӯза ҳосили умри азизам сарфи ғафлат шуд,
На ин дорам, на он дорам, надорам ҷуз ту кас, ё Раб.
Надорам дастовезе барам бар даргаҳат, Холиқ,
Хиҷолатманду шармсорам, надорам ҷуз ту кас, ё Раб.
Ба ҳаққи ҳурматат бечун, гузар аз кардаи Маҳзун,
Пушаймонам зи кирдорам, надорам ҷуз ту кас, ё Раб.

* * *

Ба ҳаққи ҳурмати номи Раҳиму Раҳмонат,
Гузар зи ҷурми мани шармсору ҳайронат.
Ба вақти марг, Илоҳӣ, зи чанги деви раҷим,
Нигоҳ дорӣ ту имони аҳли имонат.
Ба ҳаққи Одаму Ҳаввову Нӯҳ, ё Раб,
Ба ҳаққи Шису Халилу Забеҳи қурбонат.
Ба ҳаққи ҳурмати Исҳоқ он пири ҳазин,
Ба ҳаққи ҳусни фаровони моҳи Канъонат.
Ба ҳаққи Юнусу ҳам оҳи Айюби собир,
Ба ҳаққи нолаи Довуду ҳам Сулаймонат.
Ба ҳаққи Солеҳу Идрису Зикриёи ту,
Ба оби дидаи Яҳёи зору нолонат.
Ба ҳаққи ҳурмати Мӯсову Тури нуронаш,
Ба ҳаққи ҳурмати Исо буд ӯ зи хосонат.
Ба ҳаққи Аҳмади Мухтору ёри ғори ӯ,
Ба ҳаққи Умару Усмону Шоҳи мардонат.
Ба ҳаққи синаи ранҷури Ҳазрати Заҳро,
Ба ҳаққи ҳалқи хунолуди он имомонат.
Ба ҳаққи Ҳамзаву Аббосу аҳли байти Расул,
Ба ҳаққи ҳурмати шайхони покдомонат.
Ба ҳаққи хонабадӯшони соиму қоим,
Ба ҳаққи гӯшанишинон, ба ҳаққи поконат.
Зи рӯи лутфу карам, ё Раб, ин муноҷотам
Қабули хеш бикун бо туфайли неконат.
Агарчи ғарқи баҳри гуноҳӣ, Маҳзунӣ,
Махӯр ту ғам, ки бубахшад Раҳиму Раҳмонат.

* * *

Во ҳасрато, ки умрам шуд сарф дар хаёлат,
Ночида гул гузаштам аз гулшани висолат.
Бо нори ҳаҷр то кай сӯзӣ мани ҳазинро,

Бардор парда аз рух, бинам яке ҷамолат.
Мижгони хунчаконат сад роҳ бисмилам кард,
Созад дубора қатлам абрӯи чун ҳилолат.
То бар тан аст ҷонам, наъти туро бихонам,
Гӯё бувад забонам дар васфи хатту холат.
Бо ҳикмати Илоҳӣ Фурқон диҳад гувоҳӣ,
Чун ту наёфарида Қайюми безаволат.
Ғайр аз ҷафо надорад, ҳаргиз ибо надорад,
Бо кас вафо надорад чашмони чун ғизолат.
Гарчи зи ман ҷудоӣ, бо дарди ман давоӣ,
Мақсуди ҷони моӣ, эй пешаи адолат.
Ҳар субҳу шом, Маҳзун, фарёду нола мекун,
Як раҳ зи сӯи дилдор лутфе нашуд ба ҳолат.

* * *

Ҳамчу булбул шудам гирифторат,
Дидаам во бишуд ба рухсорат.
Дили пурҳасрат, оҳаму решам,
Гули ночидае зи гулзорат.
Мунтазир субҳу шом дар кӯят,
Сад ҳазорон чу ман харидорат.
Дӯш дидам, ки будӣ дар маҷлис,
Ҳамдаму ҳамнишини ағёрат.
Аз ҷафои ту доду сад фарёд,
Мекушӣ ошиқони ночорат.
Гарчи ман дурам аз висоли ту,
Дигаронанд маҳви дидорат.
Инчунин зулм мекунӣ, шоӣ,
Ё бувад ин ҳамеша кирдорат.
Дам ба дам бар дили кабоби ман
Мехалад новаки ситамгорат.
Гузаре кун ба кулбаи Маҳзун,
Муддате шуд, ки ҳаст беморат.

* * *

Эй, подшаҳон гадои кӯят,
Юсуфсифатон дар орзӯят.
Дорову Сикандару Сулаймон,
Бошанд ҳама дуъойгӯят.

Ин накди ду кавнро, ки гӯӣ,
Н-арзад ба баҳои тори мӯят.
Лола зи рухи ту доғ дорад,
Эй, мушки Хутан хиҷил зи бӯят.
Хуршеду қамар бад-ин шарофат
Як заррае аз рухи накӯят.
Аз шавқи ту булбулони ин боғ,
Мастанд ҳама ба ҳой-ҳӯят.
Эй Лайлии ман, биё, ки акнун
Маҷнун шудаам ба ҷустуҷӯят.
Кавсар, ки бувад ба мулки ҷаннат,
Манзилгаҳи кардани вузӯят.
Маҳзунӣ, махӯр ту ғам, ки дилдор,
Шояд гузар оварад ба сӯят.

* * *

Шудӣ мавҷуд дар олам намудӣ партави рӯят,
Расид бо нофаи мушки Хутан пайғоми гесӯят.
Ниҳоли қоматат дар гулшани олам хиромон шуд,
Хиҷил гардид ҳар сарви чаман аз қадди дилҷӯят.
Тулӯъи офтоби оразат аз Макка шуд пайдо,
Мунаввар шуд шаби торик аз байзои абрӯят.
Шикасте дар бутон афтоду шуд байтулҳарам обод,
Равон гардид оби зиндагонӣ аз лаби ҷӯят.
Абӯҷаҳли лаъин аз бахри ҷудат хушклаб афтод,
Абӯбакру Умар, Усмон, Алӣ шуд маст аз бӯят.
Шаби меъроҷ як катра арақ аз ҷабҳаи покат
Чакид, гулҳои олам ҷумла пайдо гашт аз хӯят.
Алифро ростӣ аз қадди дилҷӯи ту шуд таълим,
Сабақ бигрифт моҳи нав ҳаме аз тоқи абрӯят.
Ба гулзори ҷамолат бин, ки бо сад достон булбул,
Ба фарёду фигон васфи гули рӯи ту меҷӯяд.
Ба хуни мижа хунам рехтӣ, эй дӯст, метарсам,
Насозад боз қатлам ғамзаҳои чашми ҷодӯят.
Илоҷи дарди дилро аз куҷо ёбад даво Бисмил,
Ба ғайр аз дидани рӯят, шудан калби сари кӯят.

* * *

Ба пеши комронӣ зиндагонӣ кай бақо дорад,

Ки нӯши ин ҷаҳон морест дар нешаш ҷафо дорад.
Машав хушдил ба гиру дори ин дунёи бебунёд,
Ки ҳар як хандаат сад гиря рӯзе дар қафо дорад.
Набошад бе гудози дил маро мақсуди дил ҳосил,
Ки оҳи дарднокон дарди исёнро даво дорад.
Ба аҳли фисқ ҳамсӯҳбат шавӣ, охир ҷафо бинӣ,
Ки ин пандам ҳадиси Мустафо, ҳукми Худо дорад.
Висоли ёр агар хоҳӣ, бикун такрори дарси ишқ,
Тавофи каъбаи дил кун, ки ӯ субҳи сафо дорад.
Ба гӯши бехабар панди ҳакимон мешавад наштар,
Ки дурр суфтан ба пеши ҳар касу нокас ба ҷо дорад.
Ба ҳар коре шавӣ моил, қадам фаҳмида неҳ ғофил,
Ки ҳар гоми ту фардо сад ҳазорон пешпо дорад.
Ба зулматхонаи охир, марав бе муршиди комил,
Сикандар гар ба зулмат рафт, Хизри раҳнамо дорад.
Зи лаззоти ҷаҳон бигзар, қабои фақр кун дар бар,
Ки ҳар як луқма дар маҳшар ҳисобу моҷаро дорад.
Нигар ҳар чизро пайдо кунад Холқ ба ҳар ранге,
Чу гул ҳусни хушу тӯтӣ сухан, булбул наво дорад.
Забонро посбон шав, то наранҷад ҳеҷ кас аз ту,
Агар ранҷонӣ ҳар кас оқибат рӯзе ҷазо дорад.
Садои ин ҷарас гӯши кари ту нашнавад, Маҳзун,
Ки хоки тира ҳар соат «ба сӯи ман биё» дорад.

* * *

Умр бигзашту ба ман як хабар аз ёр нашуд,
Дидаам боз ба рухсораи дилдор нашуд.
Ё надонам, ки маро кард фаромӯш нигор,
Ё зи ҳоли мани дилхаста хабардор нашуд.
Чун Зулайхо шудаам муддате андар талабаш,
Ҳамчу Юсуф маҳи ман бар сари бозор нашуд.
Дӯш дидам, шуда дилбар ба рақибон ҳамдам,
Ба мани дилшуда як бӯсае иқрор нашуд.
Ор кард ӯ зи ману рафт ба қасд андар хоб,
Нола кардам ба дараш, чанд ки бедор нашуд.
Мушкил аст, з-он ки ба хубони ҷаҳон дил бастан,
Ҳар кӣ дил баст, ба ҷуз дард гирифтор нашуд.
Ҷон ба лаб омаду шуд марг гиребонгирам,

Сари ман хоки раҳи Аҳмади Мухтор нашуд.
Нола кун, чанд ту чун булбули шайдо, Маҳзун,
Гул хазон гашту муяссар ба ту гулзор нашуд.

* * *

Тахти давлат, ки дар само дорад,
Арши аъзам, ки зери по дорад.
Мӯи «Вал-лайл»-у зулфи анбарбӯ,
Рухе чун «Шамсу ваз-зуҳо» дорад.
Сад ҳазорон чу ман ба кӯи ӯ,
Дардмандони бенаво дорад.
Ёри мо гар ба дидаи ҳар кас,
Хоб гар оварад, ки ҷо дорад.
Аз барои умам, ки лайлу наҳор,
Ӯ тавалло чу бо Худо дорад.
Шаҳсавор асту ҷомаи шоҳӣ,
Рост бар қомати расо дорад.
Кай Сулаймону Юсуфи мисрӣ,
Бар дараш ҳурмати гадо дорад.
Рӯи худ во кун, аз сарат гардам,
Ишқ бар ошиқон ҷафо дорад.
Бе гули орази ту Маҳзунӣ,
Ҳамчунон булбулон наво дорад.

* * *

Савдои ишқат дар сина ҷо шуд,
Аз бори ҳаҷрат қаддам дуто шуд.
Бигрифта ин илм ёд аз муаллим,
Бар ошиқи худ теғаш расо шуд.
Зулфи сиёҳаш, тарфи кулоҳаш,
Тарзи нигоҳаш теғи ҷафо шуд.
Сад чарх ҳар дам гирди ту гардам,
Мақсуди дардам рӯи шумо шуд.
Дил шуд ба сӯят, дар ҷустуҷӯят,
Аз субҳи рӯят олам сафо шуд.
Буд он, ки ошиқ, бо ту мувофиқ,
Мақбули Холиқ рӯзи ҷазо шуд.
Бо ӯ, ки ҳар тан гардид душман,
Расвои маҳшар назди Худо шуд.

*      *      *

Имрӯз лаҳад манзили хубони ҷаҳон шуд,
Ин ғамкадаи даҳр, ки бар коми бадон шуд.
Содиқназарон ҷумлагӣ рафтанд зи олам,
Дунё, ки назаргоҳи ҳама кaҷназарон шуд.
Мағрури ҷаҳон мардуму ғофил зи Худоянд,
Ин ҷефа паси дидаи маҷнунравишон шуд.
Осоиши Фиръавни лаъин гашт харобот,
Пушти қадами Мӯсиву марямсифатон шуд.
Эй дида, нигар чарх чиҳо мекунад ҳар дам,
Бар тахти каёнӣ кӣ буд, акнун ба киён шуд.
Аз дасти аҷал ҳеҷ халосӣ натавон ёфт,
Бин даст ба гиребони Расули ду ҷаҳон шуд.
Ку Ҳазрати Сиддиқи тақӣ, Умари одил,
Ку Ҳазрати Усмон, ку Алӣ шери замон шуд.
Ёрону рафиқон ҳама рафтанд якояк,
Имрӯз кунун навбати мо ғамзадагон шуд.
Ман булбули мотамзадаи бепару болам,
Дар боғи ҷаҳон ҳамдами ман оҳу фиғон шуд.

*      *      *

Вафо аз хуни муштоқон ҳино барбасту барбандад,
Ба захми ноумедиҳо даво барбасту барбандад.
Дар ин гулшан тавон бар мотами худ гиря сар кардан,
Ки гул аз ханда эҳроми фано барбасту барбандад.
На ман танҳо гирифторе ба зулфи мори ӯ гаштам,
Ба ҳар мӯе ҳазорон мубтало барбасту барбандад.
Расид айёми иди хуш, муборак бод қурбонӣ,
Ки он нозофарин теғи ҷафо барбасту барбандад.
На ман аз шармсорӣ қадрдони лутфи маъшуқе,
Ба ину он раҳи аҳду вафо барбасту барбандад.
Саводи даври чашмаш корвони сурмаро раҳ зад,
Абири кокулаш роҳи Хито барбасту барбандад.
Магӯ дашном қаҳрашро, талофе нест ҳадди ман,
Дуъои ошиқон роҳи бало барбасту барбандад.
Чӣ сон хуршеди бахт аз субҳи толеъ сар бурун созад,
Ки он нозошно банди қабо барбасту барбандад.

Надорад бо рақибони забун ёрам хато акнун,
Даҳон аз ҳарфу савти носазо барбасту барбандад.
Санои ҳусни ту андар замин Одам ҳамегӯяд,
Малак дар осмон дасти дуъо барбасту барбандад.
Магӯ ширк аст ин, гӯ шеъри Маҳзунист матбӯъам,
Ки чун қадди ту мавзуни расо барбасту барбандад.

* * *

Он ки дар «Қолу бало» толиби имон буд, шуд,
Он ки аз рӯзи азал ғарқаи исён буд, шуд.
Он ки Бӯҷаҳлсифат омада буд дохили нор,
Кӯр дар мӯъҷизаи Ҳазрати Султон буд, шуд.
Бинигар қудрати Ҳақро, писари Нӯҳи Набӣ
Дур аз марҳамати Холиқи халқон буд, шуд.
Кард пайдо, ки Худованд Халил аз Озар,
Рӯҳи покаш зи азал ҳамдами покон буд, шуд.
Рафт Фиръавни лаъин ташналаб аз чашмаи нур,
Ноумед аз шарафи Мӯсии Имрон буд, шуд.
Ғарра бар тоату тақво машав, эй зоҳид, бин
Ронда Шайтони раҷим аз дари Субҳон буд, шуд.
Гарчи Одам бишуд аз ҷаннати аъло берун,
Аз азал раҳматии Роҳими Раҳмон буд, шуд.
Бин, ки Сиддиқи Тақӣ дар чамани боғи ҷаҳон
Ҳамдами рӯҳи Набӣ аввали даврон буд, шуд.
Шаръорои Набӣ қотили куффор Умар,
Гавҳари баҳри адолат, дурре аз кон буд, шуд.
Ҷонишин гашт қалам бар кафи Усмони Закӣ,
Маъдани ҳилму ҳаё котиби Қуръон буд, шуд.
Боби Хайбаркану Антаркушу каррор Алӣ,
Соҳиби теғи дудам, сафдари майдон буд, шуд.
Заҳр бар коми Ҳасан буд насибаш зи азал,
Теғ бар ҳалқи Ҳусайни Шаҳи мардон буд, шуд.
Аз Худованди ҷаҳон ғофилию бехабарӣ,
Бин, ки дар ҷабҳаи Маҳзунии ҳайрон буд, шуд.

* * *

Бар дасти марг ҳайрон шерони ин ҷаҳон шуд,
Бар хоки тира яксон, бингар чӣ гулрухон шуд.
Рафтанд тоҷдорон з-ин бӯстони олам,

Дунёи фонӣ акнун бар коми нокасон шуд.
Ку Осафу Сулаймон, ку тахту бахту девон,
Он номдори даврон, охир ҷудо зи ҷон шуд.
Ку шавкати Сикандар, дар хок шуд баробар,
Ӯ рафт даст бар сар, андар замин ниҳон шуд.
Ку Юсуф, эй азизон, буд рашки моҳи тобон,
Аз дасти марг, ёрон, рангаш чу заъфарон шуд.
Ку он Юнуси оқил, аз Ҳақ нагашт ғофил,
Бингар, ки баъд аз чил, берун зи моҳиён шуд.
Бин қудрати Худоро, гардид ошкоро,
Он ҷадди Мустафоро оташ ба гулситон шуд.
Султони анбиё бин, маҳбуби Кибриё бин,
Дар як нафас варо бин, бар фарқи осмон шуд.
Сиддиқи босафоро бингар зи синасофӣ,
Дар кишвари ду олам сархайли умматон шуд.
Форуқро ту бингар, аз пешаи адолат,
Бар гирудори мизон дастгири осиён шуд.
Ёри савум, ки Усмон гардид аз дилу ҷон,
Он андалеби Қуръон аълои котибон шуд.
Аз баҳри ҷуд Ҳайдар, фардои рӯзи маҳшар,
Соқии ҳавзи Кавсар дар гулшани ҷинон шуд.
Зинҳор умри худро зоеъ макун ба ғафлат,
Зеро ки нори дӯзах маъвои ғофилон шуд.
Эй дӯст, бош ошиқ, бо ҳамдами мувофиқ,
Гулзори боғи ҷаннат савдои ошиқон шуд.
Аз ёди Ҳақ ту, Маҳзун, хуш бехабар гузаштӣ,
Ҳар субҳу шом вирдат аз ғайбати касон шуд.

* * *

Эй офтоби рӯят рашки гули тар омад,
Аз қоматат хиҷолат сарву санавбар омад.
Дар восифи ҷамолат «Ваш-шамс»-у «Ваз-зуҳоҳо»,
Андар сифоти мӯят «Вал-лайл»-у анбар омад.
Шуд рутбаат, ки боло, фарши ту Арши аъло,
Асрори Ҳақ таъоло бо ту муяссар омад.
Аввал зи толибонат, сархайли ошиқонат,
Фозил зи умматонат Сиддиқи акбар омад.
Дуввум, ки гашт ёрат, Форуқи даррадорат,

Биншаст бар ясорат, куффор абтар омад.
Баъд аз Умар, ки Усмон ёри Ҳабиби Ҳақ шуд,
Бар саҳфаи китобат маҷмӯъи дафтар омад.
Чорум, ки Муртазо буд, амзоди Мустафо буд,
Кони саховату ҷуд, соқии Кавсар омад.
Шери Худост Ҳайдар, дулдулнишину сафдар,
Барканд боби Хайбар, қотили Антар омад.
Бо наъра кард яксон он қалъаи Муқотил,
Вирди забони он шаҳ «Аллоҳу акбар» омад.
Маҳзун, гузашт даврон, рафтанд ҳамнишинон,
Аз карда шав пушаймон, умри ту бар сар омад.

* * *

Ҳусне, ки дорӣ, ҷонон, гул дар чаман надорад,
Бӯи хуше ки дорӣ, мушки Хутан надорад.
Дар айни субҳгоҳӣ овард насим бӯят,
Хуштар аз он, ки райҳон ҳам ёсуман надорад.
Гар лаъли шаккаринат андар такаллум ояд,
Булбул наво кунад гум, тӯтӣ сухан надорад.
Бо сӯи гулшан ой, чун ғунча лаб кушой,
Назди рухи ту гул ранг, ғунча даҳан надорад.
Ҳар кас ки дид рӯят, гардид масти бӯят,
Ғайр аз ҳавои кӯят ёди ватан надорад.
Зуд, эй сабо, зи ёрам овар яке хаборам,
Раҳме ба ҳоли зорам он симтан надорад.
Бо нолаю сафирам, дар қайди ғам асирам,
Он моҳи беназирам лутфе ба ман надорад.
Андар чаман расидам, рухсор гул бидидам,
Аз булбулон шунидам, гул пираҳан надорад.
Бисмил, ҳиҷоби чашмат гардида тори ғафлат,
В-арна ҷамоли хубон шамъи Яман надорад.

* * *

Биё, эй дида, бикшо сарви хушрафтор меояд,
Гули боғи латофат ҷониби кӯҳсор меояд.
Ба вақти субҳидам, эй ғунча, ин ҷо як табассум кун,
Ба сайри гул кунун он булбули афгор меояд.
Ҳамин бахти сиёҳу толеъи зиште, ки ман дорам,
Ба сӯи гул назар созам, ба чашмам хор меояд.

Наӣ, эй дардманди маъсият, навмед аз раҳмат,
Табиби ҳозиқи оқил сари бемор меояд.
Матоъи камбаҳо бошӣ, агарчи ғам махӯр рӯзе,
Харидори ғарибон бар сари бозор меояд.
Машав мағрури тоат, зоҳиди навмед аз маҳшар,
Ба гардан сабҳае монандаи зуннор меояд.
Шавад маҷмӯъ халқи аввалину охирин он дам,
Ҳалои мушрикон аз Воҳид-ул-қаҳҳор меояд.
Ба саҳрои қиёмат шайх бо тазвири дурӯза,
Қабои маъсият дар бар ба сӯи нор меояд.
Ҳар он кас тоати шоиста созад бар сӯи ҷаннат,
Ба сар тоҷи каромат, толиби дидор меояд.
Агарчи оқилӣ, Маҳзун, биё андешаи он кун,
Туро вақти ҳисоби рӯзиву кирдор меояд.

* * *

Дар хаёли пуртаманноҳо дили мо нашканад,
Бода рангин аст, воқиф бош мино нашканад.
Аз майи ишқат маро имрӯз зоҳид тавба дод,
Гардани ӯ бишканад, ин тавба фардо нашканад.
Гирди он маҳфил ту чун гул бишканӣ тарфи кулаҳ,
Аз куҷо ҳамчун дили мо ҷому мино нашканад.
Баски ман лабташнаи лаъли майошоми туям,
Ин хумор аз нашаъаи ҳар ҷому саҳбо нашканад.
Чун дилам ёбад тасаллӣ бе рухат аз офтоб,
Орзуи дӯғ аз маҳтоб қатъо нашканад.
Аз барои ҷилва аҳди хеш бишкастӣ алам,
Охир ин як шиша аз сад санги хоро нашканад.
Зулф бар гирди ҷамоли дилкушоят дар назар,
Беҳ аз он сунбул, ки шаъни боғ асло нашканад.
Гар бубинад лаълу дандони туро бошад аҷаб,
Гавҳару марҷони худ аз шарм дарё нашканад.
Ғам махӯр гар фикри ҳуснат дар дили пурхуни ман,
Дар чаман қадри гули садбарги ҳумро нашканад.
Ҳамчу булбул гулшани васли ту меҷӯяд дилам,
Дар ҳаво ин мурғро боли таманно нашканад.
Қадри назмам бишканад дар назди ҳар нодон чӣ ғам?
Лек афтад ин гуҳар бар дасти доно нашканад.

Шонаро имрӯз бепарво ба зулфи худ мазан,
То дили ин волаи Маҳзуни шайдо нашканад.

* * *

Мушкил бувад, азизон, ғавғои рӯзи маҳшар,
Созад замин тафсон гармои рӯзи маҳшар.
Бар фарқ офтобат, метобад аз иқобат,
Набвад ба тан сиёбат, ҳайҳои рӯзи маҳшар.
Ҳар кас, ки ину он кард, бар хеш соябон кард,
Васфаш наметавон кард, саҳрои рӯзи маҳшар.
Он кас, ки дорад имон, хушнуд аз ӯст Субҳон,
Назди Расулу ёрон аълои рӯзи маҳшар.
В-оне, ки бе имон аст, гумроҳи мардумон аст,
Назди Расул он аст аъдои рӯзи маҳшар.
Гардӣ дар он биёбон, аз кардаҳо пушаймон,
Суде надорад, эй ҷон, савдои рӯзи маҳшар.
Қаддат дутоҳ гардад, узват гувоҳ гардад,
Қозӣ Илоҳ гардад фардои рӯзи маҳшар.
Ӯ Роҳим асту Раҳмон, бахшандаи гуноҳон,
Мушкилкушои халқон, Мавлои рӯзи маҳшар.
Ё Раб, ба ҳаққи номат, бо ҳурмати каломат,
Маҳзуниро магардон расвои рӯзи маҳшар.

* * *

Гузашт умри ту дар мастӣ, накардӣ фикри ҷон ҳаргиз,
Нагардидӣ даме ҳушёр з-ин хоби гарон ҳаргиз.
Агар донӣ, дар ин олам машав мағрур, эй ғофил,
Набаста дил дар ин дунёи фонӣ оқилон ҳаргиз.
Зи мурдан бехабар бошӣ, ту андар бистари роҳат,
Наёрӣ ту ба хотир гӯру мору каждумон ҳаргиз.
Дили худро ба фикри роҳи уқбо ҷоми пурхун кун,
Намонад ҳеҷ кас ҷовид дар ин боғи ҷаҳон ҳаргиз.
Ту бо пайки аҷал дасту гиребон мешавӣ рӯзе,
Баҳореро надидам ман, ки бошад бехазон ҳаргиз.
Агар Маҷнун дили худро канад аз турбати Лайлӣ,
Накарда сер аз рухсори ошиқ маъшуқон ҳаргиз.
Аҷал охир таноби зиндагонӣ меканад, Маҳзун,
Набошад муддати умри ту чун оби равон ҳаргиз.

* * *

Эй дӯстдори Ҳазрат, вақти азост имрӯз,
Бошӣ, агар ту уммат, вақти азост имрӯз.
Моҳи Муҳаррам омад, рафт шодиву ғам омад,
Айёми мотам омад, вақти азост имрӯз.
Он нури чашми Ҳайдар, беёру бебародар,
Танҳо миёни кофар, дар Карбалост имрӯз.
Бобо-Ҳабиби Раҳмон, фарзанди Шери Яздон,
Модар-канизи Субҳон, вақти азост имрӯз.
Он сарви боғи ҷаннат, он дурри баҳри раҳмат,
Шуд бар сараш қиёмат, вақти азост имрӯз.
Куштанд ҷумла хешаш, яксар ҳама ба пешаш,
Дил гашт реш-решаш, вақти азост имрӯз.
Он золимони бедин куштанд Оли Ёсин,
Рафтанд ҳама ба сиҷҷин, вақти азост имрӯз.
Олам пур аз фиғон шуд, торик ин ҷаҳон шуд,
Дар мотам осмон шуд, вақти азост имрӯз.
Курсию Арши аъзам, Лавҳу Қалам дар он дам,
Бигрифт ҷумла мотам, вақти азост имрӯз.
Андар фиғон малак шуд, хуршед дар фалак шуд,
То моҳу то самак шуд, вақти азост имрӯз.
Бошанд аҳли ҷаннат, дар гиря то қиёмат,
Эй ғофилони уммат, вақти азост имрӯз.
Паррандагони дунё, чаррандагони саҳро,
Шуд нола то Сурайё, вақти азост имрӯз.
Андар маҳи Муҳаррам гиряд касе ба мотам,
Шуд берун аз ҷаҳаннам, вақти азост имрӯз.
Ин умр нотавон аст, чун об ҳам равон аст,
Андар тани ту ҷон аст, вақти азост имрӯз.
Ку ёру ҳамнишинат, рафтанд дар заминат,
Ин марг дар каминат, вақти азост имрӯз.
Ҳушёр шав зи ғафлат, фарёд кун ба Ҳазрат,
Фардо кунад шафоъат, вақти азост имрӯз.
Бисмил, биё фиғон кун, ду дида хунфишон кун,
Ҷонро фидои он кун, вақти азост имрӯз.

* * *

Суманбӯе, ки дӣ пайки сабо овард пайғомаш,
Бишуд бо як такаллум мурғи дил дар ҳалқаи домаш.

Ба ҷони ман каманди оташи ишқаш муқайяд шуд,
Ба гардан шуд салосил торҳои зулфи чун шомаш.
Ба як мӯяш наярзад нақди ин дунёву мо фиҳо,
Нарӯяд дар чаман сарве дигар чун тарзи андомаш.
Мақоми қурбаташ аз ҷумлаи мулку малак боло,
Фузунтар аз ҳама назди Худо гардид икромаш.
Ба фарқаш афсари шоҳӣ расид аз Ҳазрати воҷиб,
Ба номаш сиккаи давлат ато фармуд инъомаш.
Набудӣ ҷоми Ҷамшедию ҳам мӯҳри Сулаймонӣ,
Ба ангушташ будӣ хотам, ба каф ҳам ҷилвагар ҷомаш.
Шуда дар боргоҳи хизматаш Рӯҳуламин ҳоҷиб,
Ватан гардида ҳам хуршедро дар сояи бомаш.
Туро дарде, агар дар дил бувад бар сайри гулшан рав,
Тамошо кун навои булбулони дурдошомаш.
Равад шояд, ки эй Бисмил, туро мақсад шавад ҳосил,
Ниҳӣ бар остонаш сар бигардӣ хоки ақдомаш.

* * *

Яке раҳм кун ба ҳоли мани мубтало, тасаддуқ,
Назаре фикан ба сӯям, макун ин ҷафо, тасаддуқ.
Дили худ зи ғайр баркан, бихиром ҷониби ман,
Чу ниқоб аз рух афкан, бари ман биё, тасаддуқ.
Ба ду зулфи анбаринбӯ, ба ду чашми шӯху ҷоду,
Ба хату ба холу лаълу ба қади расо тасаддуқ.
Ба ду новакони мижгон, ба ду кокули парешон,
Ба ду абрӯвони ҳола, ба кафи ду по тасаддуқ.
Ба ду арнавози ҷабҳа, ба ду дасти босаховат,
Ба ду офтоби ораз мани диладо тасаддуқ.
Шаҳи ман бигуфт: Маҳзун, ту чароӣ зору дилхун?
Чунинам бикард, гуфтам: ситами шумо тасаддуқ.

* * *

Як ба як ин ҷамъи оламро парешон кард марг,
Ношукуфта ғунчаҳо дар хок яксон кард марг.
Дидаи ибрат кушо, бин ин ҷаҳони бевафо,
Шаҳсаворонро ба чанги хеш ҳайрон кард марг.
Аз асоси салтанат, аз гирудори тоҷу тахт,
Дар кафан печида сар дар хок яксон кард марг.
Хотами давлат ба каф мерафт тахташ бар ҳаво,

Оқибат фарши замин тахти Сулаймон кард марг.
Рӯзу шаб баста камар дар хизматаш деву парӣ,
Ҷумларо аз назди ӯ охир гурезон кард марг.
Шуд куҷо Искандару ҳам Қайсару Ковуси Кай,
Дур аз хайлу ҳашам шоҳони даврон кард марг.
Дил дар ин дунё мабанд, эй дӯст, бин ин бевафо,
Даст андар ҷайби он маҳбуби Яздон кард марг.
Аз тани Сиддиқи Акбар в-аз тани одил Умар,
Ҷони ширин бурду андар боғи Ризвон кард марг.
Ҳазрати Усмони Зиннурайни боҳилму ҳаё,
Ҷомеъи Қуръони Ҳақро рафту беҷон кард марг.
Шаҳсавори рӯи олам, соҳиби теғи дудам,
Ғолиб омад зери даст он Шоҳи мардон кард марг.
Ҳеҷ шайъ аз чанги ин золим намегардад халос,
Ҷумларо хоҳад банавбат захми дандон кард марг.
Ғайри зоти поки Ҳақ боқӣ намонад ҳеҷ кас,
Ин замину осмон рӯзе, ки вайрон кард марг.
Аксари умри ту, Бисмил, сарф шуд дар маъсият,
Мешавад наздат аён чашмат чу гирён кард марг.

* * *

Эй дилбари маҳваши гуландом,
Бе рӯи ту субҳи ман бувад шом.
Эй сарвқаду ҳилолабрӯ,
Ҳамчу ту надида чашми айём.
Эй шоҳсавори Қоба қавсайн,
Эй моҳҷабини раф-рафанҷом.
Тоқи сари Арш хоки поят,
Мӯҳтоҷи дари ту халқ итмом.
Аз Одаму Нӯҳ то ба ин дам,
Аз ту ҳамаро умеди инъом.
З-он ки ҳамаро умедворӣ,
Дар кавну маконӣ, эй накӯном.
Як раҳ чӣ шавад, фитад гузорат,
Бо сӯи мани асири ноком.
Созам сари хеш фарши роҳат,
Гар ранҷа кунӣ шабе ту қуддом.
Холу хату мардумони чашмат,

Бурда зи дилам қарору ором.
Бе ту ҷигари кабоб дорад,
Маҳзунии дилхуни хуношом.

* * *

Васлаш маро муяссар, агар мешудӣ мудом,
Дил маҳви рӯи ёри ту гар мешудӣ мудом.
Хоки қудуми он шаҳи раф-рафсавори ман,
Чун сурма гар ба дидаи тар мешудӣ мудом.
Ҳаргиз надидӣ кулфате ҷуз шодӣ дар ҷаҳон,
Булбул, ту ҳамнишини гул, ар мешудӣ мудом.
Афсӯс, субҳ рафту кунун вақти шом шуд,
Ё Раб, чӣ мешуд он, ки саҳар мешудӣ мудом.
Бар остони даргаҳат, эй пешвои халқ,
Хуш буд, ки фаршгоҳи ту сар мешудӣ мудом.
Маҳзунӣ, умр рафту нарафтӣ ба кӯи дӯст,
Чун қалби рафта, кош ба дар мешудӣ мудом.

* * *

Аз баҳрат, эй раънопарӣ, ҷонҳо гирифтор омадем,
Озурдаю маҷрӯҳтан, дилҳо ҳама зор омадем.
Хуш қадду қомат дидаам, таърифи ӯ бишнидаам,
Шайдои ӯ гардидаам, шоҳо, умедвор омадем.
Зулфат ба мо море бувад, мижгон ба дил хоре бувад,
Юсуф ба бозоре бувад, бешак харидор омадем.
Қомат ба мо бошад қалам, аз дафтари рӯят равам,
Созам ба дасти кӯтаҳам, ин ҷо ба ночор омадем.
Чашмат сафои оҳувон, офат набошад дар ҷаҳон,
Лаълат мисоли арғувон, бо зардрухсор омадем.
Гӯям туро дандон садаф, аз тири ту симин ҳадаф,
Ки бомалоҳат, бошараф, бо чашми хунбор омадем.
Бахтам накард бо ту вафо, дил бар раҳам дорӣ чаро?
Акнун ба фикри охират бо дида ангор омадем.
Маҳзун, туро бошад хабар, эй орифи дуни дигар,
Нолам ба ҳангоми саҳар, булбул ба гулзор омадем.

* * *

Ҳамчу булбул чанд шуд дур аз гулистон гаштаам,
Чун самак лабташна андар соҳилистон гаштаам.
Ҳамчу Яъқуби ҳазин биншаста дар байт-ул-ҳазан,

Орзуманди ҷамоли моҳи Канъон гаштаам.
Ҳамчу қақнус масканам шуд оташи ишқи бутон,
Чун самандар мубталои нори ҳиҷрон гаштаам.
Ҳамчу най аз фурқати ӯ нола дорам зор-зор,
Чун ҷарас шуд муддате бо оҳу афғон гаштаам.
Як назар сӯям накард он Лайлии ширинсухан,
Ҳамчу Маҷнун доғ бар дил дар биёбон гаштаам.
Ҳамчунон парвона ман, Маҳзунӣ, аз ноқобилӣ,
Дур аз шамъи рухи хуршеди тобон гаштаам.

* * *

Эй, аз фироқат доғҳо дар сина пинҳон меравам,
Пайкони ишқат дар ҷигар бо оҳу афғон меравам.
Бе бодаи лаъли лабат хумморҳо дорам ба дил,
Бар ҳасрати ҷоми майи соқии даврон меравам.
Охир ман аз савдои ту, эй Лайлии ширинсухан,
Маҷнунсифат берун зи худ сӯи биёбон меравам.
Кардӣ зи ҳаҷрат инчунин, дорам ҳазорон офарин,
Аз фурқатат, эй маҳҷабин, бо чашми гирён меравам.
Ин дидаи бинои ман бар рӯи хубон во нашуд,
Нодида холу хатту он зулфи парешон меравам.
Рафтӣ, сабо, аз ман бигӯ, ҳастам гадои кӯи ту,
Рӯзе ба ҷустуҷӯи он сархайли хубон меравам.
Эй, ман шуда шайдои ту, саргаштаи савдои ту,
Месӯзам аз ғамҳои ту, ғамгину ҳайрон меравам.
Маҳзуниё, з-ин гуфтугӯ мақсуди дил ҳосил нашуд,
Акнун ба ёди даргаҳаш афтону хезон меравам.

* * *

Ё ҳабиби Ҳақ, туӣ пушту паноҳи умматон,
Шофеъи рӯзи қиёмат, дастгири осиён.
Офарида Ҳақ таъоло бо туфайлат ҳарду кавн,
Ҳам самовоту малак, рӯҳониву каррубиён.
Гар набудӣ зоти ту не Лавҳ будӣ, не Қалам,
Курсиву ҳам Арши аъзам, гӯшаи боғи ҷинон.
Кард Холиқ бо туфайлат тавбаи Одам қабул,
Ҳам Халил аз нор расту Нӯҳ аз баҳри гарон.
Бо туфайлат дид Мӯсо партави дидори Ҳақ,
Юнус аз моҳӣ бурун шуд, Аюб аз кирмон амон.

Бишнав аз ман баъд аз ин васфе ту аз ёрони ӯ,
Чор дурри баҳри раҳмат, чор сарви бӯстон.
Аввал он Сиддиқи Акбар аз сари сидқу сафо,
Омаду ӯ ёр шуд бо хотами пайғамбарон.
Ёри дуввум шуд Умар он гавҳари дарёи адл,
Дӯстдори шаръи Ҳазрат, қатлсози мушрикон.
Ёри сеюм Ҳазрати Усмон кони илму ҳилм,
Ҳамнишини Мустафо дар ин ҷаҳону он ҷаҳон.
Ёри чорум буд Алӣ он ҳамдами зикри ҷалӣ,
Марди майдони шуҷоъат, Ҳайдари соҳибқирон.
Гарчи Маҳзун, пургуноҳӣ, аз карам набвад аҷаб,
Гар бубахшад Ҳақ гуноҳат бо туфайли ину он.

* * *

Ҳастӣ маро пушту паноҳ, ё раҳматан лил-ъоламин,
Дар ҳар ду олам пешво, ё раҳматан лил-ъоламин.
Мӯсо ба ҷон фармонбарат, сад ҳамчу Исо чокарат,
Шоҳон гадои даргаҳат, ё раҳматан лил-ъоламин.
Хоки қудумат тоҷи Арш, рафраф ба роҳат гашта фарш,
Гуфта Худованди ҷаҳон, ё раҳматан лил-ъоламин.
Дурри Адан гуфтори ту, рашки қамар рухсори ту,
Ман толиби дидори ту, ё раҳматан лил-ъоламин.
Як зарра аз рӯят нишон хуршед андар осмон,
Нахли қадат сарви равон, ё раҳматан лил-ъоламин.
Ҷибрил, эй Хайрулбашар, бо ту чу хизматгори дар,
Ҳастӣ азизу мӯътабар, ё раҳматан лил-ъоламин.
Хатми ҳама пайғамбарон, мушкилкушои осиён,
Эй дастгири умматон, ё раҳматан лил-ъоламин.
Фардо, ки бо амри Самад, мехезам аз зери лаҳад,
Бар ман яке кун марҳамат, ё раҳматан лил-ъоламин.
Маҳзунӣ зору мубтало афтода дар кӯи шумо,
Баргир дасти ин гадо, ё раҳматан лил-ъоламин.

* * *

Зи фикри ин ҷаҳон бигзар, ту фикри он ҷаҳонат кун,
Ба субҳу шом номи поки ӯ вирди забонат кун.
Агар бошад ҳавои рафтанат бар гулшани ҷаннат,
Макун саъйе ба наҳйяш кӯшиши амраш ба ҷонат кун.

Машав бо гирудори ин ҷаҳони пурҷафо мағрур,
Ки хоҳӣ рафт аз ин олам назар бо ҳамдамонат кун.
Ҳама афъоли нокомӣ ҳамеорад пушаймонӣ,
Агар марди раҳӣ, андешаи суду зиёнат кун.
Барои ҳирси дунё пурхатар кардӣ раҳи уқбо,
В-агар дорӣ ҳунар дур аз худ ин бори гаронат кун.
Дурӯза умри худро сарф андар маъсият кардӣ,
Хазон шуд нахли умрат кор дар вақти ҷавонат кун.
Ту, Маҳзуно, дар ин манзил накардӣ тӯшае ҳосил,
Зи ҷои хештан бархезу акнун фикри онат кун.

* * *

Эй гули гулзори ҷаннат, булбули гӯё Ҳусайн,
Нури чашми Мустафову Ҳайдари аъло Ҳусайн.
Як гуле аз гулситони Ҳазрати Заҳро будӣ,
Сарвқад, симинбадан, рух лолаи ҳумро Ҳусайн.
Аҳли байти ту ба дасти нобакорон шуд асир,
Шаҳсувори дин Ҳусайн, дар Карбало танҳо Ҳусайн.
Зайнабу Кулсуму ҳам Шаҳрбону мегуфтанд ҳама:
Шоҳ Ҳусайн, эй моҳ Ҳусайн, зебо Ҳусайно, во Ҳусайн.
Садқаи асп, зулфиқору чашми гирёнат шавам,
Гул Ҳусайн, булбул Ҳусайн, сунбул Ҳусайн, зебо Ҳусайн.
Рехтанд хуни туро дар Карбало қавми забун,
Ҷон Ҳусайн, ҷонон Ҳусайн, тан ғарқа дар хунҳо Ҳусайн.
Офтоби оразат олуда шуд дар хоку хун,
Тоқи абрӯ чун қамар, ҳар тора мӯ гулҳо Ҳусайн.
Ҳар кӣ дар моҳи Муҳаррам гиря созад баҳри ӯ,
Мешавад ӯро шафоъатхоҳ дар он ғавғо Ҳусайн.
Гарчи Маҳзунӣ, гунаҳгор омадам ман беҳисоб,
Аз Худою Мустафову чор ёру Шо Ҳусайн.

* * *

Эй Қодири қудратнамо, мақсуди ҷонам номи ту,
В-эй Роҳими мушкилкушо, вирди забонам номи ту.
Номи ту ҳар шому саҳар бар синаам дорад шарар,
Ширинтар аз шаҳду шакар андар даҳонам номи ту.
Ҳоҷатбарори кори ман, осонгари душвори ман,
Ҳам ёри ман, ғамхори ман дар ду ҷаҳонам номи ту.
Ё Раб, ба сӯят гаштаам, дар ҷустуҷӯят гаштаам,

Бо гуфтугӯят гаштаам, оҳу фиғонам номи ту.
Булбулсифат дорам фиғон, гум карда роҳи ошён,
Ҳам Кавсвру боғи ҷинон, ҳам гулситонам номи ту.
* * *

Зикри Ҳазрати Раҳмон ло илоҳа илло ҳу,
Нури гавҳари имон ло илоҳа илло ҳу.
Ҳам шамъи шаби торик, ҳодии раҳи борик,
Роҳати дилу ҳам ҷон ло илоҳа илло ҳу.
Мӯниси қулуби ман, сотири уюби ман,
Ҳам ба дарди ман дармон ло илоҳа илло ҳу.
Ҳаст ба ту, эй ғофил, ҳалкунандаи мушкил,
Ҳам гаронии мизон ло илоҳа илло ҳу.
Рӯзе Мусии бонур, рафт ӯ ба кӯҳи Тур,
Роз мегуфт бо Яздон, ло илоҳа илло ҳу.
Гуфт Мӯсо: ё Олим, зикре кун ба ман таълим,
Ғайри ман нахонад он, ло илоҳа илло ҳу.
Гуфт Ҳазрати Воҷиб: Мӯсо, ҳастӣ гар толиб,
Доимо раву бархон ло илоҳа илло ҳу.
Гуфт: ҷумла медонанд, хосу ом мехонанд,
Кун ба ман дигар фармон, ло илоҳа илло ҳу.
Гуфт Ҳазрати Холиқ: Мӯсо, ёбад он гардад,
Афзал аз ҳама медон, ло илоҳа илло ҳу.
Гар ба сидқи дил хонӣ, бандаи мусалмонӣ,
Пок мекунад аз исён ло илоҳа илло ҳу.
Гар ту оқилӣ, Бисмил, як нафас машав ғофил,
Мушкилат кунад осон ло илоҳа илло ҳу.
* * *

Субҳам, ки ба шом омад, шамъи шаби торам ку?
Айёми хазон омад, гулҳои баҳорам ку?
Умрам, ки ба сар омад, аъдо, ки ба дар омад,
Аз марг хабар омад, шамшери дучорам ку?
Маргам, ки кунад шашдар, душман, ки бигирад дар,
Ку бар кафам он ханҷар, дар гуфтугузорам ку?
На зоди сафар дорам, на дидаи тар дорам,
Роҳи пурхатар дорам, дар ҳарб ҳисорам ку?
Соҳибназарон рафтанд, бингар чӣ касон рафтанд,
Чун барги хазон рафтанд, аз пеши назорам ку?

Ку Ҳазрати Пайғамбар, Бӯбакр кую ку Умар,
Усмон кую ҳам Ҳайдар он шоҳсаворам ку?
Бастанд ҳама маҳмил, рафтанд аз ин манзил,
Навбат ба мани Бисмил шуд ҳосили корам ку?

* * *

Бо ғайр бастӣ аҳди дубора,
Худро фикандӣ аз ман канора.
Дидӣ ғаминам, зору ҳазинам,
Кардӣ чунинам, созам чӣ чора?
Дод аз ҷафоят, ҷонам фидоят,
Афтам ба поят, ой савора.
Ваҷҳайн во кун, дардам даво кун,
Субҳи сафо кун шабҳои тора.
Ҳайрони ӯям, ман бо кӣ гӯям,
Н-омад ба сӯям, мурдам канора.
Чун табл рафтам, дар кӯяш афтам,
Аз дур кардам ногаҳ назора.
Дидам яке гул дар шохи сунбул,
Ҳар барги он гул ҳамчун сайёра.
Як навниҳоле, абрӯҳилоле,
Ҳар тори зулфаш як моҳпора.
Бо ӯ, ки гуфтам ҳоли дили хеш,
Қалби чу мумаш гардид хора.
Маҳзун, паёпай менолӣ чун най,
Чанд аз рухи вай бошӣ авора.

* * *

Эй, соҳиби тоҷу тахту меъроҷу бурокӣ,
Пеш аз ҳама будӣ, зи ҳама омадӣ боқӣ.
Гарчанд, ки рухсораи покат ба замин аст,
Фарши қадами поки ту шуд ҳафт табоқӣ.
Дигар нашавад ҳамчу ту фарзанд зи модар,
Андар сафи авлоди башар омада тоқӣ.
Арзиву самовотиву ҳам курсиву аршӣ,
Бигрифта ҳама инсу малак аз ту сабоқе.
Бе қадди хушу орази маҳпайкари дилдор,
Маҳзунӣ, асири ғаму андӯҳу фироқӣ.

* * *

Мани шармандаро, ё Раб, зи даргоҳат наронӣ чӣ,
Агарчи ғарқи исёнам, ба лутфи хеш хонӣ чӣ.
Дар он соат, ки Азроил бисозад қасди ҷони ман,
Дар он дам бар забонам номи поки худ биронӣ чӣ.
Асири тори доми анкабути нафси шайтонам,
Ба вақти марг имонам зи чанги ӯ раҳонӣ чӣ.
Каримо, аз карам, ё Раб, ту ҷисми пургуноҳи ман
Ба саҳрои қиёмат бекасу музтар намонӣ чӣ.
Бувад бориктар аз мӯю в-аз шамшер бурротар,
Чу бар як турфат-ул-айн аз сиротам бигзаронӣ чӣ.
Кунӣ озод аз дӯзах, Илоҳӣ, осиёнатро,
Сӯи ҷаннат барӣ аз шарбати Кавсар чашонӣ чӣ.
Ба ҳаққи ҳурматат, ё Раб, мани дилхастаи Маҳзун,
Ба назди Аҳмади Мухтору ёронаш расонӣ чӣ.

## Мухаммас

Эй қабои хусравӣ бар қадди дилҷӯят расо,
Тоҷдорони ҷаҳон бар даргаҳат чун бенаво,
Офарида бо туфайлат ҳар ду оламро Худо,
Дар сифоти моҳи рухсори ту омад «Ваз-зуҳо»,
Ё шафоъатхоҳи халқон, ё Муҳаммад Мустафо.

Як нафас ғофил зи ёди Ҳақ набудӣ субҳу шом,
Баҳри тоат хобро бар хештан кардӣ ҳаром,
«Раҳматан лилъоламин» гуфта Худоят дар калом,
З-он сабаб андар ғами уммат ҳамебудӣ мудом,
Ё шафеъ-ул-музнабин, ё ҳодии рӯзи ҷазо.

То ки бинҳодӣ қадам дар ин гулистон омадӣ,
Дар шабистони ҷаҳон чун моҳи тобон омадӣ,
Аз ҳама инсу малоик покдомон омадӣ,
Баҳри уммат рӯзу шаб бо оҳу афғон омадӣ,
Ё шафоъатхоҳи халқон, ё Муҳаммад Мустафо.

Эй бувад сар то қадам қадди дилорои ту гул,
Торҳои зулфи шабрангу сумансои ту гул,
Кокули хам дар хаму рухсори зебои ту гул,

Абрӯвону ҷабҳа, холу хатти раънои ту гул,
Ё шафеъ-ул-музнабин, ё ҳодии рӯзи ҷазо.

То аз ин олам ба сӯи олами боло шудӣ,
Аз ҳама бигзаштиву дар қобу қавсайно шудӣ,
Андар он шаб роздори Холиқи якто шудӣ,
Осиёни уммататро ҳомии фардо шудӣ,
Ё шафоъатхоҳи халқон, ё Муҳаммад Мустафо.

«Умматӣ»-гӯён, ки сар аз хок боло мекунӣ,
Ҳуллаҳои нозанин бар қадди зебо мекунӣ,
Он ду наълайни шарифатро, ки дар по мекунӣ,
Баҳри уммат бо Худои худ тавалло мекунӣ,
Ё шафеъ-ул-музнабин, ё ҳодии рӯзи ҷазо.

Оҳ, аз он соат, ки мизони амал барпо шавад,
Кардаву нокардаи мо як ба як ифшо шавад,
Дар гувоҳӣ дасту пову ҷумлаи аъзо шавад,
Дӯстонат шоду хуррам, душманат расво шавад,
Ё шафоъатхоҳи халқон, ё Муҳаммад Мустафо.

Дар ду олам дӯстдори Ҳазрати Субҳон туӣ,
Воқифи сирри ниҳони Холиқи Яздон туӣ,
Маҳрами даргоҳи поки Роҳими Раҳмон туӣ,
Чашми уммеди мани Маҳзунии ҳайрон туӣ,
Ё шафеъ-ул-музнабин, ё ҳодии рӯзи ҷазо.

## Мухаммас

Ё шоҳи ҷаҳон, ҷумла шаҳонанд ғуломат,
Шоҳаншаҳии ҳар ду ҷаҳон бод ба комат,
Ороста шуд сиккаи давлат чу ба номат,
Гашта зи азал гулшани фирдавс мақомат,
Доранд умед аз ту ҳама рӯзи қиёмат.

Монанди ту нозукбадане нест дар айём,
Ширинсухану маҳвашу дилҷӯю гуландом,
Шамшод хиҷил аз қаду в-аз чашми ту бодом,

Гар ой ба тарфи мани дилхастаи ноком,
Созам сари шӯридаи худ хоки қадомат.

Бе рӯи ту дорам мани мотамзада ғулғул,
Дар ишқи ту сад ҳамчу мани дилшуда булбул,
Ғунчадаҳану орази зебои ту гул-гул,
Афканда ба домони ту ман дасти таваккул,
Рӯзе, ки шунудам сифати он қаду қомат.

Бошад ҳамаро тӯҳфаи побӯси ту, ҷоно,
Дар рӯзи ҷазо нест чу ман номатабоҳо,
Лилҳамд Худоро, ки туӣ пушту паноҳо,
Як номи ту «Ё син»-у дигар номи ту «То ҳо»,
Додаст Худо бо ту чунин иззу каромат.

Бошад кулаҳи хусравӣ бар фарқи ту лоиқ,
Ҳам ҷомаи олист ба қадди ту мувофиқ,
Омад ба вуҷуд аз шарафат ҷумла халоиқ,
Пайдо накунад чун ту дигар Ҳазрати Холиқ,
Хуршеду қамар заррае аз ҳусни тамомат.

Сад ҳамчу Сулаймон ба сари кӯи ту ҳоҷиб,
Сад ҳамчу Сикандар ба дуъогӯи ту роғиб,
Юсуф набувад дархури ҳуснат чу кавокиб,
Он рӯз, ки бар тавсани ҳиммат шудӣ рокиб,
Нӯшанд адӯят ҳама андӯҳу надомат.

Он шаб, ки ба сарманзили афлок расидӣ,
Асрори ниҳонӣ ҳама аз Ҳақ шунавидӣ,
Аз роҳими худ ҷумлаи уммат талабидӣ,
Бошӣ ҳамаро рӯзи ҷазо чашми умеде,
Дар кавну макон хонд Худованд имомат.

Фардо, ки бари тахти шафоъат бинишинӣ,
Аз хок бароянд ҳама халқони заминӣ,
Маҷмӯъ шаванд мардуми бединию динӣ,
Баргир ту дасти мани Маҳзуни ҳазинӣ,

Ё Сайиди кавнайн, дар он рӯзи қиёмат.

## Мухаммас бар ғазали Мирзо Бедил

Куҷо ҳар бехабарро дар ҳарими дӯст ҷо бошад,
Лаби ҳар булҳавас кай маҳрами оби бақо бошад,
Надонам аз чӣ рӯ пайкони оҳам норасо бошад,
«Зи шӯхӣ чашми мо то кай ба рӯи ғайр во бошад,
Нигаҳ бояд ба худ печад, агар соҳибҳаё бошад».

Сабо меоварад бӯе ба хоб аст, ин ки бедорӣ,
Шуда умрест андар бистари ғам хуфта беморе,
Магар ояд табиби меҳрубон аз баҳри теморе,
«Ҷаҳони хуфтаро бедор кард уммеди дидоре,
Тақозои нигоҳам бар сафи мижгон асо бошад».

Агар ояд дар ин олам ба фарқат тоҷи султонӣ,
Расад гар шӯҳрати номи ту андар мулки кайвонӣ,
Набандад нахли умрат меваe ғайр аз пушаймонӣ,
«Зи бедардист дилро ин қадарҳо ранггардонӣ,
Гар ин оина хун гардад, ба як рӯ ошно бошад».

Ба гардан ҳалқаи ишқи парирӯе, ки шуд тавқам,
Ҳумои давлат омад соябон гардид бар фарқам,
Агарчи мубталои ғам шудам, саршор аз завқам,
«Суроғи ҷилвае дар хилвати дил медиҳад шавқам,
Ғарибам, хонаи оина мепурсам куҷо бошад?»

Ки аз рӯзи аласту килки қудрат қисмати моро,
Ҳубоби мавҷи дарё зад рақам ин фурсати моро,
Набуд дар кавкаби бахт ҳам ба ҷуз ғам улфати моро,
«Зи бас чун гул тунук карданд барги ишрати моро,
Агар зангӣ пар афшонад шикасти ранги мо бошад».

Шудам то ман гирифтори парирӯе дар ин гулшан,
Аз он рӯ ғунчаро бар ҳоли ман афтод хандидан,
Ки булбул дар наво гардиду тӯтӣ дар сухан гуфтан,
«Чӣ имкон аст чашм бардорад аз бунёди аҷзи ман,

Агар зери бағал чун тори чангам сад садо бошад».

Биё, эй дида, во шав каҷкулоҳе хуфтааст ин ҷо,
Сари худ фарши роҳаш кун, ки шоҳе хуфтааст ин ҷо,
Бурун рав, мардумак, аз хона моҳе хуфтааст ин ҷо,
«Мижа ҳар ҷо ба ҳам орӣ нигоҳе хуфтааст ин ҷо,
На шомат бе саҳар ҷӯшад, на субҳат бесафо бошад».

Туро ранҷе расад аз ҳодисоти олами фонӣ,
Макун бо ғайр нисбат ӯ бувад аз хатти пешонӣ,
Тавозӯъ пеша кун бо халқи олам гар ту инсонӣ,
«Надорад азми софӣ инфиъоли ҳарзаҷавлонӣ,
Ба андӯҳи каҷӣ хун шав, агар тират хато бошад».

Висолаш гар ба ёд ояд, биёрам қосиди ашке,
Рабояд аз дили ғамгин ғуборам қосиди ашке,
Бувад ҳам мӯниси шабҳои торам қосиди ашке,
«Пайи ҳар оҳи аз худ рафта дорам қосиди ашке,
Саҳар ҳар сӯ чаронад чашм шабнам дар қафо бошад».

Набошад бе гудози дил ба рӯят во дари роҳат,
Чаро ки раҳмати Ҳақ мезанад мавҷ аз пайи ҳиммат,
Намегардад кушоди укдаи ҳар кор бе хизмат,
«Ба ғайр аз нола сомоне надорад хонаи ваҳшат,
Камони нолаи занҷир таъсираш садо бошад».

Куҷо бо домани мақсад расад ҳар дасти ноқобил,
Нагардад восили базми яқин ҳар гумраҳи ғофил,
Ту Маҳзун, бо фиреби золи ин дунё машав моил,
«Тааммул кун чӣ мағрури иқомат мондаӣ, Бедил,
Мабодо дар нигин номе, ки дорӣ нақши по бошад».

## Марсия

Нури чашмо, раҳмати Ҳақ мӯниси ҷонат шавад,
Ҳамнишини рӯҳи покат нури имонат шавад,
Соябонат рӯзи маҳшар хайру эҳсонат шавад,
Ҷаннати пурнозу неъмат коху айвонат шавад,

Во надомат, ҳасрато, он арғувони ман чӣ шуд?

Гаштӣ ғоиб аз назар, эй моҳи Канъони хуҳар,[1]
Зебиши дунёи фонӣ, айши даврони хуҳар,
Кардӣ манзил дар лаҳад, эй марди майдони хуҳар,
Дар миёни навҷавонон тарзи мирони хуҳар,
Тоқатам шуд тоқ он мақсуди ҷони ман чӣ шуд?

Марг созад одамӣ дар хок пинҳон оқибат,
Даст бар сар мебарад шоҳони даврон оқибат,
Мешавад рӯзе маро даст бо гиребон оқибат,
Меравем охир ба ҳасрат з-ин гулистон оқибат,
Гар аҷал ояд нагӯӣ ину они ман чӣ шуд?

Эй маҳи ман, оқибат дар гӯр маъвои ту шуд,
Он падар имрӯз саргардони савдои ту шуд,
Қомати модар дуто аз бори ғамҳои ту шуд,
Мухтасар ,Маҳзунӣ, акнун ин суханҳои ту шуд,
Эй мусалмонон, чӣ созам навҷавони ман чӣ шуд?

## Марсияи Бисмил бар марги фарзандаш Furthermore

Рафтӣ аз боғи ҷаҳон, сарви хиромони падар,
Кардӣ манзил ба лаҳад, эй маҳи тобони падар,
Гаштӣ берун зи чаман, булбули хушхони падар,
Аз назар дур шудӣ, эй маҳи Канъони падар,
Бе ту мотамкада шуд кулбаи эҳзони падар.

Офтоби оразат ҳар дам ба ёдам мерасад,
В-он ду абрӯи каҷат ҳар дам ба ёдам мерасад,
Тарзи рафтори қадат ҳар дам ба ёдам мерасад,
В-он хати пушти лабат ҳар дам ба ёдам мерасад,
Мешавад инҳо ҳама дар сина пайкони падар.

[1] **Хуҳар-хоҳар.**

Риштаи умрат, ки шуд дар коми миқрози аҷал,
Мурғи ҷонат шуда зери чанги шаҳбози аҷал,
Шуд инонат ба кафи даллоли носози аҷал,
Зуд омад зери поят тавсани този аҷал,
Гаштӣ ҳамчун барқ аз дунё гузарони падар.

Эй писар, оташ чаро дар мушти хошокам задӣ,
Рахт барбастӣ зи чашмам, бар кафи хокам задӣ,
Теғи заҳролудро бар синаи чокам задӣ,
Ҳушу ақлам бурдию зарбе ба идрокам задӣ,
Ҳамчу мурғи нимбисмил метапад ҷони падар.

Аз барам гаштӣ ту ғоиб, ҷисму ҷонам сӯхтӣ,
Ман чӣ кардам бо ту, мағзи устухонам сӯхтӣ,
Аз қадам то сар маро, эй меҳрубонам, сӯхтӣ,
Дар хуми оташ, маҳи абрӯкамонам, сӯхтӣ,
Дар танӯри ҳаҷр охир кардӣ бирёни падар.

Зуд рафтӣ аз барам, эй нури чашмонам, балам,
Раҳм н-овардӣ ту бар ҳоли парешонам, балам,
Чанд рӯзе дар ҷаҳон будӣ ту меҳмонам, балам,
Дар лаҳад кардӣ мақар, эй қути кирмонам, балам,
Кай назар кардӣ ту бар ин оҳу афғони падар.

Эй писар, дарди ту маддоҳи ғамат кард маро,
Дар чаман булбули гӯёи ғамат кард маро,
Кӯр чашмам, ки тамошои ғамат кард маро,
Қоматам хам, ки ситамҳои ғамат кард маро,
Оташ афкандию рафтӣ ба найистони падар.

Тири ҳаҷрат, ки халид бар дилу бар синаи ман,
Наштари хори ғамат бар ҷигарам кард ватан,
Рафтӣ ночида гул аз боғи ҷавонӣ зи чаман,
Бурд сармои аҷал ғунчаи нашкуфтадаҳан,
Сабз ногашта хазон пунбаи райҳони падар.

Модараш гуфт: Куҷо шуд сарви гулзорам, балам,

Хори ҳаҷрат мехалад бар ҷони афгорам, балам,
Аз барам рафтӣ, ман ин ҷо бе ту беморам, балам,
Дар шабистони лаҳад, эй моҳрухсорам, балам,
Бар гулистони ҷаҳон мурғи хушилҳони падар.

Нури чашмо, мотамат ин чашми ҷонро доғ кард,
Ҳам падар, ҳам модару ҳам хоҳаронро доғ кард,
Моҳу хуршеду замину осмонро доғ кард,
Дарди пурзӯрат тамоми дӯстонро доғ кард,
Қоматам хам шуд зи бори фурқатат, ҷони падар.

Кардӣ аз дунё гузар, дурӯза меҳмон, хуш, хуш,
Аввали моҳи сафар, сарви гулистон, хуш, хуш,
Дар лаҳад кардӣ мақар, эй қути кирмон, хуш, хуш,
Гаштӣ ғоиб аз назар дар хок яксон, хуш, хуш,
Навниҳоли навраси бодарду дармони падар.

Рахт бастию рафтӣ аз ҷаҳони бемадор,
Бо дили пурдарду ҳасрат, бо ду чашми ашкбор,
Дур гаштӣ, эй писар, аз ҷумлаи хешу табор,
Гуфтаам ин байт дар шаънат бимонад ёдгор,
Бурдӣ орому карорам, нури чашмони падар.

Буд рӯзи чоршанбе он ҷавон бемор шуд,
Дарди ӯ торафт афзун гашту ӯ нокор шуд,
Ҳолати ӯ шуд дигаргун, ҳарду чашмаш чор шуд,
Ҳосили умраш дар ин олам ба бисту чор шуд,
Навҷавони навхату муллои хушхони падар.

Марг созад халкро дар хок яксон оқибат,
Даст бар сар меравад шоҳони даврон оқибат,
Мешавад рӯзе аҷал даст бо гиребон оқибат,
Меравад охир ба ҳасрат, з-ин гулистон оқибат,
На писар монад дар ин олам, на даврони падар.

Гуфт Бисмил марсия имрӯз баҳри он писар,
Буд Бобоҷон исми он ҷавони раҳгузар,

Дил дар ин дунё мабанд, эй дӯст, ҳастӣ дар сафар,
Марг ҳам дар пеш бошад, дорӣ роҳи пурхатар,
Нури чашму қуввати дил, роҳати ҷони падар.

## Мухаммас бар ғазали Хоҷа Ҳофиз

Аз ҳама сарви чаман қадди дилорои ту хуш,
Бувад аз шамс рухи чун гули ҳумрои ту хуш,
Бошад аз хулди барин манзилу маъвои ту хуш,
«Эй ҳама шакли ту матбӯъу ҳама ҷои ту хуш,
Дилам аз ишваи ширину шакархои ту хуш».

Ғунчаваш лаб ба табассум, ки кушудӣ ту латиф,
Дар такаллум, ки шудӣ гуфтушунуди ту латиф,
Аз ҳама сарвқадон аст намуди ту латиф,
«Ҳамчу гулбарги таре ҳаст вуҷуди ту латиф,
Ҳамчу сарви чамани хулд саропои ту хуш».

Шуда аз шавқи ту қурбони ҷамоли ту Забеҳ,
Ошиқи рӯи ту Мӯсои Калим асту Масеҳ,
Боби раҳмат ба рухат во, туӣ мифтоҳи фатеҳ,
«Ишваву нози ту ширин, хату холи ту малеҳ,
Чашму абрӯи ту зебо, қаду болои ту хуш».

То ба қайди сари зулфи ту дилам ёфт қарор,
Кард андар ҷигарам новаки ҳиҷрони ту кор,
Шудам андар чамани ҳусни ту дар гуфтугузор,
«Ҳам гулистони хаёлам зи ту пурнақшу нигор,
Ҳам машоми дилам аз зулфи сумансои ту хуш».

Ёр, як раҳ чӣ шавад орази худ бинмоӣ,
Шояд ҳамчун сари зулфи ту шавам шайдоӣ,
Ҷони ман бод фидоят, ки гули раъноӣ,
«Пеши чашми ту бимирам, ки бад-он зебоӣ,
Мекунад дарди маро аз рухи зебои ту хуш».

Эй сабо, рав хабар аз ёри вафодор биёр,
Кай кунад дур ниқоб аз рухаш он лолаъузор,

Ваъдаи васл муяссар нашуду рафт баҳор,
«Дар раҳи фақр зи селоби фано нест гузор,
Кардаам хотири худро ба тамошои ту хуш».

Пой фаҳмида неҳ, эй дил, ки тавил ин сафар аст,
Андар ин бодия саргашта чӣ шерони нар аст,
Хез, Бисмил, ки ту акнун кулли явмин батар аст,
«Дар биёбони талаб гарчи зи ҳар сӯ хатар аст,
Меравад Ҳофизи мискин ба таманнои ту хуш».

## Мухаммас бар ғазали Камолии Рашнагӣ

Ба ҳар ду кавн ҷуз яке Худо надонистам,
Ба ғайри зоти азизаш баҷо надонистам,
Баҳори умр ба худ ошно надонистам,
«Гузашт умр ба ҳирсу ҳаво, надонистам,
Ки қадри умри азизам чаро надонистам».

Дареғи нахли ҳаётам, ки бесамар кардам,
Ба ҷони худ ситаму ҷабру зарар кардам,
На оҳи нимашабу гиряи саҳар кардам,
«Дар ин работи ҷаҳон зиндагӣ ба сар кардам,
Ба ғайри ҷурму гуноҳу хато надонистам».

Мабанд дил ба ҷаҳони ситамгари барбод,
Ҳаёти Хизр, агар ёбӣ меравӣ ношод,
Дареғ ҳосили умри азизи бебунёд,
«Бубаст қофила маҳмил, ҷарас кунад фарёд,
Чу барқ рафт зи чашмам куҷо надонистам».

Рамид нур зи чашмам, гузашт лаззати умр,
Касе наёфт ба олам дубора давлати умр,
Шубоб рафт, ба пирӣ расид фурсати умр,
«Ки гашт сарф ба ғафлат дурӯза муддати умр,
Мадори зиндагӣ ҳамчун ғано надонистам».

Ба оби дида, агар шӯӣ гарди исёнро,
Худо кунад ба карам ҳамраҳи ту имонро,

Қабули хеш кунад оҳи субҳхезонро,
«Ҷароҳате, ки ушшоқи зору ҳайронрост,
Ба ғайри марҳами рӯяш даво надонистам».

Ба нақши сина ҳар он кас, ки меҳри рӯи ту баст,
Ба кунҷи савмаъа бо ёди Ҳақ ҳамеша хуш биншаст,
Ки будӣ қисмати рӯзи азал, ки омад маст,
«Расид новаки шавқаш зи шасти рӯзи аласт,
Кунун расид ба ҷон корро надонистам».

Ба зиндагонӣ тавонӣ ту фикри худро соз,
Ба оби дида дари раҳмати Худо кун боз,
Кушой чашм ту, Бисмил, ба рафтагон андоз,
«Камолӣ, рафт ҷавонӣ дигар наояд боз,
Ба тири ҷаста назар дар қафо надонистам».

## Мухаммас

Умр агар боқӣ бувад, ман Хоҷа Султон меравам,
Бар қудуми мақбари шон низ меҳмон меравам,
Ҳамчу абри навбаҳорон дидагирён меравам,
Сар ба чавгон мезанам, чун гӯй ғалтон меравам,
Эҳтироми рӯҳашон карда зи Ғелон меравам.

Ҳар кӣ месозад зиёрат қабри он олиҷаноб,
Чанд мебошад қадам дар вай намебошад ҳисоб,
Рӯзи ҳашр бо лутфи Ҳақ озод бошад аз азоб,
Меравад бар сӯи ҷаннат беҳисобу бекитоб,
По агар сустӣ кунад, бо чашму мижгон меравам.

Аз Димишқ овардаӣ бар мо сари поки Ҳусайн,
Ҷони худро ту фидо кардӣ барои нури айн,
Аз Язиди шум гирифтӣ чун сари покаш ба зайн,
Баргирифтӣ ин Ҳусайну он Ҳусайн додӣ ба дайн,
Бар зиёроти қабул афтону хезон меравам.

Чун туӣ авлоди Пайғамбар, Худоят раҳнамо,
Ҷумлаи халқони олам аз ту меёбанд даво,

Гар наёянд бар зиёрат, мекунанд бар худ ҷафо,
Дардмандон аз зиёроти ту меёбанд шифо,
Гар ба по оҷиз шавам, ба паҳлӯ ғалтон меравам.

Ҳар касе бо оби рахмат, ар таҳорат мекунад,
Хонаи дини худашро хуб иморат мекунад,
Чун намози хешро қабл аз зиёрат мекунад,
Ин амалҳоро каси соҳиббасорат мекунад,
Фасли тобистон наояд, ман зимистон меравам.

Ин муҳофизоти аҷдодони эшон асту бас,
Аввалу охир Худо, дуввум зи онон асту бас,
Ҳар адӯ ин ҷо биёяд худ парешон асту бас,
Дар муҳофизоташон бас дидагирён асту бас,
Тифли мактабхони ӯям, ман дабистон меравам.

Додхоҳро тарбият арвоҳи эшон мекунад,
Душмане гар қасди ӯ созад, парешон мекунад,
Оқибат сардафтари маҳкумкешон мекунад,
Дар билоди хурд наҳре фавқи эшон мекунад,
Бандаи деринаам, бо чашми гирён меравам.

Ҳаст андар таҳти қабри шон яке ғори калон,
Будааст андар даруни ғор як себе дар он,
То қиёмат будааст он равзаи дорулҷинон,
Чун сари покаш, ки набвад ҳеҷ осебе ба он,
Дар тафаккур мондаам, бар хеш ҳайрон меравам.

Ин Худои меҳрубон моро, ки огаҳ кардааст,
Бо Язид иршоди Барсисои гумраҳ кардааст,
Ин ҷаҳонро як тамошохона бино кардааст,
Аз Абӯҷаҳл Икрамаро навҳа пайдо кардааст,
Бар ваъидаш гар наям, бар ваъда хандон меравам.

Бар Язиди бедиёнат Ҳақ чунин тақдир кард,
Ин ҷафоҳои Язид бар ҷони ман таъсир кард,
Аз барои Хоҷа Султон инчунин тадбир кард,

Дар ҳазору сесаду ҳафт ин сухан тақрир кард,
Ҳаҷҷи Акбар гар натонам, ҳаҷҷи осон меравам.

Илтиҷо ҳар дам ман аз арвоҳашон дорам талаб,
Дар фурузи хамс месозам дуъоҳо рӯзу шаб,
Эътимоде дорам аз ту қурбате дорӣ ба Раб,
Аз гуноҳи кардаи худ омада ҷонам ба лаб,
Сад дуъо карда ба худ Маҳзуну беҷон меравам.

## Мухаммас

Ассалом, эй воқифи асрори Ҳайи акбарӣ,
Ассалом, эй хотаби меҳроби иззи доварӣ,
Ассалом, эй ҳокими меъроҷу тахту афсарӣ,
Ассалом, эй соҳиби Фурқони Ҳайи Доварӣ,
Ассалом, эй он шафоъатхоҳи рӯзи маҳшарӣ.

Ассалом, эй ҳалқабаргӯши дарат Рӯҳуламин,
Ҷумлаи пайғамбарон дар хизмати ту хӯшачин,
Мекунад хуршед дар ҳуснат ҳазорон офарин,
Ассалом, эй дастгири аввалину охирин,
Пешвои халқ бошӣ аз Сурайё то Сарӣ.

Офтоби «Ваз-зуҳо» аз нури рӯят андаке,
Сураи «Вал-лайл» шуд дар васфи мӯят андаке,
Нофаи totор аз хӯи накӯят андаке,
Оби Кавсар аз лаби хушгуфтугӯят андаке,
Сунбулу мушки Хутан аз бӯи зулфат анбарӣ.

Эй ба фарқи тоҷдорат абри раҳмат соябон,
Моҳ шуд бо як имоят пора андар осмон,
Аз сари ангуштҳоят оби раҳмат шуд равон,
Нахл шуд аз санг берун дар ҳузури мункарон,
Оҳуи ваҳшӣ забон бикшоду гуфт: Пайғамбарӣ.

Эй, ки аз рӯзи азал ин давлатат шуд пойдор,
Сиккаи шоҳӣ ба номат зад рақам Парвардигор,
Тоҷдорон бар дарат карда ғуломӣ ихтиёр,

Ҷумлаи пайғамбарон бо моҳи рӯят интизор,
Будӣ фахрулаввалин гар хотами пайғамбарӣ.

Модари гетӣ дигар мисли ту фарзанде назод,
Ҳақ ки мифтоҳи шафоъат бар кафи дасти ту дод,
Боби раҳмат бар рухат чун Ҳазрати Қодир кушод,
З-он сабаб шуд умматат аз нору аз сақар озод,
Аз ҳама халқон ту дар назди Худо волотарӣ.

Ё Расулуллоҳ, муштоқи ҷамолат гаштаам,
Орзуманди ду абрӯи ҳилолат гаштаам,
Пой дар гил омадам, дур аз висолат гаштаам,
Бе гули рӯят чу булбул дар хаёлат гаштаам,
Дар миёни моҳрӯён офтоби ховарӣ.

Чун шавад, эй ёр, бинмоӣ ду зулфи анбарин,
Сар бимонам дар қудумат, ҷон фишонам дар замин,
Пургуноҳам, гир дастам, ё шафеъулмузнибин,
Як назар сӯям фикан, эй раҳматан лилъоламин,
Чашми уммед аз ту дорам, дар ду олам раҳбарӣ.

Бенавоям, бар дарат, эй шоҳи хубон, омадам,
Пургуноҳам, ғарқаи дарёи исён омадам,
Рӯсиёҳам, аз гуноҳи худ пушаймон омадам,
Шармсорам, сархаму хотирпарешон омадам,
Раҳм бар ин ғарқи исён кун, ки умматпарварӣ.

Ман надорам лоиқи наъти ту гуфтан, ё Расул,
З-он ки ҳастам ғофилу гумкардароҳу беуқул,
Гарчи, Бисмил, умр кардам сарфи роҳи беҳусул,
Ҳарчи бошам дар шумори умматонат кун қабул,
Бар саги кӯят тараҳҳум кун, ки шоҳи кишварӣ.

## Мухаммас

Ё Аҳмади мухтор, шафеъи арасотӣ[1],
Маҳбуби Худовандию олидараҷотӣ,
Бар ташналабон рӯзи ҷазо оби ҳаётӣ,
Сар то ба қадам ғарқаи баҳри ҳасанотӣ[2],
Бодо зи мани хаста салому салавоте.

Боло зи ҳама мулку малак гашта мақомат,
Андар шаби меъроҷ Худо дода саломат,
Аз Ҳазрати Ҳақ «Ё син»-у «То ҳо» шуда номат,
Ҷибрили Амин шуд мутасаддӣ ба паёмат,
Гуфто, ки: манам ҳалқа ба гӯши ҳарамотӣ.

Гарчи ба сифат бандаи маҳбуби Ҷалилӣ,
Дар аслу насаб як дурре аз кони Халилӣ,
Дар назди Худо аз ҳама мурсал[3] ту далелӣ,
Мобайни Худо уммати осӣ ту кафилӣ,
Гардид муайян, ки азизи азамотӣ.

Лилҳамд Худоро, ки туӣ аз ҳама фозил,
Аз фарш, ки то Арши азим шуд ба ту қоил,
Мобайни ҳама инсу малак гавҳари қобил,
Қуръони Шарифу Рамазон шуд ба ту нозил,
Кони адабу файзу муҳити баракотӣ.

Он тавбаи Одам зи чӣ мақбули Худо шуд,
Дар сулби вай аз нури ту як зарра нишон буд,
Гардид гулистон ба Халил оташи Намруд,
Шуд наштари фӯлод хамир бар кафи Довуд,
Инҳо ҳама буд аз шарафат як калимоте.

Юнус, ки фурӯ рафту бишуд луқмаи моҳӣ,
Номат ба забонаш буду мегуфт: «Илоҳӣ»,
Юсуф зи падар дур шуду афтод ба чоҳе,

---

[1] **Шафеъи арасот- шафоъатхоҳи рӯзи қиёмат, яъне Ҳазрати Муҳаммад (саллаллоҳу ъалайҳи ва саллам).**
[2] **Ҳасанот-корҳои некӯ.**
[3] **Мурсал-фиристодашуда ва ба маънии набии соҳиби китоби Аллоҳ.**

Дар Миср ба номаш зада шуд сиккаи шоҳӣ,
Гаштам ба туфайли ту бурун аз зуламотӣ.

Мӯсо ба кӯҳи Тур будӣ толиби рӯят,
Чоки дили Исо шуда мӯҳточи руфӯят[1],
Шоҳон ҳама бошанд гадои сари кӯят,
Нақди ду ҷаҳон нест баҳои сари мӯят,
Эй дурр, баҳои ту надонам, зи чӣ зотӣ.

Дорою Сулаймон ба ғуломии ту иқрор,
Ковуси Каю Нӯширавон, Рустами солор,
Искандару ҳам Қайсару Хоқони ҷаҳондор,
Луқмони ҳаким бар сари кӯят шуда бемор,
Бар иллати исён ту табиби маразотӣ[2].

Эй воқифи асрори Илоҳӣ шаби меъроҷ,
Шоҳони ҷаҳон бар дари ту ҷумлагӣ мӯҳточ,
Хоки кафи поят ба сари Арши азим тоҷ,
Ғаввосӣ[3] ту дар баҳри шафоъат дурри маввоҷ[4],
Мифтоҳи[5] дари раҳмати Ҳақ дар арасотӣ.

Гарчи зи рухат охири дам парда кушудӣ,
Буд нури ту ин оламу Одам, ки набудӣ,
Лекин башарӣ, гавҳари якто ба вуҷудӣ,
Аз баҳри умам сӯи Худо сар ба суҷудӣ,
Бар синаи ранҷури асирон ҳаракотӣ.

Як зарра зи рӯи ту ба хуршед сабақ шуд,
Омад қамару бар сари ангушти ту шаққ[6] шуд,
Пайғамбарият бар ҳама, маҳбуби ту Ҳақ шуд,
Аъдои ту дар маъракаҳо ғарқи арақ шуд,

---

[1] **Руфӯ-дуруст ва ислоҳ кардани ҷома.**
[2] **Маразот-бемориҳо.**
[3] **Ғаввос-шиновар.**
[4] **Маввоҷ-бисёр мавҷзананда.**
[5] **Мифтоҳ-калид.**
[6] **Шаққ-ду пора шудани чизе.**

Асҳоби туро шодии дил гашта нишоте.

Он сарвари олам, ки баромад ба самовот[1],
Пайваста ҳамекард ба Худованд муноҷот:
«Бар уммати ман раҳмати худ соз каромот,
Ё олими асрор, туӣ қозии ҳоҷот,
Қайюми тавоноию холӣ зи муҳотӣ[2]».

Эй чашми умеди ҳама, фардои қиёмат,
Мобайни ҳама халқӣ, ту аълои қиёмат,
Саргашта чу ман нест ба саҳрои қиёмат,
Сӯям назаре соз ба ғавғои қиёмат,
Ғарқа мани Бисмил ба амалҳои[3] ҳаётӣ.

## Мусаддаси тарҷеъбанд

Ё шафеъ-ул-музнабин, эй Сайиди олимақом,
Гир дастам аз карам, ман бар дарат ҳастам ғулом,
Ин дуъогӯи ту мегӯяд дурудат субҳу шом,
Бод раҳмат бар ту Маҳбуби Худои лояном.
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

Дар барат то гашт рокиб хилъати пайғамбарӣ,
Аз ҷабинат шуд ҳувайдо офтоби ховарӣ,
Аз ҳама пайғамбарон хуштар, ту умматпарварӣ,
Осӣ, ҷофиро шафоъатхоҳ рӯзи маҳшарӣ.
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

Одам аз ҷаннат, ки берун шуд ба ҳукми Кирдигор,
Гиря мекарду ҳамегуфт:-«Эй Каримо». Зор- зор,
Тавбаамро кун қабул, эй Холиқи ҳоҷатбарор,
Бо туфайли номи покат, эй азизи номдор.

---

[1] **Самовот-осмонҳо.**
[2] **Муҳот-иҳоташуда.**
[3] **Амалҳо-бо алиф, ба маънии орзу.**

Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

Нӯҳи пайғамбар, ки аз тӯфон халосӣ ёфт зуд,
Мухласи ӯ аз камоли ҳикмати нури ту буд,
Бо Халил оташ, ки шуд гулзор бо ҳукми Вадуд,
Аз шарофоти ту ин давлат ба онҳо рӯ намуд.
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

Ҳазрати Хизри Набиро шуд насиб оби ҳаёт,
Ҳазрати Айюби собирро, ки ҳал шуд мушкилот,
Ёфт аз зиндони моҳӣ Ҳазрати Юнус наҷот,
Ин атоҳо аз иноёти ту буд, эй покзот.
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

Бар кафи Мӯсо асо омад ба фармони Ҷалил,
Зад асои худ ба дарё шуд ду пора рӯди Нил,
Ғарқ шуд дар баҳр бо лашкар чу Фиръавни бахил,
Буд яди байзо ба китфаш аз маҳи рӯят далел.
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

То шудӣ пайдо ба олам гавҳари кони Халил,
Шуд равон баҳри шафоъат, душмани дин шуд залил,.
Ҳалқабаргӯши дарат шуд, ё Расуло, Ҷабраил,
Ҳар кӣ рӯ тобад зи фармонат, Худо гуфт:-«Кун қатил».
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

Эй дур(р)и дарёи раҳмат, меваи нахли Забеҳ,
Омадӣ дар боғи олам, гаштӣ дар дилҳо фареҳ,
Мурдаи садсоларо ҳай кард анфоси Масеҳ,
Ӯ шафеъ оварда номат, гуфт:-Ё Раб, кун сареҳ.
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

Ҷумла ашё бо туфайлат гашт мавҷуд аз адам,
Ҳам замину осмону Курсиву Лавҳу Қалам,
Ҳам малоик, одаму деву парӣ, эй мӯҳтарам,
Ҷаннату ҳам Кавсару ҳам Замзаму Байтулҳарам.
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

Офтоб андар само як зарра аз рӯят нишон,
Моҳи нав аз рашки абрӯят шуда хам чун камон,
Дар чаман аз шавқи рӯят нола доранд булбулон,
Қумриён такрори наътат мекунанд бо сад фиғон.
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

Аз падар-модар гузаштӣ ту бароиумматон,
Аз Худои худ талаб кардӣ хатои умматон,
Ҳам шудӣ дар ҳар ду олам раҳнамои умматон,
Ҷон ба лаб омад туро гуфтӣ, ки:- Войи умматон.
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

Рӯзи охир боз мегардад қиёмат ошкор,
Ҷабраил ояд ба фармони Шаҳи ҳоҷатбарор,
Сар кунӣ аз равза берун, эй Ҳабиби Кирдигор,
«Умматӣ»-гӯён баройӣ андар он рӯзи шумор.
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

Пургуноҳам, дар ду олам аз Худо дорам умед,
Ман натарсам аз абад қолу бало дорам умед,
Подшоҳо, бар дарат ҳастам гадо, дорам умед,
Хатм шуд ин наът, Бисмил, ман ато дорам умед.
Ибтидо то интиҳо, эй пешвои хосу ом,
Дам ба дам бар қадди дилҷӯят дуруду вассалом.

## «Байти теша» дар ҳаҷви Усто

# Нури панҷакентӣ

Илоҳӣ, Нурмуҳаммад, то дар ин боғи ҷаҳон бошад,
Ҳамеша дар паноҳи Холиқи кавну макон бошад.
Шавад аз умру давлат баҳравар дар олами фонӣ,
Дили хушвақту хуррам дар миёни мардумон бошад.
Тамоми косибони Шаҳрисабзию Самарқандӣ,
Ҳама гӯянд: Салламно, Илоҳӣ, дар амон бошад.
Ба ман як тешае ӯ сохт, сар то пои ӯ оҳан,
Ки дур аз ҳосили фӯлоду аз буррандагон бошад.
Ба ғайр аз оҳану чӯян надорад дар бадан дигар,
Куҷо як заррае ҳосил ба пеши ӯ нишон бошад.
Сари кор аст фӯлоду ба вақти бурришаш оҳан,
Набошад дар дамаш ҳосил, намедонам ниҳон бошад.
Ҳаметарсам набошад ӯ саросар ҷуз ... чӯян,
Бад-ин камҷавҳарӣ аз насли оҳан дар гумон бошад.
Набошад оҳану чӯян, на аз қалъию қурғошим,
Надидам ман чунин ҳаргиз, магар нодидагон бошад.
Намедонам, ки айби косиб аст, ё айби шогирдон,
Ва ё ин айб дар фӯлод, ё дар дамгарон бошад.
Агарчи несташ ҷавҳар, машав андӯҳгин, эй дил,
Вале чун аспи бо зин сураташ озодагон бошад.

# Қиссаи ҷав[1]

Эй бародар, нуктае аз ман шунав,
Аз қазо як мазраъе киштам ду ҷав.
Муддате бигзашт зи кишту кори ман,
Омадаш вақти дарав, эй ёри ман.
Бо дили хушвақту хуррам сӯи ӯ,
Рафтам он соат ба ҷустуҷӯи ӯ.
Мазраъа пеш омадам, дидам, ки ҷав,
То дами маҳшар бихуфтад нодарав.
Ҳамчу барқ он ҷо гузаштам он замон,

---

[1] **Ҳикоят. Овардаанд, ки Мулло Маҳзунӣ селгоҳро ҷав корид ва сол хушкӣ омаду ҷав нашуд ва дар шаъни ҷав ин байтҳоро гуфта, то аз вай ёдгорие дар олам бимонад. (Аз дастнависи шоир гирифта шуд).**

Сӯи кишту кори худ гаштам равон.
Ногаҳон он ҷо расидам бар сараш,
Дидам он ҷо қомату симинбараш.
Қомати ӯ ҳамчу сарви бӯстон,
Аз сари ӯ заррае набвад нишон.
Дидамаш истодааст ӯ ҷомасар,
Оразаш нодида хуршеду қамар.
Дар даруни ҷома пинҳон гашта сӯк,
Тарзи андомаш бувад монанди дӯк.
Чодаре дорад ба сар он нозанин,
Аз ҳаё ҳамчун арӯси шармгин.
Сураташ дидам, маро омад аҷаб,
Пас ваҷаб кардам, баромад ним ваҷаб.
Шуд дилам аз кишту кори худ хунук,
Шукр гуфтам бо Худо, гаштам сабук.
Оқибат з-он ҷой гардидам равон,
Қисм кардам ман варо бо ҷонварон.
Як ба як кардам сари ӯро шумур,
Додамаш бо тухми худ ман бо суғур.
Кабку харгӯш ҳар ду кардам молачӣ,
Кафтару мӯру малахро ҷолачӣ.
Ҳосили ман з-ӯ нашуд ҷуз дарду доғ,
Бар сари ӯ доруға гардид зоғ.
Инчунин доғе ба ҷони ман фурӯхт,
Тухму ҷуфту меҳнату корам бисӯхт.
Кишту бардошташ, агар бошад чунин,
Хотири хушвақтро созад ҳазин.
Лаззати деҳқонӣ ин бошад агар,
Зинҳор, эй дӯст, аз баҳраш гузар.

## Ҳаҷви Ишмил

Ишмил, ба вақти хӯрдан чун аждаҳор бошӣ,
Занбармиён, сабад... , ишкамқанор бошӣ
Ишмил, ту мурданат беҳ, ҳайф аст ба ту ҷавонӣ,
Дар китфу бозӯи ту хик мекунад гаронӣ.

## Ҳаҷви Қорӣ

Аз ҷанг ҷӯштар шуд, акнун кушодатар шуд,
Дар илм мухтасар шуд, зан дар миёни Қорӣ.
Банди забони Қорӣ, афзун шавад, Илоҳӣ,
Чӯбдаст гир ту Марям, зан дар миёни Қорӣ.

## Ҳаҷвия

Як, ду-се зан дидам дар Кузанг,
Ба сиёҳӣ сиёҳ мисли мазанг.
Албастисарони ҳела,
Аз пахтаю пашм карда мела.
Остинчаи ҷул изори пошон,
Ҳамчун рафида гирди ...ошон.

## Қиссаи оши турӯш

Ба поғирбол аввал ордаша бехт,
Ба теша бурриду бар деги худ рехт.
Ба болдирғону ҳулба кард хушбӯй,
Биёвард оши худро то хӯрад шӯй.
Аҷаб оши туруши дилкушо кард,
Ки ҳар угро ғафстар аз асо кард.

## Байтҳо ва идиҳои наврӯзӣ

Наврӯзи навбаҳорон гул аз чаман баромад,
Аз ғунчаи дили мо чандин сухан баромад.
Идӣ бидеҳ ту имрӯз, кардем хатми Қуръон,
Аз ҳар ҳуруфи Қуръон дурри Адан баромад.

* * *

Наврӯз шуду бод ба тарфи чаман омад,
Булбул ба тамошои гул андар сухан омад.
Идӣ бидеҳ, имрӯз ба устоди ҷафокаш,
Дар ояти Қуръон шакар андар даҳан омад.

* * *

Фасли Наврӯз омад, акнун сабзу хуррам шуд чаман,
Ишқи булбул шуд фузун, гул шуд бурун аз пераҳан.

Маъдани дилҳои тифлон соз, ё Раб, файзи илм,
З-он ки фарзи илм шуд омӯхтан бар марду зан.

## Дар баёни қиссаи шаҳзодагон

Эй бародар, бишнав аз ман як сухан,
Бо ту гӯям нақли пирони куҳан.
Гар бихоҳад он Худои раҳнамо,
Назм орам қиссаи шаҳзодаҳо.
Бар ғазо рафтанд Пайғамбар вале,
Бо Абӯбакру Умар, Усмон, Алӣ.
Сарвару ҳам меҳтару ҳам беҳтарин,
Аз ҷамеъи аҳли олам афзалин.
Он ду шаҳзода, вале буданд хурд,
Аз барои хурдӣ эшонро набурд.
Пас Ҳусайн ибни Алии Муртазо
Бегумон аз хона берун шуд ба по.
Буд як боғе пур аз хурмои тар,
Рафт он ҷо он Имоми мӯътабар.
Як замоне шоҳ Ҳусайн он ҷой буд,
Ногаҳон пайдо бигаштӣ як ҷуҳуд.
Аз ҷуҳудон буд ҷуҳуди нобакор,
Бурду андар хона кардаш устувор.
Рӯз шуд бегоҳу ӯ пайдо нашуд,
Фотимаро бе рухаш тоқат набуд.
Фотима будӣ аҷоиб беқарор,
Бар дар омад он замон ҳафтод бор.
Ҳеҷ кас пайдо нагаштӣ пеши ӯ,
То ки фармояд. кунад ӯ ҷустуҷӯ.
Охир аз рӯи зарур Хайруннисо,
Кард рӯ сӯи Ҳасан он бовафо.
Гуфт: кунун бархез, эй фарзанди ман,
Рав, ту ёбу овар он дилбанди ман.
Гаштаам имрӯз ман ҳайрони ӯ,
Ҳам надорам тоқати ҳиҷрони ӯ.
Чун Ҳасан бишнид ин аз Фотима,
Дарзамон бигрифт аз ӯ фотиҳа.
Рафт ӯ берун зи хона тарфи дашт,

Соате дар кӯҳу дар саҳро бигашт.
Ҳар тараф овоз мекард он замон,
То ки аз Сайид Ҳусайн ёбад нишон.
Чун нашуд пайдо Ҳусайни покдин,
Хотири он шоҳи дигар шуд ҳазин.
Андар он саҳро Худованди Вадуд
Оҳуе пайдо намуд бо сунъи худ.
Дид оҳуро Ҳасан он покҷон,
Бо шитоб он сӯи оҳу шуд равон.
Гуфт: оҳу, дидӣ фарзанди Алӣ,
Он Ҳусайн, он қуррат-ул-ъайни Набӣ.
Бо иноёти Карими ғайбдон
Оҳу он дам банд бикшод аз забон.
Гуфт: эй дилбанди Хатм-ул-мурсалин,
В-эй ҷигарбанди шаҳи Дулдулнишин.
Сайр мекард ӯ дар ин хурмоситон,
Омад ин ҷо як ҷуҳуде ногаҳон.
Баъд аз он уфтод ӯ андар назар,
Дуздид ӯро хона бурд он бадгуҳар.
Солеҳ ибни Руқъа бошад ӯ ба ном,
Инчунин номанд ӯро хосу ом.
Рав, ту акнун ганҷ аз вайрона ҷӯ,
Он хазоинро зи сақфи хона ҷӯ.
Ӯ шунид инро равон шуд ҳамчу бод,
Бар дари ӯ омаду овоз дод.
Ин нидо бар гӯши Солеҳ даррасид,
Ӯ зи хона ҷониби берун давид.
Гуфт: чӣ мехоҳӣ зи ман, эй хубрӯ?
Гуфт: мехоҳам бародарро зи ту.
Гар ту н-орӣ, эй ҷуҳуди бехабар,
Модарам гӯям ба як оҳи саҳар.
Чун ба амри Холиқи кавну макон
Аз ҷуҳудон холӣ созад ин ҷаҳон.
Ё падар гӯям ба зарби Зулфиқор,
Барканад бехи шумоён аз диёр.
Ё ки ҷаддамро бигӯям аз қазо,
Як дуъо орад ба даргоҳи Худо.

То ҷуҳудонро ба қадри худ Аҳад,
Дар азобу дар уқубат афканад.
Гуфт: кӣ бошад модарат, эй маҳҷабин,
К-ӯ ба як оҳи саҳар созад чунин.
Шоҳ Ҳасан гуфт: эй ҷуҳуди зиштхӯ,
Гӯш кун, то ман бигӯям васфи ӯ.
Кард медон Холиқи лайлу наҳор,
Дар никоҳи ӯ дур(р)у марҷон нисор.
Дар намозу рӯза медон доим аст,
Рӯзҳо бо рӯза, шабҳо қоим аст.
Бар сахову ҷуду эҳсон толиб аст,
Завҷаи Ҳайдар Амири ғолиб аст.
Модари содоту ҷамъи сайидот,
Нест чун ӯ зубдае андар субот.
Як гуле аз гулситони Мустафост,
Номи покаш Фотима Хайруннисост.
Модаратро гуфт, донистам писар,
Зудтар баргӯ ту ҳам исми падар.
Шоҳ Ҳасан гуфто, ки: эй Солеҳ, бидон,
Шери Яздон асту шоҳи сафдарон.
Гар кашад теғи дудамро аз ғилоф,
Ларза меафтад ба ҷони кӯҳи Қоф.
Канд дари Хайбар ба амри Кирдигор,
Кушт Антарро ба зарби Зулфиқор.
Дода бо ӯ фатҳ Рабб-ул-ъоламин,
Саркашонро паст кард ӯ бар замин.
З-осмон бо қудрати Рабби Ҷалил,
Бар ҷавонмардияш омад Ҷабраил.
Дар шаби ғор он Амири босафо,
Ҷони худ карда фидои Мустафо.
Пас Худовандӣ Алияш ном кард,
Зулфиқору Дулдулаш инъом кард.
Яъне ӯ аз ҷумла мардон ғолиб аст,
Номи поки ӯ Алӣ Бӯтолиб аст.
Гуфт: падар гуфтӣ, бигӯ ҷадд, эй писар,
То ки ёбам ман зи номи ӯ хабар.
Гуфт: ҷаддам шаҳсавори мулки дин,

Гуфт Худояш Раҳматан лил-ъоламин.
Фарзи хуфтан хонд дар ин ҷойгоҳ,
Суннаташро кард дар Ақсо адо.
Бо иноёти Худои лояном,
Витрро дар зери Арш бинмуд қиём.
Рафт ӯ дар он мақоми нозанин,
Худ саломаш гуфт Раббулъоламин.
Хонд Ҳақ ӯро Имоми қиблатайн,
Пешвои машриқайну мағрибайн.
Оҳу дар саҳро ба амри подшоҳ,
Дод бар пайғамбарии ӯ гувоҳ.
Дурри ҷӯйбори Халилуллоҳ буд,
Меваи нахли Забеҳуллоҳ буд.
Номи поки ӯ Муҳаммад Мустафост,
Беҳтарини анбиёву авлиёст.
Лек ӯро дон, ту ҷадди поки ман,
Он Ҳусайн бошад бародар, ман Ҳасан.
Ӯ шунид ин номи поки мӯътабар,
Кард бо ҳайрат ба рӯи ӯ назар.
Гуфт: акнун ман фидоят ҷон кунам,
Дар қудумат ҷони худ қурбон кунам.
Ин сари ман бод фарши роҳи ту,
Тӯтиёи дида хоки пои ту.
Лек ин дам гир дастам, нури айн,
Бар имонам арза кун пеши Ҳусайн.
Баъд аз он ӯро зи хона оварам,
Ман ба назди Фотима ӯро барам.
Шояд эшон аз гуноҳам бигзаранд,
З-он ки эшон духтари Пайғамбаранд.
Шоҳ бинмудаш раҳи исломи ӯ,
Субҳ гардид он дили чун шоми ӯ.
Бар забони худ шаҳодатро чашид,
Аз сари ихлос имон оварид.
Рафт хона баъд аз он пеши Ҳусайн,
Гуфт: кунун бархез, моро нури айн.
Ман туро назди бародар мебарам,
Эй шавад хоки раҳат тоҷи сарам.

Як табақ зарро гирифт он некро,
Бурд берун бо Имоми пешво.
Дар ҳузури ҷумла хешону табор,
Бар сари шаҳзодаҳо кард ӯ нисор.
Лек аз хешони ӯ аз марду зан,
Толиби имон шуданд ҳафтод тан.
Баъд аз он он пири зори нотавон,
Дасташон бигрифту он дам шуд равон.
Қомати хамгаштаву мӯи сафед,
Назди хотуни қиёмат оварид.
Фотима диди̣ Ҳасанро бо Ҳусайн,
Гуфт: куҷо будед, эй нурони айн?
Пеши модар баъд аз он шаҳзодагон,
Як ба як карданд ҳоли худ баён.
Баъд аз он он пири зору дардманд,
Гиря мекарди̣ ба овози баланд.
Мӯи испеди худ он пири ҳазин,
Чун ҳамемолид ҳар дам бар замин.
Зор менолиду мегуфт: Фотима,
Ҳар чӣ кардам бахш бар ман ин ҳама.
Чунки ман будам зи аввал бехабар,
Як хатои кардаамро даргузар.
Дар ҷавобаш гуфт маъсуми ҷаҳон:
Аз насиби худ гузаштам ин замон.
Лек инҳо нури чашми Ҳайдаранд,
Ғунчаи боғи Амири сафдаранд.
Ман ку бигзаштам кунун, эй некхоҳ,
Рав ту, дигар бор аз эшон узр хоҳ.
Кард сабр он пир чанд рӯзи дигар,
Омаданд то он Амири мӯътабар.
Рафт назди он шаҳи соҳибқирон,
Кард равшан бо Амири мӯъминон.
Шоҳи мардон гуфт: шав аз ғам бурун,
Низ ман ҳам аз ту бигзаштам кунун.
Лек эшон қути ҷони Ҳазратанд,
Ғунчаҳои дилситони ҷаннатанд.
Зудтар бархез, эй пири ҳазин,

Рав, ту акнун назди Хатмулмурсалин.
З-он ки эшон пешвои оламанд,
Ҷумлаи пайғамбаронро хотаманд.
Сарфарози кулли халқони ҷаҳон,
Рӯзи маҳшар дастгири осиён.
Бо дили пурдарду чашми хунфишон
Рафт ӯ назди Расули инсу ҷон.
Гуфт он дам: ё Шафиъалмузнабин,
Гир дастам, Раҳматан лил-ъоламин.
Ман зи рӯи гумраҳӣ, эй раҳнамо,
Дӯш бурдам он ҷигарбанди шумо.
Гарчи кардам ин хаторо, ё Расул,
Раҳм мекун бар мани зору малул.
Омадам бар худ, ки дидам ҳоли хеш,
Тавба кардам ман аз ин афъоли хеш.
То ки ҳастам, дини ман дини шумост,
Расми ман ҳам расму оини шумост.
Омадам чун калб акнун бар дарат,
Ҷони худ созам фидо андар барат.
Дар ҷавобаш гуфт Ҳазрат он замон:
Низ ман ҳам аз ту бигзаштам равон.
Лек шон бигзидаҳои Доваранд,
Гӯшвори Арши Ҳайи Акбаранд.
Рав, ту акнун бо Худованд узр гӯй,
То биёбӣ аз Худованд обрӯй.
Солеҳ он дам аз Расул инро шунид,
Дар замон ӯ рӯ ба саҳро оварид.
Гиря мекард ҳамчу абри навбаҳор,
Нола мекарду ҳамегуфт зор-зор:
Эй Каримо, ҳоли худ кардам табоҳ,
Номаи аъмолро кардам сиёҳ.
Сарнагун афтодаам дар мавҷи ғам,
Эй Каримо, гир дастам аз карам.
Ғайри ту дигар надорам ҳеҷ кас,
Ҷуз ту дигар нестам фарёдрас.
Муддате дар роҳи ботил гаштаам,
Инчунин ҳайрону ғофил гаштаам.

Ё Илоҳӣ, аз гуноҳам даргузар,
То насӯзад ин танам андар сақар.
Тавбаам ин дам қабули хеш кун,
Раҳм бар ҳоли мани дилреш кун.
Ман залилу хору зорам бар замин,
Номи поки ту Раҳимурроҳимин.
Чанд рӯзе буд дар он ҷойгоҳ,
Нола мекард ӯ ба даргоҳи Илоҳ.
Гиря мекард ӯ миёни кӯҳу дашт,
Нолаи ӯ аз Сурайё мегузашт.
Гашт ҳафдаҳ рӯзу ҳаждаҳ шаб тамом,
Ҷабраил аз назди Ҳақ овард паём.
Гуфт бо Ҳазрат: ҳамегӯяд Карим:
Ман танаш озод кардам аз ҷаҳим.
Ҳар гуноҳе кард бахшидам бар ӯ,
Дар сафи хосон навиштам номи ӯ.
Рав, ту акнун овар он пири ҳазин,
Ҷурми ӯ бахшид Раббул-ъоламин.
Кас фиристоданд Ҳазрат он замон,
Оварид он пири зору нотавон.
Солеҳи бечора он дам шод шуд,
Аз балоҳои ду кавн озод шуд.
Эй азизи ман, ту бингар ӯ чӣ кард,
Бурд ӯро хона дигар, гӯ чӣ кард?
Не тапонча зад ба рӯи гулрухаш,
Не биранҷонид хотири хушаш.
Гар нарафтӣ даргаҳи ҳоҷатбарор,
Кай шудӣ хушнуд аз вай Кирдигор.
Вой бар ҳоли табоҳи он сагон,
Сар буриданд шаҳ-Ҳусайни покҷон.
Эй ба ҳаққи ҳурмати он шаҳ-Ҳасан,
Бар хатои кардаам бигзар зи ман.
Ҳам ба ҳаққи он Ҳусайни покдин,
Дур гардон аз дили ман кибру кин.
Хотири Маҳзунӣ, ё Раб, шод кун,
Ин танашро аз сақар озод кун.
З-он ки ӯ дорад гуноҳи бешумор,

Эй ба ҳаққи ҳурматат аз вай гузор.

## Қиссаи «Мурғи сафед»

Биё, мӯъмин, зи ман бишнав, ту наъти Сайиди сарвар,
Ҷамеъи умматонашро шафоъатхоҳ дар маҳшар.
Муҳаммад фахри одам дон, зи нураш халқи олам дон,
Ҳабиби Ҳақ ту хотам дон, Худоро дон пайғамбар.
Бурoқ омад барои ӯ, малак гуфто санои ӯ,
Равон гашт аз қафои ӯ малоик ҷумлагӣ яксар.
Шаби меъроҷ медонӣ, ба Арши аъзамаш хонӣ,
Биринҷу шир меҳмонӣ бидодаш Холиқи Акбар.
Касеро пешво бошад, чу Аҳмад раҳнамо бошад,
Ғами дӯзах чаро бошад, ки бошад Мустафо раҳбар.
Шунидам ин ҳикоятро, зи Молик ин ривоятро,
Зи мӯъҷаз ин вилоятро, Муҳаммад дошт зебу фар.
Нишаста буд як рӯзе ба масҷид Сайиди олам,
Халоиқ ҷамъ гардида, ҳама аз кеҳтару меҳтар.
Ҷуҳуде гуфт: эй ёрон, равам пеши Муҳаммад ман,
Талаб созам аз ӯ мӯъҷиз, дар ин майдон кунад азҳар.
Биёмад пеши Сайид ӯ: зи ту мӯъҷиз ҳамехоҳем,
Яке санге дар ин майдон сафед асту пур аз ҷавҳар.
Барорӣ як дарахт аз вай, бувад шаш шохи зарринаш,
Вале шаш қисми дигар ҳам варо аз меваҳои тар.
Анору себу амруду бувад ангуру шафтолу,
Дигар анҷир, эй Сайид, ба ширинӣ беҳ аз шаккар.
Навишта номи Ҳақ дар вай, ба ҳар барге ба номи ту,
Агар бинем ин мӯъҷиз, туро гӯем пайғамбар.
Яке мурғи сафеде хуш нишаста бар сари шохаш,
Бувад аз лаъл минқораш, ду по ёқуту болаш зар.
Забон он мурғ бикшояд, туро ҳамду сано гӯяд,
Кунем иқрор бар динат, бигардем аз раҳи мункар.
Муҳаммад ин ҳикоятро шунид аз он саги малъун,
Ба дил нолид пеши Ҳақ, бигуфто: Холиқи Акбар.
Зи назди Кибриё омад, ба соат Ҷабраил он дам,
Саломат гуфт Ҳақ ҳар дам, аё мири баландахтар.
Яқин дониста будам ман, ки малъунон талаб доранд,
Зи ту мӯъҷиз, аё Сайид, яке рӯзе дар ин кишвар.

Бирав бар сӯи он майдон, ту қудратро тамошо кун,
Ки то қудрат шавад зоҳир зи назди Холиқи Акбар.
Биёмад сӯи он майдон, Муҳаммад бо ҳама халқон,
Мадина аз зану мардон ҳама ҷамъ омада яксар.
Ба рӯи мӯъминон борони ашк аз дида меборид,
Худоро шукр мегуфтанд, ки дорем инчунин сарвар.
Ду даст аз остин овард, дуъо мекард он Сайид:
Барорӣ аз карам, ё Раб, дарахте инчунин борвар.
Ду пора гашт санг он дам, дарахте шуд бурун дар дам,
Варо шаш шохи сар дар хам, ҳама аз меваҳои тар.
Яке мурғи сафеде хуш нишаста бар сари шохаш,
Бигуфто: ё Ҳабиби Ҳақ, туӣ сайид, туӣ сарвар.
Гувоҳӣ медиҳам акнун, ба амри Қодири бечун,
Ки баъд аз ту намебошад касе пайғамбаре дигар.
Худоро шукр, ман ҳар дам, ҳамегӯям туро дидам,
Басе муштоқи ту будам, надорам муддаъо дигар.
Маро шуд бахри ту маскан, даруни санги беравзан,
Шикофаш як сари сӯзан намебошад, накӯ бингар.
Туӣ фахри бани Одам, туӣ бо пайки Ҳақ ҳамдам,
Туӣ бо Кибриё маҳрам, туӣ солор дар маҳшар.
Бувад Ёсин ба номи ту, Мадина шуд макони ту,
Ба ҷаннат умматони ту, ҳама бо курсиҳои зар.
Ҷуҳудони Мадина чун бидиданд инчунин мӯъҷиз,
Ба Сайид ҳар яке гуфтанд: туӣ таҳқиқ ҷодугар.
Аҷоиб шӯр афкандӣ миёни мардумон имрӯз,
Ба сеҳру ҷоду мебошад ҳазорон Сомирӣ навкар.
Набӣ гуфт: Ҳақ мададгор аст, маро аз ҷодуӣ ор аст,
Худо воқиф дар ин кор аст, чароед инчунин мункар?
Нидо аз Ҳақ чунин омад, ки: эй Сайид, ҳамехоҳӣ,
Бисӯзонам ман инҳоро, кунам ангишту хокистар?
Набӣ гуфто: Худовандо, туӣ олим, туӣ доно,
Магар баъзе зи эшонон мусалмон гар шаванд беҳтар.
Яке фарзанд мемонад, ба саъйяш илм агар хонад,
Варо пирӣ асар дорад, ба боқӣ мӯъминон беҳтар.
Дигар кофар ҳаросон шуд, ба ҳар ҷониб парешон шуд,
Вале шаш тан мусалмон шуд, аз он габрони бадахтар.
Худо тавфиқи эшонро намедод аз барои он,

Муҳайё кардааст Холиқ барои мушрикон сақар.
Чунин пайғамбаре дорам, набошад дар сақар корам,
Бикун осон ту душворам, ба ҳаққи Сайиди сарвар.
Гунаҳгорам зи ҳад афзун, мани мазлуму ҳам Маҳзун,
Бубахшо аз карам бечун, ба ҳаққи Сайиди сарвар.

# МАҲРАМИ РАШНАГӢ

**Муфтӣ Мирҷалолиддин ибни Муҳаммадшариф, ки бо тахаллуси Маҳрам машҳур гаштааст, соли 1835 дар деҳаи Рашнаи Поён таваллуд ёфтааст. Маҳрам дар овони хурдсолӣ аз падар ятим монда, баъдҳо бо ҳамроҳии модараш ба шаҳри Бухоро сафар карда, дар он ҷо дониш омӯхтааст. Баъд аз хатми мадраса ӯ муфтигии шаҳри Шаҳри Сабзро дар ӯҳда доштааст. Сонитар ба шаҳри Панҷакент меояд ва бо духтаре аз деҳаи Ғезани Поён хонадор мешавад, ки аз ӯ соҳиби фарзандҳо мегардад. Мирҷалолиддин баъдтар дар деҳоти Моғиён муфтӣ таъин мешавад. Тахминан дар солҳои 1905-1907 аз олам гузаштааст.**

**«Девон»-и пурраи Маҳрам аз тарафи яке аз наберагони шоир ҷарроҳи номии водии Зарафшон шоири тавоно Қаҳрамони Бурҳон ба нашр расидааст. Мо дар ин ҷо бо овардани чанд намунае аз эҷодиёти Маҳрам иктифо мекунем.**

## Ғазалиёт

Ба бисмиллоҳи раҳмонир-раҳим кардам сари иншо,
Ҳамин исми муаззам мебувад туғрои оятҳо.
Худованди ҷаҳонам подшоҳи моликулмулк аст,
Ҳама дунёву мофиҳо бувад бо қудраташ пайдо.
Бувад Раҳмони беҳамто ҳама марзуқ аз ӯ гардид,
Тамоми мӯъминону кофарону ин ҳама ашё.
Дар ин дунё бувад Раззоқи бечун бар ҳама махлуқ,
Раҳим аст, раҳматаш мавқуф бувад бар мӯъминон фардо.
Бигуфт «ло тақнату мир-раҳматиллоҳ» нестам навмед,
Кунад саршор аз дарёи раҳмат ому хосонро.
Бувад Парвардигори меҳрубону бандапарвар ӯ,
Ҳам ӯ ғамхор мебошад дар ин дунёву дар уқбо.
Аҷоибу ғароибҳо намуд дар олами фонӣ,
Ду оламро ба як дам офарид Халлоқи беҳамто.
Ба ҳар кас дод савдои дигар он сонеъи бечун,

Якеро кард Маҷнуну дигарро кард ӯ Лайло.
Ба Юсуф дод ҳусни беҳаду андоза дар олам,
Зулайхоро бикард аз баҳри ӯ ошуфтаю шайдо.
Якеро ҳамчу Қорун дар ҷаҳон додаш зари беҳад,
Якеро хору зору бенаво кард ӯ дар ин дунё.
Бидод ӯ меҳнату андӯҳу мотамро бад-ин Маҳрам,
Дилаш ғамхона гардонид ба олам Қодири якто.

* * *

«Ба роҳи дида рав ҳарчанд дур аст,
Зани бева магир ҳарчанд ҳур аст».
Раҳи нодида пуршебу фароз аст,
Ҳазорон хавфи ин раҳ дар убур аст.
Зани бева надорад истироҳат,
Ба қалбаш сад такаббур, сад ғурур аст.
Ҳар он кас беваро хоҳад зи дунё,
Ҷаҳон бар чашми ӯ монанди гӯр аст.
Ҳушу ёдаш бувад бар шӯи аввал,
Агарчи аввалаш чун ланг мӯр аст.
Тамоми фикру зикраш шавҳари пеш,
Аз он зан бар ту кай завқу ҳузур аст.
Дамодам талх гардад коми ҷонат,
Сайиба нори сӯзон аст, на нур аст.
Агар сайди сабӣ афтад ба дастат,
Мар ӯро бо ту чун завқу сурур аст.
Агар сайди калоне ром созӣ,
Нагардад ром, доим бар ту сур аст.
Касе духтар нахоҳад, бева гирад,
Яқин медон, ки аҳвал, ё ки кӯр аст.
Ки духтар қанди ширину шакар дон,
Ки бева талху тунду туршу шӯр аст.
Касеро бокира гардад муяссар,
Танаш бо атласу дебо сатур аст.
Ба ҳар кас бевазан шуд ёру ҳамдам,
Тани он кас ҳамеша лучу ур аст.
Хатар дорад зани бева, магираш,
Бигираш бокира ӯ бехутур аст.
Паямбар дар ҳадиси худ хабар дод,

Бигир духтар, ки ӯ лутфи Ғафур аст.
Муяссар бар ту гардад ёри қобил,
Дилат равшантар аз маҳтобу хур аст.
Ки Маҳрам носеҳ аст, бингар дар ин боб,
Бидон дар олам ӯ некӯшуур аст.

* * *

Эй дӯст, чун сипандам, азбаски дардмандам,
Дилро зи ғайр кандам, азбаски дардмандам.
Ту шофеъулатой, пӯшандаи хатой,
Ҷӯям зи ту давое, азбаски дардмандам.
Дардам бувад фаровон, лутфи ту сад ҳазорон,
Бахшандаи гуноҳон, азбаски дардмандам.
Як номи туст шофӣ, ҳам кофию муъофӣ,
Раҳмони бехилофӣ, азбаски дардмандам.
Донои кулли ҳолӣ, яктои бемисолӣ,
Ҷаббори лоязолӣ, азбаски дардмандам.
Халлоқи ҷумла ашё, дорандаи тавоно,
Раззоқи фарду аъло, азбаски дардмандам.
Ҳам кошифулқулубӣ, ҳам сотирулъуюбӣ,
Ҳам ғофируззунубӣ, азбаски дардмандам.
Саттори айбу нуқсон, ғаффори ҷурму исён,
Ваҳҳоби ширку исён, азбаски дардмандам.
Бар дарди ман даво кун, ғам аз дилам раҳо кун,
Раҳме бад-ин гадо кун, азбаски дардмандам.
Баъд аз санои беҳад, оям ба наъти Аҳмад,
Номи хушаш Муҳаммад, азбаски дардмандам.
Эй сарвари набиён, сархайли ҷумла инсон,
Маҳбуби хоси Яздон, азбаски дардмандам.
«Вашшамс» гуфта рӯят, «Валлайл» баҳри мӯят,
Беҳтар зи мушк бӯят, азбаски дардмандам.
Бингар ба ҳоли зорам, бар чашми ашкборам,
Аз ту умед дорам, азбаски дардмандам.
Бӯбакр ёри аввал, Умар шаҳи муъаддал,
Усмони поки акмал, азбаски дардмандам.
Шери Худо Алӣ буд, кони сахо Алӣ буд,
Ҳам «ло фато» Алӣ буд, азбаски дардмандам.
Он ду имоми некӯ, баҳри Ҳасан дуъо гӯ,

Ҳам бар Ҳусайни дилҷӯ, азбаски дардмандам.
Маҳрам зи номи некон, мушкил бигир осон,
Ёбӣ ба дард дармон, азбаски дардмандам.

* * *

Ҳалли ҷумла мушкилҳо, ло илоҳа иллаллоҳ,
Фотеҳи дари дилҳо, ло илоҳа иллаллоҳ.
Зикри ошиқон ин аст, вирди содиқон ин аст,
Шоҳи нотиқон ин аст, ло илоҳа иллаллоҳ.
Мебарад зи дил зангор, мекунад дилат бедор,
Мӯнис асту ҳам ғамхор, ло илоҳа иллаллоҳ.
Нури моҳу хуршед аст, ҷилваи Калим дидааст,
Дар шаҷар, ки печидаст, ло илоҳа иллаллоҳ.
Ҳар кӣ толиби ӯяст, орифи худогӯяст,
Ҳамчу мушки хушбӯяст, ло илоҳа иллаллоҳ.
Мекунад ҳамчу якто, мебарад ба мулки ло,
Зинда мекунад ҷонро, ло илоҳа иллаллоҳ.
Воридаш бувад, эй ҷон, дар ду оламин султон,
Ҳамраҳаш бувад имон, ло илоҳа иллаллоҳ.
Мункираш бувад кофир, кай шавад ҳамчу тоҳир,
Нури ботину зоҳир, ло илоҳа иллаллоҳ.
Кофире бигӯяд ин, дарзамон шавад мӯъмин,
Ҷаннатӣ бувад таъйин, ло илоҳа иллаллоҳ.
Ҳар кӣ гӯядаш як бор ёбад ӯ наҷот аз нор,
Мағфират кунад Ғаффор, ло илоҳа иллаллоҳ.
Чашми дил дар ӯ дӯзӣ, кай ба дӯзахаш сӯзӣ,
Назди Ҳақ барад рӯзе, ло илоҳа иллаллоҳ.
Қурби Кибриё бошад, ёри анбиё бошад,
Ҳубби авлиё бошад, ло илоҳа иллаллоҳ.
Гуфтаи малоикҳо, вирди Одаму Ҳавво,
Зикри ин ҳама ашё, ло илоҳа иллаллоҳ.
Доди Шису ҳам Нӯҳ аст, роҳати ҳама рӯҳ аст,
Фотеҳ асту мафтӯҳ аст, ло илоҳа иллаллоҳ.
Зикри Солеҳу Ҳуд аст, ҳам атову ҳам ҷуд аст,
Нобудан аз ин буд аст, ло илоҳа иллаллоҳ.
Доди Идриси пок аст, кони фаҳму идрок аст,
Манзилаш ба афлок аст, ло илоҳа иллаллоҳ.
Зикри Луту Иброҳим, шофеъи ҳама доим,

Мурдаро кунад қоим, ло илоҳа иллаллоҳ.
Гуфтаи Забеҳуллоҳ, зикри Аюбу Яҳё,
Вирди Зикриё ин ҷо, ло илоҳа иллаллоҳ.
Зикри Ҳазрати Исҳоқ, гашта доимо илҳоқ,
Анбиё буди муштоқ, ло илоҳа иллаллоҳ.
Вирди Яъқуби доност, зикри Юнуси барност,
Воҳид асту беҳамто, ло илоҳа иллаллоҳ.
Ҳам Шуъайбу ҳам Исо, Ҳорун асту бо Мӯсо,
Ҳам бо Юнус дар ин савдо, ло илоҳа иллаллоҳ.
Ҷирҷиси набӣ кай хуфт, дурри ин маъонӣ суфт,
Доим инчунин мегуфт, ло илоҳа иллаллоҳ.
Довуду Сулаймонро, дар забон бувад пайдо,
Карда қурбашон аъло, ло илоҳа иллаллоҳ.
Зикри Хизру Илёс аст, толибаш ҳама нос аст,
Мақсуди дили хос аст, ло илоҳа иллаллоҳ.
Мустафо, ки дигар буд, сарвару пайғамбар буд,
Зикрашон муқаррар буд, ло илоҳа иллаллоҳ.
Бӯбакри Сиддиқ, Умар, додамон бувад яксар,
Бар сари ҳама афсар, ло илоҳа иллаллоҳ.
Зикри Ибни Аффон аст, вирди Муртазо он аст,
Равнақи дилу ҷон аст, ло илоҳа иллаллоҳ.
Вирди олу асҳоб аст, зикри ҷумла аҳбоб аст,
Чунки дурри ноёб аст, ло илоҳа иллаллоҳ.
Вирди шоҳи Ҷелонӣ, Ғавсулаъзамаш донӣ,
Маъшуқи Худо хонӣ, ло илоҳа иллаллоҳ.
Зикри соликони Ҳақ, вирди солеҳон мутлақ,
Ҳин бувад бад-ин равнақ, ло илоҳа иллаллоҳ.
Вирди Маҳрами мискин, номи ӯ Ҷалолиддин,
Дам ба дам кунад талқин, ло илоҳа иллаллоҳ.

* * *

Эй фалак, дар рӯзгорам турфа доғ андохтӣ,
Боди тунде дар шуои ин чароғ андохтӣ.
Ҳалқу кому ҷумла азъзои маро бигдохтӣ,
Заҳри қотилро чу май андар аёғ андохтӣ.
Силии ҳайрат задӣ андар зиёи чашми ман,
Дуди мотам ин замонам дар димоғ андохтӣ.
Мисли Маҷнун рӯ ба саҳроҳо ниҳодӣ рӯзу шаб,

Ҷумла дар роҳат, маро андар суроғ андохтӣ.
Доғи шамшери қазо андар дилам буд бешумор,
Бори дигар доғҳо чун чашми зоғ андохтӣ.
Бар ҳама кардӣ муяссар васли дилдораш, вале
Доим ин бечораро дар иштиёғ андохтӣ.
Мотаму андӯҳу ғам додӣ ба Туркистони мо,
Шодӣ дар мулки Хуросону Ироғ андохтӣ.
Кардӣ моро дар ҷаҳон ҳамчун дарахти бесамар,
Тухми навмедӣ магар бар боғу роғ андохтӣ.
Маҳрами дилхастаро афкандӣ дар саҳрои ғам,
Ҳамчу лола дар дилаш ин лаҳза доғ андохтӣ.

## Рисолаи «Мусибатнома»

Дар таърихи ҷимодиюлаввали соли 1254-и ҳиҷрӣ буд, ки возеҳ ва лоеҳ бод, ки эй ёрони аҳли мусибат ва эй дӯстони гирифтори мотаму андӯҳ, бидонед, ки аз замони Ҳазрати Одам ъалайҳиссалом ин доғи мусибат мерос ба фарзандон монд, ки то қиёми явмулқиём ҳеҷ кас соҳиби таълиқоти аҳадӣ холӣ аз ин шарбати заҳрошом нест. Зеро, ки якеро доғи падару модар, ё ки доғи мотами ёру бародар ва хоҳар, ё ки доғи хешовандон, алалхусус аввал доғи хонавайрон, сония доғи ҳасрати фарзанди арҷманди нури дидаи равшан аз ҳама доғҳову аламҳо ва мотамҳову мусибатҳо ва ҳиҷронҳову фурқатҳо пурзӯртару вазнинтар мебошад. Аввали онҳо Ҳазрати Одам ъалайҳиссалом ва Ҳазрати Ҳавво аз ин майи ноб тарёке чашида буданд. Қобил ном фарзанди эшон Ҳобил ном бародари худро шаҳид намуд. Он падару модари бузургвори моён дар ғами фарзанди анҷманди хеш дилкабобу синачок ва гирёну нолон гардида, мусибатманд шуда буданд.

Маълуми ёрон бод, ки ба ин аламрасида ва доғи фарзанддида аз рӯи лутфу карам Ҳазрати Худованди таборак ва таъоло як фарзанди арҷманди ба ҷон пайванд ато намуд, ки дар рӯзгор беназир буд ва хурсандии билониҳодҳосили ин камина беҳосил гардид. То ба синни даҳсолагӣ расид. Кӯшиши балеғ намуда, муддати се моҳи

комили қамарӣ тараддуди асбобу анҷом муҳайё карда, баъди мазоилмуддати мазкур он муҳими хайрро ифтитоҳ намуда ва дар ҳар диёр рақимони хабар маъа комили руқъа равона намуда, тамоми хешу табори худро ҷамъ оварда, алоқадри ҳол он муҳими хайрро бо шодиву шодмонии бешумор мунтақӣ намуда, ҳар кадом аз он хешу таборро маъа лозимомадаш мурочиат кунонидем.

Дар он ҳол он нури дидаи торики мани шуми бебаҳрарӯзгор қабули он хатнаро нанамуда, бетоқатиҳои беҳадду андоза намуд. Ҳар замон мегуфт:

Эй падар, алҳол маро бо ин сартарош хатна накунонед, ки ман аз ин усто аҷали хешро мушоҳидаи ҳоли хеш гардонидаам.

Бо вуҷуди ин мани дилсахти шумхаёли ғофил сухани ӯро нагирифта, бо чандин одам дасту пои он навҷавону навниҳоли наврас ва гули ношукуфтаро нигоҳ дошта, оварда бар дасти он сартароши мазкур асир кунонида, зердасти он гардонида, ба дасташ супорида шуд. Он бераҳму қотили бемарҳабо бо теғи кунди хеш қатли хатнаи онро теғ ронд, ки он теғи кунд дар як бор рондан қатъ нанамуд. Боз дубора дар аъзои он гули навраста теғ ронд, ки аз он сабаб озори беҳадду шумор кашида, тахминан се косаи сафол хун роҳӣ намуда, рухсораи арғувонии он ба ранги заъфаронӣ мубаддал гашт. Бо ҳамон алам муддати бисту се рӯз дар бистари маризӣ хобида, боз ранҷури дигар гардида, баъд аз бист рӯзи дигар, ҷамъ дар муддати чиҳилу се рӯз явми панҷшанбе ҷон ба Ҳақ таслим намуда, аз дори фано ба дори бақо реҳлат намуда, булбули рӯҳи он нури дида ба сӯи ватани аслӣ парвоз намуда, дар шаҳри хомӯшон сокин гардид.

Эй ёрони азиз, суханони ин камина ба сababи ҳасрат аст ва илло тақдири азалии қазову қадар инчунин рафта ва ҷои гурез нест. Баъд аз фонӣ гардидани падару модари ситамкаш ҳамчун девонагон ва қаландарони волаву шайдо гардида, дар оташи ҳиҷрону фироқу дарду алами мусбат сӯхта, қариб хокистар гардида будем. Аз барои ин мариз ба пеши ҳар табиби донишманде, ки рафта дору

талабидем, ба ҷуз сабр дигар марҳам дар ин захм нафармуд. Баъд аз муддати мутадавил ночор марҳами сабрро бар захми шамшери қазо восил намуда, кам-кам марҳами сабр он захмро дар оташ даровардa, андак-андак аз сӯзу дард ором дод. Бинобар он, ҳар боре, ки он сӯзу дард рӯ менихад, боз ночор аз ҳамон марҳами сабр илтисол намуда мешуд. Баъдуҳу ин суханон дар рӯи коғаз сабт карда шуданд, ки ҳар мусибатрасида хонда, шунида маълуми хеш гардонад.

Баъдуҳу он нури дидаи хешро бурда дар хонаи лаҳад ниҳода шуд ва дар хоки мазаллат баъд аз мондан укдаҳои такфини ӯро во намуда ва рӯи онро кушода дида шуд, ки ҳамчун зиндагон дар хонаи лаҳад хандон бо рухсори нуронӣ хешро ба ин падари шум ва чанд нафар аз ёрони ҷонӣ ҳамроҳ буданд, ки зоҳир гардонд. Он хандаву он нури рухсорааш аз назари мани шум ва дигар нозирон дур нагардидааст. Во дареғо, ҳасрато, ки мани шум аз ҳамчунон писари зебову латиф маҳрум гардидам. Бинобар он оҳи сард аз борхонаи ҷигари хеш баровардa, аз барои таснифи он гулписар як навъ ғазали марсияи мусаббаъ тартиб дода, дар рӯи вараҷи даҳр ёдгорӣ монад гӯён навиштам. То ҳар кӣ аз аҳли дард бошад, хонда шунавад. Дигар он ки номи он гули навшукуфта ва навниҳоли наврустаро як ҳарф-як ҳарф гирифта ҷамъ намояд, номи он навниҳоли дар даҳсолагӣ вожгуншуда ҳосил гардад. Ин камина ба сад орзуву хурсандӣ номи неки ҳазрати қиблагоҳи хешро ба он ҷавонмаргу навниҳоли пажмурда ниҳода будам. Номи ӯ Мулло Муҳаммадшариф буд. Тахаллуси ғазалҳои ин камина мулаққаб ба Маҳрам гардид. Возеҳ бод, ки ёздаҳ банд мусаббаъи марсияи мазкур, ки номи он нури дидаам, ки дар боло музокира шуд ин аст, то маълуми ёрони ҷониву дӯстони дуҷаҳонӣ бод. Омин ва раббулъоламин.

***Ҳар кӣ хонад дуъо тамаъ дорам,***
***З-он ки ман бандаи гунаҳгорам.***

Дар поён мусаббаъ пешниҳоди аҳли дард мегардад:

# Марсияи мусаббаъ

Марг омад, эй писар, рафтӣ зи аъёни падар,
Аз сарири дидагонам гаштӣ пинҳони падар,
Дар ҷаҳони бевафо будӣ нигаҳбони падар,
Дар миёни навҷавонон мири мирони падар,
То рамидӣ ҳамчу оҳу аз назар ҷони падар,
Рафтӣ аз тахти дилам як лаҳза султони падар,
Навниҳоли наврасу сарви хиромони падар,
В-эй зиёбахшу фурӯғи нури имони падар,
Зери хоки тира шуд шамъи шабистони падар,
Чанд рӯзе дар ҷаҳон гардида меҳмони падар,
Кони ҷуду вал-ъато, ҳам хайру эҳсони падар.

Лаҳза-лаҳза хун равон аз ҳарду чашмам, эй писар,
Оташи ҳаҷри ту зад бар ҷисми маҳҷурам шарар,
Аз фироқат лахти хун меояд аз мағзи ҷигар,
Мотами пурзӯри ту, эй нури чашмони падар,
Мебарад рӯҳ аз бадан, ҳуш аз сарам, сад алҳазар,
Оқибат доғи ҷудоӣ кард моро дар ба дар,
Жанда мепӯшам, бубин ҳоли парешони падар.

Оҳи ҳасрат аз ниҳодам мебарояд дам ба дам,
Ин мусибат сарнагун шуд бар сарам чун кӯҳи ғам,
Барфикандӣ ҳам ба дӯшам бори андӯҳу ситам,
Гаштӣ ғоиб аз назарҳо чун гулистони Ирам,
Ношукуфта ғунчасон рафтӣ ба сад дарду алам,
Аз фироқу ҳаҷру доғат гашта ахгар болинам,
Булбули рӯҳат парид з-ин боғу айвони падар.

Меравам бар хоки тира з-ин алам, эй гулписар,
Ҳам васию посбони модару ёру хуҳар,
Қуввати рӯҳу равону ҷисми беҷони падар,
Дар ҷаҳони бебақо будӣ зи ҳолам бохабар,
Чун гадоён дар ба дар аз мотамат ҳам навҳагар,
Нола месозам чунон сӯям намесозӣ назар,
Во дареғо, ҳасрато, ку айшу даврони падар?!

Ҳайи бечун офарид рӯи туро чун офтоб,
Ҳарду кокули ту буд чун анбарафшон мушки ноб,
Доғи ҳаҷрат ҳамчу зулфат бар ҷигар зад печутоб,
Баҳри чашмони сиёҳат оҳувон дар рашку тоб,
Дар лаҳад сарви қадат осуда шуд дар хоку об,
Дар ғамат модар, падар шуд синачоку дилкабоб,
Мисли ғунча дар лаҳад гардида хандони падар.

Муддати се маҳ тараддудҳо намудам бешумор,
Баҳри тӯят ҷустуҷӯ кардам ҳама лайлу наҳор,
Бар умеди он, ки монад шодӣ ин ҷо пойдор,
Ҷамъ овардам ҳама анҷом андар рӯзгор,
Баъд аз он эълом додам, омаданд хешу табор,
Он муҳими хайр бигзашт бо дафу бо чангу тор,
Тӯй бар мотам мубаддал гашт яксони падар.

Давр гардид мунтаҳӣ дар хатнаат кардам ҷидол,
Бар умеди он, ки гардад дар ҷаҳон дастат ҳалол,
Сартарош овардаам, буд кӯри нодон, зиштҳол,
Теғ бар аъзои покат ронд бе ҷони қитол.
Гашт бар маргат сабаб, он дод бар умрат завол,
Қабл аз он бетоқатӣ кардӣ, мани ғофилхаёл,
Раҳм н-овардам ба ҳолат, эй гулистони падар.

«Шин»-и шарму «ъайн»-и илм андар ҷабинат буд аён,
Карда буд андар аҷал партав Худои ломакон,
Равнақафзои ду чашмам, қуввати рӯҳу равон,
Ҳам ба дунё обрӯям, вориси ному нишон,
Соҳиби молу китобу хонумонам дар ҷаҳон,
Монда будам номи мероси падарро баҳри он,
Дар ҷаҳон аз омадаш гашта пушаймони падар.

Рафтӣ з-ин гулшан, аё гулғунчаи нашкуфта, чун,
Сарви шамшоди қадат дар соли даҳ шуд вожгун,
Нисбатат ҳайрон, либосат нодарону ғарқи хун,
Ҳам падар андар ғамат бирёнҷигар бо қадди нун,

Модарат шуд дилкабобу рӯхарошу дидахун,
Рӯзу шаб гирёну нолон ҳарду бо ҳоли забун,
Дар миёни додару хоҳар намоёни падар.

Ё Илоҳӣ, одамизоде нагардад мисли ман,
То абад гирёну нолон, чок карда пираҳан,
Чуғзи бевайронаам, ҳам бекасу ҳам беватан,
Гашта мазлуму лагадкӯби тамоми марду зан,
Толеъам вожун, муродам нотамом, маҷрӯҳ тан,
Ҳамчу Яъқуб дар ҷаҳон шуд сокини байтулҳазан,
Рафт дар коми ачал Маҳмадшарифҷони падар.

Фурсате дарёфтам пеш аз аҷал дар рӯзгор,
Ин мусаббаъ дар ҷаҳон монад зи Маҳрам ёдгор,
Номи фарзандам бикардам дар сари ҳар банд бор,
Ҳарфи аввалро зи ҳар бандаш бигиру ҷамъ ор,
То шавад равшан туро он мотами нопойдор,
Ҳар кӣ хонад ин ғазал ман аз дуъо уммедвор,
Дар шабистони лаҳад гардида меҳмони падар.

## Марсия

Рафт аз дунё ба сад ҳасрат ба дил зебописар,
Хуни ҳасрат меравад ҳар дам зи мижгони падар,
Синачок андар ғами ӯ модару ёру хуҳар,
Нола месозад дамодам боз чандин мушти пар,
Гашт пинҳон дар замин он навҷавони пурҳунар.

Дар ҷавонӣ марг омад, бар сарат ханҷар кашид,
Ҳамчу сарви наврасе бемарҳабо ногаҳ бурид,
Боғбон андар ҷаҳон ин лаҳза гардид ноумед,
Оҳ ҷорӣ аз ниҳодаш ҳар кӣ маргатро бидид,
Қалби хешу ақрабо аз мотамат кони шарар.

Монда дар дунё арӯси худ ба уқбо рафтаӣ,
Ғӯта хӯрда ҳамчу дурр дар қаъри дарё рафтаӣ,
Синаат пурилму аз олам мубарро рафтаӣ,
Ҳам зи баҳри хонумон бигзашта танҳо рафтаӣ,

Во дареғо, ҳасрато, зуд инчунин кардӣ сафар.

Мотами ин гулписар бин, турфа мушкил мотамест,
Бар дили пиру ҷавон гардида ҳосил мотамест,
Бин, муяссар бар ҳама нодону оқил мотамест,
Бар ҳама сахту сақил бингар, ки қотил мотамест,
Гашт он барно ниҳон аз чашми гирёни падар.

Чун гули нашкуфта дар ҷӯши чаман гаштӣ фано,
Ҳам ниҳодӣ дар дили маҷрӯҳи зорам доғҳо,
Аз ту то гардидаам монанди Яъқуб нобино,
Қоматам аз бори ғамҳои ту мегардад дуто,
Мисли Юсуф кардӣ аз Канъони ин олам гузар.

Қиблагоҳат, эй ҷавон, рӯзу шабон андар фиғон,
Хуни дил аз дидаҳо гардида чун дарё равон,
Гаштааст аз фурқатат оворaю бехонумон,
Гаштааст овора андар кӯҳу саҳро бегумон,
Сӯи ӯ бо меҳрубонӣ кай кунӣ дигар назар.

Ҳам арӯсу ҳам либосат мондаанд ҳайрону зор,
Баҳра кай бурдӣ аз ин дунёи дун дар рӯзгор,
Во дареғо, ҷисми покат шуд хӯроки мӯру мор,
Пӯшиши домодият дар рӯзи маргат шуд нисор,
Аз ту дар олам ба ҷуз номат дигар набвад асар.

Гиря мекарду падар мегуфт: сарви қад балам,
Дар миёни навҷавонони ҷаҳон сармад, балам,
Буд дар олам умеди ман зи ту беҳад, балам,
Кардӣ моро аз ҷамоли нозанинат рад, балам,
Қоматам хам гаштааст аз мотамат бо чашми тар.

Модараш мегуфт: хуршеди дурахшонам, балам,
Аз барам гаштӣ ҷудо, эй моҳи тобонам, балам,
Рафт дар гирдоби мотам айши давронам, балам,
Назди ман ою бубин ҳоли парешонам, балам,
Хушк шуд бунёди умрам чун дарахти бесамар.

Ҳам ако мегуфт: эй моҳи дилоро, додарам,
Зери хоки тира яксон гашта барно, додарам,
Бе ҷамолат чун кунам сайру тамошо, додарам,
Ҳам рафиқу ҳамраҳам будӣ ба дунё, додарам,
Сӯхтам дар оташи ҳиҷрони ту шому саҳар.

Хоҳараш мегуфт ҳар дам: маҳрами ҷони хуҳар,
Ҳам дар ин ғурбатсаро будӣ нигаҳбони хуҳар,
Қуввати рӯҳу равону нури имони хуҳар,
Як назар кун, то бубинӣ чашми гирёни хуҳар,
Эй фараҳбахши дили маҳзуну ҳайрони хуҳар.

«Кулли нафсин зоиқулмавт» омад аз Ҳақ ногаҳон,
Ҷумлаи ҷунбанда мегардад фано з-ин бӯстон,
Завқ аз ин бода ояд деру зуд бар мулки ҷон,
Марг омад бар сари шоҳу гадо ин ҷо аён,
Эй мунаҷҷим, то ба кай тарсонӣ аз хавфу хатар.

Мир Ҷалолиддини Маҳрам мефитад дар доми марг,
Меравад охир тамоми одамӣ дар коми марг,
Қобизи рӯҳ мечашонад шарбате аз ҷоми марг,
Ҳамчу барги бед меларзад танам аз номи марг,
Сӯзад андар оташат, яъне тамоми хушку тар.

## Мухаммас бар ғазали Муҳйӣ

Бин зи исён кардаам бебар гиёҳи хешро,
Ёфтам дар маъсият ҳоли табоҳи хешро,
Чун бипӯшонам дар ин мавсим нигоҳи хешро,
«Мезанам оҳу ҳамебинам гуноҳи хешро,
Аз дили пурхун бурун меорам оҳи хешро».

Менадеҳ, эй носеҳо, аз хавфу бим бар ман сабақ,
Аз бари гуфтори ту хун бар дилам баста татақ,
Лутфи поки Кирдигорам фотеҳи чандин ғалақ,
«Чанд метарсониям, эй порсо, аз лутфи Ҳақ,
Ман накӯ медонам алтофи Илоҳи хешро».

Гарчи ин ҷо кардааст исёни беҳад ин танам,
Зоҳираш дар чашми зоҳид худ ба қаъри гулханам,
Такя бар хоки карими Ҳақ таъоло мезанам,
«Дил гувоҳам медиҳад, ки хоҳад омурзиданам,
Месупорам ҳам ба ӯ ман ин гувоҳи хешро».

Ошкоро мекунад Ҳаққулмубин рози нуҳуфт,
З-ин насими марҳамат қалбам ба сони гул шукуфт,
Ҳам дилу ҷонам дамодам дурри ин маънӣ бисуфт,
«Муждаи «ло тақнату мир-раҳматуллоҳ»-ро бигуфт,
То бисозам рост ин пушти дутоҳи хешро».

Ҷумла аъзоям зи теғи маъсият пуриллат аст,
Марҳами дарди маъосӣ махфӣ андар ҷаннат аст,
Шукри лиллаҳ, Роҳиму Раҳмони кони шафқат аст,
«Порсоро чашм бар тоат, маро бар раҳмат аст,
Мекунам раҳмат ду чашми рӯсиёҳи хешро».

Ҷумла як минвол кай гардад дар ин дайри фано,
Баъзе бо тақво бувад, баъзе ба куфр аст мубтало,
Ҳар киро бошад дар ин дунё раҳу расми ҷудо,
«Меравад некон раҳи куфру бадон роҳи хато,
Оре, оре, ҳар касе донанд роҳи хешро».

Гар ғуломи хештан бадхӯ бувад, нафрӯшияш,
Фосиқу бебоку исёнҷӯ бувад, нафрӯшияш,
Ҳам шикоятсозу ҳам бадгӯ бувад, нафрӯшияш,
«Бандае, к-ӯ ошнои ту бувад, нафрӯшияш,
Ман, ки аз ту менадонам подшоҳи хешро».

Халқи олам шиква месозанд аз ман дам ба дам,
З-ин суханҳо дар дилам ҷо шуд ҳазорон дарду ғам,
Душмани худ мешуморам ин ҳама ҳуру санам,
«Ҳеҷ шайъ аз некии ман нест, ё Раб, аз карам,
Ту биёмурз ин бади пуриштибоҳи хешро».

Мир Ҷалолиддини Маҳрам ҷурм дорад  бешумор,
В-аз бари кирдори худ бошад ҳамеша шармсор,
Нолаҳо созад ҳамеарзад дар ин лайлу наҳор,
«Муҳйӣ мегуфт, эй ҳарифон, дар дили шабҳои тор:
Мезанам оҳу ҳамебинам гуноҳи хешро».

## Мухаммас бар ғазали Шамси Табрезӣ

Беҳтар аз афсари фарқи сари шоҳон адаб аст,
Қурб то хотаму ҳам мулки Сулаймон адаб аст,
Раҳбари боргаҳи Ҳазрати Яздон адаб аст,
«Назди арбоби хирад мояи имон адаб аст,
Лоҷарам ҳиммати мардони сухандон адаб аст».

Нури имон ба тани беадабон ҳосил нест,
Беадаб баҳравар аз сӯҳбати соҳибдил нест,
Беадаб бар сари афлоки ъало шомил нест,
«Беадабро ба самовоти бақо манзил нест,
Ба самовоти бақо манзили инсон адаб аст».

Беадаб дар ду ҷаҳон бесару бесомон аст,
Ҷони ширин ба танаш музтарибу ҳайрон аст,
Беадаб лошаи ланг аст, куҷо инсон аст,
«Одамизод агар беадаб аст, ҳайвон аст,
Фарқ дар ҷинси бани одаму ҳайвон адаб аст».

Ҷумла аз сӯи адам омада чун мурғонем,
Тухми одобу ҳаёро ҳамагӣ ҷӯёнем,
Бебақоему дар ин ҷо ҳама саргардонем,
«Чанд рӯзе, ки дар ин хонаи тан меҳмонем,
Боадаб бош, ки хосияти меҳмон адаб аст».

Беадаб мурдадил аст, восили ҷонон набувад,
Балки андар тани ӯ қуввату дармон набувад,
Беадаб ҷониби фирдавс хиромон набувад,
«Ҳосили беадабон ҷаннату ризвон набувад,
Ҳосили ҷаннату манзилгаҳи ризвон адаб аст».

Банда бо илму амал ёфт мақомуллоҳро,
Ёбад инсон зи адаб қурби саломуллоҳро,
Шунав аз ояти Қуръон паёмуллоҳро,
«Чашм бикшову бубин ҷумла Каломуллоҳро,
Маънињои ҳамаи ояти Қуръон адаб аст».

Маҳрам аз беадабӣ банди асири носут,
В-арна манзилкадааш буд сарири ҷабарут,
Морут аз беадабӣ гашт чӣ сон, ҳам Ҳорут,
«Шамси Табрез бигӯ сирри Худои малакут,
Нағмапардози дили мурғи саҳархон адаб аст».

## Мухаммас бар ғазали Мирзо Бедил

Мурғи зирак доимо дар марғузори раҳмат аст,
Куфру имон ҳарду кабки кӯҳсори раҳмат аст,
Ҷумлаи олам ғариқи обшори раҳмат аст,
«Аз чаман то анҷуман ҷӯши баҳори раҳмат аст,
Дида ҳар ҷо боз мегардад, дучори раҳмат аст».

Маъсиятро, эй рафиқон, хилъату афсар диҳед,
Бар тани ҷурму хато, яъне либоси зар диҳед,
Тоири фуҷҷорро ин лаҳза болу пар диҳед,
«Ваҳшии дашти маосиро ду рӯзе сар диҳед,
То куҷо хоҳад рамид, охир шикори раҳмат аст».

Эй гунаҳгорон, гили исён зи по то сар занед,
Баъдуҳу худро ба баҳри лутфи он Довар занед,
Чун майи гулгун ба назди шӯхи симинбар занед,
«Зарраҳо дар оташи ваҳму уқубат сар занед,
Ёди авфат он қадар тақсири кори раҳмат аст».

Гоҳ бар маҳ кун назора, гоҳ хурандеш бош,
Чашми ботинро кушо, наздику дурандеш бош,
Дар адам бингар даме, якдам зуҳурандеш бош,
«Хоҳ зулмат кун тасаввур, хоҳ нурандеш бош,
Ҳар чӣ меҷӯӣ ниҳону ошкори раҳмат аст».

Ҷон ба ҷонон васл гардид, моили девор нест,
Ёр омад дар бари ман, ҳоҷати ағёр нест,
Ғайр захри қотил асту камтарин аз мор нест,
«Сабҳаи дигар ба зикри мағфират даркор нест,
То нафас боқист ҳастӣ дар шумори раҳмат аст».

То ба кай аз ваъзи воиз ранҷи пурмеҳнат кашам,
Менашояд аз синони носеҳон иллат кашам,
Ёди Эзид оварам, меҳри дил аз ҷаннат кашам,
«Ку димоғи он, ки то аз нохудо миннат кашам,
Киштии бедаступоиҳо канори раҳмат аст».

Сояафкан бар сарам ғайр аз гуҷуми файз нест,
Равшани афлоки тоқӣ аз нуҷуми файз нест,
Чун ҷабалҳо заррае дур аз руҷуми файз нест,
«Дар бисоти офариниш ҷуз ҳуҷуми файз нест,
Чашми нобино сафед аз интизори раҳмат аст».

Солҳо шуд гаштаам аз ҷону дил ҷӯёни Арш,
Бар умеди он ки гардад манзилам пинҳони Арш,
Рахши ҳиммат аз замин барҷаст то майдони Арш,
«Нӯҳ фалак то хок хобидаст дар домони Арш,
Сурати раҳмат ҳамон беихтиёри раҳмат аст».

Ҳаҷри маъшуқи қадим, Маҳрам, зи шакку райби мост,
В-арна наздиктар зи реша то ба фавқи ҷайби мост,
Лайлӣ маҳбуби таъашшуқ буд, зи ёри ғайби мост,
«Шом агар гул кард, Бедил, пардапӯши айби мост,
Субҳ агар хандид дар таҷдиди кори раҳмат аст».

## Мухаммас бар ғазали Шаҳдӣ

Чу дурр зулфи дутоят, ё Муҳаммад,
Ба рӯи босафоят, ё Муҳаммад,
Бувад ошиқ Худоят, ё Муҳаммад,
«Дилу ҷонам фидоят, ё Муҳаммад,
Сари ман хоки поят, ё Муҳаммад».

Ду олам гашта пайдо баҳри мӯят,
Муаттар кун машомамро зи бӯят,
Намо дар воқеъа як лаҳза рӯят,
«Бигаштам дар ба дар дар ҷустуҷӯят,
Шудам ҳамчун гадоят, ё Муҳаммад».

Шудам дар ишқи ту дилрешу маҳзун,
Равон шуд аз ду чашмам даҷлаи хун,
Ниҳодам по ба кӯҳу дашту ҳомун,
«Ба саҳроҳо равам монанди Маҷнун,
Бигардам бенавоят, ё Муҳаммад».

Зи номат кай равад як тан ба дӯзах,
В-агарна ҷумла буд гулхан ба дӯзах,
Ҳама буд ҷумла марду зан ба дӯзах,
«Намебудӣ, ҳама буданд ба дӯзах,
Ҳама шуд дар паноҳат, ё Муҳаммад».

Паёми Ҳақ ту аз Ҷибрил шунидӣ,
Шароби тозаи меҳраш чашидӣ,
Ба фавқи нӯҳ фалак он шаб расидӣ,
«Биҳишту қаъри дӯзахро бидидӣ,
Гиристӣ бо Худоят, ё Муҳаммад».

Ҳама барбод додӣ буду нобуд,
Зи баҳри умматон, эй дурри мақсуд,
Ба қалбат меҳри уммат буд мавҷуд,
«Гузаштӣ аз падар, аз модари худ,
Барои осиёнат, ё Муҳаммад».

Бисозам дам ба дам сӯи ту ангез,
Тариқи ишқи худ ин лаҳза омез,
Нигар бар ҳоли зори Маҳраме низ,
«Биё, дар коми Шаҳдӣ ҷуръае рез,
Шудам масти лиқоят, ё Муҳаммад».

## Мухаммас бар ғазали Ғиёсӣ

Ман надонистам, нигори шӯх ҷӯёни кӣ буд?
Куфри зулфаш дар пайи тороҷи имони кӣ буд?
Теғи ҳиҷронаш таҳаррук баҳри қурбони кӣ буд?
«Ё Раб, он абрӯкамон имрӯз меҳмони кӣ буд?
Тиркаши мижгони ӯ новакзани ҷони кӣ буд?»

Кай шавад аз хоки пои дӯст ин ҷо афсарам?
Сӯхтам аз фурқати он дилбари симинбарам,
Боди ҳаҷр омад, чунон барбод гардид ахгарам,
«Барқи ҳуснаш ҳамчу оташ зад ба Тури пайкарам,
Имшаб он номеҳрубон шамъи шабистони кӣ буд?»

Ё Илоҳӣ, турфа мушкил кардаӣ ишқи маҷоз,
Аз шарори ӯст бар ҷону дилам сӯзу гудоз,
Эй Худовандо, ба маъшуқам даме ҳамдам бисоз,
«Қомати зебои он пуришва бо сад иззу ноз,
Дар ҳадиқи орзу сарви хиромони кӣ буд?»

Кокули пурпечутоби ёр дастгири кӣ гашт?
Наргиси шӯхаш муҳайё баҳри тасхири кӣ гашт?
Соҳиби бемарҳабо ин лаҳза мунширу кӣ гашт?
«Турраи шабранги зулфаш доми занҷири кӣ гашт?
Шӯълаи рӯяш фурӯғи чашми гирёни кӣ буд?»

Он бути тарсоҷабин имрӯз имони кӣ бурд?
Мисли Юсуф дар фироқи хеш аъёни кӣ бурд?
Чашми ҷодӯяш ба афсун реши дармони кӣ бурд?
«Холи мушкинаш қарору сабр аз ҷони кӣ бурд?
Сабзазори навхаташ рашки гулистони кӣ буд?»

Дод девони азал бар ман, ки мактуб аз ғамаш,
Бар сарам омад ҳамеша шӯру ошӯб аз ғамаш,
Рахнаҳо гардид танам монанди Айюб аз ғамаш,
«Дил кабобу сина маҷрӯҳ ҳамчу Яъқуб аз ғамаш,
Юсуфи тахти кадомин Мисру дармони кӣ буд?»

Нори ишқаш, во дареғо, маскани ақлам бисӯхт,

Чун шаҷар аз партаваш шоху тани ақлам бисӯхт,
Гуфт Маҳрам: аз ҳариқаш махзани ақлам бисӯхт,
«Оташи шавқаш, Ғиёсӣ, хирмани ақлам бисӯхт,
Наргиси хунхори масташ офати ҷони кӣ буд?»

## Мухаммас бар ғазали Ҷазбӣ

Мисли булбул дар фироқи дӯст нолонам ҳанӯз,
Чун сипанд дар оташи сӯзони ҳиҷронам ҳанӯз,
Нори фурқат медамад аз сар ба домонам ҳанӯз,
«Дарди ман аз ҳад гузашту нест дармонам ҳанӯз,
Ҷони ман бар лаб расиду маҳви ҷононам ҳанӯз».

Ояд ин дам дардҳои бедаво бар фарқи ман,
Чун расад ин ҷо, агар ҳар дам бало бар фарқи ман,
Ҳар замон ояд чу шамшери қазо бар фарқи ман,
«Гар занад ҳар лаҳза сад теғи ҷафо бар фарқи ман,
Кам нагардад меҳри он хуршеди тобонам ҳанӯз».

Дидаро бо дидаи парвона сӯзам ҳамчу шамъ,
Сӯхтан сар то қадам бингар ҳанӯзам ҳамчу шамъ,
Сӯзиши беҳад, ки шабҳо то ба рӯзам ҳамчу шамъ,
«То ба кай дар оташи ҳаҷри ту сӯзам ҳамчу шамъ,
Ту ҳамон Лайлию ман Маҷнуни ҳайронам ҳанӯз».

Ранҷи беҳад мекашам бо меҳнату андӯҳу ғам,
Ҳеҷ кас монанди ман набвад гирифтори алам,
Орзу дорам, ки гардам дар сари кӯят адам,
Бар умеди он, ки монӣ бар сарам рӯзе қадам,
Бар сари роҳат нишаста зору гирёнам ҳанӯз.

Эй парирӯ, як назар сӯи диёри ман кунӣ,
Чун нигаҳ бар ҳарду чашми ҷӯйбори ман кунӣ,
Ҷони ширин месупорам ихтиёри ман кунӣ,
«Баъди чандин сол, агар тавфи мазори ман кунӣ,
Бӯи хун меояд аз сар то ба домонам ҳанӯз».

Мурғи шодӣ аз дилам барҷаст, айби ман макун,

Ҳам ба ҷои шодӣ ғам пайваст, айби ман макун,
Фатҳи боби шодиям ғам баст, айби ман макун,
«Чеҳраам гар заъфаронӣ ҳаст, айби ман макун,
Муддате шуд ман асири доғи ҳиҷронам ҳанӯз».

Бар дилам аз теғи фурқат неш, Ҷазбӣ, мерасад,
Тарҳи ҳаҷри ёри кофаркеш, Ҷазбӣ, мерасад,
Сӯи ту ин Маҳрами дилреш, Ҷазбӣ, мерасад,
«Ҳар касе бар васли ёри хеш, Ҷазбӣ, мерасад,
Ман ба доғи ҳаҷри ӯ дар банди зиндонам ҳанӯз».

## Мухаммас бар ғазали Хоҷа Ҳофиз

Ман шудам сайди бутон, пири муғон сайёдам,
Доимо гашта асири қафаси фӯлодам,
Беҳтар аз сайри ду олам бувад ин эҷодам,
«Фош мегӯяму аз гуфтам худ дилшодам,
Бандаи ишқаму аз ҳарду ҷаҳон озодам».

Бин ба фармони Илоҳӣ падарам гашт нифоқ,
В-арна буд манзили мо ҷаннати пуркӯшку равоқ,
Баҳри як донаи гандум ҳамаро кард талоқ,
«Тоири гулшани қудсам, чӣ диҳам шарҳи фироқ,
Ки дар ин домгаҳи ҳодиса чун афтодам?»

Ваҳшу инсу малаку ҳуру туюри лаби ҳавз,
Кавкабу арзу самоҳо, маҳу хури лаби ҳавз,
Аршу курсӣ, ҳама ризвону қусури лаби ҳавз,
«Сояи Тӯбиву дилҷӯии ҳури лаби ҳавз,
Ба ҳавои сари кӯи ту бирафт аз ёдам».

Ҳамчу Маҷнун шудаам маҳви рухи лолаъузор,
Ман надонам падару модару ҳам хешу табор,
Омад аз дафтари ишқ баҳри ман ин нақшу нигор,
«Нест бар лавҳи дилам ҷуз алифи қомати ёр,
Чӣ кунам, ҳарфи дигар ёд надод устодам».

Он ки меъмори азал таъмири рӯҳам зи чӣ сохт?

Гили аъзои маро бо ғаму андӯҳ гудохт,
Ҳам ба дунё зи адам Рахши вуҷудам, ки битохт,
«Кавкаби бахти маро ҳеҷ мунаҷҷим нашинохт,
Ё Раб, аз модари гетӣ ба чӣ толеъ зодам?»

Пок аз ҷурму гунаҳ ҷумла саропоям буд,
Ҳамчу хуршеди ҷаҳон ҷисми муҷаллоям буд,
Чунки дар вафқи фалак ҷодаи аълоям буд,
«Ман малак будаму фирдавси барин ҷоям буд,
Одам овард дар ин дайри харобободам».

Ҳар кӣ як ҷуръа бинӯшад майи паймонаи ишқ,
Равад он лаҳза чу Мансур ба кошонаи ишқ,
Беҳтар аз тахти Ҷам аст манзили вайронаи ишқ,
«То шудам ҳалқабагӯши дари майхонаи ишқ,
Ҳар дам ояд ғаме аз нав ба муборакбодам».

Мисли симурғаму афтода ба доми магасе,
Карда помол маро ин ҳамагӣ хору хасе,
Буд мавло зи азал волиду авлод басе,
«Падарони падарам банда набуданд ба касе,
Ман туро банда шудам, гарчи ба асл озодам».

Солҳо шуд, ки чу тифли сабӣ варзида сиришк,
Зи буни ҳар мижаам дамбадаме чида сиришк,
Шарбат аз қалби мани хаста бинӯшида сиришк,
«Мехӯрад хуни дилам мардумаки дидасиришк,
Ки чаро дил ба ҷигаргӯшаи мардум додам».

Бикун, эй дилбари ширин, самари зулф зи ишқ,
Соз чун дида ҳамоил ба бари зулф зи ишқ,
Маҳраме карда шафақ чун қамари зулф зи ишқ,
«Пок кун чеҳраи Ҳофиз ба сари зулф зи ишқ,
В-арна ин сели дамодам бибарад бунёдам».

## Мухаммас бар ғазали Шоҳ Ниёз

Машоми орифонро ҳамчу мушку уд будастам,

Ба афлоки ҳақиқат кавкаби масъуд будастам,
Набуд зоту сифоти Ҳақ дар он ҷо худ будастам,
«Ман он нурам, ки андар ломакон мавҷуд будастам,
Ба ишроқи худам худ шоҳиду машҳуд будастам».

Шуои рӯи ман дар пардаи махфӣ ниҳонӣ дошт,
Ба гулзори адам ин булбули ҷонам фиғоне дошт,
Биҳишту дӯзаху Аршу самоҳо кай ниҳоне дошт,
«На аз олам баёне дошт, на оламро нишоне дошт,
Ки аз наззораи ҳусни худам хушнуд будастам».

Шикастам шишаи ҳасрат, муяссар гашт биноӣ,
В-агарна дидаи дилро давомат буд аъмоӣ,
Ба ҷӯш омад баногаҳ ишқи ман в-аз баҳри яктоӣ,
«Баситам он қадар шуд мунбасит аз ҳубби пайдоӣ,
Ки бо як нуқта кай садҳо хати мамдуд будастам».

Ба киштии биҳори ишқ ушшоқона маллоҳам,
Ҳамеша муғлақи асрорро монанди мифтоҳам,
Кушодам укдаи ваҳме, нигар бар ман, ки фаттоҳам,
«Ҳаюлои ду олам моддаи арвоҳу асбоҳам,
Ҳарири ҷисму ҷонро ҳамчу тору пуд будастам».

Зи қайди банди носутӣ паридам ҳамчунон тайре,
Чӣ ҳоҷат дидани дунё? Ба мулки ло кунам сайре,
Бубастам боби касру шар, бикардам доварӣ хайре,
«Зи баҳри рафъи ширку дафъи ваҳми ҳастию ғайрӣ,
Ба шакли анбиёю авлиё мавҷуд будастам».

Задам бонги аналҳақ мисли Мансур то халақ гаштам,
Ҳама яксони ман гардид, бурун аз лӯю лак гаштам,
Шудам меҳри дурахшону фавоқи нӯҳ фалак гаштам,
«Либоси Булбашар пӯшида масҷуди малак гаштам,
Ба тасвири Муҳаммад ҳомиду маҳмуд будастам».

Гаҳе Ризвон, гаҳе Тӯбӣ, гаҳе Кавсар, гаҳе Идрис,
Гаҳе ҷаннат, гаҳе гандум, гаҳе Одам, гоҳе Шис,

Гаҳе Нӯҳу гаҳе тӯфон, гаҳе Зулкифлу гаҳ Ҷирҷис,
«Гаҳе Яъқубу гаҳ Юсуф, гаҳе Айюбу гоҳе Ис,
Гаҳе Солеҳу гоҳе ноқа, гоҳе Ҳуд будастам».

Гаҳе Иброҳиму Луту гаҳе Исмоилу Яҳё,
Гаҳе Исҳоқу Армиё, гаҳе Юнусу Зикриё,
Гаҳе Юшаъ, гаҳе Шамъун, гаҳе Ҳоруну гаҳ Мӯсо,
«Гаҳе Хизру гаҳе Илёс, гаҳе Луқмону гаҳ Исо,
Сулаймонам, гаҳе Осаф, гаҳе Довуд будастам».

Ба завқу зеби шоҳон баски тоҷу тахташон гаштам,
Саодат додам онҳоро, зиёи бахташон гаштам,
Ба муштоқони тавҳидам қабою рахташон гаштам,
«Барои соликон имрӯз накди вақташон гаштам,
Зи баҳри дигарон рӯзи ҷазо мавҷуд будастам».

Ба ботин зоти беҳамто, ба зоҳир гашта обу гил,
Гаҳе раъдам, гаҳе барқам, гаҳе хуршеду гоҳе зилл,
Дур(р)и баҳри таҷаллоям, набошад ҳеҷ қолу қил,
«Ба дарёи ҳақиқат баҳри ғаввосони дарёдил,
Ба ҳар аҳдею давре гавҳари мақсуд будастам».

Мани Маҳрам зи хамри ло илаллаҳ доимо мастам,
Камарбанди иналлаҳро ба силки орифон бастам,
Ба сурат гарчи фониям, ба сират аз ҳама растам,
«Ниёз андар ҳақиқат лоязолу ламязал ҳастам,
Магар бо айни таъйин несту нобуд будастам».

# МУЛЛО НАЗАРАЛӢ

**Мулло Назаралӣ ибни Мулло Абдуллоҳ ибни Ҷонмуҳаммад ибни Бадалбоқӣ зодаи деҳаи Панӣ буда, дар деҳаи Рашнаи Поён мактабдор будааст. Ин идиҳоро аз шогирди Мулло Назаралӣ Муқбилов Нӯъмон навишта гирифта шуд.**

## Идӣ

Баҳор омад, ба лутфат мӯъминонро шод кун, ё Раб,
Хароботи дили маҷрӯҳи мо обод кун, ё Раб.
Ба ҳаққи Мустафо бар аҳли имон фатҳу нусратро,
Дар ин айёми соли нав муборакбод кун, ё Раб.

## Идӣ

Фасли Наврӯз омаду олам муаттар мешавад,
Мебарояд гул зи пероҳан, мунаввар мешавад.
Булбулон гӯянд дар мастӣ санои Кирдигор,
Ҳар кӣ созад истимоъ, занги дилаш зар мешавад.

# МУЛЛО АКРАМАИ РАШНАГӢ

**Мулло Акрама ибни Ҳоҷиҳаит соли 1877 дар деҳаи Рашнаи Поён таваллуд шуда, соли 1951 вафот кардааст. Мулло Акрама соҳиби хати настаъликӣ зебо буда, аз ашъори гузаштагони деҳаву шоирони номӣ баёзеро мураттаб намудааст, ки дар байни онҳо ашъори худаш низ мавҷуд мебошад. Ашъори дастраси Мулло Акрама, ки иборат аз 25 байт аст, аз рӯи мусаввадаи шоир гирифта шудааст.**

## Ғазалиёт

Чӣ дил бандӣ ба дунё, бебақо ҳаст зиндагониҳо,
Аҷал тирест барҳам мезанад айши ҷавониҳо.
Ба зери чархи бебунёд ҳар дам нолае сар кун,
Ба ғайр аз дарду кулфат нест ҳаргиз шодмониҳо.
Арӯси даҳрро мепарварӣ, уммеди он дорӣ,
Зи дунё бикр хоҳӣ рафт, ба ин номеҳрубониҳо.
Дуто шуд қомат аз пирӣ, накардӣ тӯшае ҳосил,
Ба мақсад кай расӣ, эй дил, то бо ин нотавониҳо.
Зи хавфи маҳшар ин ҷо гар набошад дар дилат доғе,
Надорад суд фардо аз ду чашмат хунфишониҳо.
Ба зӯри хештан мағруру фикри ҷон намесозӣ,
Ба зери хок яксон мешавад ин паҳлавониҳо.
Зи ҳар вайрона ибрат гиру биншин фикри уқбо кун,
Куҷо рафтанд онҳое, ки карданд комрониҳо.

* * *

Булбуло, дар нола шав андар баҳори зиндагӣ,
Ку амироне, ки буданд дар ҳисори зиндагӣ.
Ҳар замон фикри ту бошад боғу бӯстон, мамлакат,
Кай ба дасти туст ин ҷо ихтиёри зиндагӣ.
Ранҷҳои ин ҷаҳон сад бор мебояд кашид,
Чун туро бар гардан афтодаст бори зиндагӣ.
Хизмати аксар бикун дар роҳи ӯ мардонавор,
То нагардӣ рӯзи маҳшар шармсори зиндагӣ.
Мактаби умри ту маҳмил бастааст, эй фалсафӣ,

Хуфта ту саргарми ғафлат дар канори зиндагӣ.
Сад гуноҳ месозию ҳаргиз пушаймон нестӣ,
Мехалад бар дидаат як рӯз хори зиндагӣ.
Чашми ибрат баркушо, бингар бар атрофи ҷаҳон,
Нест ҳаргиз баҳрае дар рӯзгори зиндагӣ.

* * *

Хат навиштам, то кӣ хонад дар ҷаҳони бемадор,
Нест фарзанде зи ман, аз ман бимонад ёдгор.
Ёдгорӣ ин хати ман ҳаст дар боғи ҷаҳон,
Ҳар кӣ хонад як дуъо созад ба рӯҳи хору зор.
Баъди ман ин хат бимонад ёдгоре дар ҷаҳон,
Хат бимонад, ман намонам нест умре пойдор.
Хотирамро хатти хуб бисёр меояд ҳавас,
Дил надорам хуб нависам, дард дорам бешумор.
Дарди бад дорам ба тан ҳаргиз намеёбам даво,
Аз Худо уммед дорам, ҳаст ӯ ҳоҷатбарор.
Шармсорам кардаӣ дар назди халқони ҷаҳон,
Ту макун дар рӯзи маҳшар назди халқон шармсор.
Дар ҳаёту зиндагӣ, аммо надорам тӯшае,
Ваъдаи «ло тақнату» гуфтаст Худованди Кибор.
Номуносиб ҳаст гуфторам ба назди шоирон,
Дар сулуки шоирӣ созӣ ту дар рӯзи шумор.
Акрамо, бо талхкомӣ ин сухан сар кардаам,
Талхии назъам ширин гардон ба ҳаққи чор ёр.

## Идӣ

Фасли Наврӯз омадасту нест шодӣ дар дилам,
Ҷои шодӣ нест ин ҷо меҳнату ранҷу алам.
То тавонӣ бандагӣ кун, бандагӣ кун, бандагӣ,
Ҳар кӣ имонро саломат бурд, надорад ҳеҷ ғам.

# МУЛЛО МАҲМУД

**Мулло Маҳмуд ибни Абдумуқим сокини деҳаи Панӣ буда, дар ҳамон ҷо дар синни 63-солагӣ, дар солҳои 70-уми асри бист аз дунё гузаштааст.**

**Мулло Маҳмуд дар гуфтани шеър дасти тавоно дошта, бадоҳатан шеър мегуфтааст. Ашъори ӯро аз дафтарҳои имоми деҳаи Рашнаи Поён Мӯъминқул Ҳоҷиев ва ҳофизи хушовози деҳаи Падруд Эшони Маллабой навишта гирифтем. Ва ҳамчунин навиштаҳои Мулло Маҳмуд дар дафтарҳои сокинони деҳоти Рашна ба чашм мерасанд. Мулло Маҳмуд китоби «Мавлуди Набӣ»-ро аз туркӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст.**

## Ғазалиёт

Соҳиби «То ҳо»-ву «Ё син» шоҳи барно, марҳабо,
Ҳам шафеъулмузнибин, солори якто, марҳабо.
Сад муборак бодатат, эй ғунчаи боғи Халил,
Пешвои мурсалин, моҳи Сурайё, марҳабо.
Дӯстдори умматони гумраҳону нотавон,
Шаҳсавори арсаи «Инно фатаҳно», марҳабо.
Ояти фатҳу зафар пайваста шуд бо номи ту,
Пояи меърочро ҳастӣ ту танҳо, марҳабо.
Ҷабраилат дар рикобу шамъи ҳуснат пешрав,
Дӯстдори Қодиру шоҳи тавоно, марҳабо.
Эй, ки Ризвон аз ту пурсад бо киям додӣ бигӯ,
Боғбони гулшани фирдавси аъло, марҳабо.
Тоҷи шоҳӣ бар сарат тақдим шуд рӯзи азал,
Бо камарбанду буроқу қадди раъно, марҳабо.
Як назар кун аз карам бо Маҳмуди ғарқи гуноҳ,
Шофеъи ин гумраҳону шӯру ғавғо, марҳабо.

* * *

Омадӣ бар гулшани олам чароғон, марҳабо,
Гулбуни наврастаи он шоҳи қурбон, марҳабо.
Соҳиби тоҷу буроқу ҳам ливо донам туро,
Рӯзи маҳшар сарвару солори майдон, марҳабо.

Пешвои халқи олам, ҳарф нохонда зи илм,
Раҳнамои инсу ҷинну ҳукму фармон, марҳабо.
Ҳусну хулқу иззу қурбат ман ба Қуръон дидаам,
Олими сирри ниҳони баҳри султон, марҳабо.
Ҳам сифоти оразу ҳам нуктаи мӯю ду чашм,
Сарвари ҷумла расулон, тоҷи Фурқон, марҳабо.
Булбулон ҳам нуктаи файзи туро ошиқ шуданд,
Андалебони чаман доранд афғон, марҳабо.
Кавсару ҳурону ғилмон бо ту медоранд назар,
Ҷон фидоят, эй гули садбарги хандон, марҳабо.
Маҳмудам, аз он лаби шаккарфишон дорам умед,
Раҳм кун бар ҳоли ман, эй шамъи Раҳмон, марҳабо.

* * *

Чашмам ба ёди он парӣ хотир хуш аст нозро,
Мутриб, ба бонги арғунун дар ҷилва овар созро.
Аз ёди он чашмони ту як лаҳза ғофил нестам,
Эй дилбари гулгунқабо, ҷонам фидо он нозро.
Сарви хиромони манӣ, ҳам нури чашмони манӣ,
Гулдастаи ҷони манӣ, бинмо ба ман розро.
Мастонаам аз бӯи ту, девонаам аз рӯи ту,
Эй мутриби ширинnаво, сар кун Ироқӣ созро.
Чангу рубобу тору най, базмест аз Ҷамшеду Кай,
Ин ҷумлагӣ гӯям, ки ҳай чун булбулон овозро.
Эй соқии гулфоми ман, эй маҳваши худкоми ман,
Як қатра неҳ дар ҷоми ман, аз худ кунам дамсозро.
Шӯри тараб андар сарам, дод аз итоби дилбарам,
Аз ишваи лабшаккарам маҳшар кунад оғозро.
Маҳмуд, кунун шуд дардманд аз шавқи он моҳи баланд,
Кай оварам андар каманд бози баландпарвозро.

* * *

Эй булбули боғи Ирам, эй ёри ҷонон, марҳабо,
Лаъли лабат ширинсухан, эй моҳи тобон, марҳабо.
Ҷонам фидои чун туе, сарви наистони чаман,
Маҳвоваши нозукбадан, бӯи гулистон, марҳабо.
Ҳастӣ ҷавону мӯътабар, ҳам қомати раъно ба бар,
Дар ҷилва о, товуси нар, сардори хубон, марҳабо.
Чашмони шаҳло, маҳлиқо, қошони зебо, марҳабо,

Гулбарги раънопираҳан, садбарги хандон, марҳабо.
Гулғунчаи барно туӣ, чун лолаи саҳро туӣ,
Боақлу ҳам доно туӣ, шоҳи сухандон, марҳабо.
Ҳастӣ гули ноёб ту, донишвари ҳар боб ту,
Сарлашкари арбоб ту, лаъли Бадахшон, марҳабо.
* * *
Ҳамду лиллаҳ, сарви раъно лоларухсор омадаст,
Дар мақоми дилбарӣ сархайли аброр омадаст.
Васфи Субҳонаш бувад ҳам раҳматан лил-ъоламин,
Рӯзи маҳшар бо ливои сабзи Саттор омадаст.
Ғам чаро бояд, ки созад хотири уммат ҳазин,
Ҳам ба аввал, ҳам ба охир соҳиби кор омадаст.
Афзалини анбиёву хатми ҷамъи мурсалин,
Ваъдаи «ло тақнату» бар дасти Мухтор омадаст.
Шофеъи явм-ул-ҷазо, ҳам дастгири осиён,
Соҳиби ҷанноти адну ҷӯю анҳор омадаст.
Дорам уммеди шафоъат з-он шаҳи соҳибқирон,
Раҳм кун, эй Ҳошимӣ, Маҳмуд гунаҳгор омадаст.
* * *
Эй маҳи шаккарлабон, бингар, ки паймон созамат,
Аз вафои дигарон акнун пушаймон созамат.
Як сухан аз ман шунав, бар рӯи зебои гулат,
Ҷон диҳам бар оразат, сархайли хубон созамат.
Дар қабои дилбарӣ, бо рангу оини парӣ,
Омадӣ ҷилвакунон, ҷонро ба қурбон созамат.
Хуш нигори маҳвашӣ, аз ҷумла хубон дилкашӣ,
Тундиву зебо, саркашӣ, солори майдон созамат.
Эй парирӯ, ҷон фидои лаъли шаккарбори ту,
Ошиқи дилхастаам, яктои даврон созамат.
Эй рақиби сифла, охир чанд ошӯбӣ ба ман,
В-аз сифоти ёри худ сарсону ҳайрон созамат.
Гар ба аҳди дилбарон акнун намесозӣ вафо,
Аз хилофи ваъдаат, Маҳмуд, пушаймон созамат.
* * *
Азми қиёми охирин он шоҳи солораш кунад,
Он пайки Рабб-ул-ъоламин, к-аз хоб бедораш кунад.
Ҷонам фидои номи хуш, эй субҳ, секинтар биё,

Тарсам, ки таҳрики саҳар танро ба озораш кунад.
Андар миён бандад камар, тоҷи муҳиббонро ба сар,
Гардад равон бо симу зар, арзе ба бозораш кунад.
Юсуфваши ширинсухан, бӯи хушаш мушки Хутан,
Раънодаду гулпираҳан, сайре ба гулзораш кунад.
Қатли тамоми ошиқон, дар як назар созад баён,
Шӯри қиёмат дар миён чашмони хуммораш кунад.
Дар ҷилва ояд дар назар, пинҳон шавад шамсу қамар,
Сад ошиқи хунинҷигар қурбони рафтораш кунад.
Дар маҷлиси базму тараб, Маҳмуд набошад хушклаб,
Борони эҳсонаш талаб аз соҳиби кораш кунад.

* * *

Хироме ҷониби гулзор моҳи дилнишин овард,
Ғуломеро зи Канъон баҳри Миср соҳибнигин овард.
Ба ғорат бурду ҳам тороҷ кард оини пешинҳо,
Чу он ҷавлони Рустам бар сафи Хоқони Чин овард.
Чу он моҳи дилоро рӯ ба ҷавлонгоҳи хубон кард,
Ҳазорон Юсуфи мисрӣ кунун рӯ бар замин овард.
Фидои хоки поят ҷону ҷисму оламу одам,
Чунон сарве, ки сунъи рӯю мӯяш анбарин овард.
Ниёзи бедилон бингар, машав мағрури ҳусни хеш,
Суҷуди тоқи абрӯяш, ки маҳро бар замин овард.
Камоли новакаш дидам ба хуну хок ғалтидам,
Фиреби чашми ҷодуяш каманди сунбулин овард.
Ғариқи баҳри исёнӣ зи нодонӣ, ту эй Маҳмуд,
Аҷоиб гавҳари поке зи хони дил ҳазин овард.

* * *

Нури поки Холиқи арзу само хуш омадед,
Маҳрами рози ҳарими Кибриё хуш омадед.
Дар шаби меъроҷ в-аз баҳри шумо омад буроқ,
Қудсиёнро нури чашму тӯтиё хуш омадед.
Булбули гулзори ҷаннат, шоҳбози ломакон,
Бар ҷаҳони бевафо, нури Худо, хуш омадед.
Осиёнро рӯзи маҳшар муттако кардат Карим,
Моҳрӯи ояти «Шамсуз-зуҳо» хуш омадед.
Соҳиби ҷуду ато, ҳам хотами пайғамбарон,
Чашмаи оби ҳаё, кони сахо, хуш омадед.

Моҳи якто дар нубувват дигарон чун анҷуманд,
Ҳам имоми анбиёву пешво хуш омадед.
Аз туфайли мақдамат олам шуда боғи Ирам,
Соҳиби тоҷу буроқу ҳам ливо хуш омадед.
Андалеби гулшани фирдавс будӣ аз азал,
Боби ҷаннат номи ту, ё Аҳмадо, хуш омадед.
Аз камоли файзи ту олам шуда бозебу фар,
Осиёни мубталоро раҳнамо хуш омадед.
«Қоба кавсайно»-ву «ав адно» шаҳодат медиҳад,
Сирри «мо авҳо» туӣ, эй узрхо, хуш омадед.
Бо буроқат рафтӣ рокиб то мақоми Ҷабраил,
Меҳмони соҳиби ҳарду саро хуш омадед.
Рафрафат аз баҳри иззат гашт ҳозир он замон,
Ҳамчу гулбарги таре, эй узрхо, хуш омадед.
Осию ҳам рӯсияҳ Маҳмуд зи ту дорад умед,
Бо шафоъат рӯзи маҳшар, Сайидо, хуш омадед.

* * *

Ҷон фидои мақдамат, гулғунчаи садбарги тар,
Аз шуои оразат шарманда хуршеду қамар.
Шӯълаи шамъи рухат парвона созад инсу ҷин,
Аз фироқат нолаи меҳроб шуд самъу басар.
Эй гули боғи латофат, зуд рафтӣ аз чаман,
Ошиқонатро бувад қути накӯ хуни ҷигар.
Гавҳарам аз баҳри раҳмат садҳазорон буд беш,
Лек монанди ту асло кас набуд соҳибҳунар.
Шоҳиди наъти ту бошад ин хабар, ё Сайидо,
Раҳматан лилъоламин гуфто Худои додгар.
Эй маҳи наврастаи қурбони гулзори Халил,
Номи ту ширин бувад аз шаҳду шаккар дар саҳар.
Оразатро кай бувад монанд дар олам, Расул,
Балки дар пайдоиши ҳар ду ҷаҳон гаштӣ асар.
Офарин бар нақшбанди ҳокими рӯзи азал,
Инчунин сарве зи хоки тира меорад самар.
Эй, ки авсофи туро Халлоқ месозад баён,
Кай зи авлоди башар донад сари мӯе хабар.
Ҷилвагар дар чашми Маҳмуд ояти «Шамсуз-зуҳо»,
Оби чашми содиқон баҳрат бувад ҳамчун матар.

* * *

Чор ёрони ту, гӯё шамъу наҷми оламанд,
Аввалаш Сиддиқи Акбар, дуввумаш Одил Умар.
Саввумин Усмони Зиннурайни боҳилму виқор,
Шуд қабули даргаҳи Ҳақ, дошт Қуръоне ба бар.
Шаҳсавори арсаи қавли Паямбар «ло фато»,
Ҳайдари Дулдулсавору соҳиби теғи дусар.
Ӯст боби заҳрнӯшу ҳам Ҳусайни маҳҷабин,
Шуд шаҳиди Карбало бо ҳукми Ҷаббор аз қадар.
Боби Хайбар канд бо ангушт он шоҳи шуҷоъ,
«Ло фато илло Алӣ ло сайфа» ҳам теғаш нигар.

* * *

«То ҳо» ба тоҷи шоҳӣ, «Ё син» ба қадри пӯшок,
«Вал-лайл»-ро ба зулфат гуфтаст Холиқи пок.
Дар аҳди лоларӯён якто шукуфта шамсӣ,
Меъроҷ рафтӣ, эй шамъ, болотарини афлок.
Андар мақоми қурбат «Кавсайну қоб» омад,
Хонанд ошиқонат бо дидаҳои намнок.
Аз ҳурмати ту Раҳмон, дода хабар ба Қуръон,
В-аз рӯю мӯю чашмон, эй гавҳари шарафнок.
Васфат бувад ба Таврот, Инҷил гашта исбот,
Донам яқин азизӣ, сарви равону чолок.
Андар сифоти рӯят «Ваш-шамс» мекунад майл,
Бо хулқи аъзами ту Қуръон шуда тарабнок.
Бо ишваи ду чашмат «Мо зоғ» месароянд,
Ҳам ҳофизони Қуръон, ҳам булбулони бебок.
Бар сидқи синаи ту «Нашраҳ» алам фарозад,
«Иқра» қабули илмат, эй шоҳи равзаи пок.
Дорам умеди беҳад, эй шофеъи ду олам,
Раҳме намо ба уммат дар рӯзи шӯру ғамнок.
Бо файзи номи Раҳмон Маҳмуд кунад таваккул,
Бахшоишу карам кун, қудратнамои афлок.

* * *

Бошед шод, ёрон, тӯйи шумо муборак,
Шерони рӯзи майдон, тӯйи шумо муборак.
Гирду навоҳӣ чун гул, чун ҳалқаҳои сунбул,
Дар саҳни боғ булбул, тӯйи шумо муборак.

Дар рақсу бозӣ оед, роҳи тараб кушоед,
Хуш омадед, дароед, тӯйи шумо муборак.
Дастурхонҳо пури чиз, бо неъмати диловез,
Ангури ишваангез, тӯйи шумо муборак.
Оши палову шӯрбо, гулбарги чида зебо,
Чун наргисони шаҳло, тӯйи шумо муборак.
Чангу рубобу танбӯр, най мекунад чунон шӯр,
Оби ҳаёту ангур, тӯйи шумо муборак.

* * *

Ман фидои он лаби лаъли шакархоят шавам,
Маҳваши ширинсухан, хоки кафи поят шавам.
Аз адою нози он чашмон яке шодам бикун,
Дилбари нозукбадан, қурбони шаҳлоят шавам.
Ошиқи рӯи туро не боғу бӯстон орзуст,
Садқаи он оразу он рӯи зебоят шавам.
Дар такаллум зери лаб он ханда аз гул хуштар аст,
Ҷон диҳам бар хандаат, то зинда аз ҳоят шавам.
Аз таманнои висолат ҷон ба лаб наздик шуд,
Ҳамчу қурбонӣ барои қадди раъноят шавам.
Гулрухи боғи ҷаҳонӣ, комрони ҳарду кавн,
Ҷонфидо бар хоки пои он қадамҳоят шавам.
Аз сарат гардам, чунон рӯи накӯ бар моҳ нест,
Ман чу парвона фидо бар ҳарду зулфоят шавам.
Абрӯят моҳи каҷу шамъи рухат ховарсифат,
Дам ба дам девонасон бар васфи аълоят шавам.
Маҳмудо, ин орзу аз даргаҳи Қодир талаб,
Мурғи беболу парам, ҷонбози ғамҳоят шавам.

* * *

Ин замон, эй ҳамнишинон, сӯи бӯстон меравам,
Дилфигору синачокам, назди хубон меравам.
Гарчи хоҳам рафт ман андар миёни мушрикон,
Буда тақдири азал, бо ҳукми Субҳон меравам.
Ман гузар кардам зи молу мулки ин дори фано,
Даст бар сар ҳамчу Искандар ба сомон меравам.
Кай ҷаҳон дорад бақо бар подшоҳу бар гадо,
Ҷумлагӣ рафтанду ман ҳам бенавоён меравам.
Чашми ман н-ояд барои дидани рухсораам,

Рӯи ихвонро надида сӯи зиндон меравам.
Шод будан з-ин ҷаҳон ислоҳи номардон бувад,
Як сари танҳои худ мулки Сулаймон меравам.
Маҳмудо, мақсуди дилҳо худ супорем ёрро,
Ман ки ҷонозурдаам, ҳоли парешон меравам.

* * *

Тарзи оразат дилкаш, нуқтаи висол аст ин,
Сабзаи баҳорон аст, шӯълаи ҷамол аст ин.
Ар-ари гулистон аст, ё ки сарви бӯстон аст,
Рафти моҳи Канъон аст, қомати ниҳол аст ин.
Рӯю мӯи дилосо, ҳам рух инчунин зебо,
Ҳукми ҷаннати аъло, бо шумо камол аст ин.
Аз карам бикун ҳикмат, ҳастӣ соҳиби ҷаннат,
Шод созӣ аз раҳмат, ҳукми имтиҳон аст ин.
Ҳоли осиён бингар, Сайидо, туӣ раҳбар,
Раҳме бар мани музтар, зеби он ҷамол аст ин.
Булбуле ба Қуръонӣ, пешвои ёронӣ,
Ҳам башири Раҳмонӣ, ганҷи безавол аст ин.
Қодиро, карам фармо, уммати ҳабибатро,
Рӯзи пас макун расво, кори Зулҷалол аст ин.
Бо сафои рухсораш, ҷон фидои дидораш,
Хуш намуди рафтораш, Маҳмудо, хаёл аст ин.

* * *

Ҳарифо, моҳи ман сарви гулистонро тамошо кун,
Хиромон ҷилваи товуси Канъонро тамошо кун.
Ду рух чун шамъи кофурӣ сафои дилбарӣ дорад,
Лаби лаъли гуҳарбори Бадахшонро тамошо кун.
Миён чун сарву мӯ борик, ду зулфаш чун шаби торик,
Ба юсуфталъати ширинзанахдонро тамошо кун.
Биҳишти адн бар рӯяш баробар гуфтаам шояд,
Камони абрӯву гулбарги хандонро тамошо кун.
Ду чашми шӯхи бино офати ҷон аст ошиқро,
Гули наврастаи фирдавсу ризвонро тамошо кун.
Дамида гирди лола мушки шабранги хутанбӯяш,
Баёзи гардану ҷавлони ҷононро тамошо кун.
Ба рафтору сару пояш ҳазорон ҷон фидо бодо,
Аҷоиб моҳи ман, моҳи азизонро тамошо кун.

Чунон лайливаши ширинрухи зебо надида кас,
Сухангӯ, маҳрамо, ёро, ту эҳсонро тамошо кун.
Аҷоиб сурате Халлоқи акбар кард таҳрираш,
Муқимо, фазли зоти поки Яздонро тамошо кун.

* * *

Омадам баҳри тамошои гули рухсори ту,
Сад ҳазорон ҷон фидои он қаду рафтори ту.
Як нигоҳи марҳамат бошад ба ман файзи азим,
Гӯшаи чашме намо, ман толиби дидори ту.
Заъфаронӣ ранги ман аз дурии рӯи гулат,
Боби ҳиммат баркушо, бинам яке гулзори ту.
Оҷизу бечораро шоҳон намоянд илтифот,
Ман гадои даргаҳат аз ҷумлаи мухтори ту.
Булбули гулзори султонӣ, наво кун баҳри ман,
Булбулон андар хиҷолат аз навои зори ту.
Ошиқонро кай бувад ороми ҷон бе ёди ту,
Балки ороми ҳама олам бувад дидори ту.
Равзаи ҷаннат набошад ҳамчу хоки пои ту,
Асли ҷаннат заррае аз мушки гавҳарбори ту.
Сулсули зулфат намуда ҷумла ошиқро ба банд,
Беҳтар аз мушки Хутан он мӯи анбарбори ту.
Аз намуди оразу авсофи Қуръон шуд аён,
Ҳам шафоъат кардани уммат бувад кирдори ту.
Маҳмудам, бо ин табоҳӣ аз карам дорам умед,
Аз карам бодо Худованди ҷаҳон ҳам ёри ту.

* * *

Сарви гулистон чаро лолаъузор омада,
Ҷони асирон ба каф масту хумор омада.
Зулфи парешони ту, оразн тобони ту,
Лаъли Бадахшони ту ғунчашумор омада.
Булбули хушхону маст, ханҷари новак ба даст,
Маст зи ҷоми аласт ошиқи зор омада.
Нолаву афғон кунам, ҷон ба ту қурбон кунам,
Шукр ба Субҳон кунам, ёр дучор омада.
Рашк барад боғи ҷон, з-он рухи юсуфнишон,
Пай набарад инсу ҷон, фасли баҳор омада.
Маҳмуди бедил, шунав, ҷон ба рухаш кун гарав,

Ин гули бишкуфта, нав соҳиби кор омада.

*    *    *

Тоҷ бар фарқи шаҳи солори барно кошкӣ,
Ҳуллае андар бари он қадди раъно кошкӣ.
Соҳиби меҳробу минбар, ҳам сафои ҳарду кавн,
Дастгири осиёни бемудово кошкӣ.
Муждаи эъробҳо овард Ҷибрили Амин,
Мешунидам ваъдаи «инно фатаҳно» кошкӣ.
Ҷон фидоят соҳиби асрори Фурқони азим,
То ки медидам рухи маҳбуби аъло кошкӣ.
Дар миёни дилбарон мислат надида чашми ман,
Сарбаланду пешво, моҳи дилоро, кошкӣ.
Рӯзи маҳшар ҳар гурӯҳе сӯи ту доранд чашм,
Ҳамнишини сураи «Ё син»-у «То ҳо» кошкӣ.
Хозини ҷаннат туӣ бо ҳукми Қуръони маҷид,
Назди Ҷибрилу ҷаҳон, эй моҳи воло, кошкӣ.
Зикри «мо зоғал-басар» Саттор мехоҳад зи ту,
Андалеби гулшани «фатҳан карибо» кошкӣ.
Он Абӯбакри тақию Умари бо адлу дод,
Чашмаи ҳилму ҳаё Усмони доно кошкӣ.
Ҳайдари Дулдулнишину соҳиби теғи дудам,
Зубдаи оли убо Заҳрои зебо кошкӣ.
Моҳрӯю дилрабо эшон шубони ҷаннатанд,
Ҷоми заҳрро нӯш карда дурри якто кошкӣ.
Ғарқ дар хун шуд гули навраста он сайид Ҳусайн,
Он зиёи нури раҳмат, шоҳи якто кошкӣ.
Эй ба ҳаққи ҷумлаи маҳбуби шоҳи Зулҷалол,
Як нигоҳе кун сӯи Маҳмуди расво кошкӣ.

*    *    *

Сарвари авлоди Одам омадӣ, хуш омадӣ,
Рӯшноии ду олам омадӣ, хуш омадӣ.
Шаҳсавори мулки дину раҳнамои умматон,
Анбиёро ҷумла хотам омадӣ, хуш омадӣ.
Сабзаи гулзори ҷаннат, боғбони ҳар ду кавн,
Эй гули сероби шабнам омадӣ, хуш омадӣ.
Аз зиёи оразат хуршед бошад ҳам қамар,
Аҳсани «Нун вал-қалам» ҳам омадӣ, хуш омадӣ.

Рӯзи маҳшар аз рухат бошад шафоъат ошкор,
Ваъдаи «хайр-ул-умам» ҳам омадӣ, хуш омадӣ.
Дастгири осиён бо изни Ғаффор аз азал,
Бо расулон ҳамчу шабнам омадӣ, хуш омадӣ.
Анбиё баҳри қудумат муждабахшӣ омаданд,
Ҷумларо бурҳону хотам омадӣ, хуш омадӣ.
Рӯзу шаб зикри рухат тоот бошад бар малак,
Қиблаи ҳоҷоти олам омадӣ, хуш омадӣ.
Мотами кулли набӣ в-аз баҳри фарзандони ту,
Гавҳари имони Одам омадӣ, хуш омадӣ.
Дар шафоъат баҳри кони Воҳиди Раҳмон туӣ,
Фотеҳи боб-ул-адам ҳам омадӣ, хуш омадӣ.
Хоки поят тӯтиёи чашми Маҳмуд гар шавад,
Ҷон фидоят, хайра мақдам, омадӣ, хуш омадӣ.

* * *

Эй гули боғи рисолат, омадӣ, хуш омадӣ,
Сарвари мулки адолат, омадӣ, хуш омадӣ.
Дурри дарёи мурувват, шоҳиди олисифат,
Булбули гулзори ҷаннат, омадӣ, хуш омадӣ.
Ояти «ло тақнату» бо ин сухан бошад далел,
Ғунчаи оёти раҳмат омадӣ, хуш омадӣ.
Дурри дарёи ҳақиқат, ғунчаи боғи Халил,
Котиби аркони миллат омадӣ, хуш омадӣ.
Сураи «То ҳо»-ву «Ё син» ҳаст бо ахбори ту,
Мояи тоҷи каромат омадӣ, хуш омадӣ.
Партави рӯи туро «Ваш-шамс» месозад аён,
Дӯстдори ҷамъи уммат омадӣ, хуш омадӣ.
Гесӯят «Вал-лайл»-у чашмони ту «Мо зоғ-ал-басар»,
Гавҳари дарёи раҳмат омадӣ, хуш омадӣ.
Ишваи абрӯи ту дар сураи «Нун вал-қалам»,
Шаҳсавори боби ҳиммат омадӣ, хуш омадӣ.

* * *

Марҳабо, эй моҳи хубон, хона меҳмон омадӣ,
Ҷон фидои мақдамат, хуршеди тобон омадӣ.
Ғунчаи лаълат бувад зебову раъно ҳамчу гул,
Лӯъбати ширинкалом, ошӯби даврон омадӣ.
Орази чун шамси ӯ дидам ба чашми худ аён,

Сарвқад, симинбадан, солори майдон омадӣ.
Норпистон, дур(р)дандон, лаъли лаб оби ҳаёт,
Дар мақоми дилбарӣ товуси Канъон омадӣ.
Чашм чун бодоми тар, абрӯи зебо чун қамар,
Бо ҳаёву шарм чун садбарги хандон омадӣ.

## Ғазале барои Ҳоҷии Рашнагӣ

Саломат мерасонам, ёри ҷонӣ,
Бибояд қадри ин девона донӣ.
Надорӣ ҳамдаме дар даҳр имрӯз,
Шабу рӯзаш ба олам қиссахонӣ.
На кас воқиф зи ҳоли ин ғариб аст,
Чу Маҷнун хотираш ранҷида донӣ.
Сир(р)и худро намегӯяд ба инсон,
Бувад завқаш ба ёри меҳрубоне.
Бувад доғи даруни синаи ӯ,
Ба олам нест ӯро комронӣ.
Аё Ҳоҷӣ, ҳамеша ҷовидон бош,
Сухан дар пеши ҳар нокас махонӣ.

## Мухаммас бар ғазали Камолии Рашнагӣ

Ба хоби хештан дидам, ман он рухсори ёр имшаб,
Мисоли шамъ метобид хуррам лолазор имшаб,
Чу бишкуфта гули гулшан дар айёми баҳор имшаб,
«Дилороме, ки кардам бо ту ман гуфтугузор имшаб,
Фурӯғи оразат бирбуд аз ҷонам қарор имшаб».

Бар авсофи ҷамолат сураи «Ваш-шамс» шуд нозил,
Шавад ҷонам фидоят булбули гулзори Исмоил,
Ҷабинфарсо шудам бар хоки пои шоҳи дарёдил,
«Зи бахти хеш бархӯрдам, висолат шуд маро ҳосил,
Гирифтам моҳи рухсори туро андар канор имшаб».

Гули боғи рисолат, соҷиди Ҳақ аз сарат гардам,
Сафои «Ё син»-у «То ҳо» ба рӯи дилкашат гардам,
Туӣ хатми расулон, кун ато хоки раҳат гардам,

«Дил аз каф додам, эй дилбар, дар ин базм аз сарат гардам,
Бидеҳ ҷом аз майи лаълат, ки ҳастам дар хумор имшаб».

Зи ишқат масту махмурам, аё эй дилбари ҷонон,
Тавалло мекунам бар ту, аё эй шоҳи махмурон,
Зи бедоди рухат кардам гузар аз ҷони худ чандон,
«Ба ошиқ гар чунин бошад, шавам бар шаҳри маъшуқон,
Хиромон шав, ки дар поят кунам ҷонро нисор имшаб».

Ба сони ғунча метобам, чаро ағёр ҳамдам нест,
Рухи зебои ҷонон дидаам ин ҷои мотам нест,
Зи Маҷнун гар хабар дорӣ, ҳавои сайри ӯ кам нест,
«Сипанди миҷмари ишқам, қарору сабр дар ман нест,
Надонам чун кунам, ёрон, зи дарди беқарор имшаб».

Харобам кард ин дам орази зебои рангинаш,
Сутуда Ҳақ таъоло ҳарду чашми ҷодуоинаш,
Табассум мекунад он лаъл андар гулшани динаш,
«Гирифтор аст мурғи дил ба доми зулфи мушкинаш,
Қарору сабр шуд аз ман, надорам ихтиёр имшаб».

Зи ошӯби ҷамолат булбули масте ба гулзорам,
Зи шавқи оразат чун Маҳмуди дилхаста афгорам,
Такаллум карданатро ман ба ҷону дил харидорам,
«Камолӣ, новаки шавқаш ба реши ин дили зорам,
Ки аз рӯзи азал будаст, акнун кард кор имшаб».

## Мухаммас бар ғазали Камоли Хуҷандӣ

Аз сафои он гуле рӯи туам омад ба ёд,
Сурма дидам, холи ҳиндуи туам омад ба ёд,
Нуктае з-он лаъли хушгӯи туам омад ба ёд,
«Номи маҳ бурдам шабе, рӯи туам омад ба ёд,
Дар дили шаб ҳалқаи мӯи туам омад ба ёд».

Кай шавад бинам, ки ё Раб, ман гули гулзори ту,
Бишнавам ҳарфи вафо з-он лаъли гавҳарбори ту,
Ҳамчу Юсуф гашт ин дам арзиши бозори ту,

«Дар намози ишқ пеши қиблаи рухсори ту,
Сураи «Нун» хондам, абрӯи туам омад ба ёд».

Дод аз дасти қазо, кард толеъи ошиқ забун,
Қайс бар девонагӣ, Фарҳод кӯҳи Бесутун,
Оҳи пурдарде зи чоки сина меояд бурун,
«Ашкро дидам ба сар ғалтон миёни хоку хун,
Куштагони чашми ҷодӯи туам омад ба ёд».

Қомататро ишқ меварзам ман аз ҷоми аласт,
Дар мақоми дилбарӣ раънотарӣ аз ҳар чӣ ҳаст,
Аз каманди ишқи ту як тан ба олам чун нараст,
«Мешунидам зикри Тӯбо гаҳ баланду гоҳ паст,
Эътидоли қадди дилҷӯи туам омад ба ёд».

Кӯи ту беҳтар бувад аз боғу бӯстони биҳишт,
Хубтар дорам туро аз ҳуру ғилмони биҳишт,
Эй туӣ, ширинтар аз мурғи хушилҳони биҳишт,
«Зоҳиде мекард рӯзе васфи ризвони биҳишт,
Аз муқимони сари кӯи туам омад ба ёд».

Офарин бар донишу табъи чунин нозукхаёл,
Ин шакаррезӣ, ки карда он шаҳи соҳибҷамол,
Бар каломи дилкашаш Маҳмуд намуда имтисол,
«Мекушудам ҳам гул авроқи девони Камол,
Бӯи ҷон омад, аз он бӯи туам омад ба ёд».

## Мухаммас бар ғазали Ҷомӣ

Вафои ваъдаи васлат ба поён мекунӣ, ё не?
Дари бозе ба сӯи ҷумла ёрон мекунӣ, ё не?
Каримиҳои аълоят намоён мекунӣ, ё не?
«Нигоҳе ҷониби мо хоксорон мекунӣ, ё не?
Ба раҳмат илтифоте бо асирон мекунӣ, ё не?»

Ҷудоӣ дӯстро аз дӯстон созид тар дида,
Ҳусайни ташналаб зулму ҷафои Карбало дида,
Ба тақдири азал Айюби собир гашт нолида,

«Чу Яъқубам зи гиря сарнагун шуд хонаи дида,
Худоё, Юсуфи моро ба Канъон мекунӣ, ё не?»

Мақомоти ҷаҳон пасту баланди якдигар дорад,
Ҷамолат ҳар замон бо аҳли солим шӯру шар дорад,
Сафои оразат ушшоқро хуни ҷигар дорад,
«Нигоҳе мекунӣ аз ҳар нигоҳат ашк меборад,
Нигоҳе ҷониби ду чашми ҳайрон мекунӣ, ё не?»

Дили ҳар бандаро аз файзи Раҳмон мекунӣ равшан,
Ҳама гулғунчаҳои боғу бӯстон мекунӣ равшан,
Кафи хоки сияҳ бо рӯҳу бо ҷон мекунӣ равшан,
«Шаби торикро бо моҳи тобон мекунӣ равшан,
Даруни қабри торикам чароғон мекунӣ, ё не?»

Яке шармандаву гумроҳу нодони ту мебошам,
Ҳамеша ғарраи алтофу эҳсони ту мебошам,
Умедвор аз Кариму номи Раҳмони ту мебошам,
«Шаби аввал, ки ман дар гӯр меҳмони ту мебошам,
Шаҳо, инъому эҳсонат ба меҳмон мекунӣ, ё не?»

Ба амри подшоҳи безаволам ду малак ояд,
Барои пурсиши ҳоли муҳолам ду малак ояд,
Барои неку бадҳои аъмолам ду малак ояд,
«Накиру Мункар аз баҳри саволам ду малак ояд,
Забонам дар ҷавобаш «Раббӣ»-гӯён мекунӣ, ё не»?

Мадад дорам талаб аз рӯҳи поки Ҳазрати Ҷомӣ,
Агарчи ман гунаҳгорам, валекин Маҳмудам номӣ,
Ба раҳмат баркушо мушкил, ки ту он Ҳайи алломӣ,
«Кадомин дарду меҳнатро кунам ёдоварӣ, Ҷомӣ,
Ту осон мушкили мо мустамандон мекунӣ, ё не?»

## Мухаммас

Заҳри нокомӣ ба коми модарон андохтӣ,
Ғунчаи боғи маро андар хазон андохтӣ,
Офати сахте ба ҷони нотавон андохтӣ,

Зулму бедоде ба ҷони кӯдакон андохтӣ,
Модари дилхастаро андар фиғон андохтӣ.

Сад ҳазорон доду фарёде, ки аз дасти аҷал,
Ин ҷигарбанди маро фармуд марги бемаҳал,
Шуд насиби қисматаш ғамбода аз рӯзи азал,
Беризои Ҳақ набошад тори мӯеро халал,
Гӯиё тире ба ман баҳри зиён андохтӣ.

Булбули шӯридаам дар орзуи гул мудом,
Ман чунон бо заъфи тан андар ғамат ҳар субҳу шом,
Бо дили садпора ман ҳар дам туро гӯям салом,
Аз чӣ рӯ, эй моҳи ман, зери лаҳад кардӣ мақом,
Бо ман, эй шаҳлонигаҳ, танҳо макон андохтӣ.

Духтари гулдастаи зебои гулзорам, балам,
Эй гули нашкуфтаи ҳам боғу гулзорам, балам,
Бе рухат тоқат чӣ сон орам, ки ночорам, балам,
Бо ҳазорон ҳасрату дардат гирифторам, балам,
Рӯзи мотам бар сари пиру ҷавон андохтӣ.

Як насиҳат, модаро, акнун зи Маҳмуд бишнавед,
Сабр созед, аҷр хоҳед дид, Ҳақ карда навид,
Ҳар кӣ розӣ гашт бо фармони Ҳақ, бошад саъид,
Дар ҷаҳони бевафо ҳаргиз намонад кас баъид,
Дод аз дасти аҷал, зулме ба ҷон андохтӣ.

## Мухаммас бар ғазали Шамси Табрезӣ

Ҳимматлақаб, Булқосимо, асрори Субҳон омадӣ,
Ҷонам фидоят, Аҳмадо, файзи гулистон омадӣ,
Солори дашти моҷаро, шофеъи халқон омадӣ,
«Эй дастаи гул, марҳабо, бо бӯи Раҳмон омадӣ,
Ҷони ҳама олам туӣ, к-аз олами ҷон омадӣ».

Карда Худовандат барӣ, аз маъсият, эй муштарӣ,
Рафтори ту кабки дарӣ, андар ҳарам ҷилвагарӣ,
Ҳамчун гули бечодарӣ, бар анбиё ту сарварӣ,

«Карда Халилат чокарӣ, Мӯсо ба ҷон фармонбарӣ,
Дар даъвии пайғамбарӣ маҳбуби Яздон омадӣ».

Ҷибрил муштоқи дарат таслим мекард аз барат,
Ҳар кас ки мебинад рухат, парвонаи гирди сарат,
Эй шаккари лаъли лабат, бинам табассум карданат,
«Мӯсо ғуломи даргаҳат, Исо мубашшир дар раҳат,
Рафраф шуда ҷавлонгаҳат, то ту ба майдон омадӣ».

«То ҳо» лақаб, эй гулбадан, олинасаб, эй симтан,
Фахри Араб, эй моҳи ман, бӯи хушат мушки Хутан,
Чун ғунча аз гул пираҳан бикшой бар уммат даҳан,
«Оташ ба Иброҳим чаман, булбул шуд он ҷо наъразан,
Баҳрат гули боғи Адан, то ту ба майдон омадӣ».

Аз назди Ҳақ меҳмонӣ ту, сад лутфҳо бар хони ту,
Дар шаръ ҳам имони ту, ҳам ҷони ман қурбони ту,
Эй зокири Раҳмонӣ ту, ҳам соҳиби Фурқонӣ ту,
«Он хасми нофармони ту зад санг бар дандони ту,
Бар он лаби хандони ту, бо хуни дандон омадӣ».

Эй моҳрӯи «Ваз-зуҳо», «Вал-лайл» ба гесӯят гуво,
Ман осию ҳам рӯсиёҳ, ту раҳм бар ҳолам намо,
Ҷонро фидо кун, Маҳмудо, бар пешвои муқтадо,
«Эй шоҳи шамсиддинлиқо, хуш гӯй наъти Мустафо,
Зеро дар ин бӯстонсаро мурғи хушилҳон омадӣ».

## Муноҷоти Мулло Маҳмуд

Эй ба ҳаққи Одаму ҳам ашки Нӯҳ,
Мушкилотам аз карам созӣ футӯҳ.
Эй ба ҳаққи оташаш гулзор шуд,
Қути кирмон Айюби солор шуд.
Эй ба ҳаққи ҷои қурбони Халил,
Ҳам ба Исмоилу он сабри ҷамил.
Эй ба ҳаққи гиряи Яъқуби пир,
Аз карам бозаш намудӣ дастгир.
Эй ба ҳаққи Мисри пурғавғои ту,

Эй ба ҳаққи ҷӯшиши савдои ту.
Эй ба ҳаққи соҳиби Тавроту Тур,
Эй ба ҳаққи бепадар гашта зуҳур.
Ҳам Сулаймони туро орам шафеъ,
Рутбаи тахташ намудӣ ту рафеъ.
Эй ба ҳаққи оравзи Яҳё чу ҷӯй,
Осиям, ё Раб, маро худ банда гӯй.
Эй ба ҳаққи хатми ҷумла анбиё,
Обрӯи ҳар ду олам Мустафо.
Ман шафеъ орам ба даргоҳат, Аҳад,
Нолаи Довуду дарди беадад.
Эй ба ҳаққи арра бар сар дод ҷон,
Зикриё дар роҳи поки ломакон.
Эй ба ҳаққи ҷон ҳазор аз баҳри ту,
Дод Ҷирҷису нашуд ҳаргиз ғамӯ.
Эй ба ҳаққи бандаат аз шавқи оҳ,
Ҳашт ҷаннатро бубахшӣ ҷойгоҳ.
Ҳам ба ҳаққи Хизру Илёсат, Карим,
Ҳам ба ҳаққи ҷумлаи хосат, Раҳим.
Ҳам ба ҳаққи Ҳазрати Рӯҳ-ул-амин,
Бар ҳама аҳли малак ӯ шуд нигин.
Ҳам ба ҳаққи Каъбаву ҳам равзааш,
Ҳам ба меҳробу ба ҳаққи ҷилвааш.
Эй ба ҳаққи ҷумлаи пайғамбарон,
Ҳам ба ҳаққи обрӯи мурсалон.
Эй ба ҳаққи сидқи Бӯбакру Умар,
Ҳам ба Усмону Алии мӯътабар.
Эй ба ҳаққи рангу рухсори Алӣ,
Эй ба ҳаққи чашми хунбори Алӣ.
Эй ба ҳаққи мояи ҷамъи ҳудо,
Ҷонишини Мустафову Муртазо.
Эй ба ҳаққи батни гулзори Ҳасан,
Ҳукми Ҳақ шуд захр дар кори Ҳасан.
Эй ба ҳаққи розии ҷамъи бало,
Сарвари ҷумла шаҳиди Карбало.
Эй ба ҳаққи беалам дар Карбало,
Сӯи майдон рафт бар ҳукми қазо.

Эй ба ҳаққи чашми шаҳлои Ҳусайн,
Эй ба ҳаққи сарви яктои Ҳусайн.
Эй ба ҳаққи дурри баҳри Фотима,
Нури чашми одаму олам ҳама.
Ҳам ба ҳаққи ҷумлаи ҳиҷратгарон,
Ҳам ба ҳаққи ҳурмати ансориён.
Ҳам ба ҳаққи зикри асҳоби Расул,
Ҳам ба азвоҷу ба аҳбоби Расул.
Эй ба ҳаққи шавқу завқи ошиқон,
Ҳам ба ҳаққи сӯзу сози содиқон.
Эй ба ҳаққи шаб ба чашми ашкбор,
Дидаҳо сӯи ту мебошад дучор.
Эй ба ҳаққи ноласозон дар саҳар,
Эй ба ҳаққи мӯъминони бохабар.
Эй ба ҳаққи тавбасозон аз гуноҳ,
Аз сари лутфу карам орӣ ба роҳ.
Эй ба ҳаққи оби чашми осиён,
Аз барои ҷурм месозанд фиғон.
Ман гунаҳгорам, бубахшо, ё Карим,
Номи поки туст Раҳмону Раҳим.
Кун нигоҳи марҳамат бар сӯи ман,
Ҳам ба сӯи ҷумлаи ин анҷуман.
Бахш, ё Раб, ҷумлаи ин ҳозирон,
Аз карам бо Маҳмудам файзе расон.

# МУЛЛО ТОҶИҚУЛИ ПАДРӮДӢ

**Мулло Тоҷиқул ибни Кенҷабой соли 1918 дар деҳаи Падрӯд чашм бар олами ҳастӣ кушодааст. Ӯ дар фаҳмидану дарки маънии шеър моҳир буда, соҳиби китобҳои зиёде буд. Мулло Тоҷиқул пайваста дар мутолиъаи осори ниёгон ва алалхусус ба қироъати «Шоҳнома»-и Абулқосими Фирдавсӣ шуғл меварзид. Мулло Тоҷиқул соли 1993 дар шаҳри Панҷакет дунёи фониро падруд гуфтааст.**

## Марсияи Мулло Тоҷиқули Падрӯдӣ бар марги Рустами Раззоқбердӣ

Бародар маро буд яке арҷманд,
Варо исм Рустам, ки номе баланд.
Зи кори накӯяш биёрем ёд,
Дили дӯстонаш бисозем шод.
Ба ҳайбат чу шеру ба қад чун чанор,
Чу кофур ришу рухе чун баҳор.
На мӯҳтоҷи кас буду тарсаш зи кас,
Ба чашмаш набуд душманаш ҳамчу хас.
Чӣ машҳур буданду ҳам ҷӯрабоз,
Бузургону некону меҳмоннавоз.
Ҳамесохтандӣ зи бероҳа роҳ,
Ба сӯи мазороту ҳам хонақоҳ.
Рама буд якчанду аспон гала,
Ба лайлоқу саҳрои доим яла.
Ҳам аз хону аз моли ӯ баҳраманд,
Буданд он касон ақрабу дилписанд.
Пиёда набуд ҳеҷ аз рӯзгор,
Ба аспони тозанда доим савор.
Зи тӯю азо гар хабар ёфтӣ,
Ба он анҷуман зуд биштофтӣ.
Писар чанд мондӣ аз он сарфароз,
Чӣ хубанду некӯю бо фарру ноз.
Зи алтофи Халлоқи лайлу наҳор,

Гузашт умрашон чун гулу лолазор.
Чу бигзашт аз маргашон низ сол,
Нарафт қадду болои ӯ аз хаёл.
Пур аз нур бодо мар ӯро лаҳад,
Биёмурзад ӯро Худои Аҳад.
Ба марг навбатам буду ӯ рафт пеш,
Аз он пеш рафтан дилам кард реш.
Ҷаҳонро бувад бевафоӣ чунин,
Ба ғам чанд бошӣ, ту эй Тоҷидин.

## Дар васфи масҷиди Усто Султон

Масоҷиди Султон чу гул дар назар,
Агар бингарӣ сақфу девору дар.
На аз рангу бор аст ҳусни накӯ,
Ба масҷид Худо додааст зебу фар.
Зи алтофи Ҳақ баста дар боз шуд,
Намуд зинда Бурҳон номи падар.
Бар ин ҷумла бод раҳмату мағфират,
Бидоданд ёрӣ ба шому саҳар.
Гузашт ёздаҳу чорсаду якҳазор,
Ту таърихи ҳиҷрӣ шуморӣ агар.

# ЭСАНИ ПАДРӮДӢ

**Эсанқул ибни Кенҷабой соли 1925 дар деҳаи Падрӯд чашм бар олами ҳастӣ кушодааст. Эсани Падрӯдӣ соли 2008 дар шаҳри Панҷакет дунёи фониро падруд гуфтааст.**

## Ғазал

Нигар, ошиқ, ба рухсораш гулистонро тамошо кун,
Баҳори сабзаву садбаргу райҳонро тамошо кун.
Дилат хоҳад тамошои қади шамшоду тӯбиро,
Биё, рафтори товуси хиромонро тамошо кун.
Дами боди сабо ногаҳ парешон кард гесӯяш,
Насими ҷонфизои зулфи печонро тамошо кун.
Агар ёрам назар созад ба ғамза ҷониби ошиқ,
Нигоҳи дилрабои чашми фаттонро тамошо кун.
Табассум гар кунад ногаҳ ба сӯи ошиқи бедил,
Тулӯъи субҳи марвориди рахшонро тамошо кун.
Ба боғи ҳусни ӯ бингар, ҳазорон меваҳо дорад,
Анору пиставу бодому лимонро тамошо кун.
Зи ҷо бархезад он дилбар ба қадди сарви дилҷӯяш,
Фурӯғи оразу чоҳи занахдонро тамошо кун.
Агар меҳмон шавӣ рӯзе, ту Эсан, бар сари кӯяш,
Гули рухсори зебои шукуфонро тамошо кун.

## Мухаммаси Мухлис[1]

Сифоти ҳамди беҳад ҳақ бар зоти қадими ӯст,
Каломи аввали ҳарфаш «алиф»-у «лом»-у «мим»-и ӯст,
Барои аҳли мункар сӯзиши нори ҷаҳими ӯст,
Мукофоти накӯён ҷаннату боғу наъими ӯст,
Шифои аҳли мӯъмин номи Раҳмону Раҳими ӯст.

Қаламро изн шуд аз Ҳақ намо туғрои бисмиллоҳ,
Ҳазорон сол бинвишту нашуд имлои бисмиллоҳ,

---

[1] **Ин мухаммаси Мухлисро Эсани Падрӯдӣ аз забони туркӣ тарҷума кардааст.**

Худовандӣ ба яди худ навиштӣ «бо»-и бисмиллоҳ,
Ба дилҳои ҳама мӯъмин бишуд маъвои бисмиллоҳ,
Шифои аҳли мӯъмин номи Раҳмону Раҳими ӯст.

Навишта буд хат ҳафтод ҳазор сол пеш аз Одам,
На арзу на само буду нишон з-ин ҷумлаи олам,
Ҳакими Ламязал бар мо насиб бинмуд ин маҳрам,
Касе донист ин хатро раҳо гардид зи дӯзах ҳам.
Шифои аҳли мӯъмин номи Раҳмону Раҳими ӯст.

Сано бар зоти барҳақ, ки надорад ҳеҷ ҳамтое,
Алиму Олиму Халлоқ зи доноён ту доное,
Ба некону бадон неъмат ато кардӣ чу дарёе,
Раҳими номи ту бар мӯъминон бахшид уқбое,
Шифои аҳли мӯъмин номи Раҳмону Раҳими ӯст.

Биҳамдиллаҳ, ба ҷумла мӯъминон хатти каломи ӯст,
Надониста касе ҳар коркарди нотамоми ӯст,
Бидонист хатти ӯ ҳар қавм, гӯё ки имоми ӯст,
Калиди ҳафт дари даровозаи доруссаломи ӯст,
Шифои аҳли мӯъмин номи Раҳмону Раҳими ӯст.

Илоҳӣ, дар ду олам дар ҳисоби бандагон бошам,
Бад-ин шармандагию гандагӣ аз растагон бошам,
Ба рӯзи шиддати гармои маҳшар дар амон бошам,
Умедам Мухлиси оҷиз қатори мӯъминон бошам,
Шифои аҳли мӯъмин номи Раҳмону Раҳими ӯст.

# УСТО ТОШБЕК

**Усто Тошбек ибни Эшмурод соли 1928 дар деҳаи Рашнаи Поён таваллуд шуда, соли 2007 дар шаҳри Панҷакент вафот ёфтааст. Аз ашъори Усто Тошбек ин ду ғазал ба мо дастрас шуд.**

## Ду ғазал

Чашми он дорам, ки то хуршеди тобон бинамат,
Дар самои олӣ иқболи намоён бинамат.
Эй муҳибби дӯстону ҳамдиёру ҳамнишин,
Шоду хуррам дар миёни ҳамнишинон бинамат.
Дар баҳори навҷавонӣ ғунчаи бахтат мудом,
Сар ба сар бишкуфта дар байни гулистон бинамат.
Дар фазои сабзиши иқбол аз боғи ҷаҳон,
Ҳамчу ранги равнақи фасли баҳорон бинамат.
Нахли умрат сабз гардад дар баҳори офият,
Навниҳоли пурсамар дар боғи даврон бинамат.
Гулшани бахту саодат буд ҷавлонгоҳи ту,
Бахту давлат ёр, аз неъмат фаровон бинамат.
Шаш ҷиҳат пурбор гардад аз талаттуфгоҳи ту,
Ахтари авҷу камоли лутфу эҳсон бинамат.
Бар вафо гар устуворӣ, Тошбекро ёд кун,
То ба расми дӯстон дар аҳду паймон бинамат.

* * *

Гул карда боғи ҳуснат, эй дилрабо, муборак,
Як бӯстон латофат нашъунамо муборак.
Дар бӯстони хубӣ ҳамчун ту нозанине,
Хуршедрӯ, шакарлаб, ширинадо муборак.
Тарҳи рухи ту зебо, эй нозанини барно,
Тарҳи рухи гулатро ҳусну сафо муборак.
Он рӯи тоза чун гул, гесӯи мушку сунбул,
Қадди баланду боло, гулгунқабо, муборак.
Аз ҷилваи ҷамолат, эй шӯхи зӯҳрасимо,
Хуршеду маҳ хиҷолат андар само, муборак.

Бемори ҳаҷру ғамро ҳангоми бӯсу оғӯш,
Нӯши лабони лаълат оби шифо муборак.
Овард бар қиёмат шамшери нози хунрез,
Бар ҷони мо кашидӣ теғи ҷафо муборак.
Хуш он ки эй дилоро, бар мо тараҳҳум орӣ,
То гӯямат: нигоро, ин эътино муборак.
Гӯянд гулпарастон бо Тошбеки шайдо,
К:-эй булбули хушилҳон, шӯру наво муборак!

# МУЛЛО НОРҚУЛ

**Мулло Норқул ибни Мулло Дӯстназар соли 1927 дар деҳаи Чорраҳа таваллуд шудааст.**

## Ғазалҳо

Туфайлат мулки ҷон омад, чу моҳи кишварат гардам,
Наомад ҳеҷ қад чун ту, чу раъно дар барат гардам.
Ҳама аз нури ту пайдо, фалак аз ишқи ту шайдо,
Чу рӯят шамс, салламно, ба меҳри ховарат гардам.
Сифотат насси Қуръон шуд ба авҷи ахтари хубӣ,
Рухи чун моҳ дар олам, ба рӯи анварат гардам.
Ба фарқат афсари шоҳӣ, зи сирри Ҳақ ту огоҳӣ,
Ҳабиби зоти даргоҳӣ, ба тоҷу афсарат гардам.
Шакар аз лаъли серобат ба ҳангоми сухан резад,
Ҳузури ҷон ҳамебахшад, зи лаъли шаккарат гардам.
Ҷаҳон бо фатҳ равшан кард чароғи дину оинат,
Ба зарби панҷаи шераш, ба фатҳи Хайбарат гардам.
Шудам қоил ба он ёрат, Абӯбакр хоси асрорат,
Ба аввал кард иқрорат, ба сидқу бозарат гардам.
Ба Умар дод инсофу адолатро ба дилсофӣ,
Зи ман бахшой, эй вофӣ, ба адли Умарат гардам.
Ба Усмон дод ин давлат, қаламро кард беминнат,
Ба Қуръон кард ӯ ғайрат, давоту дафтарат гардам.
Ба олам дошт шуҷоъат ӯ, ба илму ҳам каромат ӯ,
Ба дасти пурсаховат ӯ, сақои Кавсарат гардам.
Аҷаб аз бахт ман дорам, дареғ аз дасти зан дорам,
Мусибат бар Ҳасан дорам, чу Заҳро модарат гардам.
Ду сарви дар чаман зебо, ду ғунча лабшакар гӯё,
Ҷигарбанди шаҳи доно, ду гулбарги тарат гардам.
Умед аз лутфи Ҳақ дорам, саволашро ҷавоб орам,
Ба гӯри ман ду некахтар Накиру Мункарат гардам.
Касе нӯшад майи лаълат шифои ранҷ меёбад,
Ба ҷомат ташналаб Норам, шаробу соғарат гардам.

* * *

Гардам ба қадди нози ту аз қомати болои гул,

Афтам ба хоки пои ту аз домани барнои гул.
Аз шарми рӯят дар ҳиҷоб моҳи фалак ҳам офтоб,
Бардор аз рӯят ниқоб з-он орази зебои гул.
Ҳастӣ нигори нозанин, дар анҷуман болонишин,
Муштоқи рӯят ҳури ъин дар ҷаннатулмаъвои гул.
Беморам, эй дармони ман, пажмурдаам, борони ман,
Оромгаҳи ҷонони ман аз сояи волои гул.
Эй рутбаат болонишин аз анбиёи мурсалин,
Сардори ҷумла инчунин, аз дигарон болои гул.
Мӯъҷизаат «шаққ-ул-қамар», лаъли лабат шаҳду шакар,
Чашмони «мо зоғ-ал-басар» бодоми тар, шаҳлои гул.
Лаълат ҳаёти пурсамар, лутфат наҷоте аз сақар,
Бошад насибам баҳравар аз шарбати лабҳои гул.
«Мо зоғ» айни дилкашат, «вал-лайл» гесӯи хушат,
Сероб чашми наргисат аз шӯхии мижгони гул.
Тоҷи каромат бар сарат, тахти рисолат салтанат,
Пайки Худо шуд чокарат то Сидрат-ул-маъвои гул.
Омад аз он ҷо рафрафат баҳри ба боло бурданат,
Эй рози бо Ҳақ гуфтанат аз қоба қавсайнои гул.
Он рӯи гул шабнам шавад, бар дарди мо маҳрам шавад,
Чашми чаҳон равшан шавад аз дидани симои гул.
Аз ҷон азизу хуштарӣ, ҳуснат камоли дилбарӣ,
Меҳре бо олам зоҳирӣ, ҳар нур аз аъзои гул.
Ҳастам асиру дилҳазин, дар гӯшае хилватгузин,
Раҳме намо, ҳолам бубин, ман Нори дилшайдои гул.

## Мухаммас ба ғазали Мулло Маҳмуд

Дар ақсои азал нуре ба ҳикмат баҳри дин овард,
Арӯси мулки қудрат бар канораш нозанин овард,
Ба эъҷози Масеҳо нури покаш дар ҷабин овард,
«Хироме ҷониби гулзор моҳи дилнишин овард,
Ғуломеро зи Канъон баҳри Миср соҳибнигин овард».

Асосу ҳукм вайрон кард шиори аҳли бединро,
Ба ғамза сарнагун овард бутони зулфмушкинро,
Самандаш сози Баҳромӣ гирифта теғи хунинро,
«Ба ғорат бурду ҳам тороҷ кард оини пешинро,

Чу он ҷавлони Рустам бар сафи Хоқони Чин овард».

Зи икроми қадимаш Ҳақ таъоло лутфу эҳсон кард,
Ба рӯи ошиқонаш офтоберо намоён кард,
Насиби орифон рӯи гулаш хуршеди тобон кард,
«Чу он моҳи дилоро рӯ ба ҷавлонгоҳи хубон кард,
Ҳазорон Юсуфи мисрӣ кунун рӯ бар замин овард».

Барорӣ раъсу дар хокат кунӣ тафтиши аҳволам,
Ғубори макдамат он ҷо ба шамъи дида мемолам,
Ба ташрифи қудумат хор гаштам, зор менолам,
«Фидои хоки поят ҷисму ҷону оламу одам,
Чунон сарве, ки сунъи рӯю мӯяш анбарин овард».

Қабои маъшуқӣ дар бар надорад ҳури ҳусни хеш,
Бисозад фитна дар маҳшар, намояд шӯри ҳусни хеш,
Ба чашми ошиқони худ намо аз дур ҳусни хеш,
«Ниёзи бедилон бингар, машав мағрури ҳусни хеш,
Суҷуди тоқи абрӯяш, ки маҳро бар замин овард».

Дилам дар ҷӯшу тоб афтоду беидрок ғалтидам,
Ба поям қайди гесӯяш аҷаб дар хок ғалтидам,
Хумори наргиси масташ гиребончок ғалтидам,
«Камоли новакаш дидам ба хуну хок ғалтидам,
Фиреби чашми ҷодуяш каманди сунбулин овард».

Ҳариқи Нори[1] сӯзонӣ, машав аз хештан бехуд,
Гуноҳат бигзарад, ё не пушаймонӣ надорад суд,
Тариқи амри Субҳонӣ надорӣ дар ҷаҳон мавҷуд,
«Ғариқи баҳри исёнӣ зи нодонӣ, ту эй Маҳмуд,
Аҷоиб гавҳари поке зи хони дил ҳазин овард».

[1] **Калимаи «Нор» дар ин ҷо ба маънои тахаллуси шоир низ омадааст.**

# МУЛЛО АМОНҚУЛ

**Мулло Амонқул ибни Мулло Дӯстназар соли 1936 дар деҳаи Чорраҳа таваллуд шуда, соли 1982 вафот кардааст. Мулло Амонқул бо тахаллуси «Соил» шеър гуфтааст.**

## Ғазалҳо

Ба сидқаш Сиддиқи Акбар ба аввал ёри ғораш буд,
Ба адлаш Умари Хаттоб доим даррадораш буд.
Ба ҳилмаш Ҳазрати Усмон, ки ӯ буд ҷомеъи Қуръон,
Ба қатли мушрикон Ҳайдар ба зарби Зулфиқораш буд.
Расули Ҳазрати Ғуфрон, ҳабиби Қодири Раҳмон,
Ғами уммат ба дил пинҳон, шафоъат кору бораш буд.
Дуто гардида пушти ӯ барои осиён аз ғам,
Зи баҳри хотири уммат ду чашми ашкбораш буд.
Зи рӯи ин ҳама ғамҳо ҷафои мушрикон медид,
Ки аз шавқу муҳаббат ҳам ба зикри Кирдигораш буд.
Шаби меъроҷро донӣ, баромад ҳафт кайвонӣ,
Ба назди шоҳи раббонӣ ҳаме гуфтугузораш буд.
Аз он ҷо гашту як сӯ шуд ба сӯи олами поён,
Буроқу Ҷабраил он дам ба Сидра интизораш буд.
Ба синни хурдӣ он Сайид фироқи модару аб дид,
Ҳам аз ҷаддаш ҷудо гардид, Хадиҷа созгораш буд.
Муҳаббат кун ту, эй Соил, шафоъат гар ҳамехоҳӣ,
Шафеъи кулли уммат рӯзи маҳшар ҳам шиораш буд.

*  *  *

Ё Илоҳӣ, ҳамраҳам имон кунӣ,
Талхии ҷонканданам осон кунӣ.
Раҳматат дарёи ом аст, беканор,
Бар сарам ҳар лаҳзае селон кунӣ.
Нури имон бар дилам маҳкам бикун,
Ҳам халос аз чангали Шайтон кунӣ.
Гуфтаӣ «ло тақнату мин раҳматӣ»,
Ҳам ғафурӣ ваъда дар Қуръон кунӣ.
Ҳам ба ҳаққи даҳ сифотат, эй Карим,

Қатрае аз Кавсарат эҳсон кунӣ.
Дар шаби аввал ба гӯри тангу тор,
Андар он шаб соате меҳмон кунӣ.
Бар саволи Ҳазрати Мункар Накир,
Як тараҳҳум бар мани ҳайрон кунӣ.
Хонаи гӯрам, ки пур аз мӯру мор,
Равзае аз ҷониби Ризвон кунӣ.
Рӯзи маҳшар аз сиротам бигзарон,
Сӯи ҷаннат ҳам барӣ, шодон кунӣ.
Ман ғаминам, ҳам хиҷил аз кардаҳо,
Бо таҷаллои худат хандон кунӣ.
Ё Раб, имрӯзам, ки ман меҳмони ту,
Вақти рафтан бар сарам некон кунӣ.
Соили бечора омурз аз карам,
Ҳам ҳисоби охират осон кунӣ.

## Мухаммас бар ғазали Мулло Маҳмуд

Ҳаққан шафеъан музнабин бо изни Ғаффораш кунад,
Бо Кавсару бо ангубин таклиф Ҷаббораш кунад,
Дар бар қабои нозанин бо амри Саттораш кунад,
«Азми қиёми охирин он шоҳи солораш кунад,
Он пайки Рабб-ул-ъоламин, к-аз хоб бедораш кунад».

Аз сӯи он якто Худо ояд малакро ин нидо:
Рав мужда деҳ дӯсти маро, то хезад аз хоки сафо,
Гӯяд малак: баҳри ризо бардор сар, худро намо,
«Ҷонам фидо, боди сабо, ин субҳ, секинтар биё,
Тарсам, ки таҳрики саҳар танро ба озораш кунад».

Оранд бар хокаш гузар Рӯҳуламин бо се нафар,
Доранд таъзимаш ба бар: аз равза мебардор сар,
Гӯяд: манам хунинҷигар, аз ҳоли уммат деҳ хабар,
«Чун дар миён бандад камар, тоҷи муҳиббонро ба сар,
Гардад равон бо зебу фар, арзе ба бозораш кунад».

Он моҳрӯи анҷуман, чун булбул он ҷо наъразан,
Гулгунқабо, симинбадан чун ғунча бикшояд даҳан,

Дарёдили Тӯбоватан нӯшад зи анҳорул-лабан,
«Юсуфваши ширинсухан, бӯи хушаш мушки Хутан,
Раънокади гулпираҳан, сайре ба гулзораш кунад».

Он хотами пайғамбарон, ҳам дастгири осиён,
Монанди хуршеди ҷаҳон, нахли қадаш сарви равон,
Пайғамбари охирзамон, ҳам раҳнамои умматон,
«Қатли тамоми ошиқон, дар як назар созад аён,
Шӯри қиёмат дар миён чашмони хуммораш кунад».

Васфаш бувад хайрулбашар, фирдавси аълояш мақар,
Он нахли боғи пурсамар хоки раҳаш нури басар,
Лаъли лабаш ҳамчун шакар, аз ҷамъи хубон хубтар,
«Бо ҷилва ояд дар назар, пинҳон шавад шамсу қамар,
Сад ошиқи хунинҷигар қурбони рафтораш кунад».

Сардафтари ҳар инсу ҷон, сайраш ба ҳафтум осмон,
Дар хизматаш каррубиён баста ба сидқи дил миён,
Ҳам боисаш кавну макон, ҳам булбули аршошиён,
«Он сарвари соҳибқирон, тоҷи сари пайғамбарон,
Шояд нигоҳи марҳамат сӯи гунаҳгораш кунад».

Он гавҳари олинасаб, хатми русул, шоҳи Араб,
«То ҳо»-ву «Ё син»-аш лақаб аз Ҳазрати Раббулваҳаб,
Аз даргаҳи қаҳҳор Раб, Соил, биё ин металаб,
«Дар маҷлиси айшу тараб, Маҳмуд набошад хушклаб,
Борони эҳсонаш талаб аз соҳиби кораш кунад».

# МУЛЛО АРҒОНМАЛИКИ ПАДРӮДӢ

**Мулло Арғонмалик ибни Абдулваҳҳоб соли 1946 дар деҳаи Падрӯд ба дунё омадааст. Ӯ дорои саводи хуби форсӣ буда, яке аз ҳаводорони ашъори ноби ниёгон мебошад. Ва гоҳо дар авқоти холӣ ба сурудани шеър мепардозад ва дар шеър тахаллуси «Арғон»-ро интихоб намудааст. Мулло Арғонмалик китоби «Мавлуди Набӣ»-и Хилватиро аз забони туркӣ ба тоҷикӣ тарҷума намудааст, ки ин китоб бо ҳуруфоти форсиву кириллӣ ба табъ расидаасту хонандагони зиёдеро ба худ мафтун намудааст.**

**Мулло Арғонмалик алҳол бо шуғли деҳқонӣ касби маош менамояд.**

## Ғазалҳо

Дарси ишқ омӯхтан аз устод мебинам хато,
Дар раҳи ишқ номаву иршод мебинам хато.
Ширин аз ошиқфиребӣ шӯҳраи офоқ шуд,
Дам ба дам ҷон кандани Фарҳод мебинам хато.
Теғи мижгони ту ҳар дам қатли ҷонам мекунад,
Кӯшиши беҳосили ҷаллод мебинам хато.
Дар вафояш гар бимирам, зиндагии сармадист,
Баъди маргам нолаву фарёд мебинам хато.
Васфи некӯи ҷамоли ӯ муяссар кай шавад,
Сайди маънӣ роми ҳар сайёд мебинам хато.
Аз нигоҳи лутфангези ту ҷонам шуд бурун,
Қатли Арғон бо дами фӯлод мебинам хато.

*    *    *

Во дареғо, дини мо аз даст рафт,
Мазҳабу оини мо аз даст рафт.
Соҳиби шаръи Набӣ бегонагон,
Қалби ботамкини мо аз даст рафт.
Фисқ омад, ишқ шуд рӯ бар гурез,

Лайливу Ширини мо аз даст рафт.
Мақсади мо ҷуз сафои дил набуд,
Лаззати дерини мо аз даст рафт.
Рӯи маҳро торикӣ зангор баст,
Зӯҳраву парвини мо аз даст рафт.
Дини мо фармонбари офоқ буд,
Чину ҳам Мочини мо аз даст рафт.
Чашми мо, Арғон, хатои худ надид,
Дидаи ҳақбини мо аз даст рафт.

* * *

Оҷизӣ кардану фирдавс харидан ин ҷост,
Чун малак сӯи самовот паридан ин ҷост.
Ҷанг бо нафсу шаётину ҳама макрӯҳот,
Пардаи зулмати найранг даридан ин ҷост.
Армуғон овару аз дасти тиҳӣ соз ҳазар,
Марғузорест аҷаб боби чаридан ин ҷост.
Ҳар шаб ин ҷо шаби қадр аст, агар медонӣ,
Накҳати сунбули маъшуқа шамидан ин ҷост.
Гар бихоҳӣ, ки чу Мансури аналҳақ бошӣ,
Ба сари дори фано рав, ки раҳидан ин ҷост.
Чашми тангат, ки зи колои ҷаҳон сер нашуд,
Рав ба саҳрои қаноат, ки расидан ин ҷост.
Хок шуд Арғуни бечораву оҳе накашид,
Мурғи беболу паре буду паридан ин ҷост.

* * *

То дилбари мо аз гулу аз лола қабо кард,
Сад ошиқи ӯ ҷону дили хеш фидо кард.
То кард сабо накҳати зулфи ту парешон,
Мушки Хутану атр шикоят зи сабо кард.
Бо ноз хиромидию рафтӣ ба гулистон,
Инсу малаку ҷинну парӣ чумла дуъо кард.
Ҳар кас, ки туро бинаду ҷонро насупорад,
Донӣ ба яқин, к-ӯ ба тани хеш ҷафо кард.
Он кас, ки дид абрӯи туву сар нафуровард,
Имону яқин, мазҳаби худ ҷумла раҳо кард.
Арғонӣ ба роҳи ту нишаста ба умеде,
Бо қалби ҳазин, бин ки таваккал ба Худо кард.

*        *        *

Дил мужда дод ҷонро: ҳон, эй шикастахотир,
Аз ишқ дурият чист, то кай шавӣ мусофир?
Оину мазҳаби мо меҳру вафову ишқ аст,
Ҳар к-ӯ на ошиқи ӯст, дар дини мост кофир.
Ҳар кас, ки зинда дорад шабҳои тори ҳиҷрон,
Шерест дар биёбон вақти шикори нахчир.
Марзуқ доначинанд аз хони лутфи розиқ,
Онро зиёда натвон бо ҳиллаю ба тадбир.
Пиронасар давидам дар кӯи моҳрӯён,
К-он ҳалқаҳои зулфаш баста маро ба занҷир.
Арғон ғазалсаро шуд, гуфтӣ, ки: шарм бодат.
Ман оҷизам дар ин раҳ, Аллоҳ кард тақдир.

*        *        *

Шоҳо, нигаҳе бар ин гадо кун,
Раҳме ба ғариби бенаво кун.
Беморам у оҷизам зи дармон,
Аз доруи ғайби худ даво кун.
Чун зулмати шаб бирафт, бархез,
Таъҷил ба хизмати Худо кун.
Мо мурда ҳама, на зиндагонем,
Аз ҳаҷри ту, як даме ҳаё кун.
Умрам ба шитоб чу бод бигзашт,
Аз омаду рафти ман садо кун.
Ранги рухи мост заъфаронӣ,
Чун лолаву гул ту босафо кун.
Арғон, ту ба меҳри рӯи ёрон,
Ин умр ба сар бару адо кун.

## Муноҷот

Ба номи Худои замину замон,
Нигаҳдори нӯҳ гунбади осмон.
Ба бахшандаи нур бар офтоб,
Ба орандаи қатраҳо аз саҳоб.
Ба хоки нажанд боғу бӯстон дод,
Зи инъоми худ халқро кард шод.
Ба бахшандаи ҷон бар мушти хок,

Фиристандаи анбиё ҷумла пок.
Чу хоҳад диҳад чӯби хушкро самар,
Ба сад ранг мева кунад баҳравар.
Ба бахшандаи зиндагонию марг,
Наяфтод бе изнаш аз шох барг.
Ба санъат кавокиб карда аён,
Зуҳал бо Уториду моҳи ҷаҳон.
Ба раззоқӣ рӯзирасони ҳама,
Бувад номи ту бар забони ҳама.
Ту Раҳмонӣ ба ҷону ҳоли ҳама,
Ба ёди ту доим хаёли ҳама.
Ту бахшандаӣ ташнагонро Фурот,
Зи дӯзах бидеҳ осиёнро наҷот.
Раҳимо, бикун ин дуъоям қабул,
Ба ҳаққи ду дарёи чашми Расул.
Маро хок созӣ ба пояш чунон,
Ки ӯ ҳаст солори пайғамбарон.
Агар бахту иқбол ёрӣ кунад,
Бар ин хоки раҳ ғамгусорӣ кунад.
Бигӯяд, ки: ин умматам бенаво,
Бар ин бенаво ман шавам раҳнамо.
Агар ӯ чунонам шавад некхоҳ.
Бигирад мани хастаро дар паноҳ.
Фақат баъд аз ин метавонам расид,
Ба ҷое, ки дорам ҳамеша умед.
Расонӣ, Каримо, ҳама бандагон,
Ба ҷаннат барӣ ҷумла пиру ҷавон.
Маяфкан яке бандаро дар ҷаҳим,
Ба ҳаққи Муҳаммад, Расули амин.
Балоҳост дар пеши ман бешумор,
Ба Арғон ту осон кун, эй Кирдигор.
Абӯбакру Умар ту ёрам кунӣ,
Таҷаллои шабҳои торам кунӣ.
Кунӣ Усмону Алӣ раҳбарам,
Ҳам аз гарди асҳоб тоҷи сарам.
Ҳусайну Ҳасан навгули бӯстон,
Ду моҳанд андар яке осмон.

Агарчи ба дунё кашиданд азоб,
Ба ҷаннат диҳанд умматонро шароб.

## Соқинома

Биё соқиё, ҳаст ҳолам хароб,
Ба ман раҳм кун, то раҳам аз азоб.
Сар аз нанги ҳастӣ басе шуд гаранг,
Шаробам бидеҳ, соқиё, бедиранг.
Шакар рез аз нутқ дар ангубин,
Ки ҳайрон шаванд тӯтиёни замин.
Туро ҳамд гӯям ба лайлу наҳор,
Ба ҳаққи сифатҳои ҳафту чаҳор.
Шафоъат кунад Аҳмади мурсалам,
Раҳонанд моро зи дарду алам.
Ба ҳаққи таҷаллои рӯи хушат,
Ба ҳаққи ду абрӯи ошиққушат.
Ба бӯи хуши мушки зулфайни ту,
Ба чашмони оҳуи айнайни ту.
Ба тарзи хиромиданат дар чаман,
Ба хуни дили лолаву настаран.
Ба паймонаҳои лаби кавсарат,
Ба қурбе, ки шоҳон гадои дарат.
Ба ҳаққи азизони мулки Араб,
Ба ҳаққи муҳаррам, ба моҳи раҷаб.
Ба чор фасл дар курраи моҳу сол,
Ба овозаат дар ҷанубу шимол.
Нигаҳ дор моро зи нору газанд,
Ба ҳаққи расулони маснадбаланд.
Умедам калон аст, ё Раббано,
Магардон мани хастаро мубтало.
Ба исён фурӯ рафта дар гил манам,
Ғарибам дур аз ёру манзил манам.
Бигир дасти ин хастаро, ё Илоҳ,
Ки рӯзам забун асту ҳолам табоҳ.
Расули Худоро кунӣ раҳбарам,
Ба ёрону асҳоби он мӯҳтарам.
Мунаввар кунӣ ботини мурдаам,

Ба ҳаққи азизони номбурдаам.
Зи ганҷи қаноат ту серам кунӣ,
Ба пои азизон асирам кунӣ.
Зи алтофи бисёр шодам кунӣ,
Ҳам аз боғи ҷаннат муродам кунӣ.
Манам мустаманду туӣ подшоҳ,
Туӣ безаволу манам рӯсиёҳ.
Ба тороҷи мулки дили ошиқон,
Ба барги гули орази маъшуқон.
Ба Маҷнуну Фарҳоди соғар тиҳӣ,
Ба абрӯҳилолони сарви сиҳӣ.
Ба онон, ки сар мондаанд дар суҷуд,
Бубахшо гуноҳам, Худои вадуд.
Кушоиш бидеҳ мушкилоти маро,
Ту осон намо мӯҳликоти маро.
Ба вақти аҷал соҳибимон кунӣ,
Тараҳҳум бар ин номусалмон кунӣ.
Дили торикам шамъи анвар кунӣ,
Ду олам маконам мунаввар кунӣ.
Ба Арғони дилмурдаи хоксор,
Тараҳҳум куну ҷурми ӯ даргузор.
Худоё, ба эъзози номи Расул,
Бисозӣ дуъои ғарибон қабул.

## Кӯлҳои рангин

Дар водии Вағаштон,
Ҳафто кӯли дурахшон.
Аввал, чу кӯли Мижгон,
Аз кӯли Соя поён.
Дуюм, чу кӯли Соя,
Зебост бениҳоя.
Сеюм, чу кӯли Ҳушёр,
Ҷои гул асту бехор.
Чорум, ки кӯли Нофин,
Обаш чу қанд ширин.
Панҷум, чу кӯли Хурдак,
Зебову тоза бешак.

Шашум, чу Марғузоркӯл,
Монанди чоҳи Бобул.
Ҳафтум Ҳазорчашма,
Чун духт бокарашма.
Ишқаш хумор дорад,
Нозаш баҳор дорад.
Дар канори ҳар яке,
Арғон баҳор дорад.

# ҒАРИБИИ ПАДРӮДӢ

**Мулло Имомназар ибни Маҳрамбой соли 1946 дар деҳаи Падрӯд таваллуд ёфтааст. Ӯ дар фаҳмидани ашъори бузургон маҳорати хосае дорад ва дар авқоти холӣ худ низ ба машқи шеърҳо мепардозад. Мулло Имомназар бо тахаллуси «Ғарибӣ» шеър иншо мекунад.**

## Ғазалҳо

Эй Каримо, қудратат беинтиҳо,
Ҳам ба қудрат офаридӣ нӯҳ само.
То намудӣ санъататро ошкор,
Офаридӣ нури поки Мустафо.
Баҳри номи Зулҷалолат, эй Раҳим,
Сад ҳазорон ҷони худ созам фидо.
Подшоҳи одилӣ, эй бениёз,
Кун нигоҳи марҳамат бар сӯи мо.
Ҳамди беҳад бод аз моён ба ту,
Солу моҳу соату шому сабо.
Фосиқу гумроҳам, эй Рабби ҷалил,
Ҳодиё, бар сӯи худ роҳам намо.
Арзи ҳоҷат мекунам бар даргаҳат,
Меҳрубоно, ҳоҷатамро кун раво.
Ин Ғарибӣ оҷизу ҳайрони туст,
Шод кун ин хастаро, ё Раббано.

* * *

Мо рӯсиёҳем солҳо, бар мо нигар, ё Саййидо,
Ранҷури исёну бало, бар мо нигар, ё Саййидо.
Дармонда ҳайронем мо ошиқ ба рӯят доимо,
Ҳам фосиқему мубтало, бар мо нигар, ё Саййидо.
Мо ҷумла хоки роҳи ту, ҳар ду ҷаҳонро шоҳӣ ту,
Бахшо ту бар хайли гадо, бар мо нигар, ё Саййидо.
Ҷоно, ту маҳбуби Ҷалил, гулғунчаи боғи Халил,
Дорем чандон моҷаро, бар мо нигар, ё Саййидо.
Ту меҳрубон аз сад падар, аз модарон низ хубтар,
Ғамхори мо шому сабо, бар мо нигар, ё Саййидо.

Бодо фидоят ҷони мо, фарзанду хонумони мо,
Бо ту қабул имони мо, бар мо нигар, ё Саййидо.
Эй ҳурмати меъроҷи ту, ҳам инсу ҷин мӯҳтоҷи ту,
Ҳам анбиёву атқиё, бар мо нигар, ё Саййидо.
Ҳастам, Ғарибӣ, шармсор аз рӯи он зебонигор,
Кирдори мо бошад хато, бар мо нигар, ё Саййидо.

*   *   *

Мурдам андар доғи ҳиҷрон, модари ҷонам, биё,
Мондаам ҳайрону гирён, модари ҷонам, биё.
Дар ғарибӣ ғофилам аз ёру фарзандони худ,
Сӯхтам бар ёди дӯстон, модари ҷонам, биё.
Вой бар ҳоли ғарибону ятимони чаҳон,
Хотире дорам парешон, модари ҷонам, биё.
Ҳамнишинон шоду хуррам бар диёри чун гулам,
Ман гирифторам ба зиндон, модари ҷонам, биё.
Обҳои нуқравору хушҳавояш кай равад,
Эй дареғ, аз ёди инсон, модари ҷонам, биё.
Мекунад қурбон равони хешро ошиқ Ғариб,
Бар Расулу Рабби ғуфрон, модари ҷонам, биё.

*   *   *

Эй азизон, бар сараш бошад ғами ҳиҷрон ғариб,
Мешавад ҳамчун гадо афтад, агар султон ғариб.
Як даме хушдил набошад доимо бо оҳу воҳ,
Рӯзу шаб андар хаёли модару ёрон ғариб.
Подшоҳие, ки будаш бар диёри Миср бин,
Солҳо дар тахти зар буд Юсуфи Канъон ғариб.
Беватанро гар нишонӣ бар фарози тахти оҷ,
Хотираш ношод бошад баҳри фарзандон ғариб.
Ҳамчу Қорун моли дунёро биёбад дар назар,
Н-оядаш бинад чу хоке дар ватан хандон ғариб.
Чун мусофир бар диёрат ояд ӯро ҳол пурс,
Ҳар кучо ҳайрону сарсон Рустами Дастон ғариб.
Хотираш доим мушавваш баҳри ёрону падар,
Пар шикаста, доғ бар дил, синаи бирён ғариб.
Тарки Батҳоро намудандӣ зи зулми мушрикон,
Дар Мадина то ба охир буд он Султон ғариб.
Бо фақирӣ зистан шоҳист дар хоки ватан,

Рав дуъои хайр гир ҳар ҷо, ки бинӣ он ғариб.
Эй Имомӣ, такя бар Аллоҳ кун дар ҳар макон,
Мо дар ин дори фано ҳастем сад чандон ғариб.

* * *

Худовандо, туӣ мушкилкушо, раҳме, ки ҳайронам,
Чунон дармондаам бар кори худ гумроҳу нодонам.
Каримо, меҳрубонӣ аз падар-модар дусад чандон,
Гирифторам ба дарди маъсият, бахшо ту дармонам.
Зи бадкирдорӣ, худкомӣ фитодам зери пои нафс,
Ба лутфат, Қодири бечун, раҳон аз чанги Шайтонам,
Агарчанде, ки ҳастам фосиқу бадфеълу каҷрафтор,
Вале, эй дӯст, бар роҳат кунам қурбон ҳазор ҷонам.
Ба рӯзи ҳашр созӣ бо шафооти ҳабиби худ,
Дили мо умматонро шод, ё Раб, бар ба имонам.
Маликулмавт чун ояд ба назди ман дами охир,
Тараҳҳум кун ба ҳолам, Холиқо, бинмой осонам.
Ғарибӣ, бо дили садпора дорам сад хатар дар пеш,
Ба раҳмат бингарӣ, ё Раб, ки бас ошуфта гирёнам.

* * *

Дармондаву ҳайронам, эй шоҳи ҷаҳон, раҳме,
Дилрешу парешонам, эй шоҳи ҷаҳон, раҳме.
Ман ошиқи шайдоят, мӯҳтоҷи карамҳоят,
Ҳамроҳ кун имонам, эй шоҳи ҷаҳон, раҳме.
Ман мастаму девона, аз шавқи ту парвона,
Ҳам бошӣ ту дармонам, эй шоҳи ҷаҳон, раҳме.
Аз ёру диёрам дур, гашта ба алам ранҷур,
Ту роҳати ин ҷонам, эй шоҳи ҷаҳон, раҳме.
Ин ҳоли харобам бин, чашмони пуробам бин,
Ҳам зоҳиру пинҳонам, эй шоҳи ҷаҳон, раҳме.
Шарманда ғарибат ман, гумроҳи аҷибат ман,
Бинмо раҳи неконам, эй шоҳи ҷаҳон, раҳме.
Ғафлат ҳама кори ман, исён ба канори ман,
Ночор ба имконам, эй шоҳи ҷаҳон, раҳме.
Бадкори Ғарибӣ ман, беор Ғарибӣ ман,
Бечораву сарсонам, эй шоҳи ҷаҳон, раҳме.

* * *

Ту будӣ қуввати ҷонам, падарҷонам, куҷо рафтӣ?

Чароғи бахту имонам, падарҷонам, куҷо рафтӣ?
Надидӣ як даме роҳат дар ин дунёи пурҳасрат,
Ҷудо ногашта аз ғурбат, падарҷонам, куҷо рафтӣ?
Ман он фарзанди ноқобил, ки будам аблаҳу ҷоҳил,
Чаро гаштам зи ту ғофил, падарҷонам, куҷо рафтӣ?
Накардам хизматат бо ҷон, ту будӣ як дамам меҳмон,
Кунун мирам ба сад армон, падарҷонам, куҷо рафтӣ?
Бимонд ҳаққи ту бар ҷонам, чунин ҳайрону сарсонам,
Чӣ гардад кандани ҷонам, падарҷонам, куҷо рафтӣ?
Имомӣ, илтиҷо дорам, ба сӯи Рабби ғаффорам,
Бубахшад ҷурму кирдорам, падарҷонам, куҷо рафтӣ?

* * *

Ҷони худ бар тан даме меҳмон, куҷо донистаме,
Ин иморат оқибат вайрон, куҷо донистаме.
Шаҳвату нафсу ҳаво фармонраво шуд бар сарам,
Монда андар ҳалқаи Шайтон, куҷо донистаме.
Ин ҷаҳони бевафо бо кас накарда оштӣ,
Мефиребад ҷумлаи халқон, куҷо донистаме.
Хизмати мардум бикун, ҳам некӯиро пеша кун,
Судманд аст тоату эҳсон, куҷо донистаме.
Кори мо бошад фиребу ғайбату лофу дурӯғ,
Ин ҳама ғоратгари имон, куҷо донистаме.
Тарси Ҳақ бар дил бигиру тоаташро шав муқим,
Ғарқаам дар қулзуми исён, куҷо донистаме.
Душмани ҷони ту бошад молу фарзандону зан,
Оқибат з-ин ҷумлагӣ ҳайрон, куҷо донистаме.
Эй Ғарибӣ, дар муҳаббат кӯшу кун покизагӣ,
Мешавӣ гирёну ҳам нолон, куҷо донистаме.

## Марсияи Мулло Имомназар бар марги писари 17-солааш Озодбахт

Аз қазои ногаҳон рафтӣ, ту эй ҷон, алвидоъ,
Сарви озодам бирафтӣ дар баҳорон, алвидоъ.
Эй гули нашкуфта, рафтӣ сӯи гулзори биҳишт,
Доғ кардӣ синаҳои ёру дӯстон, алвидоъ.
Омадӣ бо садҳазорон орзуҳо бар диёр,
Ноумедам, ҷонакам, рафтӣ шитобон, алвидоъ.

Ман падар ҷонро фидои тори мӯят мекунам,
Модари дилпораатро кардӣ бирён, алвидоъ.
Додарону хоҳаронатро намудӣ синачок,
Бемадору доғдору зору ҳайрон, алвидоъ.
Ёру дӯстон сӯхтанд аз меҳри ту девонавор,
Мотамат таъсир кард бар ҷумла халқон, алвидоъ.
Гуфта будӣ ту, ки: ман бар сайри наврӯзӣ равам,
Кард наврӯзат ғами моро дучандон, алвидоъ.
Бар дили ту сад умеду орзу, эй бевафо,
Дурри яктоям, чаро рафтӣ ту бар кон, алвидоъ.
Мо ба домодии ту сад орзуҳо доштем,
Эй ҷавонмарги ғариб, рафтӣ ба армон, алвидоъ.
Хонаам байтулҳазан кардиву рафтӣ вой-вой,
Сад дареғо, Юсуфам рафтӣ зи Канъон, алвидоъ.
Ҳайфи он сарви қаду чашмони шаҳло, рӯи моҳ,
Абрӯвони мушкбору дурри дандон, алвидоъ.
Орзуҳо доштем бар мо бихонӣ фотиҳа,
Оҳу воҳ, бар рӯҳи ту хондем Қуръон, алвидоъ.
Бар Худои меҳрубонам месупорам ман туро,
Ӯ ба раҳмат бахшадат фирдавси Ризвон, алвидоъ.

## Нолаи падар

Доғ кардӣ синаам, Озоди хандони падар,
Пора кардӣ қалби ман, эй моҳи тобони падар.
Ту будӣ болу пару ҳам қуввату дармони ман,
Синачокам кардиву бурдӣ ту дармони падар.
Байтулэҳзон мекунам ман аз фироқи рӯи ту,
Пурсиши ҳолам намо, Юсуфи Канъони падар.
Қоматам бишкастиву бурдӣ ту сабру тоқатам,
Тор кардӣ кулбаам, шамъи шабистони падар.
З-ин ҷаҳони бевафо рафтӣ ба садҳо орзу,
Аз паят монам, агар ман бевафо, ҷони падар.

## Нолаи модар

Озоди ғарибӣ, ҷони модар,
Бурдӣ ба алам тавони модар.

Кардӣ ҷигарам ҳазор пора,
Рафта ба фалак фиғони модар.
Тири ғами ту ба ҷон асар кард,
Эй ғунчаи нашкуфони модар.
Як-ду сухане ба ман нагуфта,
Рафтӣ ту аз ин макони модар.
Ту сарви равони гулшани дил,
Нашкуфта гули хазони модар.
Сӯзам зи ғами ту то қиёмат,
Эй садқаи ту равони модар.
Сад ҷону дилам фидои номат,
Эй булбули хушбаёни модар.

# РОМИШИ РАШНАГӢ

**Мардонқул ибни Усто Ҳоҷӣ соли 1965 дар деҳаи Рашнаи Поён таваллуд ёфтааст. Ӯ пас аз хатми мактаби деҳа ба Донишкадаи давлатии омӯзгории шаҳри Хуҷанд дохил шуда, соли 1996 онро хатм кардааст. Дар айни замон ба ҳайси журналист дар нашрияи «Сухани халқ» кор мебарад. Аъзои иттифоқи журналистони Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи вилоятии ба номи Ҳоҷӣ Содиқ. Мардонқул бо тахаллуси Ромиши Ҳоҷипур шеър мегӯяд.**

## Ғазалҳо

Ғунча аз шарми рухат сар дар гиребон боду ҳаст,
То қиёмат з-ин алам лаб зери дандон боду ҳаст.
Сад гули рӯ заъфарон аз ҳаҷри гулбаргат шуда,
Қимати гул пеши он бар хок яксон боду ҳаст.
Ҳусни танҳоят на танҳо мояи дил бурдан аст,
Назди мардум ҷилвасозӣ сунъи Яздон боду ҳаст.
Фасли ту сарманшаи ғамҳои талху дилгудоз,
Васлат уммеди дили уммедворон боду ҳаст.
Ошиқи рӯи туро дар дил набошад бими марг,
То бувад ҷонаш ба тан қурбони ҷонон боду ҳаст.
Дар муҳаббат ҳар кӣ чун Фарҳод аз ҷон даргузашт,
Зинда номаш мисли номи қаҳрамонон боду ҳаст.
Чашмат, эй кофарнигаҳ, ғоратгари дин асту дил,
Умрро аммо зиё аз нури имон боду ҳаст.
Гарчи Шайтон сӯи ҷурмам мекашад дар роҳи ишқ,
Гавҳари ҷонам нисори роҳи Раҳмон боду ҳаст.
Дардманди ишқам аз роҳи табибон суд нест,
Бар ҳама дардам фақат лутфи ту дармон боду ҳаст.
Кай расад бар васли ҷонон он, ки дар банди худ аст,
Ромиш аз худ з-ин сабаб умре гурезон боду ҳаст.

* * *

Дило, муқбил на аз афсун тавон шуд,
Ба саъйю кӯшиши афзун тавон шуд.
Ниҳон аст оби раҳмат ҳам ба зулмат,

Биёбӣ қатрае, Ҷайҳун тавон шуд.
Чу рафт аз сар ҳавои худпарастӣ,
Зи қайду банди худ берун тавон шуд.
Зи қайду банди худ ёбӣ раҳоӣ,
Азизи Холиқи бечун тавон шуд.
Накӯӣ мекуну афкан ба дарё,
Бад-ин раҳ бар сари гардун тавон шуд.
Дар он кишвар, ки фармон мепазиранд,
Ба як сарпечӣ ҳам малъун тавон шуд.
Дили дардошно бошад ба сина,
Ба реши ҳар диле маъҷун тавон шуд.
Расо бошад дар он гар меҳри хубон,
Чу Ромиш вориси Маҷнун тавон шуд.

* * *

Шаб асту аз ғами гул булбуле дар бӯстон гиряд,
Ба ҳоли хокиёни пой дар гил осмон гиряд.
Дили муштоқи дидорам, ки берун шуд зи роҳи дил,
Ба ёди рӯи ёрон ҳамчу тифли безабон гиряд.
Сиришки ошиқон ҳар дам ба ҳар ранге равон буда,
Яке аз шавқу шӯри дил, яке аз сӯзи ҷон гиряд.
Ҳамебинам ба қадри хеш ҳар кас гиряду нолад,
Ин аз дасти замон нолад, вай аз дасти занон гиряд.
Зи ҳар боде марав аз ҷо, зи ҳар дарде машав дилхун,
Ки марди ҳақ фақат з-андешаи рӯзи гарон гиряд.
Чун арзи аҷз набвад гиряҳои шамъ дар маҳфил,
Зиҳӣ парвонаи ошиқ аён сӯзад, ниҳон гиряд.
Дар ин аҳде, ки шуд арзонбаҳо одам чу ашки хеш,
Тавоно ҳам ба ғам дармонда, беш аз нотавон гиряд.
Бад-ин равнақ ҳаётам бигзарад гар дар замин, Ромиш,
Пас аз маргам ба ҳолам рӯҳи ман дар осмон гиряд.

* * *

Эй он, ки по андар гилӣ, «ё Раб, мадад кун» гӯю хез,
Дилбурдаӣ ё бедилӣ, «ё Раб, мадад кун» гӯю хез.
Нашкуфта пажмурдан чаро, пеш аз аҷал мурдан чаро,
Боке мадор аз мушкиле, «ё Раб, мадад кун» гӯю хез.
Мардӣ, заифнолӣ бас аст, бар хок рӯмолӣ бас аст,
Шарме кун аз беҳосилӣ, «ё Раб, мадад кун» гӯю хез.

Бикшо пари парвозро, равнақ бидеҳ эъҷозро,
Бинмой тарки коҳилӣ, «ё Раб, мадад кун» гӯю хез.
Дарё шаву тӯфон бикун, бар рағми худ исён бикун,
То кай чу санги соҳилӣ, «ё Раб, мадад кун» гӯю хез.
Ҳам домани ёре бигир, ҳам домани коре бигир,
Ин аст расми муқбилӣ, «ё Раб, мадад кун» гӯю хез.
Дар аҳди худ содиқ бимон, дар ёди дил лоиқ бимон,
Ошиқ бизӣ, гар оқилӣ, «ё Раб, мадад кун» гӯю хез.
Омӯз илму маърифат, дурӣ биҷӯ аз маъсият,
Ҳарчанд аз ӯ ғофилӣ, «ё Раб, мадад кун» гӯю хез.
Худро чу хоки раҳ махон, аз дигарон камтар мадон,
Бигзар зи ҷаҳлу ҷоҳилӣ, «ё Раб, мадад кун» гӯю хез.
Ромиш, қалам аз каф манеҳ, осон ба қисмат тан мадеҳ,
Гар бар сари мо шомилӣ, «ё Раб, мадад кун» гӯю хез.

* * *

Аёнамро ниҳон кардӣ ҷудоӣ,
Сиришкамро равон кардӣ ҷудоӣ.
Шудастам ғунчасон сардаргиребон,
Баҳорамро хазон кардӣ ҷудоӣ.
Задӣ тири ҷигарсӯзам ба сина,
Қадамро чун камон кардӣ ҷудоӣ.
Сарамро ғарқа дар гирдоби савдо,
Рухамро заъфарон кардӣ ҷудоӣ.
Фалак дар қасди озорам буд умре,
Ту ҷабри беш аз он кардӣ ҷудоӣ.
Агар маргам кушад бо ташнакомӣ,
Ту хокам бар даҳон кардӣ ҷудоӣ.
Сар омад гоҳи айшу майкашиҳо,
Маро аз ғамкашон кардӣ ҷудоӣ.
Суруру шодиҳои қисматамро,
Мубаддал бар ғамон кардӣ ҷудоӣ.
Яке шеъри маро нохонда мардум,
Ба даҳрам достон кардӣ ҷудоӣ.
Хаёли оби ҳайвон дошт Ромиш,
Туам безори ҷон кардӣ ҷудоӣ.

## Дубайтиҳо

Куҷоӣ, ёр, шав дар дида пайдо,
Ки меҷӯям туро бо ҷони шайдо,
Агар имрӯз дастамро нагирӣ,
Бигирам доманатро рӯзи фардо.

* * *

Гули ман, хонаи дил маскани туст,
Ғаму сӯзи ман аз нодидани туст,
Чу бори ғам ба гардан мирам охир,
Бидон, ки хуни ман бар гардани туст.

* * *

Бадо бар ман, ки шӯре дар сарам нест,
Касе афтодаи пеши дарам нест,
Мисоли ганҷи пинҳон монда аз чашм,
Дилам андар бар асту дилбарам нест.

* * *

Сари пурборро ҳам офариданд,
«Туфайли чашми ман нам офариданд»,
Бадонро беш чун санги кӯҳистон,
Накӯёнро чу зар кам офариданд.

* * *

Ту аз андӯҳу ғам афсурдӣ, эй дил,
Ту аз дарду алам пажмурдӣ, эй дил,
Чу ишқи ман даруни синае мурд,
Ту пеш аз мурдани худ мурдӣ, эй дил.

* * *

Диламро байти ишқи ёр кардам,
Сарамро назри теғу дор кардам,
Вале бо ин ҳама дар олами ишқ,
Гули рӯ ҷуста худро хор кардам.

* * *

Фалак, боре муродамро раво кун,
Маро як дам зи қайди ғам раҳо кун,
Бидеҳ ҷо дар дили ёри нахустам,
Сипас дар қалби хоки тира ҷо кун.

* * *

Дило, аз зиндагонӣ шиква кам кун,
Сурури орзӯро сӯи ғам кун,

Қазо хоҳад гар афкандан зи поят,
Чу Ромиш такя бар чӯби қалам кун.

* * *

Касе бо умри кам, ё аз ҳад афзун,
Намонад ҷовидон дар зери гардун,
Хушо бар он, ки гоми охиринаш,
Барад бар олами дил з-олами дун.

* * *

Ғамам додӣ, Илоҳӣ ғам набинӣ,
Ҷафое з-одаму з-олам набинӣ,
Умеди беши ман аз ту ҳамин аст,
Ки дар ишқам ба чашми кам набинӣ.

* * *

Камолу бахт ёбанд аз рафиқӣ,
Азизи ёр гарданд аз шафиқӣ,
Барои ошиқон садди раҳе нест,
Ба дил доранд, агар ишқи ҳақиқӣ.

# АБДУЛҲОМИДИ ШАЙДО

**Абдулҳомид ибни Мулло Эсан соли 1969 дар деҳаи Падрӯд таваллуд шудааст. Ӯ бо тахаллуси «Шайдо» шеър иншо менамояд. Абдулҳомид ҳунари навозандагиву сарояндагӣ дошта, дар маҳфилҳо дили ҳозиринро бо овози хуши худ сафои хоса мебахшад.**

## Ғазалҳо

Аз рухат моро, нигоро, дур афкандан чаро?
Аз висоли рӯи гул маҳҷур афкандан чаро?
Дар гулистони ҷамолат булбули бехонаем,
Бе гулу бе ёсумину нур афкандан чаро?
Мо, ки муштоқи қаду болои зебои туем,
Номуроду бенасибу кӯр афкандан чаро?
Гаштаем аз ишқи ту девонаву зору заъиф,
Нотавону хаставу ранҷур афкандан чаро?
Мухлисони нағмаи «Ушшоқ» ҳастему вале,
Бе навои тору бе танбӯр афкандан чаро?
Булбули Шайдо ғазалхон аст дар тарфи чаман,
О, ки аз баҳри Худо ноҷӯр афкандан чаро?

* * *

Бақои ҷони ошиқ хандаи лаъли шакарборат,
Ҳазорон садқа лоиқ аст бар чашмони хумморат.
Даруни сина дорам ман басе дарду ғаму ҳасрат,
Ки аз шарми рухат, ҷоно, натонам кард изҳорат.
Вале тарзи нигоҳи ту ба дилҳо мезанад ханҷар,
Ба ҳангоми назар афканданам бар холи рухсорат.
Дили моро рабудӣ бо нигоҳи чашми ҷодӯят,
Илоҳӣ, то қиёмат кас набинад ҳеҷ озорат.
Агар як бӯса аз лаъли шакарборат ҳамедодӣ,
Ҷаҳону ҷони худро садқа мекардам ба якборат.

* * *

Дар чаман сарви хиромон аз чӣ хушӣ мекунад?
Қадди ӯ бинад, агар имонфурӯшӣ мекунад.
Чашм бодом, мижагон тир асту абрӯ чун камон,

Ҳар замон бар ҷони муштоқон фурӯшӣ мекунад.
Васфи ҳуснашро ба дафтар гар биёрам ҷой нест,
Пеши ӯ шамсу қамар ҳам рӯйпӯшӣ мекунад.
Аз лабонаш гул бирезад пеши ӯ вақти сухан,
Тӯтии ҳиндустонӣ ҳам хамӯшӣ мекунад.
Гар туро бошад сухан, Шайдо, мисоли ангубин,
Васфи ӯро гар кунӣ, биллаҳ, турӯшӣ мекунад.

* * *

Доман аз олудагиҳо ҳеҷ бар кардан нашуд,
Умри ширин дар ҷавониҳо ба сар кардан нашуд.
Дар талоши ишқ чун хаффош мондам то абад,
Шоми ғамро, дӯстон, асло саҳар кардан нашуд.
Гарчи будам булҳавасдаъвои мулки ошиқӣ,
Ҷомаи ушшоқро умре ба бар кардан нашуд.
Нест имкони халосӣ аз ғами ҳиҷрон басе,
Афсари иқболро болои сар кардан нашуд.
Солҳо ҷӯён чу Искандар шудам оби ҳаёт,
Чун муяссар шуд, лабони хеш тар кардан нашуд.
Монд Шайдо аз фироқи гул дар иқлими ҷунун,
Булбули ошуфтахотирро хабар кардан нашуд.

* * *

Дил агар дурӣ кунад, он тор мебояд бурид,
Сар агар сахтӣ кунад, дар дор мебояд бурид.
Гар висоли ёр дур асту раҳам бас хорзор,
Карда дандон тешаву он хор мебояд бурид.
Гар туро ақл аст бар сар, ёри ҳар нокас машав,
В-ар шудастӣ хешро сар зор мебояд бурид.
Решаи душман занад ҳар сол сар чун майсавор,
Ҷон равад ҳам дар пояш ҳар бор мебояд бурид.
Булбули Шайдо зи ишқи гул диҳад сар бок нест,
Сар касеро марҳамат даркор мебояд бурид.

* * *

Бо кӣ бувад сазовор, эй ёр, эй гули ман,
Абрӯю мӯю рухсор, эй ёр, эй гули ман.
Аз ишқ ошиқонат девонаанду маҷнун,
Моем масту ҳушёр, эй ёр, эй гули ман.
Дар пеши қомати ту Тӯбӣ чу дол гашта,

Ту гулситони бехор, эй ёр, эй гули ман.
Бар тарзи рафтани ту кабки хирому товус,
Гум кардаанд рафтор, эй ёр, эй гули ман.
Дар васфи орази ту тӯтии Ҳинд маъюс,
Созад чӣ гуна гуфтор, эй ёр, эй гули ман.
Мехонд дӯш Шайдо мадҳи ту дар гулистон,
Булбул бигашт ночор, эй ёр, эй гули ман.

* * *

Мушкил будаст, азизон, озори мардикорӣ,
Ё Раб, касе маяфтад бозори мардикорӣ.
Хуршед соябонат, бишмурда обу нонат,
Бар лаб расида ҷонат, аз кори мардикорӣ.
Хушкида дар даҳонат дар ком чун забонат,
Кай медиҳад амонат саркори мардикорӣ?
Дар хона бош сокин, бар даст ор метин,
Шайдо, беҳ аст тотин динори мардикорӣ.

## Мухаммас бар ғазали Арғонӣ

Чашмони ту пурхумор, эй гул,
Абрӯт ҳилолвор, эй гул.
Гесӯи ту тобдор, эй гул,
«Рӯи ту гули баҳор, эй гул,
Рухсори ту лолавор, эй гул».

Дӯшина ту боз мегузаштӣ,
Бо нағмаву соз мегузаштӣ,
Гӯё ки ба роз мегузаштӣ,
«Бо тавсани ноз мегузаштӣ,
Мардум ҳама интизор, эй гул».

Ҳуш аз сари ошиқон парида,
Гул ҷома зи қоматат дарида,
Як умр, ки дар ҷаҳон давида,
«Чашми касе чун қадат надида,
Дар давраи рӯзгор, эй гул».

Як дил зи ғамат нараста гӯяд,

Гул чидаву даста-даста гӯяд,
Шайдо ба чаман нишаста гӯяд,
«Арғонӣ қалам шикаста гӯяд,
Авсофи ту чун ҳазор, эй гул».

## Рубоӣ

Дил зор кунад, агар кунад, ёр кунад,
Гар ор кунад, агар кунад, ёр кунад,
Як ҷону дили хаставу як сар дорам,
Бар дор кунад, агар кунад, ёр кунад.

## Наврӯз

Омади Наврӯз муборак шавад,
Иди дилафрӯз муборак шавад!
Шодиву хурсандии ҳар хонадон,
З-ин рӯзи фирӯз муборак шавад!

Фасли баҳор омаду гулзор шуд,
Даври навои дафу сетор шуд,
Ошиқу маъшуқа ба ҳам ёр шуд,
Ишқи ҷигарсӯз муборак шавад!

Пираҳани идӣ ба тан дӯстон,
Чун гули бишкуфта ҳама дӯстон,
Сарвқаду лоларухи бӯстон,
Бар ҳама ин рӯз муборак шавад!

# ИБРОҲИМИ НАҚҚОШ

**Ман Домулло Иброҳим ибни Усто Бердӣ ибни Мулло Хӯҷа ибни Сайидаҳмад ибни Ҳасан мутахаллис ба «Наққош» мебошам. Ман соли 1969 дар шаҳри Панҷакент таваллуд шудаам. Падарам Усто Бердӣ зодаи деҳаи Рашнаи Поён буда, дар синни панҷсолагияшон бо ҳамроҳии оилаашон аз он деҳа кӯчида ба шаҳри Панҷакент омадаанд. Он кас аз ҷониби модар набераи шоири ширинзабони деҳаи Рашнаи Поён Маҳзунии Рашнагӣ мебошанд.**

**Ман дар овони хурдсолӣ дар назди Эшони Бобоҷон хату саводи форсиро омӯхта, дар навиштани хати настаълиқ маҳорати хосае пайдо намудам. Дар синни 17-солагӣ ба гуфтани шеър оғоз намудам.**

# Ғазалиёт

Шабнами гулдастаи рӯзи ҷазо созӣ маро,
Ҷуръанӯши соғари оби бақо созӣ маро.
Мавҷи ваҳдат гар занад ҷӯш аз ниҳоди чоки дил,
Партави шавқи ҷамоли Кибриё созӣ маро.
То ба кай хоҳам кашидан бори ин шашдар ба дӯш,
Сайқали оинаи мавҷи ҳаё созӣ маро.
Чун нагирад пои ман дар остони шавқи ту,
Ҷабҳасои хоки пои Мустафо созӣ маро.
Ранҷи зулмат дур созад аз назар оби ҳаёт,
Соили тақво ту бар рағми ҳаво созӣ маро.
Гар нагардад сайри ҷаннат ҳамчу Идрисам насиб,
Ҳамчу Мӯсо бо таҷалло ошно созӣ маро.
Чун Сулаймонам накардӣ подшоҳи инсу ҷон,
Шаҳриёри мулки нафси худ раво созӣ маро.
Ҳусни Юсуфӣ нашуд гар лоиқи ман аз азал,
З-оби раҳмат сайқали ҳусни лиқо созӣ маро.
Ҳамчу Айюбам надодӣ сабр гар дар роҳи ишқ,
Чун Ҳусайни ташналаб дар Карбало созӣ маро.
Гар наёмад аз дили Наққош оҳе з-ишқи ту,

Мистари авроқи сармашқи дуъо созӣ маро.

*   *   *

Дар олам з-аҳли имон кун, Худоё,
Ба дини худ мусалмон кун, Худоё.
Бидеҳ тавфиқи роҳи ҷустани шаръ,
Анисам дарси Қуръон кун, Худоё.
Забонро, к-ӯ калиди қуфли мадҳ аст,
Ба тавҳид гуфтан осон кун, Худоё.
Дилам, к-ӯ махзани ганҷинаи туст,
Ҳақоиқ ҷумла эҳсон кун, Худоё.
Гаҳи рафтан аз ин дунёи фонӣ,
Раҳо аз макри Шайтон кун, Худоё.
Даруни хонаи андӯҳу ваҳшат,
Азоби қабр осон кун, Худоё,
Зи ҷаннат равзае бикшо ба рӯям,
Ҳама неъмат фаровон кун, Худоё.
Чу рӯзи растахез ояд падидор,
Маро дар хайли покон кун, Худоё.
Ба раҳмат афв кун исёни Наққош,
Набиро аз шафеъон кун, Худоё.
Ба ҷаннат бар, намо дидор рӯзӣ,
Анисам ҳуру ғилмон кун, Худоё.

*   *   *

Дил аз нурат мунаввар кун, Худоё,
Забонам шукрпарвар кун, Худоё.
Зи бӯи ғунчаи гулзори маънӣ,
Димоғамро муаттар кун, Худоё.
Сухан гӯям агар дар васфи зотат,
Каломам шаҳду шаккар кун, Худоё.
Ба кохи синаам оҳи шаб афрӯз,
Ба субҳам дидаи тар кун, Худоё.
Ба лафзам гоҳи рафтан з-ин хароботу,
Дур(р)и «Аллоҳу акбар» кун, Худоё.
Кафан созӣ маро аз гарди хиҷлат,
Зи имонам ту зевар кун, Худоё.
Муҳаммад Мустафо бо ҷамъи ёрон,
Шафеъи рӯзи маҳшар кун, Худоё.

Миёни боғи хулди бемисолат,
Ҳама неъмат мукаррар кун, Худоё.
Ба ҷаннат ғунчаи лабҳои Наққош,
Гуворо з-оби Кавсар кун, Худоё.

* * *

Ба қалбам меҳри худ ҷо кун, Худоё,
Раҳо аз ҷумла ғамҳо кун, Худоё.
Ба зикри номи покат ҳар замоне,
Лабонам шаккаросо кун, Худоё.
Дари ганҷинаи ирфону ҳикмат,
Ба рӯям ҳамчу гул во кун, Худоё.
Макун мӯҳтоҷ бар шахсе ту имрӯз,
Муродам ҷумла эҳё кун, Худоё.
Ҳам аз ганҷинаҳои олами ғайб,
Маро рӯзӣ муҳайё кун, Худоё.
Ба имон қабз кун арвоҳи моро,
Муқими боғи аъло кун, Худоё.
Зи тоби оташи гармои маҳшар,
Ба зери Арш маъво кун, Худоё.
Зи ҳавзи Кавсарам сероб гардон,
Ба дидорат ту бино кун, Худоё.
Зи лутфат ҷисми Наққоши ҳазинро,
Зи ҷурму ғам мубарро кун, Худоё.

* * *

Шӯхии оина дорад ҷилваҳои нози мо,
Нағмаи марғуб мебахшад навои сози мо.
Гаҳ чу ахтар шӯълаандозему гаҳ чун хок паст,
Кай тааммул мекунад анҷом дар оғози мо.
Дар чаман ҳар гул сафои хешро ҷӯёву бас,
Ҷуз ба гӯши мо наояд нолаву овози мо.
Бо ҳама ғам дар дили гул ашки шабнам бор шуд,
Дар камин қасди кӣ дорад, ё Раб, ин шаҳбози мо?
Гаштааст хамёзаи гулғунча эҳроми фано,
Ҷамъият чун бӯи гул бошад пари парвози мо.
Бесару по меравад то даргаҳи иқболи хеш,
Хонабардӯш аст чун шабнам садои рози мо.
Риштаи меҳри дил аз ағёр бибридем, лек

Ногаҳон бар тори дил омад дами миқрози мо.
Чун сиришки шабнам, эй Наққош, нопайдо бишав,
Ранги мавҳум аст аслу сайқалу пардози мо.

* * *

Ҳамчу шабнам то гули хуршед нам дорем мо,
Дар дили сангему изҳори адам дорем мо.
Чун сароби ашки шабнам аз нишони мо мапурс,
Ҳамчу анқо аз суроғи хеш рам дорем мо.
Роҳатободе надорад инқилоби орзу,
Ибрате аз сарнавишти ҷоми Ҷам дорем мо.
Бо ниёзи рафтагон дар ваҳшатободи вуҷуд,
Дар назокатхонаи дилҳо Ирам дорем мо.
Мушкил омад рафъи исён бо таманнои висол,
Дар саводи шом фикри субхидам дорем мо.
Машқи хомӯшӣ низоми ақлро бошад далел,
Фикри дармон пеш меояд чу ғам дорем мо.
Дар ҳузури мо чароғи офият равшан нашуд,
То зи худбиниву бадномӣ ҳашам дорем мо.
Бо ҳама болидагӣ, Наққош, дар асли вуҷуд,
Сархати пешонӣ чун нақши қадам дорем мо.

* * *

Худовандо, ба ҷоми дил ту резӣ шаҳди «Аллаҳ»-ро,
Кунӣ ҳамроҳи мо дар гоҳи рафтан «Қул ҳу валлаҳ»-ро.
Зи мижгон қатрае берун намеояд сиришки дил,
Чӣ бошад гар насиби мо кунӣ оҳи саҳаргаҳро.
Рухе чун барги гул созӣ, лаб аз шаҳди шаҳодат тар,
Ба поён оварӣ, ё Раб, ба «ё Раб» умри кӯтаҳро.
Чароғи дил барафрӯзӣ ҳам аз нури таҷаллоят,
Кунӣ аз нури имон ҳам чароғистонам ин раҳро.
Макун шармандаи бозори маҳшар пургуноҳам ман,
Ба дил парвардаам, ё Раб, ниҳоли ҳамди лиллаҳро.
Миёни хуни дил ҷуз ёди дидори таҷаллӣ нест,
Фурӯзон карда аз он заррае хуршеду ҳам маҳро.
Биё, Наққош, андар дидаи дил ашки хунин шав,
Назебад худнамоиҳо чу гавҳар гарди ин раҳро.

* * *

Ё Раб, аз лутфи амимат, ки гунаҳ бахшӣ маро,

Ҳаққи Раҳмону Раҳимат, ки гунаҳ бахшӣ маро.
Гаштаам саргашта чун сайде ба доми зиндагӣ,
Ҳаққи асмои Азимат, ки гунаҳ бахшӣ маро.
Ташнаам, аз соғари раҳмат маро сероб кун,
Ҳаққи он Зоти қадимат, ки гунаҳ бахшӣ маро.
Вақти назъи ҷон, ки ояд ҷони нофармон ба лаб,
Ҳаққи Тавроти Калимат, ки гунаҳ бахшӣ маро.
Гоҳи мурдан з-ин ҷаҳон бегавҳари имон мабар,
Ҳаққи он номи Каримат, ки гунаҳ бахшӣ маро.
Дар даруни гӯри тангам мӯнисам лутфи ту бас,
Ҳаққи бахшишҳову бимат, ки гунаҳ бахшӣ маро.
Рӯзи Маҳшар кун шафеъи ман Расули инсу ҷон,
Бар Сирот-ал-мустақимат, ки гунаҳ бахшӣ маро.
Рӯзии Наққош кун ҳам ҷаннату дидори хеш,
Ҳаққи Олову наъимат, ки гунаҳ бахшӣ маро.

* * *

Шавқро машшоти ҳусни роз медонем мо,
Доғи дилро сайқали пардоз медонем мо.
Бетааҷҷуб мушкил омад дарки офатҳои ҳусн,
Зиннати дилро зи ҷуди ноз медонем мо.
Ғунчаи уммеди мо колои ҷамъият фиканд,
Хандаи гул касри ин эъҷоз медонем мо.
Мурғи дил дар боғи ҳикмат фикри сайри гул накард,
Беғамиро монеъи парвоз медонем мо.
Ҳар ғубореро ба ҷое мебарад боди ҳавас,
Нутқро манзилбари овоз медонем мо.
Ноҷеъи амвоҷи нузҳат нудрати чоки дил аст,
Ноқиди ин нуктаро мумтоз медонем мо.
Машраъи Наққошро дар маърази гулзори ишқ,
Раҳнамои вофиди эъзоз медонем мо.

* * *

Дар нафасзавлонаи ҳастӣ гирифторем мо,
Чун ҳубоби рӯи дарё чашми бедорем мо.
Аз насими ғунчаи уммед мо бебаҳраем,
Гарчи шаш сӯ ғарқаи амвоҷи гулзорем мо.
Дар зулоли шири модар тарҳи озоре набуд,
Пас чаро бар рағми некӣ ёри ағёрем мо?!

Сурати марғуби моро занги номус доғ кард,
Сайқали хокистари дилро харидорем мо.
Умри мо сарфи садои реҳлату афсӯс шуд,
Ранги гул бишкасту бар бӯи гуле зорем мо.
Бе таҷаллӣ мушкил омад сарнавишти орзу,
Аз барои васли гул дар сояи хорем мо.
Бо ғурури ҷаҳлу кин, Наққош, дар дори ҳавас,
Косаи Ҷамшедро оина пиндорем мо.

* * *

Айби ҳар касро чу даҳ ангушт медонем мо,
Чун занахдон аз нигоҳи хеш пинҳонем мо.
Ҳамчу гавҳар дар вуҷуди санг моро кор нест,
Ояте аз дафтари тасвир мехонем мо.
Лоларо аз ғайбати мо чеҳра гулгунтар шуда,
З-он ки дар васфаш ҳама нобуда меронем мо.
Нусхаи девони ишқ аз парниёни розҳо
Ҷустуҷӯ дорем, агарчи тифли хушхонем мо.
Аз баландиҳои рафъат метавон ин дам шумурд,
Зарраи нуре, агар дар торикистонем мо.
Бо ҳама ноэътиборӣ дар тарозуи хирад,
Қиммат аз гавҳар ба чашми хеш арзонем мо.
Гарчи саргардӣ насиби чарх шуд, Наққош, лек
Ӯ ба роҳе меравад, саргаштатар з-онем мо.

* * *

Гули дилро навиди шабнами асрор кун, ё Раб,
Ба тавҳиди ҷамолат сар ба сар иқрор кун, ё Раб.
Нигоҳи пурғурури ман ба мижгони таҳайюр боз,
Қариби худ азизам, пеши мардум хор кун, ё Раб.
Малак хоҳад навиштан рӯзи маҳшар номаро унвон,
Ба унвони назокатхонаи аброр кун, ё Раб.
Агарчи н-омад аз мо тоате шоистаи даргоҳ,
Изоли ҷурми мо аз ашки шармосор кун, ё Раб.
Бишӯ девони исёнам, ту донӣ зору ҳайронам,
Ба ҳаққи номи Раҳмонат, ки гулрухсор кун, ё Раб.
Азоби гӯр дар пеш асту неши ақрабу морон,
Чароғи гӯри тангам нури раҳматбор кун, ё Раб.
Ба комам шаҳдҳо аз соғари асмои худ андоз,

Ба нутқам зевари марғубии гуфтор кун, ё Раб.
Забони алкани Наққош куҷо гӯяд сифотатро,
Ба лутфат назми ӯро ҷоми гавҳарбор кун, ё Раб.

* * *

Аз вуҷуди дил саропо парниён дорад ҳубоб,
Аз араққои ҷабинаш ошён дорад ҳубоб.
Кулли ашёи ҷаҳон аз баҳри айши якдам аст,
З-ин фано гаштан ба чашмонат аён дорад ҳубоб.
Хонабардӯшӣ тариқи мардуми афтода нест,
Чун бисоти хона доим дар миён дорад ҳубоб.
Эй, ки аз ҷӯши ҳавас шуд хонаи қалбат сиёҳ,
Машқи ҳайрат кун, ки дил оинасон дорад ҳубоб.
Хомӯшӣ мар ҷоҳилонро беҳтарин пероя аст,
Бенишон гардад, агар майли баён дорад ҳубоб.
Ҷоҳилон аз касрати амвол Қорун мешаванд,
Аз барои як нафас суду зиён дорад ҳубоб.
Маҳрами рози ту, Наққош, ҳар дили афсурда нест,
Рози касро чун даруни дил ниҳон дорад ҳубоб.

* * *

Гули айшу тарабро оқибат ашки надам будаст,
Вараи шодмонӣ лашкари ҳузну алам будаст.
Нашӯяд занги дилро айшҳои ҳардами олам,
Мисоли ибраташ ҷоми Ҷаму боғи Ирам будаст.
Ту бо ин қолаби хокӣ мазан дам ҷуз ба садчокӣ,
Бурун аз парда ояд он чи дар лавҳу қалам будаст.
На аз ҷӯши ҳавасҳо метавонӣ ёфт ҷаннатро,
На дар ҷӯи ҳавас дар қулзуми лутфу карам будаст.
Ба вақти ҷӯши савдо баста рахти бебаҳои худ
Руҷӯъи ҷумлагӣ охир ба бозори адам будаст.
Мусаллоро ба хуни дидагон шӯ дар тариқи ишқ,
Ки авроди саҳар бо дидаи пуроб кам будаст.
Ба гӯшам ин сухан аз ҳотифи гулзори ишқ омад,
Ки аҳли боғро ҳуснаш сафобахши наъам будаст.
Парирӯе, ки лутфаш мӯниси дилҳои чок омад,
Ҳадисаш ошиқонро сайқали зангори ғам будаст.
Ба роҳаш ҳар киро нақши қадам шуд кимиёи дил,
Туробаш тоҷи ошиқро чу нуре муғтанам будаст.

Суҷуди даргаҳаш бе оташи дил кай бувад дилҷӯ,
Мисоли хиттаи барфе дар ӯ нақши қадам будаст.
Гунохе дар вуҷуд омад туро аз бехудӣ, Наққош,
Муҳити раҳматашро қатрае ҳар сӯ рақам будаст.

* * *

Он чи дар олам ба қалби мо сафо бахшад кам аст,
Тӯтиёи дидаи Ризвон нигоҳи пурнам аст.
Инқилобе бениёзи ом ҳаргиз барнахост,
Хонаи гул интизори моҷарои шабнам аст.
Ҳарчи дар айни камол аст, аз фано дорад асар,
Одамиро давлати пирӣ нишони мотам аст.
Аз шароби шавқ натвон ҷоми дил кардан тиҳӣ,
Ошиқонро соғари уммед чун ҷоми Ҷам аст.
Ёди рӯяш дар ғами ҳиҷрон бувад таскини дил,
Қатрае ҳам ташнаро беҳ аз зулоли Замзам аст.
Ҷилваҳои нози ӯ, Наққош, дар авроқи дил,
Мисраъи марғубае бошад, ки насхи олам аст.

* * *

Гарчи дар вазъи ҷаҳон нармӣ зи ҷое барнахост,
Аз шикасти шишаи дилҳо садое барнахост.
Шуд ғубори хотири мо мавҷи идбори вуҷуд,
Улфатоғӯши адамро моҷарое барнахост.
Мавҷи яъсу хуррамӣ улфат намегирад ба ҳам,
Аз забони шикваи мо илтиҷое барнахост.
Ранҷу лаззоти ҷаҳон дар хотири мо раҳ наёфт,
К-аз тараннумҳои мо савту навое барнахост.
Ҳайратам афзун шуд аз тамкини кӯҳи зиндагӣ
Дар ҷавоби нола з-ӯ акси садое барнахост.
Дидаҳо хун шуд зи баҳри матлаби дунёи дун,
Баҳри эҳёи диле дасти дуое барнахост.
Дар шикасти табъи ғафлатзои абнои замон,
Мӯсие андар раҳи Ҳақ бо асое барнахост.
Меҳрубонӣ рафта, Наққош, аз мизоҷи аҳли даҳр,
То зи аҳбоби муҳаббат кимиёе барнахост.

* * *

Хоби кас нодидаро таъбир нест,
Хун шудан хосияти иксир нест.

Чун ҳубоби мавҷи дарёи хаёл,
Нолаи беғам гиребонгир нест.
Дар миёни рози муштоқони ҳусн,
Ояти хомӯшӣ бетафсир нест.
Бар мазоқи тифли дур аз пеши мом,
Лаззати ангушт кам аз шир нест.
Аз сафар ҳар кас нагирад обрӯ,
Дар нигоҳи оина тасвир нест.
Эй назокатҷилваи гулзори ҳусн,
Барқи мижгони ту бетаъсир нест.
Чун чароғи лола месӯзад нафас,
Нолаи дил чун садои шер нест.
Аз сароби умр обе кас нахӯрд,
Захмаи тир чун садои тир нест.
Арғувонро кисвати шабнам хуш аст,
Ғайри хун пероҳани шамшер нест.
Дар ҷаҳон, Наққош, пеши теғи марг
Навбате байни ҷавону пир нест.

* * *

Шикасти шишаи дилро садо нест,
Чу гул дар ҷоми шабнам моҷаро нест.
Маҷӯ лаззоти умри рафта вопас,
Нишони обила дар нақши по нест.
Рамузи шахс з-осораш ҳувайдост,
Лаби шахси ҳазин бар ханда во нест.
Ману огоҳии маҳшар чӣ фурсат,
Ниёзи бӯи гул дар чашми мо нест.
Ба кори худ тааммул кун, ки ҳаргиз,
Шукуфтан хосаи мурғи ҳаво нест.
Давои бад сазои табъи саркаш,
Шикасти ранги гулро мӯмиё нест.
Агарчи беҷиҳат шуд роҳи мақсад,
Зулоли чашма аз шабнам ҷудо нест.
Баро, Наққош, з-ин баҳри тахайюл,
Куҷо ҷӯӣ ту он ҷоро, ки ҷо нест.

## Марсияи Иброҳими Наққош

## бар марги падар

Он падар, он меҳрубон бигзашт рафт,
Нурбахши чашму ҷон бигзашт рафт.
Моили дидору гулзори биҳишт,
Аз макон бар ломакон бигзашт рафт.
Чашм диду ақли ман бовар накард,
Гарчи аз пешам аён бигзашт рафт.
Ҳар насоеҳу ҳунарҳо кард монд,
Худ вале ҳамчун замон бигзашт рафт.
Бо дили пурҳасрату пурорзу,
Бо хаёли ину он бигзашт рафт.
Рӯзу шаб мехонд з-оёти калом,
Лаб ба зикри Мустаъон бигзашт рафт.
Аз бари Наққошу аз гулзори даҳр,
Ҳазрати Устокалон бигзашт рафт.

* * *

Дареғо, як рафиқи меҳрубон рафт,
Чароғи маҷлиси ин дӯстон рафт.
Ба хубу зишт будаш меҳрубонӣ,
Мусофирпарвари ширинзабон рафт.
Саховатпеша буду рӯкушода,
Барои аҳли олам безиён рафт.
Зи илми фиқҳу тиббу хатту Қуръон,
Буд ӯ огоҳу роҳи Ҳақ бад-он рафт.
Ҳувайдо аз ҷабинаш нури имон,
Ба шаръи Мустафо содиқбаён рафт.
Нишоне ғайри хӯи нек нагзошт,
Чаро ӯро ту гӯӣ: бенишон рафт.
На танҳо волидонро доғдил кард,
Ғамаш дар синаи пиру ҷавон рафт.
Зи дарду меҳнате, ки дар танаш буд,
Пайи дармон ба Халлоқи ҷаҳон рафт.
Будаш Мулло Раҷаб ному накӯрӯй,
Чу гул бар ҷониби боғи ҷинон рафт.
Худоё, ҷои ӯ Фирдавс гардон,
Ки меҳрат дар дилу зикрат ба ҷон рафт.

Зи Ҳавзи Кавсарат сероб гардон,
Агар ӯ ташналаб з-ин хокдон рафт.
Ба дидорат мушарраф кун нигоҳаш,
Ки аз дарду машаққат хунчакон рафт.
Чаро пурғам набошад ҷони Наққош,
Ки аз наздаш рафиқе инчунон рафт.

* * *

Чу «Мо зоғ-ал-басар» дар восифи чашми хумор омад,
Рухаш бо зевари «Ваш-шамс» рашки сад баҳор омад.
Дигар «Вал-лайл»-у анбар дар сифоти ҳалқаи мӯяш,
Муаттар гашта аз бӯяш раёҳин шармсор омад.
Ба фарқаш афсари «То ҳо», ба дӯшаш хилъати «Ё син»,
Ба мулки ҳар ду олам босазо ӯ шаҳриёр омад.
Ҳамон Сиддиқи ёрашро, нахустин роздорашро,
Ба пои нозук андар ғори тира неши мор омад.
Умар бо зарби дарра карда беҷон ҷисми фарзандаш,
Зи адлаш дар миёни умматонаш бовиқор омад.
Дигар Усмони Зиннурайни боҳилму ҳаёро бин,
К-аз ӯ дар сафҳаи маҷмӯъа панди Кирдигор омад.
Алиро шери Аллаҳ дон, ба Аҳмад ёри огаҳ дон,
Мусаххар мулкати Қаҳқаҳ ба зарби Зулфиқор омад.
Ба ангуште биканд аз бун ҳамон дарвозаи Хайбар,
Ба ёрии Муҳаммад Ҳазрати Дулдулсавор омад.
Худоё, бахш иқболам, ба даргоҳи ту менолам,
Ки Наққош чун ғуборе бар дарат уммедвор омад.

* * *

Бе таҷаллӣ ҳар ҷиболе Тур натвонист шуд,
Тӯтиё муштоқи чашми кӯр натвонист шуд.
Ҷуз латофат бӯи гул аз хонаи гул барнадошт,
Некӯвонро роҳи бад манзур натвонист шуд.
Аз таҷаллимашрабон андешаи роҳат хатост,
Тахти гул ҷои нишасти мӯр натвонист шуд.
Оби Ҳайвон ҳам зи номи Хизр бошад ҷовидон,
Номи Ҷам бе ҷоми Ҷам машҳур натвонист шуд.
Роҳи ваҳдатро далел омад буроқи ақлу дил,
Нақши по ҳодии роҳи нур натвонист шуд.
Соили касби ҳаёро аз тағофул чора нест,

Ашк дар бематлабӣ маҳшур натвонист шуд.
Лаззате тооти мо чун бе ҳузури дил наёфт,
Доғи мо холи лабони ҳур натвонист шуд.
Нақши мо, Наққош, зеби дафтари айём нест,
Дил вале з-ин роҳи матлаб дур натвонист шуд.

* * *

Баҳри эҷоди нигоҳат чашми шаҳло рехтанд,
Боиси ишқат ба дил мавҷи таманно рехтанд.
Мавҷи оғӯши ҳавасҳо то суроғат додаанд,
Дар хаёлам ҷилваи ранги таҷалло рехтанд.
Хомӯшиҳои ту моро садди чандин роз шуд.
Орзӯи ғунчаро аз баҳри гулҳо рехтанд.
Бо кӣ гуфтан метавон розу ниёзи ошиқӣ,
Издиҳоми шабнам аз баҳри гули мо рехтанд.
Нест моро ғайри ишқат дар дили хунин ҳавас,
Ҷодаи мо дар суроғи роҳи онҳо рехтанд.
Мекунам ғаввосии баҳри сароби орзӯ,
То туро дурдонаи ин ҳафт дарё рехтанд.
Сӯзиши беҷои мову нозу истиғнои ту,
Инчунин афсона баҳри мо на танҳо рехтанд.
Баргузаштем аз хумори васлу оғӯши бутон,
То шароби меҳри ту дар ҷоми дилҳо рехтанд.
З-ин чаман, Наққош, гул Бедилсифат ранҷиду гуфт:
«Обрӯи шабнами мо сахт беҷо рехтанд».

* * *

Рӯзе, ки ҳусни дилбар аз ноз қиссаҳо кард,
Қалби ҷунункашидаи мо тарки вуҷуди мо кард.
Оинаи хаёлам ҷуз нақши ӯ надонист,
Маҷрои зиндагонӣ моро ба мо раҳо кард.
Ёди шароби лаълаш чун бодаҳои дерин,
Ҳушам рабуду мастӣ гӯё маро ато кард.
Нақшу нигори ҳастӣ аз лавҳи хотирам бурд,
Дар кӯи бенишонӣ лутфаш маро сало кард.
Бо ишва дод лаълаш моро навиди васлаш,
Аммо ғурури ҳуснаш оҳанги сад ҷафо кард.
Тобу таби аламҳо дар ҷонам оташ афрӯхт,
Тӯфони ноумедӣ дар сина моҷаро кард.

З-ин ҳолати ҷигарсӯз дар байни яъсу уммед,
Одоби ишқбозӣ рӯ ҷониби вафо кард.
Наққош, дарси Бедил асрори ишқам омӯхт:
«Дил хонаест, к-он ҷо натвон ба зӯр ҷо кард».

* * *

Мавҷи нози дилбарон бо шарм мавзун рехтанд,
Тӯҳмати беномусиҳо бар чӣ мазмун рехтанд.
Зиндагонӣ бе хаёли неку бад шӯҳрат надошт,
Шуд гунаҳҳо маҳв, то қурбониро хун рехтанд.
Косаи айём шуд аз нозу истиғно тиҳӣ,
То ҷамоли дилбарон дар парда гулгун рехтанд.
Осмон ҳам дар шикасти хоксорон будааст,
Ҳар куҷо зад шӯъла оҳе, бахти вожун рехтанд.
Ҷои покон кай тиҳӣ гардад ба рағми нокасон,
То қиёмат даштро ҳамтарҳи Маҷнун рехтанд.
Ранҷҳо зоеъ нагардад пеши истиғнои ҳусн,
Бар Зулайхо қомати пирӣ дигаргун рехтанд.
Норасоӣ аз суроғи ақл ҳаргиз дам назад,
Дар раҳаш афсонаҳо ҳарчанд афзун рехтанд.
Инқилоби даҳр аз ҳар ҷунбиши гаҳвора нест,
Сад садаф бишкаст, то як дурри макнун рехтанд.
Шуд замин азбаски танг аз мавҷи оҳи норасо,
Пояи меъроҷаш охир чархи гардун рехтанд.
Бишнав, эй Наққош, Бедил месарояд мисраъе:
«Рози ин нӯҳ парда мо будем, берун рехтанд».

* * *

Матлаб азбаски ғубори роҳи пурэъҷоз буд,
Ҳар куҷо чашме кушодам дилбари ғаммоз буд.
Муддао аз коҳилӣ то бар дари мақсад нарафт,
Нола аз афсурдаҳолӣ сурмаи овоз буд.
Равнақи дидор хоҳӣ, шав чароғи субҳидам,
Файзи шабнам бар рухи гул аз нигоҳи боз буд.
Ҷоҳил аз мавҷи назокатҳои дил огоҳ нест,
Шӯҳрату ҳирси ҷаҳонаш мояи пардоз буд.
Кори теғ аз бадзабонӣ доимо рафтан ба хун,
Ғунча ҳам аз безабонӣ дар ғурури ноз буд.
Дар тилисми зиндагӣ қадре надорад орзу,

В-арна ҳар кас дар таманно соҳиби эъзоз буд.
То адам гаштан суроғи бенишонӣ кас накард,
Пояи анҷоми шӯҳрат мояи оғоз буд.
Эй, ки мекӯшӣ пайи эҷоди номи ҷовидон,
Шӯҳрати анқо чу анқо мурғи хушпарвоз буд.
Аз такаллум акс дар оина овозе надошт,
Дар лабаш гоҳи табассум хуррамӣ мумтоз буд.
Ман куҷо, Наққошу дарки маънии Бедил куҷо:
«Умрҳо урёнии мо пардадори роз буд».

* * *

Шикасти ранги мо таъмири афтодан намебинад,
Раҳили бӯи гулро кас гаҳи рафтан намебинад.
Ба тахти ғунча шабнам аз куҷо омад мусаффо шуд,
Ки тарҳи қолабашро кас дар ин гулшан намебинад.
На дар ҷоми ҳубоб аст лаззати андешаи мозӣ,
Ки қалби бетааммул доғи афсурдан намебинад.
Шикоят аз ҷафои чарх мушкил пеши дун бурдан,
Гудози қалби моро дидаи равшан намебинад.
Биё, эй нозпарварди наъими даҳр, ёд овар,
Ки фардо кас ба ҷуз дар номаи аҳсан намебинад.
Касе донад бақои давлати ҳилми ҳалимонро,
Ки дар қалби ҳазин осори ошуфтан намебинад.
Куҷо тоқат пазирад оташи сӯзони маҳшарро,
Мизоҷи он, ки тоби гармии гулхан намебинад.
Шудам, Наққош, ман мадҳуши ин афсонаи Бедил:
«Ки пеши по кас ин ҷо бе хами гардан намебинад».

* * *

Ғунчаи лаълаш таманно доштам, он ҳам намонд,
Гулшани рӯяш тамошо доштам, он ҳам намонд.
Бо хаёлаш дар таманногоҳи сад розу ниёз,
Илтиҷову моҷароҳо доштам, он ҳам намонд.
Пеши хуршеди ҷамолаш гоҳи арзи муддао,
Қолаби бехуд ҳувайдо доштам, он ҳам намонд.
Ман, ки пеш аз дидани офоти шӯри ошиқӣ,
Қалби мағруру шикебо доштам, он ҳам намонд.
Аз саропояш гаҳи наззораи эъҷози ҳусн,
Лаззате андар саропо доштам, он ҳам намонд.

Аз тағофулҳои чашму офати ҳусни расо,
Нола бесавту садоҳо доштам, он ҳам намонд.
Дар нишемангоҳи узлат бе хаёли ину он,
Шӯҳрате чун номи анқо доштам, он ҳам намонд.
Бо дили болидаам, Наққош, дар девони ишқ,
Нақши чандин муддаоҳо доштам, он ҳам намонд.

* * *

Туро дар интизори навбаҳорон ёд хоҳам кард,
Туро чун мавҷи шӯхи лолазорон ёд хоҳам кард.
Зи тӯфони дили ошиқ бувад огаҳ дили дилбар,
Туро, эй гавҳари уммеду ҳиҷрон, ёд хоҳам кард.
Чу мешустӣ рухи гулгуни худ бо шамнами ашкат,
Туро чун қатраи марҷони борон ёд хоҳам кард.
Ғанимат будааст гулзори фасли навҷавониҳо,
Ман аз оғӯши гарму бӯсаборон ёд хоҳам кард.
Таманнои дили мо ишқ буду он замон ҳосил,
Надонистем қадраш баъди даврон ёд хоҳам кард.
Ту бахшидӣ гуноҳони маро бар хотири ишқат,
Туро чун оби софи чашмасорон ёд хоҳам кард.
Гуворо доштӣ дар зиндагонӣ хотири Наққош,
Кунун айёми дилхушро ҳазорон ёд хоҳам кард.

* * *

Он қадар афсруда гаштам, бахти вожун гуфт бас,
Он қадар афсона гуфтам, гӯши Маҷнун гуфт бас.
Он қадар асрори ишқаш кардам аз мардум ниҳон,
Бо хаёлаш ҳам ниёзи чашми мафтун гуфт бас.
Инқилоби орзу муштоқи қалби реш нест,
Чун сухан беҳосил омад табъи мавзун гуфт бас.
Ҷилваҳои ҳусн шӯр андохт, к-андар дил чунон,
Синаи маҷрӯҳи ман бо захми нохун гуфт бас.
Бо ҷамоли дилфиреби ӯ ба ҳангоми ниёз,
Он қадар дилбаста гаштам, қалби пурхун гуфт бас.
Он қадар дар васфи лаълаш нуктаҳо гуфтам зи рашк,
Бо забони мавҷи дарё дурри макнун гуфт бас.
Он қадар бадахтаронро ҳирси дунё шуд зиёд,
Сар зи ҷайби хок берун карду Қорун гуфт бас.
Баҳри он ки бар каф орам гавҳар аз дарёи фикр,

Он қадар дар худ фурӯ рафтам, ки Ҷайхун гуфт бас.
Ҳамчу Толиб бесабаб, Наққош, дар ақсои даҳр,
«Он қадар беҳуда гардидам, ки гардун гуфт бас».

* * *

Ин дили шӯрида дидори туро дорад ҳавас,
Лолаи сероби рухсори туро дорад ҳавас.
Гарчи беҳосил бувад ҳар ҷо ниҳоли орзу,
Гӯши ҷон дуррҳои гуфтори туро дорад ҳавас.
Ҳусни хубонро ба ғайри дил таҷаллигоҳ нест,
Ин макон аз ишқ изҳори туро дорад ҳавас.
Ҳар замон аз рафтани умрам нидое мерасад,
К-он таманноҳои рафтори туро дорад ҳавас.
Баҳри чӣ чун оби Хизраш дорӣ аз ошиқ ниҳон,
З-он ки аз ҷон рӯи гулнори туро дорад ҳавас.
Пеши истиғнои нозат рози моро бор нест,
Шабнаме ку он, ки гулзори туро дорад ҳавас.
Аз чӣ рӯ парвардаӣ, Наққош, меҳрашро ба ҷон,
Он парирӯ доим озори туро дорад ҳавас.

* * *

Зиҳӣ, оинаро ҳайрат физояд ҳусни бечунаш,
Ғубори занги дилро мезудояд ранги гулгунаш.
Ба ҳам меоварад чашми ғизоли дашту саҳроро,
Адои дилбарони нозанину шӯху мавзунаш.
Агар оби бақои Хизр маҳви хилвати шаб шуд,
Сафо дар парда дорад мавҷи дарёи дигаргунаш.
Назокатҳои гулҳояш навиде аз рухи Лайлӣ,
Нишон аз нақши Маҷнун медиҳад гарде зи ҳомунаш.
Ба хубӣ орифонро волаи гуфтори худ карда,
Зарифию Ҷамолӣ гавҳари дарёи мазмунаш.
Мисоли чашма ҷӯшад назми рангин аз дили Наққош,
Ки нахлаш реша гирад аз Камоливу зи Маҳзунаш.

* * *

Рафтанд хубони ҷаҳон бо нола аз дасти аҷал,
Барнову пиру нотавон бо нола аз дасти аҷал.
Рафтанд аз боғи ҷаҳон Искандару шоҳаншаҳон,
Ҷамшеду Доро ногаҳон, бо нола аз дасти аҷал.
Ку Юсуфи гулпераҳан, Яъқуб дар байтулҳазан,

Оду Самуду анҷуман, бо нола аз дасти аҷал.
Ин олами боғи фано бо Мустафо шуд бевафо,
Ин дам чӣ меояд зи мо, бо нола аз дасти аҷал.
Бӯбакру Умар шуд куҷо, Усмон, Алии Муртазо,
Нурони чашми Мустафо, бо нола аз дасти аҷал.
Ин арғувонат заъфарон, чашмони мастат хунфишон,
Боғи ҳаёти тан хазон, бо нола аз дасти аҷал.
Сад чораат бечора шуд, мардум ҳама овора шуд,
Дил дар дарунат пора шуд, бо нола аз дасти аҷал.
Сад нола бар афлок шуд, хоке ба сӯи хок шуд,
Дилҳо ҳама ғамнок шуд, бо нола аз дасти аҷал.
Як лаҳза бар худ нола кун, домони дил пуржола кун,
Рухсораҳоро лола кун, бо нола аз дасти аҷал.
Чун мавҷи дил туғён бизан, дар хуни дил ҷавлон бизан,
Сар бар дари Раҳмон бизан, бо нола аз дасти аҷал.
Эй дил, сухан кӯтоҳ кун, Наққошро огоҳ кун,
Рӯ ҷониби Аллоҳ кун, бо нола аз дасти аҷал.

* * *

Шамъи маъниро ба кохи ишқ то парвонаем,
Нақши тасвири куҳан андар дили ҷононаем.
Бо рухи гулгуни мо покии дил нисбат мадеҳ,
Бар мисоли ашки шабнам дар дили паймонаем.
Печутоби мо ба роҳат аз азал пайгир нест,
Дар нигористони ҳуснат мӯи зери шонаем.
Баҳри мо тахти Ҷаму тоҷи кайӣ даркор нест,
Гӯшаи рангинхаёлиро даруни хонаем.
Ин аҷаб бошад ба чашми ноумедон то абад,
Бо ҳама нозукхаёлиҳои худ девонаем.
Бар муҳити дил ҳубобосо расидан кай тавон,
То чу ашки рафта аз чашмони худ бегонаем.
Ман надонам бехудиҳои замона то куҷост,
Гӯиё афтода яксар дар майи хумхонаем.
Нуктаи нозук даруни ҷоми дил пинҳон монд,
Чун хати нозук муқими хонаи дурдонаем.
Бо либоси фақр, Наққош, дар абадободи ишқ,
Баҳри вопасмондагон як нусхаи афсонаем.

* * *

Ҳамчу шабнам ноз бар гулҳои рӯе мекунем,
Шоҳиди худ аз дари дил ҷустуҷӯе мекунем.
Равнақи ишқи ҳақиқӣ нест дар мулки ҳавас,
Имтиёзи ҳусни гул бо рангу бӯе мекунем.
Дар ҳузури маҳфили ағёр бо чандин гудоз,
Бо хаёлат бо дили худ гуфтугӯе мекунем.
Солики роҳи фано дар сурма хобидан надошт,
Чун тараб дар синаи беғам нумӯе мекунем.
Баски аз касби амал домони исмат шуд қабо,
З-оби чашму зонуи хиҷлат руфӯе мекунем.
То шавад дасти талаб бо зулфи мушкин ошно,
Нолаҳо аз нори ҳиҷронат чу мӯе мекунем.
Соддаро роҳи таваккул қатъи сад хамёза шуд,
Мо ба чандин ҷода чун оҳанги кӯе мекунем.
Сархушам, Наққош, з-ин паймонаи Соиб, ки гуфт:
«Даст, агар кӯтоҳ бошад, орзуе мекунем».

* * *

Чун гузаштем зи сахтӣ, шараре гум кардем,
Маҳви хур гашта тулӯъи саҳаре гум кардем.
Чун шудем баҳравар аз лаззати айёми висол,
Нолаҳои шабу сӯзи ҷигаре гум кардем.
Дили худ карда тиҳӣ аз ғаму мамлу зи нишот,
Чун най аз ботини худ мо шакаре гум кардем.
Гашта мафтуни навои тарабу хандаи гул,
Ҳамчу мурғони чаман чашми таре гум кардем.
Ҳаваси дидани рухсораи юсуфсифатон,
Ҳамчу Яъқуби ҳазин мо назаре гум кардем.
Пеши алтофи нигору ғами ҷонсӯзи рақиб
Мо дар оғӯши ҳавасҳо ҳунаре гум кардем.
Талаби ҷоми Ҷаму ишрати дунё ҳеҷ аст,
Мо дар ин баҳри маъонӣ гуҳаре гум кардем.
То расидем ба хилватгаҳи дилҳо, Наққош,
Чун сабо бар дари гулҳо гузаре гум кардем.

* * *

Нафсро аз бехудӣ муштоқи дарди сар макун,
Ашк чандоне, ки меборӣ, ба ҷуз гавҳар макун.
Ошиқи дидор шав, не ишратоғӯши ҳавас,

Толиби гавҳар наӣ, такрори дарси зар макун.
Имтиёзи неку бад ғайри ҳаё санге надошт,
Давраи чашмони худро халқаи ҳар дар макун.
Аз адам наззораи дунё ба ҷуз ҳасрат надошт,
Вақти холиро биёбонмарги карру фар макун.
Бениёзӣ бе садои симу зар мумтоз нест,
Қул-қули мино надорӣ, ханда бар соғар макун.
Эй надида инқилоби роҳати дунё ба чашм,
Номи анқоро абас шерозаи дафтар макун.
Ҳамнишини ағниё ҳам аз бало мастур нест,
Чун садаф бунёди худ қурбонии зевар макун.
Бо ғаму афсурдагӣ рӯзӣ намегардад фарох,
Гар лаби ноне надорӣ, чашми худро тар макун.
Дар гулистони назокат ханда дорад розҳо,
Гар бихонӣ қиссаи бесӯзи мо азбар макун
Бехудам, Наққош, аз ин мисраъи шоҳи сухан:
«Фаҳм даркор аст, агар гӯше надорӣ, кар макун».

* * *

Вуҷуди нозукатро зевари тоҷи расоӣ кун,
Ба рӯят парниёни шарми лутфи кибриёӣ кун.
Зи исмат деҳ ба шайтони вуҷудат заҳри қотилро,
Чу Заҳро қурби Ҳақ дарёбу тарки дилрабоӣ кун.
Бишӯ бо обшори дида гарди ҷурми пешинро,
Ба гулзор омадӣ боре ту бо гул ошноӣ кун.
Намебахшад туро суде ба фардо лаззати дунё,
Ту дар баҳри адаб бо фулқи дониш нохудоӣ кун.
Дар ин дунёи фисқолуда бо ҳар кас маҷӯ улфат,
Ба мардони худо шав ёру тарки мосивоӣ кун.
Табаҳ шуд ин ҷаҳон аз дасти фисқандешагон, Наққош,
Ту бо теғи сухан разме ба эшон муртазоӣ кун.

* * *

Гули хушкидаи дилро ба зикри худ муаттар кун,
Ғубори хотири моро ниёзи дидаи тар кун.
Чу хоҳад инқилоби орзу моро зи худ бурдан,
Ту бо нури таҷаллӣ маҳви он андешаи шар кун.
Ниёзи мо, ки ҷуз андешаи суди мукаррар нест,
Ба мазмуни адаб оинаро софу мунаввар кун.

Чу орад издиҳоми бӯи гул пайки сурури дил,
Димоғи мо зи атри маънии рангин муанбар кун.
Нашуд ошӯби мо кам аз тамошои бутон, Наққош,
Пайи анҷоми ин афсона эҳёи диле сар кун.

* * *

То зи эъҷози масеҳоӣ нишон дорад сухан,
Рутбае байни замину осмон дорад сухан.
Фазли Одам бар малоик аз барои илми ӯст,
Роҳи донишро чароғи нурфишон дорад сухан.
Бе такаллум имтиёзи одаму бӯзина нест,
Ганҷи донишро ҳам эъҷози баён дорад сухан.
Ошиқи мискин куҷо ёбад ҳузури дилбараш,
Чун садаф то дар вуҷуди худ ниҳон дорад сухан.
Офати дил будааст афзунии гуфторҳо,
Ин нидои аҳли ирфон дар забон дорад сухан.
Пешаи аҳли сухан ҷуз нуктаи сарбаста нест,
Дар вуҷуди қатра сад баҳре аён дорад сухан.
Аз бутуни қарнҳо ояд нидои орифон,
Зинда номи аҳли худро дар ҷаҳон дорад сухан.
Нақди мо, Наққош, бар аҳли сухан мумтоз нест,
Гарчи бо алфози чун оби равон дорад сухан.

* * *

Биё, эй толиби ҷаннат, дуруди Мустафо мегӯ,
Шунида номи Он Ҳазрат, дуруди Мустафо мегӯ.
Саҳар аз хоб чун хезӣ, зи дида ашки хун резӣ,
Диле бо дард омезӣ, дуруди Мустафо мегӯ.
Паси ҳар тоату одат, фароғи шодиву ҳасрат,
Чу майлат ҳаст бар Ҳазрат, дуруди Мустафо мегӯ.
Чу рафтӣ ҷониби масҷид, ки то гардӣ дар он соҷид,
Гирифтӣ роҳи Ҳақ бо ҷид, дуруди Мустафо мегӯ.
Агар мушкил ба сар дорӣ, тариқи пурхатар дорӣ,
В-агар майле ба зар дорӣ, дуруди Мустафо мегӯ.
В-агар ӯро талаб дорӣ, на оҳи нимашаб дорӣ,
Чу қалбу кому лаб дорӣ, дуруди Мустафо мегӯ.
Ба ҳар маҳфил, ки биншинӣ, ҷамоли дӯстон бинӣ,
Баро як дам зи худбинӣ, дуруди Мустафо мегӯ.
Чу бар бӯстон гузар кардӣ, ба рӯи гул назар кардӣ,

Машоматро хабар кардӣ, дуруди Мустафо мегӯ.
Агар хоҳӣ шафоъатро, наъими хулду роҳатро,
Шунида номи Ҳазратро, дуруди Мустафо мегӯ.
Ту, Наққош, аз сабукҷонӣ, нарафтӣ роҳи Раҳмонӣ,
Барои рӯзи ҳайронӣ дуруди Мустафо мегӯ.

* * *

Бувад саршори фазли Ҳақ сар то пои бисмиллоҳ.
Майи ваҳдат бичӯшад ҳар дам аз саҳбои бисмиллоҳ.
Набошад ақли куллро дарки рози ишваи гардун,
Судури орифон аз ишқ шуд маъвои бисмиллоҳ,
Бувад донистани Қуръон бе идроки он мушкил,
Ки рамзи «ЪалламалҚуръон» бувад дар «бо»-и бисмиллоҳ.
Вуҷуди Одамӣ гардид масҷуди малак, к-ӯро
Далели роҳи Ҳақ шуд «Ъалламал-асмо»-и бисмиллоҳ.
Муноҷоти Калими Ҳақ фарози Тури Сино шуд,
Набӣ сайри фалакҳо кард дар «Асро»-и бисмиллоҳ.
Биё, Наққош, нақши мосиво аз дида барҳам зан,
Ба қалбу кому ҷони хеш шав шайдои бисмиллоҳ.

* * *

Худовандо, ба комам рез аз саҳбои бисмиллоҳ,
Кушо бар рӯи ман аз лутфи худ дарҳои бисмиллоҳ.
Намеояд ба хотир зикри номат дар шаби ғафлат,
Диламро субҳидам гардон чу гул маъвои бисмиллоҳ.
Аниси хилвати танҳоиям шуд лаззати дунё,
Ту ин лашкар парешон соз бо имои бисмиллоҳ.
Худоё, шаҳди огоҳӣ чашон аз соғари раҳмат,
Бигардон мӯниси қалбам ҳам аз имлои бисмиллоҳ.
Ғубори ҷоҳилӣ пӯшида, ё Раб, дидаи Наққош,
Бишӯ ин гарди ғафлатро ту бо маҷрои бисмиллоҳ.

* * *

Биё, эй дида, пурхун шав, ки рӯзе хок мегардӣ,
Насиҳат бишнав, эй дил, соҳиби идрок мегардӣ.
Биё, эй дил, зи худ берун дар оғӯши таманно шав,
Ба фардо гул шавӣ, имрӯз, агар садчок мегардӣ.
Туро манзил дар ин дунё набошад ҷуз кафи хоке,
Савори тахти Намруд гар ту дар афлок мегардӣ.
Агар аз кори хуб маъвои Идрис боғи ҷаннат шуд,

Шаётин мешавӣ дар ғам, агар бебок мегардӣ.
Наёбӣ баҳра чун Шаддод гар аз бунёди ҷаннатҳо,
Халил бошӣ, агар дар хизматаш чолок мегардӣ.
Лаб аз шаҳди шаҳодат созу пӯшоки дил аз тоат,
В-агар бо моли чун Қорун ту бепӯшок мегардӣ.
Биё, дар гӯшаи дил шин, ғубори дида барҳам зан,
Ки Наққош, аз ғубори дил чу гавҳар пок мегардӣ.

* * *

Аё, эй модари ҷон, ранҷи беҳад дидиву рафтӣ,
Дар охир ҷой дар кунҷи лаҳад бигзидиву рафтӣ.
Давои дарди бедармону ранҷи беҳади худро,
Ба уммеди шифо аз ҳар касе пурсидиву рафтӣ.
Таманноҳову ҳасратҳо, ки дар дил доштӣ умре,
Мисоли ғунча дар ҷайби кафан печидиву рафтӣ.
Надидӣ роҳате аз умри кӯтоҳат дар ин олам,
Магар беқадрии дунёи дун фаҳмидиву рафтӣ.
Маро гуфтӣ, ки: Бар ман хон аз оёти Қуръонӣ,
Каломи Ҳазрати Ҳақ сар ба сар нашнидиву рафтӣ.
Ҳунарҳо доштӣ некӯ, ки ҳар зан орзу мекард,
Дареғо, роҳати ранҷу ҳунар нодидиву рафтӣ.
Ҷаноби Ҳазрати Ҳақ дод чандин ранҷ баҳри ту,
Муқими боғи ҷаннат бар иваз гардидиву рафтӣ.
Зулоли раҳмати Ҳақ бод бар рӯҳи ту арзонӣ,
Агарчи ранҷи тоат дар раҳаш накшидиву рафтӣ.
Гуворо созад Эзид коми ту аз бодаи Кавсар,
Ту худ аз талхии ҷоми аҷал ларзидиву рафтӣ.
Чӣ бад дидӣ ту аз фарзанди худ Наққош, эй модар,
Ки бо қалби пур аз меҳру вафо ранҷидиву рафтӣ.

* * *

Ту тарки лаззати дунё намуданро чӣ медонӣ,
Гиреҳ аз уқдаи дил во намуданро чӣ медонӣ.
Чу шабнам бо сафои хонаи дил бо сабукрӯҳӣ,
Ту сайри олами гулҳо намуданро чӣ медонӣ.
Надида дар сафои ҷоми қалби худ таҷаллиро,
Таманнои рухи зебо намуданро чӣ медонӣ.
Наояд то бурун бар соҳили дил гавҳари матлаб,
Рамузи эҳтиёҷи мо намуданро чӣ медонӣ.

Зи нози дилбарону аз наъиму лаззати дунё,
Чу тасвири худ истиғно намуданро чӣ медонӣ.
Мурод аз номуродӣ ҷӯю изҳори фароғат кун,
Дар ин дам роҳати фардо намуданро чӣ медонӣ.
Адампайваста омад роҳи ишқи ёри мо, Наққош,
Ту сайри хонаи анқо намуданро чӣ медонӣ.

## Мухаммас бар ғазали Нақибхон Туғрали Аҳрорӣ

Хилъати имони маҳмудӣ кароматкун маро,
Бар сирот-ал-мустақими худ ҳидоят кун маро,
Аз фиреби нафси шайтонӣ ҳимоят кун маро,
«Аз карам, ё Раб, муқими боғи ҷаннат кун маро,
Ташнаам, як сар ғариқи баҳри раҳмат кун маро».

Давлату инъоми фағфурӣ намехоҳад дилам,
Шавкати Искандару зӯрӣ намехоҳад дилам,
Кисвати бо зебу мағрурӣ намехоҳад дилам,
«Равнақи иқболу масрурӣ намехоҳад дилам,
Маҳви идборам, насиб аз ганҷи узлат кун маро».

Шуд ҷаҳон помоли қавми носазову фитнахез,
Қалби ман шуд дар ғубор аз зулмати ҷаҳлу ситез,
Ҷуз ба даргоҳат надорам, ё Аҳад, роҳи гурез,
«З-абри эҳсонат ба комам чун садаф як қатра рез,
Шаҳсавори кишвари мулки фасоҳат кун маро».

То ба худ бигрифтаам афъолу атвори дадӣ,
Раҳ набурдам ҷуз ба хиҷлат дар паноҳи сармадӣ,
Хидмати лоиқ накардам ман ба дини аҳмадӣ,
«Мондаам дар зулмати исён чу хаффош аз бадӣ,
Рӯшноӣ дида аз субҳи саодат кун маро».

Сайқали дилҳо намо аз партави оинаам,
Маънии мавзун баровар аз дили бекинаам,
То ба меъроҷи расоӣ бар, Худоё, зинаам,

«Боз сӯи ганҷи маънӣ соз қуфли синаам,
Суфтани лафзи гуҳар з-андеша одат кун маро».

Гарчи ман, Наққош, дур аз илму ҳикмат гаштаам,
Мӯниси дунон, қарини ҷаҳлу зулмат гаштаам,
Ин муаммо аз кӣ пурсам, дар чӣ иллат гаштаам,
«Туғрал, аз бас муътариф бо аҷзу хиҷлат гаштаам,
Аз насими субҳи алтофат иноят кун маро».

## Мухаммас бар ғазали Шамси Табрезӣ

На ҳар чашме, ки оҳусурат омад, вахшатоин аст,
На ҳар боде, ки аз гулзори Чин бигзашт, мушкин аст,
На ҳар қалбе бишуд бишкаста аз айём мискин аст,
«На ҳар марде ба ришу фаш сазои иззу тамкин аст,
На ҳар боғе ба бебаргӣ пур аз райҳону насрин аст».

На ҳар гуфтор зиннатбахши авроқи китоб ояд,
На аз ҳар дил гаҳи афсурдагӣ бӯи кабоб ояд,
Ба гӯши дил зи хоки ошноён ин хитоб ояд,
«На ҳар бӯе барорад гул, на аз ҳар санг об ояд,
На ҳар нахле шавад ширин, на ҳар ширин шакарчин аст».

Сафо бахшад ба рӯҳи хаста кай ҳар бодаи нобе,
На бар ошиқкушӣ ҳар ёри гулрӯ гашта мумтозе,
На ҳар кас бо забони баста ифшо мекунад розе,
«На ҳар мурғе тавонад кард бар дасти шаҳон бозӣ,
На ҳар қалбе шавад ошиқ, на ҳар чашме худобин аст».

На бар ҳар ҷом мерезанд оби ҷовидониро,
На дар ҳар фасл пайдо метавон кардан ҷавониро,
На ҳар дил аз залолат ҷовидон пиндошт фониро,
«На ҳар торак сазовор аст тоҷи хусравониро,
На ҳар хусрав ба ширинӣ сазои тоҷу тамкин аст».

На аз ҳар лафз меояд ҳадиси ошиқон гуфтан,
На ҳар маънӣ сазовор аст пеши нуктадон гуфтан,
На бар ҳар гӯш битвон сирри боғи ҷовидон гуфтан,

«На рози хилвати шоҳон ба ҳар кас метавон гуфтан,
На сирри синаи мардон сазои қалби сангин аст».

Тамаъ дорӣ, агар Наққош, ашъори накӯ гуфтан,
Бикун аз оташи дил рӯшноӣ дар чароғи тан,
Хаёлоти муҳоли зиндагӣ аз хеш дур афкан,
«Туро то оина набвад зи ранги мову ман равшан,
Рамузи Шамс натвон дид, агарчи расму оин аст».

## Марсия бар марги фарзанд

Рафтӣ аз гулшани дил, эй гули хандони падар,
Ношукуфта ба умеде зи гулистони падар,
Дар дили хоки сияҳ рафта зи домони падар,
Раҳм н-оварда ту бар дидаи гирёни падар,
Гаштӣ берун зи канору дару айвони падар.

Аввали фасли рабеъу иди наврӯзӣ буд,
Қалби мардум ҳама дар шодиву пирӯзӣ буд,
Лоларо базми тараб бо дили пурсӯзе буд,
Ҳар киро майли гулу ҳусни дилафрӯзе буд,
Майли гулзори ҷинон кардӣ ту, эй ҷони падар.

З-ин куҳан дайри ҷаҳон ҷониби гулзор шудӣ,
Гулшани доғи адамро гули такрор шудӣ,
Булбули анҷумани гулшани асрор шудӣ,
Аз падар, модари ғамхор ту безор шудӣ,
Гаштӣ аз дида ниҳон чун ғами пинҳони падар.

Умри ту дар чамани даҳр ба ҳашт моҳ расид,
Меҳри ту дар дили ҳар хаставу огоҳ расид,
Дард омад ба ғалат пеши ту ногоҳ расид,
Нолаи дарди ту то анҷумани моҳ расид,
Марг бурдат ба ҳавас, эй гули райҳони падар.

Модарат аз ғами ту ашки ҷигарбор фишонд,
З-оҳи дил ғулғула то гунбади даввор фишонд,
«Во писар» гуфта ҳадиси ту ба такрор бихонд,

Аз ту ин дам, ки ба ҷуз ёди рухат ҳеҷ намонд,
Ояти мусҳафи ҷону хати Қуръони падар.

Рухи гулфоми ту ин дам ба мағок омадааст,
Сина аз фурқату ғамҳои ту чок омадааст,
Ашки ғам аз нигаҳи гарм ба хок омадааст,
Рӯҳи покат чу гули оина пок омадааст,
Абдумухтори падар, мисраъи девони падар.

Дар дили маҳди равон бозии тифлона канӣ?
Шаҳдбории лаби ёқуту дурдона канӣ?
Гулшани рӯву нигоҳи раму мастона канӣ?
Болиданҳо ба бари модари ҷонона канӣ?
Зуд рафтӣ зи канорам, гули ризвони падар.

Ин мухаммас, ки ҳама шарҳи ҷигарсӯз бувад,
Лоласон соғари дил, доғи дилафрӯз бувад,
Армуғоне ба ман аз соғари наврӯз бувад,
Нақши Наққошу паёми дили пурсӯз бувад,
Варақи фасли баҳору гули ҳиҷрони падар.

## Марсия бар марги падарам Усто Бердӣ

Падарҷон, аз ғамат бо дидаи хунбор мегирям,
Ба қалби пурғаму бо синаи афгор мегирям,
Чу шамъи анҷуман бо ҳасрати бисёр мегирям,
Мисоли булбули озурда дар гулзор мегирям,
Падарҷоно, ба рӯзи мотамат ман зор мегирям.

Дареғо, аз барои мо ҳамеша меҳрубон будӣ,
Хирадманду латифу хушдилу ширинзабон будӣ,
Барои хотири мо ҷумла дар суду зиён будӣ,
Чу шамъи анҷуман андар бари мо нурфишон будӣ,
Падарҷоно, ба рӯзи мотамат ман зор мегирям.

Куҷо шуд он назокатҳову рафтори накӯи ту,

Куҷо шуд зеббахши маҷлиси мо лола рӯи ту,
Куҷо шуд қомати хамгашта, чун кофур мӯи ту,
Куҷо шуд аз барои роҳати мо гуфтугӯи ту,
Падарҷоно, ба рӯзи мотамат ман зор мегирям.

Дареғо, аз миёни мо ту бо чандин ҳунар рафтӣ,
Дареғо, чун кавокиб аз назарҳо дар саҳар рафтӣ,
Дареғо, бевасият ногаҳ аз пеши назар рафтӣ,
Дареғо, эй падар, танҳо ба роҳи пурхатар рафтӣ,
Падарҷоно, ба рӯзи мотамат ман зор мегирям.

Намозатро бихонданд ҷумлагӣ бо расму бо оин,
Туро бурданд аз пеши назар бо маркаби чӯбин,
Ба сӯи хонаи қабрат басе аз мардуми бодин,
Ниҳоданд он тани нозук миёни хок бо тамкин,
Падарҷоно, ба рӯзи мотамат ман зор мегирям.

Дареғо, эй падар, бурдӣ ту бо худ ҳусни дунёро,
Тароватҳои рӯзафзуни садри маҷлиси моро,
Магар аз хонаи худ беҳтар дидӣ ту уқборо,
Ки бинмудӣ тиҳӣ аз партави дидори худ ҷоро,
Падарҷоно, ба рӯзи мотамат ман зор мегирям.

Ба ёдам мерасад ҳар дам тиловатҳои оётат,
Дуъои баъди фарзу нолаҳои дар муноҷотат,
Барои нотавонон доимо ғам хӯрдани зотат,
Ҳам аз ихлосу қалби пок будӣ ҳар ибодотат,
Падарҷоно, ба рӯзи мотамат ман зор мегирям.

Худованд аз карам созад биҳишти адн ҷои ту,
Ҳама нозу наъими худ бубахшад аз барои ту,
Зи оби Салсабилу Кавсараш созад атои ту,
Мушарраф аз ҷамоли бемисолаш ҳам сазои ту,
Падарҷоно, ба рӯзи мотамат ман зор мегирям.

Бароят марсия Наққош бо хуни ҷигар гуфта,
Ба сӯзи синаву бо оҳу ашки чашми тар гуфта,

Ба алфози малеҳу хубу бо чандин ҳунар гуфта,
Ҳам аз баҳри тасаллои дили худ ин қадар гуфта,
Падарҷоно, ба рӯзи мотамат ман зор мегирям.

## Мухаммас бар ғазали Мавлоно Ҳилолӣ

Пайи тамҳиди ишқаш сина во кардам, надонистам,
Барои васли ӯ худро адо кардам, надонистам,
Зи хубони дигар касби ҳаё кардам, надонистам,
«Ба ёри бевафо умре вафо кардам, надонистам,
Ба уммеди вафо бар худ ҷафо кардам, надонистам».

Парирӯе, ки пеши гулрухон бо ҳусни худ нозад,
Ба имое асири худ кунад чун фитна оғозад,
Миёни дилбарон бо ошиқи худ сад ҷафо созад,
«Дилозоре, ки ҳаргиз дида бар мардум наяндозад,
Ба сони мардумаш бар дида ҷо кардам, надонистам».

Шудам ман волаи ҳусни дилорои накӯрӯе,
Ки месозад гирифтори нигоҳи чашми ҷодуе,
Вале ошиқ намегардад зи васлаш баҳравар мӯе,
«Агар гуфтам, ки дорад ёри ман оини дилҷӯӣ,
Маозаллаҳ, ғалат кардам, хато кардам, надонистам».

Аз он рӯзе, ки моро ҷазби ишқаш бурд бар сӯяш,
Набурдам лаззате аз ваъдаи васли гули рӯяш,
Ба серӣ кай расидам ман ба базми ҳусни дилҷӯяш,
«Балои ҷони ман он шӯху ман афтода дар кӯяш,
Дареғо, хона дар кӯи бало кардам, надонистам».

Ба ошиқ гарчи бошад пешаи хубон ҷафо беҳтар,
Валекин ошиқонро машқи дарси илтиҷо беҳтар,
Пайи таъмири ин вайронаҳо меҳру вафо беҳтар,
«Ба ҳар бегона бошад хӯи ӯ аз ошно беҳтар,
Ба он бегона худро ошно кардам, надонистам».

Зи хубон гарчи дар олам надида кас вафодорӣ,

Ба ғайр аз дилрабоӣ, ваъдаҳои кизбу тарророӣ,
Мани мискин на огаҳ аз чунин расми дилозорӣ,
«Гирифтам он сари зулфу кашидам сад гирифторӣ,
Ба дасти хеш худро мубтало кардам, надонистам».

Магар камтар шавад, Наққош, борам з-ин ҳикоятҳо,
Ки мафтуни хаёли гулъизорам з-ин ҳикоятҳо,
Ҷафои дидаро таскин биёрам з-ин ҳикоятҳо,
«Ҳилолӣ, пеши он маҳ шармсорам з-ин ҳикоятҳо,
Дар ин маънӣ бағоят моҷаро кардам, надонистам».

## Мухаммас бар ғазали Мавлоно Абдурраҳмон Мушфиқӣ

Маҳрами рози лаби нодирагӯи ту шавам,
Захмии як нигаҳи арбадаҷӯи ту шавам,
Ошиқи сарви қади ҷилванумӯи ту шавам,
«Волаи ҳусну хати ғолиябӯи ту шавам,
Ваҳ, чӣ зебо шудаӣ, бандаи рӯи ту шавам».

То дар оинаи дил рӯи ту омад ба назар,
Барқи ишқат зи вуҷудам бигузашт ҳамчу шарар,
Бевафоии ту бар хонаи дил кард асар,
«Гар шавад ҳар нафасе бар тани ман ҷони дигар,
Ҳар нафас ҷон диҳаму зинда ба бӯи ту шавам».

Баҳравар аз гули рӯяш будам, эй ҳамнафасон,
Рӯй гардонд зи ман аз ҳасаду макри касон,
Эй сабо, ҳарфи мани зор ба гӯшаш бирасон,
«Ман на он ошиқам имрӯз, ки чун булҳавасон,
Талабам коми дилу ранҷа зи хӯи ту шавам».

Қалби мафтуншуда лабрези ғамат гашт басе,
Бе тамошои рухат хуш набарояд нафасе,
Рози пинҳони дилам арза кунам пеши касе,
«Сари мӯе шудаам аз ғаму дорам ҳавасе,
Ки фидои ҳаваси ҳар сари мӯи ту шавам».

То шудам ман ба вафоят ба ҷафое наравам,
Мӯниси дил шудаӣ, ман ба ҳавое наравам,
Пайи наззораи ҳар ҳусни расое наравам,
«Зиндаву мурда бар инам, ки ба ҷое наравам,
Дар қадам бошаму хоки сари кӯи ту шавам».

Маҳфили ҳусни туро аз нигаҳе афтодам,
Бодаи ишқи ту кард аз ғами дил озодам,
Офати ҳусни ту охир бикунад барбодам,
«Сад накӯӣ зи рухат дидаму як ҷон додам,
Чӣ аҷаб гар хиҷил аз рӯи накӯи ту шавам».

Ишқ то дар дили Наққош таҷаллӣ парвард,
Софии гул зи дили ғунча паёме овард,
Ки зи хубон талаби расми вафо натвон кард,
«Мушфиқӣ, аз ҳама сӯ рӯи ту дорад ғаму дард,
Шавқро раҳгузаре нест, ки сӯи ту шавам».

## Мухаммас бар ғазали Фонии Кашмирӣ

Сар ба таъзими дурӯштон хам набояд доштан,
Дил ба колои ҳавас хуррам набояд доштан,
Бесабаб аз ошноён рам набояд доштан,
«Ҷон агар аз тан барояд, ғам набояд доштан,
Матлабе гар фавт шуд, мотам набояд доштан».

Бо нигоҳи ибрат охир бин ба гулзори ҳавас,
Мотами гул шуд ниёзи олами эҷод бас,
Тоиронро нағмаи ҷонсӯз бошад дар қафас,
«Гар сафои сина хоҳӣ, бош дар ҳабси нафас,
То ба даст оина бошад дам набояд доштан».

Дар мақоми ҳаҷр дур аз лутфу истиғнои ёр,
Бе ниёзи ғунчаву лаззоти боди навбаҳор,
Бе навои мутрибу ҳусни дилафрӯзи нигор,
«Гар даҳан монанди соғар боз монад аз хумор,
Чашми ҷоме дар ҷаҳон аз Ҷам набояд доштан».

Булбулонро боиси сӯзу наво шуд бахти шӯр,
Ошиқонро машқи дарси илтиҷо шуд бахти шӯр,
Орифонро сайқали қалбу сафо шуд бахти шӯр,
«Баски моро то лаби ӯ раҳнамо шуд бахти шӯр,
Ҷуз намак бар доғи мо марҳам набояд доштан».

Хушкии лабҳои мо оби бақоро фош кард,
Лаззати тарки ҳавас аҳли сафоро фош кард,
Ҷилвааш афсонаи ин муддаоро фош кард,
«Ашки мо рози ниҳони чашми моро фош кард,
Тифлро ҳам дар ҷаҳон маҳрам набояд доштан».

Дил саҳаргоҳе ба ҳазрат майли истиғфор кард,
Дида ҳам шарҳи ҷамоли некувон бисёр кард,
Шабнам андар гӯши гул эҷоди ин асрор кард,
«То баланду пастро натвон ба худ ҳамвор кард,
Гӯш бар овози зеру бам набояд доштан».

Аз пайи матлуби дил, Наққош, дар олам макӯш,
З-он ки аз ҷинси ҳавас набвад касеро ҳол хуш,
Эътимоде нест касро муддати ин айшу нӯш,
«Мерасад аз гунбади хумин садо, Фонӣ, ба гӯш,
К-аз Фалотун хештанро кам набояд доштан».

## Мухаммаси Иброҳими Наққош бар ғазали бобояш Маҳзунии Рашнагӣ

Ғубори дидаро бо оби раҳмат барнишонӣ чӣ,
Гули андешаро аз шабнами ишқат чашонӣ чӣ,
Кунӣ шавқи ҷамолат дар дил афзун ҳар замоне чӣ,
«Мани шармандаро, ё Раб, зи даргоҳат наронӣ чӣ,
Агарчи ғарқи исёнам, ба лутфи хеш хонӣ чӣ».

Агар сӯи хазон майле намояд арғувони ман,
Ба ранги лола гулгун ашк борад дидагони ман,
Ба саҳрои адам гардад нишоне бенишони ман,

«Дар он соат, ки Азроил бисозад қасди ҷони ман,
Дар он дам бар забонам номи поки худ биронӣ чӣ».

Ман аз бори гунаҳ чун хонаи оина ҳайронам,
Ғубори нафс гӯӣ баста бошад дидаи ҷонам,
Ба тан пироҳани исён, ба рух ашки пушаймонам,
«Асири тори доми анкабути нафси шайтонам,
Ба вақти марг имонам зи чанги ӯ раҳонӣ чӣ».

Намоӣ нурфишон бо гавҳари имон ту роҳи ман,
Қабули даргаҳат созӣ садои мурғи оҳи ман,
Зи ҷоми ишқ резӣ оби раҳмат дар нигоҳи ман,
«Каримо, аз карам, ё Раб, ту ҷисми пургуноҳи ман,
Ба саҳрои қиёмат бекасу музтар намонӣ чӣ».

Битобад шамс аз баҳри уқубат он замон бар сар,
Шавад аз ҳасрату ғамҳо пушаймонӣ ба тан чодар,
Ду чашми хунфишону не қабое бошадам дар бар,
«Бувад бориктар аз мӯю аз шамшер бурротар,
Чу бар як турфат-ул-айн аз сиротам бигзаронӣ чӣ».

Даруни соғари дил резӣ оби ҷовидонатро,
Зи ишқи хеш шайдоӣ кунӣ маҷнунвашонатро,
Ба хуноби ҷигар парвард хоҳӣ ошиқонатро,
«Кунӣ озод аз дӯзах, Илоҳӣ, осиёнатро,
Сӯи ҷаннат барӣ аз шарбати Кавсар чашонӣ чӣ».

Мани Наққошро созӣ зи ишқат дидаи пурхун,
Ба саҳрои қиёмат рӯзи эҳё бо рухи гулгун,
Таҷаллои ҷамолатро насиб аз раҳмати бечун,
«Ба ҳаққи ҳурматат, ё Раб, мани дилхастаи Маҳзун,
Ба назди Аҳмади Мухтору ёронаш расонӣ чӣ».

## Дубайтиҳо

Агар хоҳӣ ҷамоли Кибриёро,
Биҳишту Кавсару дорул-бақоро,
Гули рӯят бишӯ бо шабнами ишқ,

Бигӯ, ҷоно, дуруди Мустафоро.

* * *

Агар дар баҳру бар будем, рафтем,
Чу анқо беасар будем, рафтем,
Зи роҳи барзахи уқбову дунё
Агарчи бехабар будем, рафтем.

# ҚОРӢ ШАМЪУН

**Қорӣ Шамъун ибни Мулло Шиҳобиддин соли 1976 дар деҳаи Қиёқлии дараи Ҳафткӯл таваллуд шудааст. Ӯ дорои касбҳои кӯҳнадӯзиву дуредгарӣ ва сартарошӣ мебошад. Қорӣ Шамъун бо тахаллуси «Юсуф» шеър мегӯяд.**

## Ғазалҳо

Тулӯъи нури оламгир шуд тобон, муборак бод,
Сафои субҳи анвар бар саҳаргоҳон, муборак бод.
Шабистони ҷаҳонро моҳ омад бар самои лутф,
Ба субҳи зиндагӣ ховар шуда тобон, муборак бод.
Зи ганҷи раҳмати Ҳақ раҳматан лил-ъоламин омад,
Халоиқро нишони бахти бепоён, муборак бод.
Ҷаҳон дар орзӯи диданаш зиндони заҳмат буд,
Дар ин зулмат вуруди Юсуфи Канъон, муборак бод.
Ҳазорсола фурӯзон оташи оташпарастон шуд
Хамӯш аз баркати номовари даврон, муборак бод.
Зи ташрифи қудуми ӯ забун шуд ҳикмати Юнон,
Шуда он тоқи Кисро хонаи вайрон, муборак бод.
Зи зулмат сӯи нур овард берун аҳли оламро,
Ба пайғоми Худо он ҳомили Қуръон, муборак бод.
Мани оҷиз чӣ сон таърифи ӯро дар қалам орам,
Малоик гашта дар тавсифи ӯ ҳайрон, муборак бод.
Каломи Холиқи бечун гувоҳи покии ӯ аст,
Ба хулқи аъзамаш дар ояти Қуръон, муборак бод.
Саломи Ҳақ таъолову дуруде аз малоик ҳам,
Ба рӯҳи он ҳабиби даргаҳи Субҳон муборак бод.
Ту, эй Юсуф, надорӣ арзише то васфи ӯ гӯӣ,
Бигӯ милоди Аҳмадро ба инсу ҷон, муборак бод.

* * *

Давои дардҳо зикри Худо будаст, донистам,
Шифои ранҷҳо зикри Худо будаст, донистам.
Равои ҳоҷати мӯҳтоҷу ҳалли ҷумла мушкилҳо,
Барои бандаҳо зикри Худо будаст, донистам.

Дуъо бар даргаҳи Раҳмон қабул афтад, чӣ хуш бошад,
Қабули ҳар дуъо зикри Худо будаст, донистам.
Махӯр ғам гар гирифтори балову ранҷ гардидӣ,
Ки дафъи ҳар бало зикри Худо будаст, донистам.
Мариз афтодаӣ, аммо шифову доруву дармон,
Бароят Юсуфо, зикри Худо будаст, донистам.

* * *

Каломи Холиқи Субҳон, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон,
Паёми Ҳазрати Раҳмон, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон.
Ту аз сӯи Худо нурӣ, зи айбу нуқсҳо дурӣ,
Ки кони ганҷи бепоён, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон.
Худованди Ҳаким фармуд: «Анзално илайкум нур»,
Далелу ҳуҷҷату бурҳон, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон.
Шариъат гулшани бехору бӯстону гулистон аст,
Ба рӯи ин чаман борон, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон.
Ту беандоза беайбӣ, ту бешаккиву берайбӣ,
Давои дарди беморон, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон.
Худовандӣ шифову раҳмате бар мӯъминон хондат,
Шифои ранҷи дилрешон, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон.
Хушо он кас, ки бошад рӯзу шабҳо дар канори ту,
Фараҳбахши дили инсон, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон.
Ба ҳар вақту макони пок дар ту як назар бахт аст,
Сафою нурбахши ҷон, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон.
Чӣ сон васфат кунам ман, васфи ту «ло райба фиҳ» омад,
Муназзаҳ аз ҳама нуқсон, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон.
Туро «афзал зи кулли шайъи дуналлоҳ» гуфт Аҳмад,
Мукаррам дар ҳама даврон, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон.
Мабар аз ман шикоят пеши Ҳақ зинҳор, сад зинҳор,
Ба Юсуф мӯнису дармон, туӣ Қуръон, туӣ Қуръон.

* * *

Чӣ зебоӣ ба рӯи дафтарам, эй нақши Бисмиллоҳ,
Бияфзоӣ ту нури хотирам, эй нақши Бисмиллоҳ.
Кӣ бошад бо саодат мисли ман биншаста ин соат,
Ки хатти ту навишта бингарам, эй нақши Бисмиллоҳ.
Намедонам ба ҳастии забон бар даргаҳи Холиқ,
Чӣ гуна шукр бар ҷо оварам, эй нақши Бисмиллоҳ.
Ба ҳар кору сухан кӯшам ту бар фатҳам сабаб ҳастӣ,

Ки бар Шайтони бад ғолибтарам, эй нақши Бисмиллоҳ.
Худо лутфе ба ман карда, ки мехонам ҳуруфи ту,
Бар ин инъоми Ҳақ ман шокирам, эй нақши Бисмиллоҳ.
Туӣ мифтоҳи боби нусрату фатҳу фараҳ ҳар гаҳ,
Ман инро карда бешак боварам, эй нақши Бисмиллоҳ.
Сифоту исми зоти поки Ҳақро дар ту мехонам,
Бувад чун қуввате дар пайкарам, эй нақши Бисмиллоҳ.
Бихонам лафзи Аллоҳ исми зоти бефано дар ту,
Биосояд тану ҷону сарам, эй нақши Бисмиллоҳ.
Сифоти беназираш, яъне Раҳмону Раҳим хонам,
Зи раҳму бахшишаш ёд оварам, эй нақши Бисмиллоҳ.
Савоби гуфтани ту суд бахшад баҳри ин Юсуф,
Ба дунёву ба рӯзи маҳшарам, эй нақши Бисмиллоҳ.

## Мухаммас

Эй Ҳабиби Ҳазрати Раҳмон ъалайкас-салавот,
Пешвои ҷумлаи инсон ъалайкас-салавот,
Эй табиби иллати исён ъалайкас-салавот,
Эй умеди мо умедворон ъалайкас-салавот,
Шоми ҳастиро маҳи тобон ъалайкас-салавот.

«Аввалу мо халақаллоҳ» буд нури ту ҳамон,
Нест дар ҳақ будани ин қавл шаккеву гумон,
Баъди нури туст ҳар чӣ ҳаст дар олам аён,
Эй фидои нури покат ҳастии ҳарду ҷаҳон,
Беҳтарини ҷумлаи инсон, ъалайкас-салавот.

Гар набудӣ ту, Худо худро накардӣ ошкор,
Гар набудӣ ту, на олам офаридӣ Кирдигор,
Гар набудӣ ту, башар кай ёфтӣ лайлу наҳор,
Гар набудӣ ту, набуд ин ҳастиву ин рӯзгор,
З-ин сабаб «лавлок» гуфт Субҳон, ъалайкас-салавот.

Мисли ту ноёбро дар осмонҳову замин,
Н-офарида Холиқи яктои раббулъоламин,
Гарчи ту фарзанди Одам ҳастӣ, эй шоҳи амин,
Лек кони раҳматӣ, эй раҳматан лилъоламин,

Эй фидоят ҷумла ҷисму ҷон, ъалайкас-салавот.

Ту ба сурат охирин ҳастиву дар маъно нахуст,
Аввалину охиринро чашми уммед сӯйи туст,
Чун ту аз авлоди одам умматонро нест дӯст,
Некбахт он кас, ки рӯзу шаб таҳийятгӯи туст,
Боз аз ҷумла накӯбахтон, ъалайкас-салавот.

Дар шаби мавлуди ту бар саҷда афтода бутон,
Гашта хомӯш оташи оташпарастон он замон,
Монда Иблис бо ҷамеъи лашкари худ дар фиғон,
Иди милоди ту ӯро шуд азои ҷовидон,
Тоқи Кисро гашт ҳам вайрон, ъалайкас-салавот.

Чун зи модар омадӣ з-олудагиҳо пок ту,
Сар ба саҷда монда сӯи Ҳақ ба рӯи хок ту,
Кардӣ бо лутфи Худо парвоз бар афлок ту,
Будӣ он шаб шодии Оминаи ғамнок ту,
К-аз Худовандӣ шуда эҳсон, ъалайкас-салавот.

Аз азал покат сиришта Ҳақ намудат ихтиёр,
Бартараф буд зи ҷурму в-аз хато, эй номдор,
Пок будӣ аз хиёнат в-аз бадӣ дар рӯзгор,
Бо аминӣ дар ҷаҳон гардид номат ошкор,
Ақл дар тавсифи ту ҳайрон, ъалайкас-салавот.

Ҷабраил оварда аз Ҳақ муждаи пайғамбарӣ,
Ваҳйю пайғоми Худоро бе китобу дафтаре,
Нокушода ту ба рӯи худ зи як мактаб даре,
Аз ҷамеъи олимони али олам бартарӣ,
Ҳомилу орандаи Қуръон, ъалайкас-салавот.

Ояти «мо зоғ» васфи чашми бодоми тарат,
Сураи «вал-лайл» наъти гесӯвони анбарат,
Ҳаст «ваш-шамс» аз сифоти рӯи моҳи анбарат,
Ту ба «хулқи аъзамӣ»-гуфта Худои Акбарат,
Хондаам ин ҷумла аз Қуръон, ъалайкас-салавот.

Кард бар ҳиҷрат Худованди ҷаҳон фармон туро,
Худ халосӣ дод аз чанголи номардон туро,
Аз муҳаббат мор андар ғор шуд ҷӯён туро,
Анкабуту кафтар бо амри Худо дарбон туро,
Ноумед аз қатли ту хасмон, ъалайкас-салавот.

Дину оини ту дунёро чунин obод кард,
Нақшаи куффори ботилро чунон барбод кард,
Хотири шайтонманишонро ҳама ношод кард,
Аҳли имонро зи ҳар ранҷу ғаме озод кард,
Дарди моро дини ту дармон, ъалайкас-салавот.

Ҷони худ карда нисори ҷони ту он ёри ғор,
Зӯрбахшӣ дини ту гардида шоҳи даррадор,
Котиби ваҳйи Худо Усмони ҳилму бурдбор,
Боби илми ту Алӣ хайбаркану дулдулсавор,
Хидматат карда адо бо ҷон, ъалайкас-салавот.

Дар шаби меъроҷ карда Ҷабраилат чокарӣ,
Рафта ту аз кулли махлуқоти Ҳақ болотарӣ,
Гашта дар он шаб ту меҳмони Худои доварӣ,
Инчунин эҳсон надида ҷуз ту ҳеҷ пайғамбаре,
Будӣ ту ҳамсӯҳбати Раҳмон, ъалайкас-салавот.

Хоки поят тӯтиёи чашми аҳли осмон,
Аз қудумат шуд биҳишту Аршу Курсӣ шодмон,
Бар дари Аллоҳ гаштӣ узрхоҳи умматон,
Хостӣ аз зоти покаш афви ҷурми осиён,
Ғамгусори ҷумла ғамгинон, ъалайкас-салавот.

Шасту се соле, ки будӣ дар ҷаҳони бевафо,
Ҳар кӣ бахташ нек буд, ӯ ёфт аз нурат сафо,
На падар на модаре чун туст бо меҳру вафо,
Аз барои умматони осият, эй Мустафо,
Пуштибони ҷумла мӯъминон, ъалайкас-салавот.

Бар шумори зарраҳои абру боди осмон,
Бар шумори зарраҳои ахтарону каҳкашон,
Бар шумори заррахои офтобу нури он,
Бар шумори заррахои моҳи тобони шабон,
Бар шумори қатраи борон, ъалайкас-салавот.

Бар шумори солу моҳу субҳи софу шоми тор,
Бар шумори қатраҳои чашмасору общор,
Бар шумори меваҳои боғу барги шохсор,
Бар шумори ҳар гиёҳи руста андар навбаҳор,
Бар шумори сабзаву райҳон, ъалайкас-салавот.

Чӣ шавад, ки оварӣ аз роҳи эҳсон назаре,
Эй Карими дастгири мустамандон, назаре,
Эй табиби ҳолпурси дардмандон, назаре,
Эй Рауфу эй Раҳими аҳли имон, назаре,
Ҷониби ин уммати ҳайрон, ъалайкас-салавот.

Бод ҳар дам аз Худованди ҷаҳон бар ту салом,
Бар шумори неъмати он пуртавон бар ту салом,
Бар шумори ҷумлаи халқи ҷаҳон бар ту салом,
Бар шумори қатраи оби равон бар ту салом,
Гуфта шоир бо дилу бо ҷон, ъалайкас-салавот.

Карда таърифат Худованди карими зулҷалол,
Ақл оҷиз монда дар васфат, забонҳо гашта лол,
Баркамолат офарида он Худои бемисол,
Наъти ту охир надорад гар нависам моҳу сол,
Бахш аз ин Юсуфи нодон, ъалайкас-салавот.

# БОЙНАЗАРОВ ХУДОЙНАЗАР

**Бойназаров Худойназар соли 1952 дар деҳаи Рашнаи Поён таваллуд шуда, баъди хатми мактаби деҳа, омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакентро соли 1970 ва ДДОД ба номи Қ. Ҷӯраевро соли 1977 хатм кардааст. Омӯзгори дараҷаи олӣ мебошад.**

## Ба обу ранги нав Бедил биёмад дар ҷаҳони назм

Мактаби шеъри Мирзо Бедил, ки дорои махсусиятҳои хос чӣ дар санъати ташбеҳу тамлеҳот ва корбурди ибораҳо ва чӣ дар офариниши образҳои нодиру нотакрори «сабки ҳиндӣ» мумтоз мебошад, то имрӯз аҳли адабу фарҳанги форсиро мафтун карда меояд.

Пӯшида доштани маънӣ ё худ мантиқи байт аз истеъдоди баланд ва маҳорати комили шоир аст, ки мақсади асосиро бо рамзу киноятҳо пардапӯш мекунад ва мушкилфаҳм будани шеъри «сабки ҳиндӣ» дар ҳамин аст. Ҳақ ба ҷониби устоди бузургвор Мирзо Турсунзода аст, ки мефармояд:

*Ба обу ранги нав Бедил биёмад дар ҷаҳони назм,*
*Аз ӯ ҳусни дигар омӯхт боғу бӯстони назм.*
*Сухан меронд сарбаста, ниҳон медошт маъниро,*
*Ба мисли донаи гавҳар, ки пинҳон аст дар дарё.*

Дар ибдои асри гузашта шоирони соҳибистеъдоде чун устод С.Айнӣ, Ҳайрат, Ҷавҳарӣ, Нақибхони Туғрал ва бисёри дигарон дар пайравии Бедил шеър гуфта, тазмин ва назираҳои ҷавобия навиштаанд, яъне аз усул ва мактаби Бедил пайравӣ намудаанд. Нақибхони Туғрал ишорае ба ин маънӣ дорад:

*Уқдаҳои мушкили рамзу киноёти маро,*
*Фаҳмад он доно, ки ҳалли Булмаонӣ мекунад.*

«Булмаонӣ», яъне «Абулмаонӣ»-падари маъниҳо-тахаллуси киноявии Мирзо Бедил аст. Шеъри маро касе мефаҳмад, ки агар шеъри Бедилро фаҳмад.

Боиси бисёр шодмонист, ки шоири боистеъдоду умедбахш домулло Иброҳими Наққош дар пайравии ин сабк ғазал мегӯяд, аммо чуноне ки маълум аст, адабиётшиносии мо то солҳои наздик ин санъати адабиро накд мекард, зеро бо сабабҳои муайян хонандаи имрӯза шеъри «сабки ҳиндӣ»-ро бе шарҳу эзоҳи зарурӣ намефаҳмад.

Боре бародарамон мулло Барзубой се ғазали ба тозагӣ эҷод кардаи Иброҳими Наққошро ба ман фиристода, таҳлил ва шарҳ бастани онҳоро таклиф карданд. Ман бо камоли мамнуният ва сарфарозӣ ин хоҳишро ба ҷо меовардам, агар аз ӯҳдаи он мебаромадам, зеро бузургон гуфтаанд:

*Шеър гуфтан гарчи дурр суфтан бувад,*
*Лек фаҳмидан беҳ аз гуфтан бувад.*

## Ғазал

Ҳамчу шабнам то гули хуршед нам дорем мо,
Дар дили сангему изҳори адам дорем мо.
Чун сароби ашки шабнам аз нишони мо мапурс,
Ҳамчу анқо аз суроғи хеш рам дорем мо.
Роҳатободе надорад инқилоби орзу,
Ибрате аз сарнавишти ҷоми Ҷам дорем мо.
Бо ниёзи рафтагон дар ваҳшатободи вуҷуд,
Дар назокатхонаи дилҳо Ирам дорем мо.
Мушкил омад рафъи исён бо таманнои висол,
Дар саводи шом фикри субхидам дорем мо.
Машқи хомӯшӣ низоми ақлро бошад далел,
Фикри дармон пеш меояд чу ғам дорем мо.
Дар ҳузури мо чароғи офият нуре надошт,
То зи худбиниву бадномӣ ҳашам дорем мо.
Бо ҳама болидагӣ, Наққош, дар боғи фано,
Сархати пешонӣ чун нақши кадам дорем мо.

# Шарҳи ғазал

1. Ҳамчу шабнам то гули хуршед нам дорем мо,
   Дар дили сангему изҳори адам дорем мо.

Шабнам-қатраҳои обе, ки дар асари намнокии ҳаво ва хунукии саҳаргоҳон дар рӯи барги гулҳо ва алафу санг падид меояд. Гули хуршед, нурҳои парешон мешудаи хуршед ба олам-киноя аз баромадану ҷаҳонро мунаввар сохтани офтоб.

Маънои зоҳирии байт: Даврони шабнам то баромадани офтоб аст ва баробари гармии ҳаво он бухор мешавад, яъне ба мулки адам, ба нестӣ меравад.

2. Чун сароби ашки шабнам аз нишони мо мапурс,
   Ҳамчу анқо аз суроғи хеш рам дорем мо.

Сароб-фиребоӣ, анқо-парранда, инчунин киноя аз чизи ноёб, ки бенишон аст. Мисраъ:

Ҳамчу анқо, ки ба ҷуз ном надорад асаре.[1]

Байти дуввум давоми мантиқии байти аввал буда, онро пурра мекунад ва аз ин ду байт ба пиндори мо чунин маънӣ бармеояд: Умри инсон кӯтоҳу бебақо аст, аз таваллуд то марг фурсати беш аз умри ашки шабнам нест. Инсон рӯзе, ки ба олами ҳастӣ омад, аз ҳамон лаҳза роҳсипари мулки адам мегардад.

3. Роҳатободе надорад инқилоби орзу,
   Ибрате аз сарнавишти ҷоми Ҷам дорем мо.

Роҳатобод-ба маънои айшу нишот ва хушию хуррамии зиндагӣ. Инқилоби орзу-ба мақсад расиданҳо, комрониҳо. Ҷоми Ҷам-ҷоми Ҷамшед-киноя аз дунё. Байт:

[1] **Куллиёти Бедил. ҷилди 2, саҳ 238. Душанбе «Адиб» соли 1991.**

Сози тараби маҳфили иқбол шикастаст,
Ҷоме, ки шунидӣ ту фалак бар сари Ҷам зад.[1]

Байт:

Зи шоҳони каён Ҷамшед рафту монд Ҷам охир,
Аз он ҷоми ҷаҳонбин ҳам намонда ғайри ном охир.[2]

Маънои байт: Компронии дунёи дурӯза саранҷоми хуб надорад. Дар олам бо амалу номи нек бояд зистан, зеро он вафо надорад, аз ин лиҳоз сарнавишти Ҷамшед бар мо мояи ибрат аст.

4. Бо ниёзи рафтагон дар ваҳшатободи вуҷуд,
Дар назокатхонаи дилҳо Ирам дорем мо.

Ниёзи рафтагон-яъне хоҳишу мароми аҷдодон, пешгузаштагони мо, ки дар қайди молу мулк буда, ба ғафлати дунё гирифтор шуданд ва мо баракси онҳо дилбастагӣ ва алоқа ба дунё надорем, ҷаҳони ботинии мо софу беолоиш ва мисли боғи Ирам зебост.

5. Мушкил омад рафъи исён бо таманнои маҳол,
Дар саводи шом фикри субхидам дорем мо.

Мазмуни ин байт ҳам алоқаманди байти чаҳорум ишора ба гирифтории молу ҷоҳ аст, ки фикри уқбо намекунанд, аз гуноҳе парҳез надоранд ва боз гумон доранд, ки бо ин ҳол-«дар саводи шом» ба саодати он ҷаҳон-«фикри субҳидам»-мерасанд.

6. Машқи хомӯшӣ низоми ақлро бошад далел,
Фикри дармон пеш меояд чу ғам дорем мо.

Шоир ин ҷо гуфтанӣ аст, ки хомӯшӣ далели ақл аст ва аз ин мисраъ ду гуна маъно метавон гирифт. Аввалан ба гуфти ҳазрати Бедил: «Бетамизиҳои мардум аз сухан

[1] **Куллиёти Бедил. ҷилди 2, саҳ 271. Душанбе «Адиб» соли 1991.**
[2] **Мушфиқӣ мухаммаси «Садбанд» банди 49.**

пайдо шавад»- Воқеъан ту хомӯш бош, то айбҳои ту пинҳон монад. Сониян боз ба таъбири Мирзо Бедил. Байт:

Нағмаи маҷлиси ушшоқ шикасти соз аст,
Чинии базми ҷунун бошу садо кун мӯро.

Яъне, дар маҷлиси ошиқон ба мисли косаи чинии мӯякрафта (дарзшуда), ки садо надорад, хомӯшӣ ихтиёр намо.

Салоҳи маҷлиси ошиқон, ки дар хомӯшӣ буд, ба дарди ишқ намехӯрад ва ошиқро ба фикри илоҷу дармони дарди ишқ амр мекунад.

7. Дар ҳузури мо чароғи офият нуре надошт,
То зи худбиниву бадномӣ ҳашам дорем мо.

Маънои ин байт равшан аст. То вақте ки мо бо ҳашамати худбинию бадафъолӣ зиндагӣ дорем ва дар пайи озору ситами дигаронем, дар муҳити офият буда наметавонем.

8. Бо ҳама болидагӣ, Наққош, дар боғи фано,
Сархати пешонӣ чун нақши кадам дорем мо.

Ин байт мазмуни баланд дорад. «Бо ҳама болидагӣ», яъне шоир мегӯяд-Эй Наққош, агар ту имрӯз дар дунё комраво гаштӣ, бояд ки аз худ наравӣ, зеро он «боғи фано» аст. Ҳавобаландию мағрурӣ «сархати пешонӣ»-ро як сӯ гузошта, хоксориву тавозӯъ-«нақши қадам-ро пеша намой. Мирзо Бедил дар ин маънӣ мегӯяд:

Пеши ҳар нақши қадам моро суҷуде бурдан аст,
К-ин ба хок афитодагон пои касе бӯсидаанд.[1]

ё худ:

Сарнавиште доштам дар чашми кас равшан нашуд,
Ин қадар донам, ки зери нақши по пӯшидаанд.[1]

---

[1] **Куллиёти Бедил. ҷилди 2, саҳ 342. Душанбе «Адиб» соли 1991.**

# Накҳати кӯҳандиёри Ҳафткӯл

**Мураттиб ва ҳуруфчини компуторӣ: Иброҳими Наққош**

**Муҳаррирон: Исмоил Зарифӣ ва Равшани Ҳамроҳ.**

[1] **Куллиёти Бедил. ҷилди 2, саҳ 240. Душанбе «Адиб» соли 1991.**



***Иброҳими Наққош соли 1969 дар шаҳри Панҷакент таваллуд ёфтааст. Соли 1987 омӯзишгоҳи касбию техникии № 36-и шаҳри Панҷакентро хатм кардааст. Намунаи ашъораш дар маҷмӯъаҳои дастҷамъии «Бунафшаи Зарафшон» (Ленинобод 1991), «Накҳати куҳандиёри Ҳафткӯл» (Панҷакент 1992), «Паёми Мижгон» (Панҷакент 1999), «Муноҷот аз баёзи Наққош» (Хуҷанд 1999), «Муноҷот аз баёзи қадим» (Хуҷанд 2002), «Понздаҳ барг» (Панҷакент2006) дохил шудааст. Маҷмӯъаи нахустинаш «Пиёла қандамро хӯрд» (Панҷакент 1998) ва маҷмӯъаи дигараш «Шикасти ранг» (Панҷакент 1999) чоп шудааст.***

***Иброҳими Наққош хаттот буда, хати форсиро хубу зебо менависад. Алҳол ӯ бо пешаи тоҷири кутуб маоши рӯзгор мекунад. Китобати «Сояи ғазал»-и шоира Фарзонаро, ки соли 1999 дар шаҳри Хуҷанд ба табъ расид ба хатти ӯ таaллуқ дорад. Ба наздикӣ боз як маҷмӯъаи бузургҳаҷме бо хатти Наққош дар шаҳри Хуҷанд аз чоп баромад, ки ин заҳмати ҳафтсолаи хаттотро дар бар мегирад. Дар ин китоб аз дурдонаҳои ашъори шоирони мозиву муосир гирдоварӣ шудааст.***